**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР**

ВБД:338.48 (575.34)
ТКБ: 75.81 (2 тоҷик)
А: - 27

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САМАНДАРОВА ЗАРНИГОР УМАРОВНА**

# РУШДИ УСТУВОРИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ
**(дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт
(5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Раҷабов Р.К.

Душанбе - 2026

# МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ** ............................................... 2

**МУҚАДДИМА**........................................................................................3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР ДЕҲОТ**.......................................................................................12

1.1. Моҳият ва хусусиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ..................................12

1.2. Омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ таъсир мерасонанд.............................................................................................33

1.3. Таҷрибаи хориҷии рушди сайёҳии аграрӣ..........................................61

**БОБИ 2. АРЗЁБИИ РУШДИ ТАШКИЛӢ - ИҚТИСОДИИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**.................81

2.1. Заминаҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон .......................81

2.2. Иқтидори захиравии вилояти Хатлон дар соҳаи рушди сайёҳии аграрӣ..................................................................................................102

2.3. Шаклҳои ҳозираи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ва омилҳое, ки монеи рушди сайёҳӣ дар деҳот мешаванд.........................................................121

**БОБИ 3. ДУРНАМО ВА САМТҲОИ РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**.......................................149

3.1. Самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот..................................................................................................149

3.2. Самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот..................................................................................................163

3.3. Такмилдиҳии танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ дар деҳот..................................................................................................176

**ХУЛОСА**..........................................................................................195

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**..........................................................................201

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

**ВМКБ** - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ДС** – даромади сайёҳӣ

**ДСД** - даромад аз сайёҳони дохилӣ

**ДСХ** – даромад аз сайёҳони хориҷӣ

**ИА** - Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** - Иттиҳоди давлатҳои муштарак

**ИМА** - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КАО** - Комиссияи олии аттестатсионӣ

**ҶКҒТС** – Ҷойҳои кории ғойримустақим ташкилшуда ба соҳаи сайёҳӣ

**ҶКТС** – Ҷойҳои кории ташкилшуда ба соҳаи сайёҳӣ

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ММДС** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз сайёҳӣ

**ММДУ** - Маҷмуи маҳсулоти дохилии умумӣ

**МПК** - Миқдори партовҳои коммуналӣ

**ҲСММД** – Ҳиссаи сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**РИҶ** - Рушди иқтисодии ҷаҳон

**СИ** - Соҳибкории инфиродӣ

**СИС** – Сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ

**СММ** – Созмони милали муттаҳид

**ССТОС** – Сармоягузорӣ барои сохтмон ва таъмири объектҳои сайёҳӣ

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ

**ХМХС** – Ҳамаи хароҷот барои мол ва хизматрасониҳои сайёҳӣ

**ШҶКМҒС** - Шумораи ҷойҳои кории мустақим ва ғайримустақим дар соҳаи сайёҳӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот.** Таърихи пурғановат, мероси фарҳангӣ ва табиати камназири Тоҷикистон заминаро барои рушди сайёҳии аграрӣ ба вуҷуд меорад, ки он яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии сайёҳии аграрӣ собит месозад, ки ташаббусҳои соҳибкоронаи аҳолии деҳот нақши калидӣ доранд ва онҳо на танҳо имкониятҳои нави иқтисодиро мекушоянд, балки ба ҳалли мушкилоти душвори иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот низ мусоидат мекунанд.

Дар ҳоли ҳозир мубрамияти рушди устувори сайёҳии аграрӣ аз зарурияти ҳифзу ташвиқи тарзи ҳаёти деҳот дар шароити урбанизатсия, беҳгардонии сифати зиндагии деҳотиён, ҳифзу истифодаи оқилонаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ, дороиҳои ҳудуд, объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ, эҳё ва танаввуи иқтисоди кишоварзӣ, дар ҷомеа ташаккул додани тафаккури экологӣ бармеояд.

Сайёҳии аграрӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ марбути минтақаҳои муайян аст, бинобар ин, коркарди усулҳои назариявию методӣ ва амалии рушди он ба шароити минтақа, заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таърихию фарҳангӣ, ниҳодӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Маҳалҳои деҳот дорои маҷмуи васеи захираҳои табиӣ, демографӣ ва иқтисодӣ буда, ҳамзамон мероси ғании таърихию фарҳангиро дар бар мегиранд. Самаранок ва оқилона истифода бурдани ин иқтидорҳо шароити мусоидро барои таъмини рушди устувори бисёрҷанбаи деҳот фароҳам оварда, инчунин барои минтақа имконияти ташаккули бартариҳои нави рақобатиро муҳайё месозад.

Бо вуҷуди ин иқтидори мавҷудаи сайёҳии аграрӣ ба пуррагӣ татбиқ нашудааст, яъне саҳми он дар рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот ночиз мебошад. Сабаби ин таваҷҷуҳи ками муҳаққиқон ба масъалаҳои ташаккули механизми иқтисодии муассири рушди сайёҳии деҳотӣ дар соҳа ва тамоми ҷумҳурӣ, асоснокии шаклу олоти ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор,

хусусан аҳолии деҳот ба ҳамкорӣ бо мақсади рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва минтақаҳои деҳот мебошад.

Ҳалли мушкилоти мазкур истифодаи равиши комплексӣ ва муназзами таҳқиқи масъалаи мавриди назар, мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами хориҷии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба воқеияти миллиро талаб мекунад.

Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки масъалаҳои таъмини иқтисодии ташкилӣ, илмии методии рушди сайёҳии аграрӣ, хусусан дар доираи идораи минтақавӣ ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва омӯзиши васеътари илмиро металабанд.

Дар робита бо ин дар тадқиқоти дессертатсионӣ равишҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ тадқиқгардида ба низом оварда ва такмил дода шуда, тавсияҳо оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва таъмини методии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилоят дода шудаанд. Муқаррароти иҷтимоию иқтисодӣ ва ниҳодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин коркарди нокифояи масъалаи мазкур мубрамият, ҳадафмандӣ ва самти амалии тадқиқоти мазкурро собит мекунанд.

**Дараҷаи тадқиқи мавзуи илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва методӣ, масъалаҳои ташкил ва иқтисоди сайёҳӣ ва намудҳои алоҳидаи он, ба шумули сайёҳии аграрӣ, дар асарҳои олимони Россия, аз қабили Балабанова А.О.[73], Волков Т.А. [85], Гайсин Р.С. [26], Гуляев В.Г. [27], Денисенко В.В. [88], Кварталнов В.А. [42], Ушаков Д.С. [63], Чудновский А.Д. [65], Шилова С. Г. [67] ва дигарон коркард шудаанд.

Олимони тоҷик Асоев М.М. [72], Бобозода А.О. [77], Ғуломов Х.Ҳ. [87], Диловаров А.Д. [32], Ёров Ҷ.Н. [34], Қодиров Ф.С. [103], Қурбонова Ш. Б. [108], Мирбобоев Ф.Н. [120], Муҳаббатов Х. [124], Неъматов И.У. [127], Самандаров И.Ҳ. [143], Шаропов Ф.Р. [157] ва дигарон дар тадқиқи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб гузоштаанд.

Асарҳои олимони мазкур чун заминаи хубе барои пажӯҳишҳо дар ин соҳа хидмат карданд. Бо вуҷуди ин, мавзуи рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди нави сайёҳии деҳот то ҳол кам тавзеҳ ёфтааст. Набудани

заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳаи фаъолият дар ин бора гувоҳӣ медиҳад ва бешубҳа, ин барои ташаккули механизми ташкилию иқтисодии амалкарди низоми сайёҳии аграрӣ дар вилоят монеа эҷод менамояд.

Дар робита бо ин аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок намудани моделҳои заминагузор ва шаклҳои мушаххаси рушди сайёҳии аграрӣ чун намуди нав дар маҳалҳои деҳот зарур мебошад.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи тадқиқотӣ фарогири масъалаҳои марбут ба рушди сайёҳии аграрӣ буда, бо амалисозии «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи идораи рушди маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Барномаҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқ аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

Тавсифи умумии тадқиқот ҷиҳатҳои асосии диссертатсияро оид ба таҳлилу такмили асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти нисбатан нав дар рушди минтақаҳои деҳот, аз ҷумла равшан намудани моҳияти мафҳуми «сайёҳии аграрӣ», муайян намудани сохтор ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин, асоснок намудани равишҳои методии таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ муайян карда шуданд. Заминаҳои назариявӣ, методологӣ, усулҳои гуногуни умумии илмӣ ва оморӣ ва пойгоҳи тадқиқот муаррифӣ гардида, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, арзиши назариявию амалӣ ва дараҷаи боэътимодии дастовардҳо асоснок мешаванд.

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ дар асоснок намудани заминаҳои назариявӣ ва коркарди равишҳои методӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли инноватсионии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити деҳот ифода меёбад.

Барои расидан ба мақсади зикршуда дар раванди тадқиқот вазифаҳои зерин пешбинӣ гардида, мавриди таҳлил ва ҳалли илмӣ қарор дода шудаанд:

- инкишоф додани асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди нав дар деҳот;
- таҳия намудани усули арзёбии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳӣ дар деҳот;
- арзёбӣ кардани самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ;
- таҳия кардани тавсияҳои илмии амалӣ барои такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ.

**Объекти тадқиқот.** Объекти тадқиқот сайёҳии деҳотии вилояти Хатлон, мавзуи он ҷанбаҳои назариявию методӣ ва амалии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ мебошад.

**Мавзуи тадқиқот.** Зарурати такмил додани заминаи илмию методӣ ва ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ бо мақсади баланд бардоштани нақши он дар ҳалли мушкилоти мураккаби минтақаҳои деҳоти вилояти Хатлон мебошад.

**Фарзияи тадқиқот** ба зарурати асоснок кардани ҷанбаҳои назарявию амалӣ, омилҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои рушди сайёҳии аграрӣ ва таснифоти онҳо, ки ба рушди устувори деҳот дар оянда боис мегарданд, асос ёфтааст.

**Усули тадқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар тадқиқот усулҳои гуногуни умумии илмӣ ва оморӣ истифода карда шуданд: таҳлил ва синтез, таснифот, таҳлили иқтисодӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили риёзӣ, математикию иқтисодӣ, таҳлилию қиёсӣ, таҷрибавию озмоишӣ ва ғайра.

**Асосҳои назариявӣ-методии тадқиқотро** корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба баҳодиҳии рушди сайёҳии аграрӣ ба рушди устувори деҳот бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти

консептуалию назариявӣ ва хулосаҳо вобаста ба таъсири сайёҳии аграрӣ ба рушди устувори деҳот асоснок карда шудаанд.

**Ба сифати манбаи маълумот** дар тадқиқот санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии оморӣ дар вилояти Хатлон, маводи иттилоотию таҳлилии Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, инчунин маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи тадқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур солҳои 2019 – 2023 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии тадқиқот дар инҳо ифода меёбад:**

- таҳлилу такмили асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти нисбатан нав дар рушди минтақаҳои деҳот, аз ҷумла равшан намудани моҳияти мафҳуми «сайёҳии аграрӣ», муайян намудани сохтор ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин, асоснок намудани равишҳои методии таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ анҷом дода шудааст;

- коркарди усулҳо ва меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва захиравии онҳо амалӣ гардидааст, ки дар қиёс бо усулҳои маъмул имкон медиҳад, ки шароити махсуси рушди сайёҳии аграрӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта шуда, равиши методии минтақабандӣ, таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти инноватсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ асоснок ва пешниҳод карда шуда, ҳамзамон, усули асосноки техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот, муҳосибаи талабот ба сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназар-

дошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ дар минтақа таҳия ва муайян карда шуданд;

- равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон муайян карда шуданд. Таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин, даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад асоснок карда шуд;
- дар коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии онро дар вилоят, дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- исбот карда шудааст, ки мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» дар инкишоф додани асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ, ҳамчун намуди нав дар минтақаҳои деҳот ва таркиби механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин асоснок намудани равиши методии таҳияи стратегияи рушди минтақа;

- ошкор гардидааст, ки ба эътибор гирифтани нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳии аграрӣ, таҳияи маҷмуи методҳои баҳодиҳии устувории он ва асоснок намудани равиши илмии минтақабандӣ, инчунин гурӯҳбандии ҳудудҳо мувофиқи дараҷаи ҷаззобияти инноватсионии онҳо барои рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин таҳияи усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот ва талабот ба сармоягузорӣ, инчунин нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ аҳамияти махсус дорад;

- муайян карда шудааст, ки равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти

манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон, инчунин асоснок кардани таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин, даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад;

- собит шудааст, ки коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии сайёҳии аграрӣ дар вилоят, инчунин дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот.** Асоси назариявии тадқиқотро асарҳои олимони тоҷику рус дар риштаи иқтисодӣ ва идораи соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти сайёҳӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳаҳои кишоварзӣ ва сайёҳии аграрӣ бо истифодаи онҳо вобаста ба ҳадафу вазифаҳои тадқиқот ташкил доданд. Ба сифати заминаи иттилоотӣ маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати омори вилояти Хатлон ва натиҷаҳои таҳқиқи муаллиф истифода карда шуданд.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар ин аст, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳо дар шакли тавсияҳои мушаххасе дарҷ гардидаанд, ки онҳоро мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ метавонанд барои такмили механизми танзим ва дастгирии рушди сайёҳии аграрӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ ва беҳинасозии сифати зисти аҳолии деҳот истифода кунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** тавассути гузаронидани мушоҳидаҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию илмӣ таҳия карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (самт ва соҳаи тадқиқот).** Муқаррароти назариявӣ ва метологии диссертатсия ба

бандҳои шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ), аз ҷумла: 1. Рушди асосҳои назариявӣ ва методологии сайёҳӣ ва консепсияҳои асосии иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ. 2. Ҷанбаҳои методии рушди фаъолияти хоҷагидорию иқтисодии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ. 5. Такмили шаклҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳӣ. 10. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо ва комплексҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия. Таносуби фишангҳои бозорӣ ва давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва комплексҳои соҳаи сайёҳӣ. 15. Самарнокии иҷтимоию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонии аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ. Механизмҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ. 20. Самтҳои асосӣ ва омилҳои рушди сайёҳии дохилӣ, воридшаванда ва хориҷшаванда мутобиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.** Диссертатсия тадқиқоти илмии тамомшуда мебошад, ки бо дарназардошти муқаррароти назариявию методии муосир оид ба масъалаи мавриди назар таълиф шудааст. Далелҳои назариявӣ ва методӣ, хулосаҳои дар диссертатсия таҳия ва пешниҳодшуда, инчунин муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшударо муаллиф шахсан таҳия кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи тадқиқот дар як қатор семинарҳо, конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои тадқиқот ҳангоми таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон истифода шуданд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар ихтисосҳои равияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун кумаки методӣ истифода бурда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти аз 171 номгӯй иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 220 саҳифа буда, 29 ҷадвал ва 7 расмро дар бар мегирад.

**Қисми асосии тадқиқот**

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхуд намудани масъалаҳои илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва усули тадқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот» моҳият ва хосиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ, омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ таъсир мерасонанд ва таҷрибаи хориҷии рушди сайёҳии аграрӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби дуюм** « Арзёбии рушди ташкилӣ - иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар деҳоти вилояти Хатлон» асосҳои ташкилӣ - иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот, иқтидори захиравии вилояти Хатлон дар соҳаи рушди сайёҳии аграрӣ ва шаклҳои ҳозираи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ва омилҳое, ки монеи рушди сайёҳӣ дар деҳот мешаванд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Дар боби сеюм** «Дурнамо ва самтҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳоти вилояти Хатлон» самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот, самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот ва такмилдиҳии танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ дар деҳот мавриди баррасӣ ва тадқиқи илмӣ қарор дода шудаанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР ДЕҲОТ

## 1.1. Моҳият ва хусусиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ

Сайёҳии аграрӣ дар кишварҳои Итолиё ва Фаронса аз солҳои 1980-ум ба ин тараф ҳамчун як посух ба тағйиротҳои сиёсӣ ва иқтисодии Иттиҳоди Аврупо оғоз ёфт. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани низоми квотаҳо, ки боиси маҳдуд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ шуд, ниҳодҳои давлатӣ бо зарурати ҷустуҷӯ ва ташкили самтҳои нави шуғл ва ҷойҳои корӣ дар маҳалҳои деҳот рӯ ба рӯ гардиданд. Ин навъи сайёҳӣ вазифаи коҳиш додани муҳоҷирати деҳотиён ба шаҳрҳо ва пешгирии ташаннуҷи иҷтимоиро ба дӯш дошт. Дар ҳамин давра, мушкилоти экологӣ дар шаҳрҳои калони Аврупо низ шиддат ёфта, диққати ҷомеа ва давлатҳоро ба рушди минтақаҳои деҳот бештар ҷалб намуд. Аҳолии шаҳрҳо ниёзманди иртибот ба табиат, оромии табиӣ ва маҳсулоти ғизоии табиӣ шуданд. Сайёҳии аграрӣ роҳи ҳалли ҳардуи ин мушкилот шуд [19].

Сайёҳии деҳотӣ (агросайёҳӣ) яке аз бахшҳои соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули маҳсулоти мураккаби сайёҳиро дар асоси истифодаи захираҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва дигар иқтидорҳои маҳалҳои деҳот таъмин менамояд. Ҳама шаклҳои фаъолияти солимгардонӣ ва фароғатӣ, ки дар муҳити деҳот амалӣ мегарданд, ҳамчун унсурҳои таркибии сайёҳии аграрӣ баррасӣ мешаванд.

Дар шароити рушди муосир сайёҳии аграрӣ, ҳамчун самти нисбатан нав, вале дорои имкониятҳои рушдкунанда ва дурнамои васеъ, нақши торафт муҳиммро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо иҷро менамояд. Ин навъи фаъолияти сайёҳӣ ба аҳолии шаҳр имкон медиҳад, ки бо тарзи зиндагӣ, фарҳанг ва анъанаҳои хосаи аҳолии деҳот аз наздик шинос гарданд. Дар асари худ олими рус Моралева Н.В. чунин изҳор намудааст: «...мазмуни асосии сайёҳии аграрӣ дар ташкили истироҳат дар муҳити деҳот ифода меёбад, ки дар он тамоми маҷмуи хизматрасониҳои зарурӣ - ҷойи иқомат, ғизои хонагӣ, барномаҳои фароғатӣ ва дигар навъи

хизматрасониҳо - аз ҷониби хоҷагии оилаи мизбон пешниҳод карда мешавад. Ин навъи фаъолият, бо вуҷуди ҷавон буданаш, дар даҳ соли охир босуръат инкишоф меёбад. Сабабаш ин аст, ки маҳсулоти сайёҳии аграрӣ ҷавобгӯи талаботи синфи миёна буда, хосиятҳои тарзи ҳаёт, талаботи равонӣ ва фарҳангии онро ба инобат мегирад ва барномаи инфиродии истироҳати хоси фаъолро пешниҳод мекунад» [123, с. 6].

Азбаски ин соҳаи сайёҳӣ ҳоло нав аст, мушкилоти зиёд дар рушди сайёҳии деҳот вуҷуд доранд. Яке аз мушкилоти асосӣ ва аввалиндараҷа масъалаи таҳия нашудани маҷмуи истилоҳот мебошад. Худи мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» то ҳол аз лиҳози илмӣ асоснок нашудааст. Ҳатто ҳангоми таҳлили рӯякии адабиёти махсуси оид ба сайёҳӣ ихтилофоти зиёди муаллифони гуногун дар бораи таърифи мафҳуми мазкур аён мегардад. Олимони рус Русинов П. С., Русинов П. П. ва Зелепугин А. Д. дар асари илмии худ чунин изҳор намудаанд: «...коркард намудани асоси самти нави фаъолият дар туризм имкон медиҳад, ки соҳа, намуд ва самтҳои рушди сайёҳии деҳот хеле васеъ баррасӣ карда шаванд. Ин дар навбати худ, ба таҳияи стратегияи рушди соҳаи мазкур таъсири манфӣ мерасонад» [140, с. 43].

Асоси мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» бояд аз ду қисм иборат бошад. Қисми якум моҳияти сайёҳӣ дар умум аст. Қисми дуюм фарогири аломатҳои хоси сайёҳии деҳот бояд бошад. Моҳияти сайёҳӣ тибқи таърифи Комиссияи омори Созмони Милали Муттаҳид, ки аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ низ ҷонибдорӣ шудааст, ҳамчун равандҳои сайёҳат ва муваққатан истиқомат намудан дар ҷойҳое, ки берун аз муҳити доимии шаҳриву иқоматӣ қарор доранд, дар давраи на зиёда аз як сол ва бо ҳадафҳои истироҳатӣ, соҳибкорӣ ё дигар мақсадҳо тавсиф мегардад. Хусусиятҳои вижаи тарзи ҳаёти деҳот дар истиқомат дар маҳалли деҳот, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ таҷассум меёбад.

Ҳадафҳои асосии сайёҳии аграрӣ ба таъмини истироҳат ва солимгардонии сайёҳон равона гардида, ҳамзамон барои онҳо имконият

фароҳам меорад, то бо захираҳои табиӣ, расму ойинҳо, анъанаҳои миллӣ ва мероси фарҳангии маҳалҳои деҳот аз наздик шинос шаванд.

Аз ин ҷиҳат, сайёҳӣ ба сифати воситаи озмудашудаи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, ин соҳа дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зиёд кардани сарчашмаҳои даромади аҳолӣ ва пурра намудани буҷети давлатӣ нақши хеле муҳимм бозида, ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ҳиссаи назаррас мегузорад.

Ба ин васила, сайёҳии аграриро ба таври зайл таъриф додан мумкин аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 - уми августи соли 2020, №1717 чунин омадааст: «Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) – саёҳат ба деҳот бо мақсади шиносоӣ бо вазъ ва тарзи зиндагӣ, ҳамчунин урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар маҳал мебошад» [9].

Дар асари илмии худ олимони тоҷик Исмоилов И.М., Расулова З.О. ва Азамова З.И. чунин изҳор намудаанд: «...сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) - як намуди сайёҳиест, ки дар деҳот сурат мегирад ва он омӯзиши захираҳои сайёҳии маҳаллиро таъмин менамояд, иштироки сайёҳонро дар чорабиниҳои гуногуни анъанавӣ, инчунин ҷойгиркунӣ ва ташкили хӯроки сайёҳонро дар сохторҳои мушаххаси сайёҳӣ дар пансионатҳои сайёҳӣ, пансионатҳои агросайёҳӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраро дар бар мегирад» [97, с. 325].

Сайёҳии аграрӣ намуди сайёҳие аст, ки дар иқомати сайёҳ дар деҳот, бо мақсади ошноӣ бо тарзи ҳаёти деҳот ва рушди соҳаи аграрӣ таҷассум меёбад (расми 1.1.1).

Имрӯз дар ҷаҳон ҳамаи соҳаҳои муҳимми зиндагии кишварҳо аз қудрат ва қобилияти иқтисодии онҳо вобаста буда, маҳз иқтисод аст, ки мақому обрӯи давлатро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунад.

Ҳангоми таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, рушди соҳибкорӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак ҳамчун омилҳои калидии болоравии иқтисоди миллӣ баррасӣ шаванд, пас бахши сайёҳӣ низ қодир аст ба сифати манбаи муҳимми тақвияти иқтисод амал кунад.

**НАМУДҲОИ АГРОСАЙЁҲӢ**

| | |
|---|---|
| Дохилӣ | боздид ва иқомати сайёҳон дар деҳоти кишвари худ |
| Воридотӣ | боздид ва иқомат дар деҳоти кишвар аз тарафи сайёҳоне, ки сокини он нестанд |
| Хориҷӣ | боздиди сайёҳони як кишвар аз деҳоти кишвари дигар бо мақсади ошноӣ бо тарзи ҳаёти деҳоти кишвари мизбон |
| Шиносоӣ | бо мақсади шиносоӣ бо тарзи ҳаёт, маишат, табиати деҳот, анъанаҳои аҳолии минтақаи мушаххаси деҳот амалӣ карда мешавад |
| Табобатӣ | аз зарурияти табобати беморихо бо ёрии хусусиятҳои деҳот (иқлим, об, гиёҳҳо ва ғ.) бармеояд |
| Рекреат-сионӣ | бо мақсади истироҳат, солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва инкишофи қувваҳои равонӣ ва ҷисмонӣ бо ёрии шароити деҳот ва тарзи ҳаёти деҳот амалӣ карда мешавад |
| Корӣ | боздид ва иқомат дар деҳот бо мақсади иштирок дар ярмаркаҳои деҳот, эҷодиёт; барои баргузории гуфтушунидҳо ва бастани қарордодҳои хариду фурӯши ашёи хому маҳсулоти кишоварзӣ |
| Қавмӣ | сафари сайёҳон бо мақсади боздид аз ҷойи таваллуди худ, хешовандону наздикони сокини деҳот |
| Моҳидорӣ | бо мақсади хусусиятҳои моҳидорӣ дар маҳалли деҳот: тарзу усули моҳидорӣ, хусусиятҳои шикори моҳиҳои муайян, омӯхтани лавозимоти моҳидории маҳалл ва ғайра |
| Шаробӣ | боздиди сокинони деҳот бо мақсади чашидани шаробҳо, дидани хоҷагиҳои шаробпазӣ, омӯзиши равандҳои технологии беназири шаробпазӣ, шиносоӣ бо одоби пешкаш ва истеъмол кардани шароб |
| Шикорӣ | бо мақсади омӯхтани хусусиятҳои шикор дар маҳалли деҳот: тарзу усули шикор, хусусиятҳои шикори ҷонварон дар маҳалли мазкур, сохтани хӯсаҳо ва ғайра |
| Ҳаводисӣ | боздид ва иштироки сайёҳон дар ҷашнҳои халқӣ, ҷашнвораҳои фолклор, ярмаркаҳои деҳотӣ |

**Расми 1.1.1. - Намудҳои сайёҳии аграрӣ.**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [97].

Дар ҳамин ҳол, дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бо тағйирёбандагӣ ва сатҳи баланди мураккабӣ фарқ мекунад ва дар бисёр минтақаҳо бо ноустувории сиёсати иқтисодӣ тавсиф мегардад, ҳар як кишвар танҳо дар он сурат метавонад устувории худро ҳифз намояд ва рушдро таъмин созад, ки ба истифодаи самараноки иқтидорҳои дохилӣ ва диверсификатсияи манбаъҳои рушди иқтисодӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд, ки дорои пояҳои боэътимоди устувори иҷтимоию маънавӣ бошад.

Дар асари илмии худ олимаи тоҷик Саидова М.М. иқтидори сайёҳии аграрии Тоҷикистонро омӯхта чунин изҳор намудааст: «...истифодаи захираҳои табиӣ ва анъанаҳои кишоварзӣ барои рушди сайёҳӣ дар деҳот, хусусиятҳои минтақавӣ, ба монанди токпарварӣ, метавонанд барои рушди сайёҳии аграрӣ дар кишвар замина гузоранд» [141, с. 89].

Қайд кардан зарур аст, ки соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эътироф ва расман эълон гардид. Ин иқдом ба як қадами ҷиддӣ барои устувор шудани иқтисоду иҷтимоиёти кишвар табдил ёфт. Президенти ҷумҳурӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (22.12.2017) чунин таъкид карданд, ки «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб мераванд» [13].

Муҳаққиқи тоҷик Шарипов А.М. дар асари илмии худ чунин изҳор намудааст: «...сайёҳӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва як унсури муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Он равандест, ки одамонро барои шиносоӣ бо фарҳангҳо, ҷойҳои зебоманзар ва истироҳат сафарбар мекунад. Сайёҳӣ ба иқтисодиёт тавассути таъсири он ба бахшҳои хизматрасонӣ, меҳмонхонаҳо, нақлиёт ва саноати хӯрокворӣ мусоидат мекунад» [155, с. 177].

Сайёҳӣ, ё он истилоҳе, ки бештар истифода мешавад – туризм, яке аз падидаҳои бисёрпаҳлуии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи муосир

ба ҳисоб меравад ва сатҳи рушдаш бевосита аз беҳбудии шароити зиндагии аҳолӣ вобаста мебошад.

Дар асари худ олими иқтисоддони тоҷик Ҳакимов Н.Ш. чунин изҳор намудааст: «...дар шароити кӯҳсор, ки микдори замини корам маҳдуд аст, инкишофи шаклҳои ғайрикишоварзии фаъолияти хоҷагидорӣ, ба монанди сайёҳии аграрӣ аҳамияти махсус дорад» [129, с. 48].

Ин соҳа, мисли дигар бахшҳои иқтисод пайваста тағйир меёбад ва ба воқеиятҳои ҳаёти муосир мутобиқ мешавад. Дар адабиёти илмии муосир мафҳум ва моҳияти сайёҳӣ аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ ва таҳлил гардида, муҳаққиқони соҳа кӯшиш кардаанд ҷонибҳои назариявӣ ва амалии онро бозтоб намоянд (ҷадвали 1.1.1).

**Ҷадвали 1.1.1. - Вариантҳои равишҳои тавсифи моҳияти сайёҳии аграрӣ**

| **Номи муаллиф, унвони асар, ҷой ва замони нашр** | **Мафҳум ва моҳияти сайёҳии аграрӣ** |
|---|---|
| Шилова С. Г. ва диг. Ташкили сайёҳии деҳотӣ. Воситаи таълимӣ. - Красноярск, 2010. - 104с. [67, с. 108] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ)-як бахши саноати сайёҳӣ, ки ба истифодаи захираҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва дигар сарватҳои деҳот ва хусусиятҳои он барои сохтани маҳсули сайёҳӣ нигаронида шудааст. |
| Доброселский В.В. Сайёҳии аграрӣ: намудҳо ва сохтор // Маҷаллаи илмию амалӣ, 2015. - С. 123 – 126. [89, с. 125] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) ба он нигаронида шудааст, ки шахси аз гирудори шаҳр хасташуда хоҳиши каме ҳам бошад, истироҳати хуб карданро дорад. Ба маънои васеътар ин як бахши фаъолияти иқтисодӣ дар ҳудуд мебошад, ки дар он як қатор соҳаҳои дигари хоҷагидорӣ барои таъмини шароити дахлдор бо мақсади ҷалби маблағҳои нав ба иқтисоди минтақа мувофиқ мешаванд. |
| Трифонова З.А. Тафовути ҳудудӣ ва ояндаи рушди сайёҳии деҳот дар Россия //: Маводи конф. байналм. – Қазон: Нашриёти Донишгоҳи Қазон, 2019. - С. 257–263. [146, с. 258] | Зери ибораи сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) намуди сайёҳие фаҳмида мешавад, ки истиқомати муваққатии сайёҳ онро дар маҳалли деҳот бо мақсади истироҳат ё иштирок дар корҳои кишоварзӣ пешбинӣ мекунад. |
| Турковский М. Маркетинги хизматрасониҳои меҳмон-хона: Воситаи таълимӣ - методӣ: Тарҷума аз заб. полякӣ. - М.: Финансы и статистика, 2006. - 296 с. [62] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) - яке аз имкониятҳои истироҳат ҳангоми таътил буда, бо истифода аз захираҳои табиии мавҷуда, биноҳо ё иморатҳои хоҷагии озод (холӣ) ва захираҳои меҳнати зинда амалӣ карда мешавад. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 - уми августи соли 2020, №1717. [9] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) – сайёҳат ба деҳот бо мақсади шиносоӣ бо вазъ ва тарзи зиндагӣ, ҳамчунин урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар маҳал мебошад. |

Идомаи ҷадвалии 1.1.1

| | |
|---|---|
| Русинов П. С., Русинов П. П., Зелепугин А.Д. Асоснокии низоми таснифот ва тавсифи намудҳои сайёҳии деҳот. Маҷмуаи ВГУ, силсилаи: география. геоэкология, 2015, № 4. - С. 43-45. [140, с. 43] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) - намуди сайёҳӣ, яъне истиқомати сайёҳ дар деҳот, бо мақсади ошно шудан бо тарзи ҳаёти деҳот. |
| Исмоилов И.М., Расулова З.О., Азамова З.И. Таҷрибаи аврупоӣ дар рушди сайёҳии деҳот / Маҷмуи мақолаҳои илмӣ. Маводҳои конф. ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Саноаткунонии истеҳсолоти аграрӣ – омили рушди устувори соҳа». – Душанбе, 2020. - С. 324 – 327. [97, с. 325] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) - як намуди сайёҳиест, ки дар деҳот сурат мегирад ва он омӯзиши захираҳои сайёҳии маҳаллиро таъмин менамояд, иштироки сайёҳонро дар чорабиниҳои гуногуни анъанавӣ, инчунин ҷойгиркунӣ ва ташкили хӯроки сайёҳонро дар сохторҳои мушаххаси сайёҳӣ дар пансионатҳои сайёҳӣ, пансионатҳои агросайёҳӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраро дар бар мегирад. |
| Таърифи муаллиф | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) - аз як тараф навъе аз ҳудуди деҳот, аз ҷониби дигар - як бахши соҳаи сайёҳӣ аст, ки ба истифодабарии захираҳои иқтисодӣ, табиӣ ва таърихию фарҳангии маҳалҳои деҳот асос ёфтааст. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои [67, с. 108; 89, с. 125; 146, с. 258; 62; 9; 140, с. 43; 97, с. 325].

Маълум аст, ки истилоҳи «туризм» бори аввал соли 1830 аз ҷониби муҳаққиқи фаронсавӣ Б. Жекмо истифода шудааст. Ин калима аз «tour» гирифта шуда, маънои гаштугузор ва сайрро ифода мекунад.

Дар кишварҳои гуногун ба мафҳуми «сайёҳӣ» аз дидгоҳҳои гуногун назар мекунанд, зеро ҳар давлат маънии онро мутобиқ ба фарҳанг, иқтисод ва шароити иҷтимоии худ муайян менамояд, (ҷадвали 1.1.2).

Ба назар мерасад, ки таърифи пешниҳодгардидаи ассотсиатсияи РИҶ аз ҷиҳати фарогирӣ нисбатан мукаммал мебошад, аммо дар он муҳтавои мафҳуми «захираҳои дигар» ва хусусиятҳои сохтории онҳо бо равшанӣ ва дақиқии зарурӣ инъикос наёфтааст. Бо такя ва арзёбии муфассали маводи илмӣ ва таҷрибаи амалии ҷамъбастшуда, сайёҳии аграрӣ (ё сайёҳии кишоварзӣ) дар доираи тадқиқоти мазкур ҳамчун падидаи дорои табиати дуҷанба муайян мегардад. Аз як ҷониб, он ба муҳити деҳот робитаи функсионалии устувор дошта, ташаккул ва рушди худро дар асоси истифодаи захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангии маҳалҳои деҳот амалӣ менамояд, ва аз ҷониби дигар, ҳамчун зербахши мустақили

соҳаи сайёҳӣ баромад намуда, фаъолияти он ба истифодаи захираҳои иқтисодӣ, табиӣ ва ҳамчунин арзишҳои таърихию фарҳангии минтақаҳои деҳот асос меёбад.

**Ҷадвали 1.1.2. - Вариантҳои равишҳои тавсифи моҳияти сайёҳии аграрӣ дар кишварҳои хориҷ**

| Кишвар | Мафҳум ва моҳият |
|---|---|
| Дания [75] | Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) хизматрасонӣ ба шахсони истироҳаткунанда дар деҳот мебошад, ки ба туфайли он сокинони деҳот манбаи иловагии даромадро ба даст меоранд. |
| Канада | Раванди ҷалб намудани истироҳаткунандагон ба маҳалли деҳот бо мақсади хизматрасонӣ ба онҳо. |
| Полша [25]. | Дар Полша зери мафҳуми сайёҳии аграрӣ маҷмуи пурраи хизматрасонӣ ва истифодаи захираҳои бахши аграрӣ барои қонеъгардонии тамоми талабот ва ташкили тафреҳи сайёҳон фаҳмида мешавад. |
| Испания | Дар ин кишвар сайёҳонро дар фермаҳо, хонаҳои деҳотиён, меҳмонсароҳои хурди деҳа, инчунин дар қасрҳои қадима, ки чун меҳмонхонаҳои олирутба бо хизматрасонии пурра барои истироҳат бозсозӣ шудаанд, маскун менамоянд. |
| ИМА ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ [17]. | Маҷмуи хизматрасониҳои шабеҳи ин «сайёҳии сабзи деҳот» ё «сайёҳии аграрӣ» (agrotourism)номида мешавад. Дар зери ин мафҳум истироҳати комил дар маҳалли деҳот фаҳмида мешавад, ки зимни он сайёҳон муддате тарзи ҳаёти деҳотро пеш бурда, бо фарҳанг, урфу одатҳо, санъати косибии маҳал ошно мешаванд, дар меҳнати анъанавии кишоварзӣ, ҷашну ҷашнвораҳои мардумӣ ширкат меварзанд. |
| Ассотсиатсияи РИҶ (Рушди иқтисодии ҷаҳон) [55]. | Сайёҳии аграрӣ - бахше аз соҳаи сайёҳӣ, ки ба истифодабарии захираҳои табиӣ, фарҳангию таърихӣ ва дигар захираҳои маҳалли деҳот ва хусусиятҳои он баҳри тавлиди маҳсули комплексии сайёҳӣ равона гардидааст. |
| Голландия | Сайёҳӣ ҳамчун ҷойивазкунии одамон аз ҷойи зисти аслӣ дар муддати муайян буда, инчунин соҳаи хизматрасониест, ки барои таъмини қонеъгардонии талаботҳои онҳо равона гардидааст. Аз нигоҳи илми иқтисодӣ бошад туризм - ин низоми васеи иқтисодӣ бо рангорангии робитаҳои байниҳамдигарӣ дар чорчӯбаи хоҷагии халқи кишвари ҷудогона баҳо дода мешавад. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [161, с. 13].

Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии ҳалли масъалаҳое, ки барои муҳитҳои деҳот хосанд, сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти дорои иқтидори баланд арзёбӣ мегардад. Ин навъи фаъолият дорои иқтидори назаррас буда, имконият медиҳад, ки ҳамзамон як қатор вазифаҳои калидии дорои аҳамияти стратегӣ амалӣ гарданд. Аз ҷумла, он ба бознигарии самтҳои рушди бахши аграрӣ мусоидат намуда, дар шароити таназзули иқтисодӣ дар баъзе минтақаҳо имконияти интиқоли қисме аз фаъолияти иқтисодиро аз соҳаи истеҳсолот ба соҳаи хизматрасонӣ фароҳам меорад.

Ҳамзамон, рушди сайёҳии аграрӣ ба коҳиш ёфтани шиддати иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳот мусоидат карда, заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ, васеъ намудани имкониятҳои ба даст овардани даромад ва фаъол гардидани равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро таъмин менамояд.

Илова бар ин, ин самти фаъолият барои ташаккул ва таҳкими пояҳои рушди шаклҳои муосири сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор ба вуҷуд меорад, ки дар доираи онҳо набудани инфрасохтори бисёрқабатаи ҷойгирсозӣ аҳамияти ҳалкунанда надорад, зеро хусусияти аграрии хизматрасонӣ имкони пешниҳоди алтернативии ҷойгиршавӣ ва истироҳатро фароҳам меорад.

Имрӯз, агар хоҳем сайёҳии устувор ва даромадовар рушд кунад, бояд аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ин соҳа фаъолона сабақ гирем. Дар даҳсолаи охир сайёҳӣ дар ҷаҳон хеле суръат гирифт: он ба яке аз бахшҳои асосии иқтисод табдил ёфт ва ҳамасола бо самтҳои нав ва имкониятҳои бештар рушд мекунад.

Дар асари худ олими тоҷик Асоев М.М. чунин изҳор намудаас: «...сайёҳӣ бахши асосии рушди иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон ба шумор рафта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти фарҳангиро ривоҷу равнақ медиҳад. Тайи солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти кишварҳои дунё мавқеи муҳимро ишғол кардааст, зеро аксари кишварҳо манфиати соҳаи сайёҳиро дарк намудаанд ва ба ин соҳаи даромаднок аҳамияти бештар медиҳанд. Аз тарафи дигар, сайёҳӣ функсияи хеле зиёди иқтисодиро дар бар гирифта, баробари рушд кардан боз имконияти ҳалли чандин масъалаҳои гуногуни иқтисодиро низ дорад» [72, с. 110].

Созмонҳои байналмилалӣ ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар солҳои 2018 ва 2019–2021 мутаносибан ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» расман эълон гардиданд, ҳамчун қадамҳои мантиқӣ ва саривақтӣ дар самти рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусбат арзёбӣ намуданд.

Дар мувофиқат ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, «...захираҳои ғании таърихию фарҳангӣ ва табиӣ, аз ҷумла ландшафтҳои нодири кӯҳсор, кӯлу дарёҳо, инчунин гуногунии биологии кишвар, ҳамчун омилҳои муҳимми рушди соҳаи сайёҳӣ ва зиёд гардидани саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар баррасӣ мегарданд» [15, с. 10 - 11].

Дар партави сиёсати созандаву бохирадонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон саноати сайёҳӣ беист инкишоф ёфта истодааст ва кишвар ба комёбиҳои бузург дар ин самти муҳим ноил гашта, соҳиби эътибори махсус дар арсаи байналмилалӣ шудааст. Узвияти Тоҷикистон дар Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, шомил гардидани пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе ба таркиби Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ ва эътироф шудани шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти сайёҳии Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар солҳои 2020–2021, ҳамчунин ворид намудани ёдгориҳои таърихии «Саразм» ва «Боғи миллӣ» ба Феҳристи мероси фарҳангии моддии ЮНЕСКО ва шомил гардидани чунин унсурҳои нодири мероси фарҳангии ғайримоддӣ, аз қабили «Чакан – санъати дӯзандагии тоҷикон», «Иди Наврӯз», «Оши палав» ва «Мусиқии Шашмақом», ба таври возеҳ арзиши баланди фарҳангии кишварро инъикос менамоянд. Маҳз ин эътирофи байналмилалӣ боиси болоравии нуфузи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, шинохти фарҳангиву сайёҳии онро дар сатҳи ҷаҳонӣ тақвият бахшид.

Дар Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ, ҳарчанд нисбатан нав аст, аммо дорои иқтидори бузурги рушд мебошад. Кишвар аз захираҳои нодири табиӣ бархурдор аст, ки истифодаи дурусту мақсадноки онҳо метавонад ба таҳкими иқтисоди деҳот такони ҷиддӣ бахшад. Бо мурури замон, сайёҳии деҳот на танҳо худи ин бахшро рушд медиҳад, балки ба пешрафти дигар соҳаҳо, аз ҷумла кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа, хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ, истироҳату фароғат ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Ин раванд ба беҳтар гардидани сифати зиндагӣ дар деҳот, рушди инфрасохтор, ҳифзи муҳити зист ва таъсиси ҷойҳои нави

корӣ мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ, пешбурди сайёҳии деҳоти Тоҷикистонро метавон на танҳо як амри фарҳангӣ ё миллӣ, балки барномаи бузурги иҷтимоию иқтисодии кишвар арзёбӣ намуд, ки метавонад имкониятҳои нави рушди устуворро барои ҷомеа фароҳам оварад.

Мақсади калидии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули низоми устувор равона гардида, ки дар доираи он ба ҳамоҳангии принсипҳои масъулияти экологӣ ва иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва таъмини самаранокии иқтисодӣ аҳамияти хос дода мешавад. Дар чунин шароит, индустрияи сайёҳӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳимммми ташаккули даромад, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар баррасӣ мегардад. Бо ба роҳ мондани хизматрасониҳои босифат ва қонеъ намудани талаботи афзояндаи сайёҳон, ин бахш метавонад саҳми назаррас дар иқтисоди миллӣ гузошта, ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд оварад.

Муҳаққиқони тоҷик Амиров Н.И., Ҷобиров Ш.А. ва Валиев З.Ҷ. дар асари илмии худ чунин изҳор намудаанд: «Имконияти имрӯзаи индустрияи сайёҳии Тоҷикистон ниҳоят васеъ буда, падидаҳои бостоншиносӣ, осори қадима, меъморӣ, санъат, тарзи зист ва расму оини суннатии мардуми тоҷик, табиати мусоид, шумораи зиёди кӯлҳои диққатҷалбкунанда, дарёҳои пуртуғёни кӯҳӣ ва чашмаҳои шифобахш метавонанд завқ ва хоҳиши ҳар як сайёҳро қонеъ созанд, инчунин таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб намоянд» [68, с. 66].

Барои муайян ва амалӣ намудани ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати сайёҳӣ, татбиқи чорабиниҳои зерин муҳимм арзёбӣ мегардад:

- такмил ва густариши инфрасохтор ва муассисаҳои соҳаи сайёҳӣ дар тамоми сатҳҳо, бо таъмини фаъолияти мунтазам ва устувор;

- таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи ягонаи рушди индустрияи сайёҳӣ;

– фароҳам овардани заминаи мукаммали маъмурию ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо, анҷом додани корҳои таъмиру таҷдид ва татбиқи равандҳои муосирсозии инфрасохтори сайёҳӣ;

– баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ва рақобатпазирии захираҳои кадрӣ тавассути такмили барномаҳои таълимӣ, рушди иқтидори инсонӣ ва мутобиқ гардонидани донишҳои касбӣ ба талаботи бозори сайёҳӣ.

Дар асари илмии худ муҳаққиқони тоҷик Асоев М.М. ва Маҳмадиева Г. А. чунин изҳор намудаанд: «…барои таъмини амалисозии самараноки ҳадафҳои зикршуда, таҳлил ва ҳалли маҷмуи масъалаҳои зерин аҳамияти калидӣ доранд» [72, с. 113]:

- таъмини фаъолияти ҳамоҳангшуда ва самарабахши мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, тақсимоти равшани ваколатҳо ва масъулиятҳо дар сатҳи марказӣ ва минтақавӣ;

- гузаронидани таҳқиқоти мунтазами маркетингӣ, ташкили низоми иттилоотӣ барои тарғиби бартариҳои Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ;

– таҳия ва асоснок намудани лоиҳаҳои сармоягузории самтнок барои минтақаҳои дорои иқтидори баланди иқтисодӣ ва ҷаззобияти сайёҳӣ;

– коркард ва татбиқи маҷмуи механизмҳои иқтисодӣ ҷиҳати рушди устувори индустрияи сайёҳӣ, аз ҷумла густариши дастгирии иттилоотӣ, фароҳам овардани дастрасӣ ба маблағгузории имтиёзнок, такмили сиёсати андозбандӣ ва низоми суғуртавӣ;

- такмили заминаҳои ҳуқуқӣ дар бахшҳои сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ бо мақсади мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои стратегии соҳа;

– ташаккули муҳити солими рақобатпазир, ки ба такмили сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва баланд гардидани сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагон мусоидат менамояд;

– бунёд ва рушди низоми муназзами омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ мутобиқи талаботи воқеии бозори меҳнат ва стандартҳои байналмилалӣ.

Дар доираҳои илмӣ ва амалӣ то ҳол баҳс дар бораи мазмун ва самти мафҳуму падидаҳои «сайёҳии деҳот» ва «сайёҳии аграрӣ» идома дорад.

Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «сайёҳии деҳот» ва «сайёҳии аграрӣ» аксаран ба ҳам наздик шуморида мешаванд, аммо дар асл онҳо яксон нестанд. Сайёҳии деҳот мафҳуми фарохтар буда, тамоми намудҳои фаъолиятҳои сайёҳиро, ки дар муҳити деҳот ба роҳ монда мешаванд, дар бар мегирад. Баръакс, сайёҳии аграрӣ (farm tourism) пеш аз ҳама ба ташкили истироҳати сайёҳон дар асоси фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ нигаронида шуда, истифодаи мақсадноки захираҳо, инфрасохтор ва иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзиро ҳамчун пояи асосии ҷалби сайёҳон пешбинӣ менамояд.

Дар асари худ олими рус Миронова Н. А. чунин изҳор намудааст: «…сайёҳии аграрӣ бояд мутамаддин бошад, ба сайёҳон дар деҳот намудҳои гуногуни истироҳату фароғатро пешкаш намояд. Масалан, пайвастани истироҳат бо меҳнат дар фермаи чорворӣ, гузарондани семинару экскурсияҳои гуногуни этнографӣ, аз он ҷумла ҷамъоварӣ намудан ва истеъмоли маҳсулоти органикии тоза» [122, с. 548].

Шаклҳои зоҳиршавии сайёҳии аграрӣ метавонанд гуногун бошанд, вале ҳамеша биноҳои иҷорагирифтаро дар бар мегиранд. Шаклҳои заминавии сайёҳии аграрӣ метавонанд биноҳои иҷорагирифта бо хизматрасонии бевосита дар ҳудуди хоҷагии ҳавлигӣ ё ҷойгирнамоӣ бо худхизматрасонӣ дар заминҳои ба хоҷагии ҳавлигӣ таааллуқ дошта бошанд.

Сайёҳии аграрӣ, ба ин васила, яке аз шаклҳои сайёҳии деҳот мебошад. Дар асари илмии худ олими рус Лихошерстова Г.Н. изҳор намудааст: «...дар чаҳорчӯби сайёҳии аграрӣ хоҷагии ҳавлигӣ (хоҷагии деҳқонӣ) ҳамзамон ҳамчун объекти ҷойгиркунии сайёҳон ва ҳамчун унсури калидии ҷалби таваҷҷуҳ баромад намуда, нақши марказиро дар ташаккули таҷрибаи сайёҳӣ иҷро мекунад» [111, с. 46].

Ҳамзамон, дар сайёҳии деҳот (аграрӣ) ва намудҳои анъанавии сайёҳӣ мақсадҳои истифодабарии вақти фароғат фарқиятҳои ҷиддӣ доранд, зеро ангезаҳо, интизориҳо ва сабабҳои асосии анҷом додани сафар дар ин

шаклҳои сайёҳӣ аз якдигар моҳиятан тафовут менамоянд. Сайёҳии деҳот як шакли гузаронидани вақти холӣ дар намуди истироҳати ғайрифаъол мебошад. Мақсади асосии сайёҳии деҳот ба шиносоии фаъол ва мустақими сайёҳон бо муҳити табиии зинда, расму ойинҳо ва фарҳанги маҳалҳои деҳот равона гардида, барои дарки амиқ ва қабули маърифатии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ин замина, манзилҳои деҳот ҳамчун пойгоҳи ташкили ҷойгиркунӣ ва таъминоти ғизоии сайёҳони экологӣ хизмат намуда, унсури муҳимми инфрасохтори сайёҳии деҳот ба шумор меравaнд.

Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» низ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки шакли истироҳатро дар ҳамбастагӣ бо фаъолияти деҳқонони истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тоза дар бар мегирад ва ба баланд бардоштани арзиши маърифатии таҷрибаи сайёҳӣ нигаронида шудааст.

Дар асари худ муҳаққиқони тоҷик Аноятшоева Ф.А. ва Сабзалиев С.Н. чунин изҳор намудаанд: «...сайёҳии аграрӣ на танҳо ба рушди иқтисод мусоидат мекунад, балки сифати зиндагии мардумро тавассути эҷоди манбаъҳои иловагии даромад ва ҷойҳои корӣ беҳтар мекунад» [69, с. 76].

Мувофиқ ба ин, сайёҳии аграрӣ бо кишоварзии экологӣ рабт дода мешавад.

Муҳаққиқони тоҷик Карамхудоев Ҳ.Е. ва Рақамова З.Р. дар асари илмии худ чунин изҳор намудаанд: «...таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти сайёҳии экологӣ собит намуд, ки фоидаи иқтисодӣ ва экологияи ташкили чунин саёҳат ва истироҳат нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва манъи қатъии воридшавӣ ба ҳудудҳои табиат барои чунин мавзеъҳо имоният медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба табиат беҳтару хубтар ҳаллу фасл гарданд» [101, с. 50].

Сайёҳии аграрӣ намуди нави сайёҳӣ дар деҳот мебошад, ки инкишоф меёбад. Оид ба таърифи мафҳуми сайёҳии аграрӣ ақидаи ягона то ҳол вуҷуд надорад. Мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» дар адабиёт аксар вақт ҳамчун

маҷмуи таърифҳо ва равишҳои гуногуне баррасӣ мегардад, ки дар кишварҳои мухталиф шакл гирифтаанд. Дар баъзе давлатҳо истироҳат дар муҳити деҳотро бо истилоҳҳои «сайёҳии аграрӣ», «сайёҳии сабз» ё «сайёҳии деҳот» ном мебаранд, ки ҳар яке ҷузъи муайяни ин равандро таъкид мекунад.

Дар ташаккули сайёҳии аграрӣ гурӯҳҳои гуногуни манфиатдор иштирок доранд: корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, муассисаҳои сайёҳӣ ва худи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ. Дар марҳилаи аввали ташкили ин намуди сайёҳӣ нақши агентҳои сайёҳӣ махсусан калон аст - онҳо робитаҳо, каналҳои иттилоотӣ ва ҷалби сайёҳонро ба роҳ мемонанд. Вале бо мукаммалӣ ёфтани инфрасохтур ва рушди худи комплекси сайёҳии аграрӣ ниёз ба миёнаравӣ тадриҷан камтар мегардад, зеро хоҷагиҳо ва марказҳои хизматрасон нуқтаҳои мустақили ҷалби сайёҳ мешаванд.

Ҳар як гурӯҳи манфиатдор дар рушди сайёҳии аграрӣ манфиати хосаи худро мебинад ва иштирокаш дорои ҳадафҳои мушаххас мебошад:

- Корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ тавассути ҷалби сайёҳон метавонанд як қисми муҳимммми мушкилоти иқтисодию иҷтимоии худро сабуктар намоянд. Сайёҳон барои онҳо на танҳо манбаи даромади иловагӣ, балки бозори нав барои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ низ ба ҳисоб мераванд. Ин ҳама, бе зарурати хароҷоти калон, ба баланд шудани даромад ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мусоидат мекунад.
- Истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ, бахусус шахсони дорои даромади миёна, имконияти фароғати экологӣ, арзон ва дастрасро дар муҳити орому тозаи деҳот ба даст меоранд, ки ин ба саломатӣ ва истироҳати босифат мусоидат мекунад.
- Агентҳои сайёҳӣ бо пайдо шудани сайёҳии аграрӣ ба самтҳои нави тиҷоратӣ ва бозорҳои то ҳол истифода нашуда дастрасӣ пайдо мекунанд ва ин имкон медиҳад, ки онҳо доираи хизматрасониҳо ва роҳҳои рушди фаъолияти худро васеъ кунанд.

Инак ба таври муфассал ба масъалаи манфиатдор будани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ташкили фаъолияти сайёҳии аграрӣ назар меафканем. Рушди фаъолияти иловагӣ дар деҳот пеш аз ҳама аз хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ бармеояд.

Аввалан, ҳар гуна фаъолияти кишоварзие, ки мустақиман бо замин ва иқтидорҳои он пайваст аст, ба мушкили тақсимоти нобаробари қувваи корӣ дар тӯли сол дучор мешавад. Дар таҷрибаи анъанавӣ ин масъала асосан тавассути ташкили фаъолияти ёрирасони иловагӣ ҳал мегардид. Маҳз дар заминаи ҳамин ҷустуҷӯи роҳҳои парокандасозии фишори мавсимӣ, таваҷҷуҳ ба сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли муосири истироҳат ва фаъолияти иқтисодӣ дар деҳот танҳо дар солҳои охир ҷиддан афзоиш ёфт.

Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки ҳатто ташкили самараноки сайёҳии аграрӣ низ хусусияти мавсимии кори бахши кишоварзиро пурра аз байн бурда наметавонад. Аммо дар сурати истифодаи оқилонаи захираҳо ва банақшагирии дурусти стратегия, ин самт метавонад шиддати мавсимии меҳнатро коҳиш диҳад. Афзалият дар он аст, ки иқтидори сайёҳии деҳот қобилияти истифода дар тамоми фаслҳои солро дорад, ки ба устувории даромад ва диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар навбати дигар, дар деҳот захираҳои табиие мавҷуданд, ки аз ҷиҳати рекреатсионӣ барои сайёҳон арзиши баланд доранд. Ба онҳо чашмаҳои табобатӣ, кӯлу дарёҳои табиӣ, манзараҳои нотакрор ва муҳитҳои табиӣ дохил мешаванд. Ҳузури чунин захираҳо шароити мусоид фароҳам меорад, ки фаъолияти сайёҳии аграрӣ ба самти ҷолиб ва даромадовар табдил ёбад.

Сеюм, хусусияти зудвайроншавандаи бисёр маҳсулоти кишоварзӣ талаб мекунад, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ истеъмол ё фурӯхта шаванд. Дар шароити воқеии деҳот, ки аз марказҳои калон дур воқеъанд, аксар вақт қисми маҳсулот аз сабаби мушкилоти логистикӣ бефурӯш мемонад. Рушди сайёҳии аграрӣ имкон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони маҳаллӣ маҳсулоти худро бевосита ба худи сайёҳон пешниҳод кунанд, яъне бе миёнаравӣ, бе хароҷоти нақлиётӣ ва бо фоидаи бештар. Ин раванд ба

фаъолшавии иқтисоди деҳот ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии сокинон мусоидат мекунад.

Чорум, дар асари худ олими рус Морозов В.А. чунин изҳор намудааст: «...дар раванди ташкили сайёҳии аграрӣ ҳатто аз паркҳои техникаи кишоварзӣ: тракторҳо, мошинҳои махсус ва дигар таҷҳизот, ҳамчун унсури ҷолиб ва хизматрасонии иловагӣ истифода бурдан мумкин аст» [50, с. 25]. Ин на танҳо манбаи даромади иловагӣ, балки воситаи баланд бардоштани ҷозибияти сайёҳии хоҷагиҳо мебошад.

Панҷум, эҳтиёҷ ба рушди сайёҳии аграрӣ реша дар мушкилоти иҷтимоии деҳот дорад. Ба шумори омилҳои калидии таъсиргузор баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, беҳбуд ёфтани шароити зиндагӣ ва рушди муҳити фарҳангӣ, коҳиш ёфтани ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳрҳо, инчунин фароҳам омадани имкониятҳои нави шуғл барои шахсони дорои қобилияти маҳдуд ва гурӯҳҳои иҷтимоии камдаромад дохил мешаванд. Ба ибораи дигар, сайёҳии аграрӣ метавонад ба сифати воситаи эҳё ва фаъолсозии ҳаёти иҷтимоӣ дар деҳот барояд.

Шашум, бисёр хоҷагиҳои деҳот ва корхонаҳои кишоварзӣ аз камбуди сармояи озод ранҷ мекашанд. Дар чунин шароит фаъолияти сайёҳии аграрӣ ҳамчун роҳи воқеӣ барои беҳтар кардани вазъи молиявӣ амал мекунад. Олимони рус Баканова А.А. ва Панов Н.И. дар асарҳои илмии худ чунин изҳор намудаанд «…даромадҳои иловагӣ имкон медиҳанд, ки хоҷагиҳо на танҳо фаъолияти худро нигоҳ доранд, балки дар оянда ба тавсеа ва муосиркунии истеҳсол низ маблағгузорӣ намоянд» [160, с. 15, 165, с. 11].

Ба ин васила, дар марҳилаи кунунӣ фаъолияти сайёҳии аграрӣ яке аз роҳҳои раҳо намудани як қисми манотиқи деҳоти кишвар аз ҳолати буҳрон мебошад.

Таваҷҷуҳи истеъмолгарон ба сайёҳии аграрӣ на танҳо бо эҷоди ягон омили иловагии ҷаззобият, балки ба шароити зиндагӣ ва маишии маҳалли деҳот вобаста мебошад. Дар асари илмии олими рус В.А. Кварталнов дар таҳлили омилҳое, ки ба ҷаззобияти минтақаҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд,

ба нақши фарҳанги кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва ӯ чунин изҳор намудааст: «...дараҷаи рушди бахши кишоварзӣ қобилияти ҷалби таваҷҷуҳи деҳқонон ва истеҳсолкунандагони маҳаллиро дорад, ки ба арзишҳо, анъанаҳо ва фарҳанги аграрии минтақа ҳассосанд» [42, с. 311]. Ин омил метавонад минтақаҳоро барои сайёҳон низ ҷолибтар гардонад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди сайёҳии аграрӣ метавонад барои тамоми сатҳҳо, аз миллӣ то маҳаллӣ таъсири мусбати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба бор орад (расми 1.1.2).




**Расми 1.1.2. – Манфиатҳои фаъолияти сайёҳии аграрї дар маҳалли деҳот**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [41, с. 187]

Бо вуҷуди ин, дар баробари имкониятҳои фарох, як қатор маҳдудиятҳо низ мавҷуданд, ки ҷараёни ташаккул ё густариши саёҳати аграриро душвор месозанд.

Аввалан, дар сатҳҳои давлатӣ ва минтақавӣ то ҳол барномаи ягонаи стратегии рушди сайёҳии аграрӣ таҳия нашудааст.

Дуюм, вазъи инфрасохтор ва пойгоҳи моддию техникии бисёр шаҳраку деҳот ба меъёрҳои сайёҳии муосир мутобиқ нест. Дар шуморе аз минтақаҳо набудани меҳмонхонаҳои мувофиқ ё шароити қобили қабул барои иқомати сайёҳон мушоҳида мешавад. На ҳамаи хоҷагиҳои кишоварзӣ имкони таҷҳиз ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифатро доранд. Ба ин мушкил инчунин ҳолати қаноатбахш набудани роҳҳои автомобилгард ҳамроҳ мешавад, ки дастрасии сайёҳон ба объектҳои ҷолибро маҳдуд месозад ва ҷозибияти туризмро коҳиш медиҳад.

Олимони тоҷик Пирназаров Ш.М. ва Шарофов У. дар асари илмии худ чунин изҳор намудаанд: «…дар сатҳи микро ва макроиқтисодӣ сайёҳӣ ба ҷомеа, манфиати инсон дар маҷмуъ хизмат карда манбаи даромад мешавад. Яке аз омилҳои асосии таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ табдил ёфтани сайёҳӣ, рушди роҳсозӣ ва сохтмони меҳмонхонаҳоро суръат мебахшад, ба пешрафти ҳунарҳои мардумӣ ва фарҳанги миллии минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат мекунад» [134, с. 177].

Сеюм, барои қисми зиёди аҳолии деҳот тафаккури ташаккулнаёфта дар мавриди қабули меҳмонон хос аст. Сокинон, одатан, омода нестанд, ки бидуни намунаҳои муваффақи ҳамсояҳо ба ин фаъолият ворид шаванд. Илова бар ин, сатҳи огоҳии аҳолӣ нисбат ба принсипҳо ва стандартҳои хизматрасонии сайёҳӣ дар сатҳи паст қарор дошта, дар натиҷа қисми зиёди сокинон имкони пешниҳоди маҷмуи пурраи хизматрасониҳоро надошта, фаъолияти худро асосан ба фароҳам овардани ҷойи зист маҳдуд менамоянд.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Солеҳзода Нилуфари Бозор чунин изҳор намудааст: «…хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷумлаи воситаи муҳимми муаррифгари арзишҳои фарҳангии кишварҳо ба ҳисоб рафта, робитаи онҳоро дар ин самт густариш мебахшад. Аз ин лиҳоз, мамлакатҳои дунё бо тақвият додани соҳаи мазкур аз як тараф, талаботи иқтисодии худро қонеъ гардонида, аз тарафи дигар, фарҳанг ва арзишҳои миллии худро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд» [144, с. 59].

Чаҳорум, дар бисёр минтақаҳо ташкилотҳои иттилоотӣ ва машваратдиҳӣ, ки метавонистанд ба сокинони деҳот дар таҳияи лоиҳаҳо, дарки меъёрҳои соҳибкорӣ ва ташкили инфрасохтори сайёҳии аграрӣ кӯмак расонанд, амалан вуҷуд надоранд.

Муҳаққиқи тоҷик Иброгимова Р. дар асари худ чунин изҳор намудааст: «Инфрасохтори сайёҳии рушдёфта ҷузъи муҳимми ҷолибияти як макони сайёҳӣ мебошад. Ин яке аз тадбирҳое мебошад, ки барои ҷойгир кардан ва хизматрасонии сайёҳон (меҳмонхонаҳо, марказҳои сайёҳӣ, пансионатҳо, марказҳои саломатӣ) андешида мешаванд. Инчунин, ширкатҳои махсусгардонидашудаеро, ки фаъолияташон бо хизматрасонӣ ба сайёҳон алоқаманд аст, дар бар мегирад (таъмини дастгирии иттилоотию маълумотӣ ва хидматрасонӣ ба сайёҳон). Рушди захираҳои сайёҳӣ, ҷолибият ва дастрасии онҳо ба сайёҳон аз сатҳи рушд ва мавҷудияти инфрасохтори сайёҳӣ вобаста аст. Ин иқтидори сайёҳии минтақаро афзоиш медиҳад ва таъсири манфиро ба муҳити зист то ҳадди имкон кам мекунад» [95, с. 125].

Ба рушди сайёҳии аграрӣ ҳамзамон як қатор омилҳои институционалӣ ва иқтисодӣ таъсири маҳдудкунанда мерасонанд. Аз ҷумла, мавҷудияти шумораи зиёди меъёрҳои маъмурию ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳои танзимкунанда фаъолияти соҳибкориро душвор мегардонад, зеро зарурати гирифтани иҷозатномаҳои сершумор, аз ҷумла барои фаъолияти меҳмонхонадорӣ, ба монеаи ҷиддӣ барои рушди соҳибкории хурд дар маҳалҳои деҳот табдил меёбад.

Муҳаққиқи тоҷик Салимов Х.С. чунин изҳор намудааст: «…сайёҳии аграрӣ як воситаи муҳими рушди ҳудудҳои деҳоти Тоҷикистон ба шумор рафта, инчунин мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, устувории экологӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва беҳбуди сифати зиндагии мардуми маҳаллӣ мебошад» [142, с. 268].

Илова бар ин, сатҳи пасти даромади аҳолии деҳот имкониятҳои сармоягузории ибтидоиро барои оғоз намудани тиҷорати нав маҳдуд намуда, дар айни замон қобилияти талаботи пардохтпазирии

истеъмолкунандагонро коҳиш медиҳад, ки ин раванд ташаббусҳои соҳибкориро ба таври ғайримустақим бозмедорад.

Ҳамчунин, рушди нокифоя ё умуман набудани низоми таблиғот ва маркетинги самаранок боиси маҳдуд шудани дастрасии иттилоот барои гурӯҳҳои эҳтимолии сайёҳон гардида, ҷалби бозори сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ин самтро душвор менамояд.

Дар асари илмии худ олимони рус В.А. Кварталнов ва Д.С. Ушаков чунин изҳор намудаанд: «…рушди босуръати фаъолияти сайёҳӣ метавонад оқибатҳои манфӣ низ дошта бошад» [41, с. 311, 63, с. 117].

Ба назари мо, дар сурати афзоиши тези ҳаҷми сайёҳии аграрӣ дар қаламрави минтақаҳои алоҳида эҳтимоли баланд шудани сатҳи таваррум барои як қатор молу хизматрасониҳои муҳимм кам нест. Ин ба навъҳои молҳои ниёзи аввал, аз ҷумла маҳсулоти хӯрокворӣ, либос, манзил ва нақлиёт дахл дорад; одатан, нархи замин низ дар чунин шароит боло меравад.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ ҳам аз ҷониби сайёҳони хориҷӣ ва ҳам дар байни аҳолии худи кишварҳо тамоюли устувори афзоишро касб намуда, ба яке аз самтҳои дорои талаботи рӯзафзун дар бозори сайёҳӣ табдил ёфтааст. Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки сайёҳии аграрӣ ба як бахши дорои талаботи устувор ва имкониятҳои васеи рушд табдил ёфтааст.

Барои он ки ин раванд дар сатҳи зарурӣ пеш равад ва иқтидори воқеии худро пурра амалӣ намояд, ҷалби дастгирии мунтазам ва ҳадафманди мақомоти давлатӣ: ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам маҳаллӣ, аҳамияти калидӣ дорад.

Дар марҳилаи аввал бояд:

– маҳалҳое, ки дорои потенсиали зарурии фонди манзил барои рушди ояндаи сайёҳии аграрӣ мебошанд, муайян карда шаванд;

– сиёсати нархгузорӣ таҳия гардад;

– шартномаҳои дахлдори ҳамкорӣ баста шаванд;

– реклама дар ВАО-и чопӣ ва электронӣ ҷой дода шавад;

– сомонаи интернетии хизматрасониҳои сайёҳии деҳот ташаккул дода шавад.

Бо вуҷуди ин, имкони рушди сайёҳии аграрӣ аз ҷониби худи ҷомеаҳои маҳаллӣ низ вуҷуд дорад. Барои ин, иттиҳоди сокинони ташаббускор, инчунин дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ ва интернет аҳамияти калидӣ доранд.

Сайёҳии аграрӣ яке аз шаклҳои сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳот ба ҳисоб рафта, дар асоси робитаи зич бо фаъолияти кишоварзӣ ташаккул меёбад. Моҳияти ин намуди сайёҳат ҷудонашаванда аз истеҳсолоти кишоварзӣ буда, пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароит барои шиносоии сайёҳон бо тарзи зиндагии аҳолии деҳот, равандҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии сайёҳии аграрӣ ин қонеъ кардани ниёзҳои инсон ба истироҳати солим ва тақвияти неруи ҷисмонӣву рӯҳист. Дар чунин шакли сайёҳат меҳмонон дар муҳити деҳот барои муддате иқомат намуда, тарзи зиндагӣ ва рӯзгори сокинони маҳалро аз наздик таҷриба мекунанд, дар равандҳои суннатии хоҷагидорӣ ва корҳои маъмулии истеҳсолӣ иштирок менамоянд, аз ҷумла кишоварзӣ шинос гардида ё дар онҳо иштироки амалӣ менамоянд. Ғизои онҳо асосан аз маҳсулоти тару тозаи истеҳсоли маҳаллӣ иборат буда, ҳамзамон имконияти ошноӣ бо ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанги маҳаллӣ ва урфу одатҳои деҳот низ фароҳам меояд.

Асосҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз намудҳои истироҳат дар маҳалли деҳот як низоми бисёрсатҳаи омилҳои иҷтимоию иқтисодие мебошанд, ки аз як тараф, ба рушди худи сайёҳии аграрӣ, аз тарафи дигар, ба некуаҳволии минтақа таъсир мерасонанд.

## 1.2. Омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ таъсир мерасонанд

Дар ҳоли ҳозир сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли хоси сайёҳии табиӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи туризм мебошад. Сайёҳии аграрӣ яке аз самтҳои дорои иқтидори бузург барои рушди иқтисодии минтақаҳои деҳот ба шумор меравад. Дуруст ба роҳ мондани он метавонад ба раванди эҳё ва фаъолшавии иқтисодиёти ноҳияҳои камтар рушдёфтаи кишвар таъсири ҷиддан мусбат расонад.

Ин намуди сайёҳӣ дорои таъсири мултипликаторӣ мебошад: рушди ин самт на танҳо ба истифодаи самараноки имкониятҳои маҳдуди табиӣ ва истеҳсолии маҳалҳои деҳот мусоидат менамояд, балки ҳамзамон раванди фаъолшавии хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро таҳрик дода, нақши онҳоро дар таъмини даромад ва шуғли аҳолӣ тақвият мебахшад. Бо афзоиши шумори сайёҳон талабот ба маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ, хӯроки экологӣ ва дигар намуди маҳсулоти маҳаллӣ зиёд мешавад, ки ин ба баланд шудани даромади сокинони деҳот ва ташаккули бозорҳои иловагӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, рушди сайёҳии аграрӣ ба зебоиву ободонии деҳот, такмили инфрасохтори маҳаллӣ, густариши ҳунарҳои мардумӣ ва ҳифзи тарзи зиндагии суннатии деҳотӣ низ мусоидат менамояд. Дар маҷмӯъ, ин раванд метавонад ба ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии деҳот нақши назаррас бозад. Дар ниҳоят, рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба баланд гардидани рақобатпазирии минтақаҳо ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат карда, ба сифати яке аз омилҳои муҳимми пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар баромад мекунад.

Дар асари худ олими тоҷик Кучкоров И.И. чунин изҳор намудааст: «...омилҳои рақобатпазирӣ дар худ бартарии рақобати миллии кишварро дар савдои байналхалқии хадамоти сайёҳӣ инъикос карда, хусусияти сайёҳии миллӣ, такрорнопазирӣ ва бартарияти онро дар байни рақибони потенсиалӣ мушаххас мегардонад» [109, с. 150].

Имрӯз тавaҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сайёҳии аграрӣ босуръат меафзояд, гарчанде то солҳои 1990-ум ин самт ҳанӯз дар ҷаҳони сайёҳӣ он қадар мақоми устувор надошт. Тағйироти воқеан ҷиддӣ танҳо дар оғози солҳои 2000 ба назар расид: маҳз дар ин давра сайёҳии аграрӣ дар кишварҳои зиёд, аз он ҷумла Италия, Испания, Фаронса, Юнон, Ирландия ва дигар давлатҳои аврупоӣ ба як фаъолияти маъмул табдил ёфт.

Дар асари худ олими рус Фролова О.А. чунин изҳор намудааст: «...ҳар яке аз ин кишварҳо модели хоси рушди сайёҳии аграриро ташаккул додаанд. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки ин намуди сайёҳӣ танҳо дар он минтақаҳо рушд карда метавонад, ки муҳити зист аз фаъолиятҳои саноатии ифлоскунанда эмин бошад. Дар чунин минтақаҳо сафари сайёҳон ба деҳаҳо ва маҳалҳои деҳот аз рӯи маъруфият баъди истироҳат дар соҳили баҳр ҷойи дуюмро ишғол мекунад» [64, с. 95].

Бо вуҷуди ин афзалиятҳо, рушди сайёҳии аграрӣ дар бисёр кишварҳо тадриҷӣ ва номунтазам сурат мегирад, зеро ба он як қатор омилҳои боздоранда таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, барои таъмин намудани арзёбии воқеӣ ва ҳамаҷонибаи иқтидори минтақаҳои деҳот, зарурати таҳлили муназзами ҳам омилҳои ҳавасмандкунандаи рушд ва ҳам омилҳои маҳдудкунандаи ин раванд ба миён меояд.

Дар таҳлилҳои илмӣ омилҳои таъсиргузор ба рушди сайёҳии аграрӣ ба ду гурӯҳ вобаста карда мешаванд. Омилҳои гурӯҳи аввал онҳое мебошанд, ки дар тӯли вақт қариб бетағйир мемонанд: захираҳои табиӣ, хусусиятҳои иқлимӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва анъанаҳо. Гурӯҳи дуюм бошад, омилҳоеанд, ки зери таъсири шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тағйир меёбанд: иқтидори кадрӣ, вазъи демографӣ, муҳити институтсионалӣ, сатҳи инкишофи иқтисодӣ, инфрасохтори моддию техникӣ ва технологӣ.

Дар баъзе ҳолатҳо баъзе омилҳои гурӯҳи якум низ метавонанд бо мурури замон хусусияти дигар ҷиҳатӣ касб намоянд. Масалан, иқтидори рекреатсионӣ ва арзиши захираҳои табиии муайян метавонад дар натиҷаи истифодаи нодуруст ё тағйироти экологӣ коҳиш ёбад.

Бо такя ба ин асосҳои методологӣ, низоми умумии омилҳои таъсиррасон ба рушди сайёҳии аграрӣ муайян карда мешавад (ҷадвали 1.2.1).

Ҳар гурӯҳи омилҳо дар як муҳити алоҳида таҳлил карда мешаванд, то ки дараҷаи таъсиргузории онҳо ба равандҳои ташаккул ва инкишофи сайёҳии аграрӣ бо дақиқияти зарурии илмӣ муайян гардад.

**Ҷадвали 1.2.1. - Омилҳои мусоидаткунанда ва боздорандаи сайёҳии аграрӣ**

| Омилҳо | Омилҳои мусоидаткунанда | Омилҳои боздоранда |
|---|---|---|
| Табиию иқлимӣ | 1. Захираҳои бойи табиию рекреатсионӣ.<br>2. Сатҳи нисбатан баланди аҳволи муҳити зист дар маҳалли деҳот. | 1. Нобаробарии азхуднамоии минтақаҳои деҳот.<br>2. Дур будани минтақаҳои деҳот аз маҳалҳои калони аҳолинишин.<br>3. Гуногунии шароити табиию иқлим дар минтақаҳои алоҳида. |
| Фарҳангию таърихӣ | 1. Ёдгориҳои фарҳангӣ ва таърихӣ.<br>2. Сатҳи баланди рушди намудҳои анъанавии фаъолияти хоҷагидорӣ, ки имкони диверсификатсияи фаъолият дар соҳаи сайёҳии аграриро муҳайё мекунанд.<br>3. Иқтидори сайёҳии аграрӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии деҳот. | 1. Тафаккури камҳаракати сокинони деҳот.<br>2. Идроки кам ва нобоварии сокинони деҳот ба намудҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ дар деҳот.<br>3. Қисмати мустаҳкамшудаи минтақаҳои деҳот ҳамчун муҳити ноҷаззоби сукунат. |
| Иҷтимоӣ-демографӣ | 1. «Захираи меҳнатии барзиёд» доштани бозори меҳнати кишоварзӣ, ки ангеза барои рушди шаклҳои дигари шуғл дар маҳалҳои деҳот мебошад. | 1. Муҳоҷират ва ихроҷи аҳолии деҳот ба шаҳрҳои калон.<br>2. Набудани кадрҳои баландихтисос, хусусан ҳайати идоракунӣ, ки дар таназзули бозори меҳнати кишоварзӣ зоҳир мегардад.<br>3. Сатҳи пасти музди кор дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соҳаҳои дигари хоҷагии халқ. |
| Ниҳодию иқтисодӣ | 1. Мавҷудияти консепсияҳо, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди сайёҳӣ.<br>2. Кӯшишҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташаккули шабакаҳои хурд ва лоиҳаҳо дар соҳаи сайёҳии аграрӣ дар сатҳи маҳаллӣ. | 1. Коркард нашудани мақоми ҳуқуқии мафҳуми сайёҳии аграрӣ.<br>2. Қонунгузории кухнашуда, дар он набудани меъёрҳои танзимкунандаи рушди сайёҳӣ.<br>3. Пурра истифода нашудани вазифаи идоракунии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки сиёсати онҳоро дар самти сайёҳӣ муайян мекунад.<br>4. Коркард нашудани масъалаҳои таъмини молиявии сайёҳии аграрӣ.<br>5. Парокандагии талошҳо барои рушди сайёҳии дохилӣ, набудани таваҷҷуҳ ба татбиқи механизмҳои ҳамкории иқтисодӣ ва идоракунӣ. |

Идомаи ҷадвали 1.2.1

| | | |
|---|---|---|
| Моддию техникӣ | 1. Дар ихтиёри қисми зиёди аҳолии деҳот будани биноҳои холӣ ва нисбатан холӣ барои ҷойгир намудани сайёҳон. | 1. Куҳнаву фарсуда будани воситаҳои ҷойгирсозии сайёҳон дар деҳот.<br>2. Вазъи ғайриқаноатбахши инфрасохтори иҷтимоӣ, муҳандисӣ, нақлиётии деҳот. |
| Ташкилию идорӣ | 1. Нисбатан арзон будани нархи хизматрасонии сайёҳии аграрӣ, ки онро барои шаҳрвандон ҷаззоб мегардонад.<br>2. Таваҷҷуҳи афзоянда нисбати ташкили меҳмонсароҳо дар маҳалли деҳот.<br>3. Самти бисёрсоҳаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ёрирасони шахсӣ. | 1. Сатҳу сифати пасти хизматрасонӣ дар сайёҳии аграрӣ.<br>2. Сатҳи пасти огаҳии аҳолӣ аз хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ.<br>3. Сиёсати бесамари таблиғи сайёҳии аграрӣ.<br>4. Набудани хоҳиши ҳамкории соҳибони меҳмонсароҳо бо агентиҳои калони сайёҳӣ. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [150, с. 101 - 102].

Омилҳои табиӣ ва иқлимӣ. Аксарияти корбарони эҳтимолии хизматрасониҳои агротуристӣ ба гурӯҳе мансубанд, ки ҳаёти онҳо асосан дар шароити фазои маҳдуди шаҳрӣ, муҳити пуршиддати технологиявӣ ва дар зери фишори ритми босуръати зиндагии муосир ҷараён мегирад. Гарчанде ин гурӯҳ аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол ва дорои сатҳи баланди огоҳист, муҳити урбанистӣ дар айни замон ҳамчун манбаи фишорҳои иҷтимоӣ-экологӣ ва омилҳои хастагии ҷисмонӣ ва равонӣ амал мекунад. Дар натиҷа эҳтиёҷ ба тағйири муҳити зиндагӣ, барқарор намудани тавозуни равонӣ ва ҷисмонӣ, инчунин баррасии имкониятҳои истироҳати ором дар муҳити табиӣ бештар эҳсос мегардад.

Тарзи зиндагӣ, арзишҳо ва интизориҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ маҷмуи муайяни талаботҳои экологӣ ва фазоӣ ба вуҷуд меорад. Барои ин гурӯҳ, интихоби ҷойи истироҳат на танҳо ба омилҳои эстетикӣ, балки ба як қатор нишондиҳандаҳои муҳимми дигар низ вобаста мебошад. Аз ҷумла, сатҳи тозагии экологӣ, наздикии муҳити табиӣ, дурӣ аз серодамӣ ва омилҳои оммавияти иҷтимоӣ, инчунин мавҷудияти фазои орому камодам аз меъёрҳои асосии қабули қарор ба ҳисоб мераванд.

Дар чунин шароит, тамоюли афзоянда ба инфиродигардонии истироҳат, интихоби шаклҳои оилавӣ ё гурӯҳҳои хурд ва дурӣ аз ҷойҳои серодам ҳамчун яке аз самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои рекреатсионии аграрӣ зуҳур мекунад. Оид ба ин раванд олими тоҷик Партобов А.Ш. дар асари илмии худ чунин изҳор намудааст: «…талаботи бозори муосир ба туризми аграрӣ бештар ба хусусиятҳои оромӣ, тозагии экологӣ ва хусусигардонии таҷрибаи истироҳат такя мекунад» [132, с. 129].

Яке аз сабабҳои муҳими маҳбубияти оммавии сайёҳии аграрӣ майли сокинони шаҳр ба шароити осудаи дур аз тараддуди шаҳрӣ ва дар муҳити дорои шароити мусоидтари табиию иқлимӣ ва экосайёҳӣ мебошад.

Дар асари худ олими тоҷик Бегов А.О. чунин изҳор намудааст: «...экосайёҳӣ - сайёҳии табиӣ мебошад, ки омӯзиши муҳити табииро дар бар мегирад ва барои беҳтар кардани муҳити зист хизмат мекунад.

Сайёҳии экологӣ дар маркази экосайёҳӣ қарор дорад. Дар madди аввал ташкили сафар бо шумораи маҳдуди иштирокчиён ба минтақаҳои табиӣ, бо ташрифҳои эҳтимолӣ ба ҷойҳои мавриди таваҷҷуҳи фарҳангӣ, бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои мухталифи ҳифзи табиат ва экосайёҳӣ мебошад, ки сайёҳии экологӣ сафари масъулиятнок ба минтақаҳои табиӣ, минтақаҳое мебошад, ки муҳити атрофро ҳифз мекунанд ва некуаҳволиро нигоҳ медоранд» [74, с. 156].

Дар асари худ олимони рус Неходa Е. В., Турлов А В. ва Загайнов А. А. Изҳор намудаанд: «...шароити ҷудогонаи носолими табиӣ ва иқлимӣ барои қисми зиёди аҳолии шаҳрӣ на ҳамчун омилҳои боздорандаи ҷиддӣ, балки ҳамчун падидаҳои қобили қабул арзёбӣ мегарданд ва наметавонанд сабаби асосии худдорӣ аз истифодаи хизматрасониҳои туризми аграрӣ ба ҳисоб раванд» [126, с. 48]. Бо вуҷуди ин, яке аз омилҳои боздорандаи нисбатан таъсиргузор дурии ҷуғрофии минтақаҳои деҳот аз марказҳои калони аҳолинишин мебошад. Аксари чунин ҳудудҳо бо инфрасохтори муосири истироҳатию фароғатӣ таъмин набуда, низоми расонидани кумаки тиббии фаврӣ низ дар онҳо дар сатҳи кофӣ мавҷуд нест. Ғайр аз ин, вобастагии туризми аграрӣ аз омилҳои муҳити мавсимӣ боис мегардад, ки шаклҳои истироҳати зимистона барои бахши калони аҳолии шаҳрӣ камҷаззоб арзёбӣ шаванд.

Ҳадафи стратегии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки ба таври ҳамзамон рушди устувори экологӣ ва иҷтимоии кишвар таъмин гардида, комплекси сайёҳӣ ба сохтори самаранок, рақобатпазир ва дорои қобилияти баланди истеҳсолӣ мубаддал шавад.

Дар асари худ муҳаққиқони тоҷик Ганҷина С.С. ва Холова Б. чунин изҳор намудаанд: «...ин раванд, берун аз таъсири мустақими молиявӣ, ҳамчун омили муҳиммми иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ баромад намуда, аз як тараф, ба пурра гардидани манбаъҳои даромади буҷет мусоидат мекунад ва, аз ҷониби дигар, тавассути фароҳам овардани ҷойҳои нави шуғл, ба

беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад» [86, с. 93 - 94].

Омилҳои фарҳангию таърихӣ. Инкишофи агротуризм барои ташаккули симои иҷтимоӣ-фарҳангии муназзами деҳот заминаи мусоид эҷод намуда, дар коҳиш додани тафовутҳои иҷтимоиву иқтисодии байни муҳитҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ нақши назаррасси интегратсионӣ мебозад.

Барои аҳолии шаҳрӣ сайёҳии аграрӣ пеш аз ҳама бо он ҷолиб аст, ки ба онҳо имконият медиҳад аз доираи маъмулӣ берун баромада, дар равандҳои суннатии хоҷагидории деҳот иштирок намоянд ва ҳамзамон бо унсурҳои мероси фарҳангӣ ва таърихи маҳал аз наздик шинос шаванд. Бо назардошти чунин имконот, иқтидори иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди туризми аграрӣ ба таври назаррас фарох буда, дар татбиқи стратегияҳои рушди устувори деҳот нақши муҳимм анҷом дода метавонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 баён намуданд, ки «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Кишвари мо дорои имкониятҳои васеъ аз ҷиҳати минтақаҳои сайёҳӣ буда, истифодаи самараноки он боиси болоравии сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ хоҳад шуд» [14].

Бо ҳамин асос, барои фароҳам овардани заминаҳои мусоиди рушди иҷтимоию иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот ва инчунин таъмин намудани фаъолияти самараноки истеҳсолоти агросаноатӣ дар ҳудудҳои деҳотии ҷумҳурӣ, маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Ин санадҳо механизмҳои рушди соҳаи сайёҳиро дар доираи сиёсати умумии иҷтимоию иқтисодии давлат муайян ва танзим намуда, самтҳои афзалиятнок, шаклҳо ва усулҳои дастгирии институти сайёҳиро муқаррар месозанд (ҷадвали 1.2.2).

**Ҷадвали 1.2.2 - Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Соли тавсиб | Мақоми тасвиби санад ва рақами он | Номгӯй |
|---|---|---|
| 02.04.2009 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №202 | Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 |
| 02.04.2009 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №191 | Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» |
| 02.04.2009 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №200 | Дар бораи тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Украина оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 19.05.2009 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №530 | Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» |
| 28.07.2009 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №422 | Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 03.03.2011 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №132 | Дар бораи Барномаи мукаммали рушди ноҳияи Балҷувон ҳамчун минтақаи туризми байналмилалӣ барои солҳои 2002-2012 |
| 30.12.2011 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №655 | Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Полша оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ |
| 10.07.2013 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №311 | Дар бораи тасдиқи Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Полша |
| 03.08.2013 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №333 | Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 03.08.2013 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №326 | Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» |
| 05.12.2013 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №563 | Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 28.12.2013 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1058 | Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» |
| 03.05.2014 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №301 | Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 27.05.2014 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №329 | Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Баҳрайн оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |

Идомаи ҷадвали 1.2.2

| | | |
|---|---|---|
| 07.06.2014 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №398 | Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 21.06.2014 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №419 | Дар хусуси лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Малайзия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 01.12.2014 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №738 | Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 |
| 07.04.2015 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №210 | Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 07.04.2015 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №209 | Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 02.05.2015 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №290 | Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм |
| 05.09.2015 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №564 | Дар бораи таъсиси Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи туризм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 18.07.2017 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1450 | Дар бораи сайёҳии дохилӣ |
| 07.08.2018 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1717 | Дар бораи сайёҳӣ |
| 01.08.2018 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №372 | Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |

**Сарчашма**: Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Бо мақсади такмил ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ дар ин давра аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ таҳия ва ба тасвиб расонида шуданд, ки асосҳои институтсионалӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаро муайян намуданд.

Аз ҷумла, метавон ба «Консепсияи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019» ва «Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2014» ишора намуд. Қабули ин ҳуҷҷатҳо марҳилаи навро дар ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ оғоз бахшид. Яке аз хусусиятҳои муҳимм ва фарққунандаи ин марҳила баргузории раъйпурсии умумихалқӣ 22 майи соли 2016 доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи он, дар сатҳи конститутсионӣ низ ислоҳоти марбут ба соҳаи сайёҳӣ амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, дар қисми якуми моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «туризм» бо истилоҳи «сайёҳӣ» иваз гардид. Ин тағйирот аҳамияти муҳимммӣ ҳуқуқӣ дошта, замина фароҳам овард, ки минбаъд дар ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда дар соҳаи мазкур, бо риояи муқаррароти моддаи 38 Конститутсияи кишвар, танҳо истилоҳи «сайёҳӣ» истифода шавад. Ҳамин тариқ, ягонагии истилоҳотӣ дар танзими ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ таъмин гардида, асосҳои ҳуқуқии рушди минбаъдаи он мустаҳкам карда шуданд.

Дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавии қаблан қабулгардида, «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд, ки ҳадафҳои дарозмуддати рушди соҳаи сайёҳиро муайян менамояд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор стратегияҳо, консепсияҳо, қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул ва татбиқ гардиданд, ки ба рушди низоми сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии аграрӣ, заминаи мусоиди институтсионалӣ ва иқтисодӣ фароҳам оварданд. Ба ин санадҳои меъёриву барномавӣ маҷмуи васеи ҳуҷҷатҳое дохил мегарданд, ки заминаи

ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва стратегии рушди соҳаи сайёҳиро ташаккул додаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», барномаҳои давлатии рушди сайёҳӣ барои солҳои 2004–2009, 2010–2014, 2015–2017 ва 2018–2020, Консепсияи миллии рушди сайёҳӣ барои солҳои 2009–2019, инчунин Консепсияи идоракунии рушди маҳал барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки самтҳои дарозмуддати сиёсати давлатӣ дар ин соҳаро муайян менамоянд, ба шумор меравнд.

Маҷмуи ин санадҳо ҳамчун пояи ҳуқуқӣ ва стратегӣ хизмат намуда, барои ташаккул ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ шароити мусоид фароҳам месозанд, зеро онҳо ба ҳамгироии соҳаҳои кишоварзӣ, инфрасохтор, шуғли аҳолӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ равона гардидаанд.

Мутобиқи «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», як қатор самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ муайян гардидаанд. Аз ҷумла, оид ба ин самтҳо олими рус Квартальнов В.А. дар асари худ чунин изҳор намудааст: «...ба ташаккули заминаҳои институтсионалии рушди соҳа, рушди инфрасохтори муосиру рақобатпазир, инчунин таҳкими иктидори умумии сайёҳии кишвар ва бунёди низоми самараноки таблиғ ва муаррифии он равона шудаанд» [41, с. 311].

Дар асари худ олими тоҷик Машокиров Ҷ.Н. чунин изҳор намудааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ афзалиятноки миллӣ эълон шуда, аз таҳлилҳо бармеоянд, ки дар ин самт чорабиниҳои зиёде, аз ҷумла тақвият бахшидани инфрасохтори сайёҳӣ ҷиҳати ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ, ба роҳ мондани сайёҳии истироҳативу табобатӣ, татбиқи барномаҳои сармоягузории давлатӣ ва инчунин ҷалби сармоягузориҳо аз тариқи грантҳо, тақвият бахшидани фаъолияти сайёҳӣ барои дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мавқеъ пайдо кардан ва ба ин восита муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, омода кардани мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ,

ҳадафмандона зиёд кардани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва ба ин восита зиёд кардани ҷойҳои нави кориву баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ амалӣ мешаванд» [116, с. 201].

Дар баробари ин, таваҷҷуҳи махсус ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ тавассути беҳтарсозии сифати хизматрасонӣ, ташаккул ва пешбурди бренди миллии минтақаҳои сайёҳӣ, густариши фаъолияти маркетингӣ ва ҳимояи онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ зоҳир мегардад.

Истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиӣ, рекреатсионӣ ва мероси таърихию фарҳангӣ, таҳкими иқтидори инсонӣ, рушди низоми таъминоти кадрӣ ва фароҳам овардани шуғли пурмаҳсул дар соҳаи сайёҳӣ низ ҳамчун унсурҳои калидии стратегия муайян шудаанд.

Ҳамзамон, мутобиқсозии соҳа ба стандартҳои байналмилалӣ, таъмини сатҳи зарурии бехатарии сайёҳон, инчунин ташкил ва рушди кластерҳои сайёҳӣ, ҷорӣ намудани инноватсия ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ.

Дар асари илмии худ олимони тоҷик Шодиев Дж.Р., Махкамов Б.Б. ва Талбакова М.А. чунин иброз намудаанд: «Шакли аз ҳама самарабахш ин кластери сайёҳӣ мебошад, ки тамоми маҷмуи соҳаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ мутамарказ ва ба ҳам зич алоқамандро дар бар мегирад, ки ба инфрасохтори сайёҳӣ алоқаманданд. Дар асоси меъёрҳои гуногун ва равиши тасниф ва усули таҳлили кластерӣ, омӯзиши муосири сайёҳӣ ба якчанд гурӯҳҳо муттаҳид карда мешавад: 1. дидани объекти мушаххас бидуни машғул шудан бо фаъолияти меҳнатии музднок барои қонеъ гардонидани манфиати марбут ба ҳаракат дар фазо ва вақт; 2. шакли ташаккули шахсият дар қонеъ гардонидани талабот ба сармояи инсонӣ; 3. шакли ташкили фароғат, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст; 4. соҳаи хоҷагии халқ, ки ба меҳмонони муваққатӣ хизмат мерасонад; 5. сегменти бозор, ки дар он фаъолияти корхонаҳои хизматрасонӣ ба ҳам наздик мешавад» [159, с. 32 – 33].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги сайёҳии рекреатсионӣ мебошад. Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо консентратсияи баланди захираҳои табиӣ ва рекреатсионӣ, инчунин мавҷудияти объектҳои нодир ва арзишманди мероси таърихию фарҳангии дорои аҳамияти байналмилалӣ фарқ мекунад, ки дар маҷмӯъ пояи устувори рушди соҳаи сайёҳиро ташаккул медиҳанд. Баргузории мунтазами чорабиниҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар самтҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва варзишӣ нақши муҳиммро дар тақвияти имиҷи сайёҳии кишвар бозида, ҷолибияти онро дар бозорҳои сайёҳии хориҷӣ афзоиш медиҳад.

Мавҷудияти шабакаи густардаи объектҳо ва маҷмааҳои сайёҳӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ имконият фароҳам меорад, ки ҷараёнҳои сайёҳии хориҷӣ ба таври устувор ҷалб гардида, захираҳои мавҷуда ба гардиши иқтисодӣ ворид карда шаванд. Гуногунрангӣ, фарогирӣ ва мутобиқшавии иқтидори сайёҳию рекреатсионии кишвар имкон медиҳад, ки тамоми самтҳои асосии сайёҳӣ - аз фарҳангию маърифатӣ ва соҳибкорӣ то фаъол, солимгардонӣ, экологӣ ва сайёҳии аграрӣ - ба таври ҳамгиро ва устувор рушд ёбанд.

Мушоҳидаҳои чандинсолаи олимон ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ исбот намудааст, ки инкишофи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар ҳудуди ин ё он минтақа на танҳо аз мусоидии омилҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ, демографӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ҷалб намудани захираҳои рекреатсионӣ дар гардиши хоҷагӣ пеш аз ҳама дар ташкил ва инкишофи индустрияи рекреатсия, метавонад яке аз самтҳои муҳими ҳал намудани масъалаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоии инкишоф гардад. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди соҳаи рекреатсия, инчунин сохтмон ва ба истифода додани иншооти санаторию курортӣ, дорои аҳамияти муҳимммм сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошанд. Дар шароити муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккул ва густариши инфрасохтори рекреатсионӣ на танҳо омили муҳимми баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад, балки ҳамзамон ҳамчун яке аз василаҳои калидии диверсификатсияи сохтори иқтисоди

миллӣ хизмат мекунад. Дар асар худ олими тоҷик Ибодов Ш.М. чунин изҳор намудааст: «...бо дарназардошти ин омилҳо, интизор меравад, ки дар солҳои наздик соҳаи рекреатсия ба як бахши даромаднок ва дорои манфиатҳои устувори иқтисодию иҷтимоӣ табдил ёбад» [94, с. 93].

Ба ғайр аз ин ва бо сабаби он, ки сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз шаклҳои алтернативии шуғл дар муҳити деҳот баромад мекунад, он имконият фароҳам меорад, ки як қатор мушкилоти шадиди иҷтимоӣ тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ тадриҷан ҳал карда шаванд. Дар асари худ олими рус Волков С.К. чунин изҳор намудаат: «...ин раванд, дар навбати худ, ба коҳиш ёфтани хавфҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла паст гардидани тамоюлҳои ҷиноятkорӣ дар маҳалҳои деҳот мусоидат менамояд» [84, с. 31].

Бо вуҷуди ин, рушди сайёҳии деҳот ба таъсири як қатор омилҳои маҳдудкунанда рӯ ба рӯ мегардад. Пеш аз ҳама, сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии сокинони деҳот, инчунин нобоварии онҳо нисбат ба намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ бояд ба таври ҷиддӣ ба назар гирифта шавад. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди аҳолии деҳот омодагии равонӣ ва иҷтимоӣ барои қабули сайёҳон дар манзилҳои шахсии худ надоранд, хусусан дар ҳолатҳое, ки чунин таҷриба дар муҳити ҳамдеҳагон ҳанӯз васеъ паҳн нашудааст. Илова бар ин, олими рус Лаврухина Е. А. дар асари худ чунин изҳор намудааст: «...таъсири омилҳои беруна ва дохилии манфӣ, аз ҷумла номукаммалии инфрасохтори иҷтимоӣ ва сатҳи пасти некуаҳволии аҳолӣ, метавонад ҷараёни рушди сайёҳии деҳот ва ҷалби сайёҳонро ба таври назаррас маҳдуд созад» [110, с. 267].

Дар асари худ муҳаққиқони тоҷик Ганҷина С.С. ва Холова Б. чунин изҳор намудаанд: «...дар рушди соҳаи сайёҳӣ як қатор омилҳои объективие мавҷуданд, ки ба беҳтаршавии он монеъа мешаванд. Масалан, менеҷменти заиф дар худи индустрияи сайёҳӣ ва соҳаҳои ба он омехта, инчунин иншоотҳои инфрасохтори сайёҳӣ, корҳои рекламавӣ ва ғайра» [86, с. 92].

Мафҳуми «индустрияи сайёҳӣ» бори нахуст соли 1971 дар доираи конфронси Созмони Милали Муттаҳид муаррифӣ гардид. Дар асоси ин

равиш, индустрияи сайёҳӣ ҳамчун маҷмуи фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ маънидод мешавад, ки ба тавлид ва пешниҳоди молу хизматрасониҳо барои сайёҳон равона гардидаанд. Ин соҳа тамоми унсурҳоеро дар бар мегирад, ки раванди сафар, иқомат, истироҳат ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти гуногуни сайёҳонро таъмин менамоянд.

Омилҳои кадрӣ ва иҷтимоиву демографӣ. Таҳлили вазъи кунунӣ нишон медиҳад, ки бозори меҳнати маҳалҳои деҳот, сарфи назар аз мавҷудияти захираҳои назарраси қувваи корӣ, то ҳол бо норасоии мутахассисони дорои тахассуси касбии зарурӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин ҳолат пеш аз ҳама бо маҳдуд будани дастрасӣ ба таҳсилоти касбӣ, сатҳи пасти омодагии кадрӣ ва муҳоҷирати қишри фаъоли аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ба шаҳрҳо ва хориҷи кишвар алоқаманд аст. Норасоии кадрҳои соҳибтахассус, дар навбати худ, ба суръат ва сифати рушди соҳаҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла индустрияи сайёҳӣ дар муҳити деҳот, таъсири маҳдудкунанда мерасонад. Бо вуҷуди он ки сатҳи миёнаи бекорӣ дар маҳалҳои деҳот тақрибан 2,1 фоизро ташкил намуда, аз сатҳи нисбатан пасти ҷалби неруи меҳнат шаҳодат медиҳад, норасоии мутахассисони дорои тахассуси зарурӣ метавонад ҳамчун омили маҳдудкунанда ба рушди самтҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла сайёҳии деҳотӣ, таъсири ҷиддӣ расонад.

Дар асари илмии худ олимони рус Нехода Е. В., Турлов А В. ва Загайнов А. А. чунин изҳор намудаанд: «…дар бисёре аз хоҷагиҳои калон кадрҳои зиёдатӣ, аз ҷумла кормандони соҳиби тахассуси паст ё бидуни он кор мекунанд. Ин якчанд сабаб дорад: рушд накардани бозори меҳнат, норасоии ҷойҳои корӣ; истеҳсолоти аграрӣ ва шуғли кишоварзӣ манбаи асосии даромади хоҷагиҳои оилавӣ боқӣ мемонанд ва ҳама гуна сабукдӯшшавӣ аз кор ба вазъи моддии оилаҳо ва аҳволи иҷтимоӣ дар деҳот таъсир мерасонад» [126, с. 47].

Ба ғайр аз ин, ихроҷи кадрҳои соҳиби тахассус бо мақсади ҷустуҷӯи шароити беҳтари кор мушкилоти ҷиддиро пеш меорад. Ин бо омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

1. сатҳи пасти музди кори аҳолие, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд;

2. набудани бовари ба ояндаи нек дар деҳот.

Ҳамзамон қувваи кории барзиёди меҳнат дар деҳот ва сатҳи пасти музди кор дар корхонаҳои кишоварзӣ ангеза ва заминаи мусоид барои инкишоф додани шаклҳои алтернативии шуғл, аз он ҷумла ин ба сайёҳии аграрӣ таалуқ дорад.

Рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз самтҳои самарабахши фаъолияти иқтисодӣ дар муҳити деҳот, имконият фароҳам меорад, ки сатҳи бекорӣ коҳиш дода шуда, замина барои гуногунсозии манбаъҳои даромади аҳолии деҳот муҳайё гардад. Дар натиҷа, сатҳи зиндагии сокинони деҳот тадриҷан баланд шуда, ҳифз ва ободонии маҳалҳои аҳолинишини деҳот таъмин мегардад. Илова ба ин, афзоиши даромадҳои манотиқи деҳот як навъ ангезае барои воридшавии кадрҳои соҳиби ихтисоси баландтар мегардад.

Омилҳои ниҳодию иқтисодӣ. Набудани консепсияи аниқи рушди сайёҳии аграрӣ низ яке аз омилҳои боздорандаи рушди ин соҳа дар сатҳи кишвар мебошад.

Илова бар ин, дар шароити кунунӣ сиёсати возеҳ, пайгир ва ҳамоҳангшудаи давлатӣ дар самти рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли алтернативии шуғли аҳолии деҳот то ҳол ташаккул наёфтааст. Таъмини рушди самараноки ин навъи фаъолият татбиқи равиши мукаммалу комплексиро талаб менамояд, ки дар доираи он ҳамкории ҳамоҳанг ва мутақобилаи сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда шавад. Маҳз чунин ҳамгироӣ имконият фароҳам меорад, ки маҷмуи воситаҳо, механизмҳо ва усулҳои таъсиррасонии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба таври низомнок истифода гардида, рушди устувори сайёҳии аграрӣ таъмин карда шавад ва ҳамзамон талаботи бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ қонеъ гарданд.

Яке аз мушкилоти калидӣ дар рушди сайёҳии аграрӣ маҳдуд будани дастгирии молиявӣ, аз ҷумла набудани грантҳо ва дигар шаклҳои кӯмаки ҳадафнок барои субъектҳои соҳибкории хурд ба ҳисоб меравад, ки дар соҳаи ташкили сайёҳии аграрӣ фаъолият менамоянд. Бо вуҷуди он ки дар сатҳи давлатӣ як қатор барномаҳои мақсадноки субсидиядиҳӣ ба соҳибкории деҳот таҳия ва қабул шудаанд, дар аксари маҳалҳо самаранокии амалии онҳо паст арзёбӣ мегардад. Дар бисёр ҳолатҳо ҳаҷми субсидияҳои ҷудошуда барои ташаккули фаъолияти мукаммал ва рақобатпазири сайёҳии аграрӣ кофӣ нест. Дар ҳамин замина, муассисаҳои бонкӣ низ наметавонанд ба таври комил ба раванди маблағгузорӣ ва қарздиҳии ин соҳаҳо ҷалб гарданд, зеро дар як қатор минтақаҳо набудани инфрасохтори зарурии молиявӣ дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкиро маҳдуд намуда, гардиши сармояро коҳиш медиҳад.

Илова бар ин, набудани дастгирии иттилоотӣ ва таблиғотӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма ва платформаҳои рақамӣ, имкониятҳои муаррифии маҳсулоти сайёҳии аграриро маҳдуд намуда, сатҳи шинохти онро дар бозор коҳиш медиҳад.

Дар асари худ олимони тоҷик Мирзоалиев А.А., Худойқулова Ё.К. чунин изҳор намудаанд: «Истифодаи технологияи рақамӣ дар таъмини стратегияи рушди сайёҳӣ нақши калидӣ дорад. Тайи солҳои охир раванди рақамикунонӣ ё худ иқтисоди ба рақамикунонӣ майл дошта, восита ва таъмингари идоракунии оқилона гардидааст. Дар сурати истифода аз ҳама гуна имкониятҳо, манзур аз технологияи иттилоотӣ рақобатпазирӣ ва тавонмандии ширкати сайёҳиро дар муҳити бозор метавон эҳсос кард. Ҳоло замонест, ки низоми иттилоотӣ ва раванди рақамикунонӣ бо суръати кайҳонӣ рушд менамояд. Аз ин лиҳоз, кормандони дорои салоҳияти рақамӣ ва тахассусманди самти инфрасохтори сайёҳӣ бояд дар ҳалли мушкилоту муаммоҳо наҷотбахш ва таъсиргузор бошанд» [121, с. 204].

Омилҳои моддӣ-техникӣ. Гарчанде сатҳи омодагии инфрасохтори техникӣ дар рушди сайёҳии аграрӣ дар муқоиса бо соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ нақши ҳалкунанда надошта бошад ҳам, таъминоти моддӣ

метавонад ҳамчун омили муҳимми ҳавасмандсозӣ баромад намояд. Қисми зиёди сокинони деҳот имкони ҷойгиркунии сайёҳонро дар манзилҳои истиқоматии холӣ ё қисман истифоданашаванда доранд. Бо вуҷуди ин, пойгоҳи моддии аҳолии деҳот умуман заиф мебошад: аксари манзилҳо ба давраи солҳои 1970–1980 мансуб буда, бисёре аз онҳо аз масолеҳи оддӣ сохта шуда, танҳо бо шароити ибтидоии маишӣ таъминанд. Ин ҳолат имконияти пешниҳоди хизматрасониҳои меҳмоннавозиро мутобиқ ба талабот ва стандартҳои муосири сайёҳӣ маҳдуд месозад.

Ҳолати иншооти инфрасохтори сайёҳии деҳот низ қонеъкунанда нест. Қисме аз онҳо фаъолият намекунанд ё дар ҳолати фарсуда қарор доранд; сифати роҳҳои автомобилгард паст буда, муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили клубҳо ва хонаҳои фарҳанг, аксаран ғайрифаъол мебошанд. Дар натиҷа, ҳатто он хоҷагиҳо ва соҳибкороне, ки омодагии қабули сайёҳонро доранд, бинобар набудани дастрасии нақлиётӣ бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Омилҳои ташкиливу идорӣ. Олими рус Федоров В.А. дар асари худ чунин изҳор намудааст: «…хусусияти муҳимми сайёҳии аграрӣ дар он ифода меёбад, ки истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар ин самт нисбат ба бахшҳои анъанавии саноати сайёҳӣ камхарҷ буда, имкон медиҳад аз рӯйи таносуби нарх – сифат рақобатпазир боқӣ монад» [149, с. 237]. Истеъмолгарони асосии хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ, пеш аз ҳама, оилаҳои дорои фарзанд мебошанд, ки барои онҳо арзонии нисбии сафар, муҳити экологӣ ва шакли оилавии истироҳат ҷаззобияти махсус дорад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, самаранокии ташаккул ва фаъолияти сайёҳии деҳот пеш аз ҳама ба иҷрои як қатор шартҳои калидӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, рушди устувори ин намуди сайёҳӣ дар сурате имконпазир мегардад, ки се унсури асосӣ ба таври ҳамгиро таъмин карда шаванд:

- мавҷудияти манзили муносиб барои зисти муваққатии сайёҳон;
- ташкили самараноки шаклҳои гуногуни тафреҳ ва фароғат, ки ба муҳити табиӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ мутобиқ;
- таъмин намудани ғизои босифат.

Сайёҳии аграрӣ метавонад ба натиҷаҳои устувор ноил гардад танҳо дар он сурат, ки маҷмуи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи он аз нигоҳи нарх ва сифат қобилияти рақобат бо дигар бахшҳои саноати сайёҳиро дошта бошад. Ин ҳолат пеш аз ҳама ба сатҳи хизматрасониҳои ҷойгиркунии сайёҳон вобастагӣ дорад. Пешниҳоди манзили нисбатан арзон, аммо бо шароити қобили қабул ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёриву стандартҳои амалкунанда, омили калидии ҷалби истеъмолгарон ба сайёҳии аграрӣ маҳсуб меёбад. Меҳмонхонаҳо ва манзилҳои истиқоматии деҳот бояд шароити зарурии зистро фароҳам оваранд, то ки эҳтиёҷоти асосии сайёҳон қонеъ гарданд. Дар шароити кунунӣ маҳз омезиши арзонии истиқомат бо сатҳи қаноатбахши хизматрасонӣ метавонад ҳамчун ангезаи асосии интихоби сайёҳии аграрӣ аз ҷониби аҳолӣ баромад намояд.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки сатҳи пасти хизматрасонӣ дар як қатор хоҷагиҳо ва субъектҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ машғуланд, худ ба худ ба омили боздорандаи рушди ин соҳа табдил ёфтааст. Сатҳи пасти сифати хизматрасонӣ, маҳдудияти иттилооти дастрас барои истеъмолкунандагон, номувофиқии хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ба интизориҳои сайёҳон, инчунин риоя нагардидани стандартҳои ибтидоии меҳмоннавозӣ боиси коҳиши ҷолибияти сайёҳии аграрӣ гардида, дар маҷмӯъ раванди ташаккули талаботи устувор ба ин навъи хизматрасониҳоро маҳдуд менамояд.

Истеъмолгарони эҳтимолӣ, ки сокинони шаҳрҳоянд, аксаран дар бораи соҳаи сайёҳии аграрӣ огоҳии кам доранд. Набудани реклама ва иттилоот, якҷоя бо сатҳи пасти хизматрасонӣ ҳамоно аз омилҳои боздорандаи рушди сайёҳии аграрӣ мебошанд.

Барои ҳалли масъалаи рушди муваффақи сайёҳии аграрӣ таҳлили омилҳое, ки ба ин раванд таъсири мусбат ё манфӣ мерасонанд, зарур мебошад.

Ба омилҳои мусбати рушди сайёҳии аграрӣ таҳаммулпазирии аҳолии деҳот, мавҷудияти манзараҳои табиӣ ва деҳотии ҷаззоб, боқӣ мондани хусусиятҳои қавмӣ ва унсурҳои мавзуни фарҳангу маишӣ мансубанд. Дар

як қатор маҳалҳои деҳот ҳунарҳои мардумӣ ва косибӣ боқӣ мондаанд, ки омилҳои ҷаззоби манотиқи деҳот ба шумор мераванд.

Ҳадафҳои асосии рушди сайёҳии аграрӣ қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ба истироҳат дар маҳалли деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мебошанд. Барои он ки мушкилоти афзудани даромади аҳолии деҳот тавассути ташкили хизматрасонии сайёҳӣ самаранок ҳал шавад, ташаккули бозори хизматрасонии сайёҳии аграрӣ лозим аст. Ин чунин маъно дорад, ки хизматрасонии сайёҳӣ дар деҳот, лоақал дар мавсими сайёҳӣ, бояд ба таври мусалсал ба роҳ монда шавад, аҳёнан амалӣ нашавад ва ба меҳмонони тасодуфӣ вобаста набошад.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Хонов А. чунин изҳор намудааст: «...таъмини рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ пеш аз ҳама бо такмили сифати хизматрасониҳо алоқаманд буда, татбиқи як қатор тадбирҳои калидиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд дар асоси беҳтарсозии пайвастаи сифати онҳо амалӣ карда шавад» [151, с. 168]. Дар баробари ин, гуногунсозии сохтор ва васеъ намудани доираи намудҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳамчун шарти муҳимми мутобиқшавӣ ба талаботи бозори муосир баромад мекунад. Аҳамияти махсус ба рушди хизматрасониҳои электронии сайёҳӣ дода мешавад, ки тавассути платформаҳо ва замимаҳои онлайн, аз қабили низоми фармоиши раводид, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва хизматрасониҳои нақлиётӣ амалӣ мегарданд.

Ҳамчунин, ташкили низоми мутамарказ, шаффоф ва методологӣ асосноки баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки гурӯҳбандӣ, дараҷабандӣ ва муайян намудани мақоми онҳоро дар бозор дар бар мегирад, яке аз шартҳои калидии баланд бардоштани сатҳи эътимоди истеъмолгарон ва рушди устувори талабот ба маҳсулоти сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Хонов А. чунин изҳор намудааст: «...рушди фарҳанги муосири нархгузорӣ ба хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки ба таносуби сифат–нарх асос меёбад, яке аз унсурҳои муҳимми таҳкими рақобатпазирии соҳа ба ҳисоб меравад» [151, с. 169]

Ҳалли масъалаи афзоиши назарраси сатҳи даромади аҳолии деҳот аз ҳисоби сайёҳӣ, ташкили бозори оммавии сайёҳии аграриро бо миқдори кофии истеъмолгарон барои фаъолияти устувори он талаб мекунад. Бо вуҷуди имкониятҳои мавҷуда, густариши оммавии сафарҳои сайёҳии аграрӣ ҳанӯз ба марҳалаи дурнамои миёна ва дарозмуддат тааллуқ дорад, зеро дар шароити кунунӣ дар бозор шаклҳои нисбатан арзон ва дастраси истироҳат бартарӣ доранд, ки ба ивази хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ баромад намуда, талаботи истеъмолиро ба самти худ равона месозанд, аз ҷумла:

Якум, гузаронидани вақти холӣ дар боғу манзилҳои берунишаҳрӣ, ки он ҷо шаҳриён имкон доранд берун аз муҳити шаҳр истироҳат кунанд, аз меҳнати кишоварзӣ баҳра баранд. Вақтҳои охир мардум ҳавличаҳои берунишаҳрии худро на чун манбаи маҳсулоти ғизоии иловагӣ, балки ҳамчун ҷойи истироҳат истифода мекунанд, ки ин бо рушди иқтисодӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ то ба сатҳе, ки қонеъсозии пурраи талабот ба маҳсулоти хӯроквориро таъмин менамояд, алоқамандӣ дорад. Барои одамоне, ки ҳавлиҳои берунишаҳрӣ надоранд, дар ин ҳолат имкон доранд аз ду якеро интихоб кунанд: ҳамеша дар тараддуди амволи худ бошанд ё осудаҳолона дар шаҳр зиста, зимнан ҳар бор ҷойҳои навро барои истироҳат дар деҳот ҷустуҷӯ намоянд.

Дуюм, қисми зиёди аҳолии шаҳр бо деҳотиён робитаи наздики хешовандӣ доранд. Бисёре аз сокинони шаҳрҳо дар маҳалҳои деҳот хешовандони бузургсолтар доранд ва аксаран рухсатӣ ва таътилҳоро дар хонаҳои онҳо мегузаронанд. Ҳиссаи сокинони шаҳрии бо чунин шакли гузаронидани вақти холӣ муттасилан бо сабаби кам гаштани робитаи хешовандӣ бо аҳолии деҳот, коҳиш ёфта истодааст.

Сеюм, намудҳои истироҳати берун аз шаҳр (масалан, ташкили пикникҳо) - ро, ки дар байни аҳолӣ васеъ паҳн шудаанд, худи сайёҳон ба осонӣ амалӣ карда метавонанд. Барои боздид ба мулкҳои хусусӣ, ки дар он ҷо хизматҳои ташкили пикник расонида мешаванд, ҳатман музд мебояд дод. Дар чунин шароит на фақат тахассуси агротуристии хонаҳои алоҳида,

балки аз тамоми минтақаҳои деҳот беҳтар аён мегардад. Мавҷуд будани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба заминҳои қобили кишт имконият фароҳам меорад, ки онҳо барои истифодаи ройгон бо мақсадҳои рекреатсионӣ дастрас бошанд. Аз нуқтаи назари мо, ин вазъият дар маҷмӯъ боиси суст гардидани равандҳои мутамарказсозии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳот шуда, ҳамзамон ташаккули тахассуси равшан ва устувори агротуристиро дар хоҷагиҳои ҷудогона маҳдуд менамояд.

Инчунин, баъзе шароитҳои иҷтимоию ҷуғрофиёӣ ва табиӣ омилҳои сусткунандаи рушди сайёҳии аграрӣ мебошанд. Омили асосии иҷтимоию ҷуғрофиёӣ хусусияти низоми сукунати деҳот мебошад, ки дар он маҳалҳои деҳотии миёна ва калон бартарӣ доранд, ин натиҷаи татбиқи фаъолонаи шаклҳои коллективии кишоварзӣ мебошад. Омили асосии табиӣ давраи кӯтоҳтари мусоид барои истироҳати тобистона қобили зикр аст. Муддати камтари давраи мусоид воқеан ба коҳиши ҳаҷми хизматрасонии сайёҳӣ дар давоми сол ва афзоиши хароҷоти хизматрасонии сайёҳии аграрӣ мусоидат мекунад. Дар ин миён, ба сайёҳон барномаҳои гуногуни истироҳатиро дар заминаи ҷашнҳои куҳан, урфу одатҳои қадима пешниҳод намуда, ба ин восита вобастагии мавсимии тақозоро бартараф кардан мумкин аст.

Бо мақсади таҳлили ҳамаҷонибаи шароити ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ, зарур аст, ки дар маҷмуи омилҳои таъсиррасон гурӯҳҳои калидӣ ва муайянкунанда ҷудо карда шаванд. Ба гурӯҳи чунин омилҳои асосӣ, пеш аз ҳама, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, инчунин омилҳои илмӣ ва техникӣ мансуб мебошанд.

Омилҳои сиёсӣ. Вазъияти сиёсии босубот дар кишвар шарти зарурии амалкарди бизнеси сайёҳӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, барои инкишофи сайёҳӣ дар ин ё он кишвар навъи муносибатҳои байналмилалӣ бо кишварҳои дигар; ҳолати тавозуни савдо ва пардохти ин кишвар ва шарикони тиҷоrataш; вазъияти байналмилалӣ дар ҷаҳон ё минтақаи алоҳида аҳамият доранд.

Омилҳои иқтисодӣ. Афзоиши даромади аҳолӣ дар кишварҳои мутараққӣ ба мардумони ин кишварҳо имкон медиҳад, ки бештар барои саёҳат пул сарф кунанд. Таҳлили даромади сайёҳони як қатор кишварҳои Аврупо нишон дод, ки бештари сайёҳон дар тамоми кишварҳо намояндагони синфи миёна мебошанд, ки ба шароити пурроҳати истиқомату хизматрасонӣ тақозо доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи захираҳо ва имкониятҳои табиии худ ба зумраи кишварҳои дорои дурнамои баланд дар самти рушди сайёҳии деҳот мансуб мебошад. Хусусияти кӯҳистонии қисми зиёди қаламрави мамлакат, ки дар давраҳои гузашта ҳамчун омили боздорандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ мегардид, дар шароити муосир баръакс ба манбаи муҳимми рушд табдил ёфта, ҳамчун василаи муассири муаррифии кишвар дар фазои байналмилалӣ хизмат мекунад.

Дар шароити муосир таъсири рушди устувори сайёҳӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, кишварҳои алоҳида ва минтақаҳо ҳамчун яке аз тамоюлҳои устувор ва муҳимми динамикаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ шакл гирифтааст. Сайёҳӣ ҳамчун механизми таъсирбахши инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ амал намуда, имконият медиҳад, ки он дар шакли як соҳаи мустақили иқтисодиёти миллӣ ташаккул ёбад. Фаъолияти сайёҳӣ пеш аз ҳама ба қонеъгардонии ниёзҳои гуногуни аҳолии синну сол ва гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф равона карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки қонеъ гардонидани ин ниёзҳо танҳо дар доираи фаъолияти мустақими субъектҳои соҳаи сайёҳӣ маҳдуд намегардад, балки бо ҷалби васеи як қатор соҳаҳои вобастаи иқтисодиёт таъмин шуда, хусусияти байнисоҳаӣ ва ҳамгироёнаро касб мекунад, ки сайёҳиро ҳамчун омили мултипликативии рушди иқтисодӣ арзёбӣ менамоянд. Дар ин замина, дар асари худ олимони тоҷик Бобозода А.О. ва Алиева Л.И. чунин изҳор намудаанд: «...сайёҳӣ тадриҷан ба яке аз унсурҳои калидии равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ табдил ёфта, фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун бахши фаъол ва дорои аҳамияти стратегии иқтисоди миллӣ мавқеи устувор пайдо мекунад» [81, с. 86].

Дар навбати худ, густариши фаъолияти иқтисодии хориҷии давлатҳо, амиқшавии равандҳои ҳамгироӣ ва тақвияти ҷаҳонишавӣ, ки қариб ҳамаи соҳаҳои иқтисоди ҷаҳониро фаро гирифтаанд, ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсири назаррас ва бисёрҷанба мерасонанд. Ин барои афзоиши фаъолиятҳои кории аҳолии сайёра ва пайдошавии намудҳои нави сайёҳии соҳибкорӣ муосидат мекунад.

Аммо падидаҳои иқтисодие, аз қабили сахтшавии расмиёти гумрукӣ, бесуботии молиявӣ (таваррум, рукуд), корпартоиҳои иқтисодӣ метавонанд барои фаъолияти муассисаҳои саноати сайёҳӣ монеа эҷод кунанд.

Омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ. Афзоиши шумораи аҳолӣ, хусусан аҳолии шаҳрҳо, ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонад. Тарзи ҳаёти шаҳрӣ, тибқи ақидаи равоншиносон, бо хусусиятҳои стресс, беномунишонӣ, набудани робита бо одамон, ҷудоӣ аз табиат фарқ мекунад. Бинобар ин, сайёҳӣ барои сокинони шаҳрҳо як роҳи ҷустуҷӯйи мувозинати равонӣ мебошад.

Барои бисёре аз кишварҳои ҷаҳон тамоюли тағйирёбии таносуби вақти корӣ ва вақти холӣ хос аст. Дар баробари ихтисори вақти корӣ, шиддати меҳнат ва эҳтимолияти вазъи стресс меафзояд. Сайёҳӣ яке аз василаҳои барқарорсозӣ ва нигоҳ доштани қобилияти корӣ мебошад. Дар баробари афзудани миқдори вақти холӣ дар ҳаёти одамон ду тамоюл ба назар расид:

1. ихтисори давраи рухсатӣ;

2. афзоиши сафарҳои кӯтоҳмуддат.

Ба ғайр аз ин, омилҳои дигар, аз қабили пиршавии ҷамъият, хонадоршавии дер, афзоиши ҳиссаи одамони танҳо, афзоиши теъдоди занони шуғлдор, ки таваллуди фарзандро ба таъхир мегузоранд, афзоиши миқдори ҷуфтҳои бефарзанд, ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонанд.

Афзоиши умри миёна ва коҳишёбии таваллуд боиси афзудани ҳиссаи қиёсии одамони солхӯрда гаштанд. Ин бахши бозор барои ташкилотҳои саноати сайёҳӣ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ аст, зеро вақти холии нафақагирон амалан номаҳдуд ва қобилияти харидорияшон нисбатан баланд мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ин бахши бозор, СУС яке аз конференсияҳои худро ба мавзуи рушди сайёҳӣ барои «шахсони синни сеюм» бахшид, ки дар раванди таҳқиқоти анҷомёфта маҷмуи пешниҳодҳои тавсиявии дорои хусусияти амалӣ барои намояндагони соҳаи сайёҳӣ таҳия карда шуд, ки аз онҳо иборат аз:

- ворид намудани тадбирҳои иловагии таъмини амният ба барномаҳои хизматрасонӣ;
- хизматрасонии тиббӣ;
- ғизои парҳезӣ;
- чорабиниҳои фарҳангӣ;
- сайр;
- сарбории ҷисмонии мувофиқ ба синну сол;
- додани иттилооти возеҳу дақиқ дар бораи ташкили истироҳат.

Тағйироти дигаре, ки ба сайёҳӣ марбут аст, ҷалби густурдаи занон ба соҳаи меҳнати ҷамъиятӣ мебошад. Бисёре аз бонувон мехоҳанд кор кунанд. Табиист, ки ин боиси дертар издивоҷ кардану таваллуд намудани фарзанд мегардад. Кушиши ба даст овардани истиқлоли моддӣ ба он оварда мерасонад, ки миқдори занони бо ҳадафҳои корӣ сафаркунанда босуръат меафзояд. Ташкилоти сайёҳӣ барои ба назар гирифтани талаботи махсуси ин гурӯҳи истеъмолгарон кушиш ба харҷ медиҳад.

Омилҳои фарҳангӣ. Ба ин омилҳо қонеъсозии талаботи фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва эстетикӣ дохил мешаванд, ки барои инкишофи кушиши одамон ба маърифат, пажӯҳиши зиндагӣ, урфу одатҳо, фарҳанг ва таърихи кишвару мардумони дигар мусоидат мекунад. Бояд қайд намуд, ки таваҷҷуҳ ба ин ё он намуди ташкили истироҳат ва мувофиқи ин қонеъ гардонидани талаботи фарҳангӣ дар ҳар кишвар тафовути ҷиддӣ дорад.

Пешрафти илмию техникӣ. Дар ҳоли ҳозир ба туфайли пешрафти илмию техникӣ вақти сафар дар роҳ ҳангоми саёҳат ба масофаҳои дур кам мешавад; стандартҳои хизматрасонӣ пайваста такмил ёфта, сатҳи бароҳатӣ ва дастрасии сафар барои мусофирон ба маротиб беҳтар гардидааст,

шабакаи хатсайрҳои нави ҳавоӣ густариш ёфта, сохтмон ва ба истифода додани шоҳроҳҳои суръатнок имкониятҳои интиқол ва пайвастагии ҳудудҳоро васеъ намудааст.

Дар раванди хизматрасонӣ ба сайёҳон имрӯз технологияҳои муосири идоракунии компютерӣ ва имкониятҳои шабакаҳои ҷаҳонии иттилоотӣ васеъ истифода мегарданд. Татбиқи чунин равиш шароити мусоид фароҳам меорад, ки маҳсулоти сайёҳӣ бо суръати баланд таҳия гардида, тавассути сиёсати чандири тарифӣ, истифодаи воситаҳои ҳавасмандсозии мизоҷони доимӣ ва мутобиқсозии инфиродии хизматрасонӣ ба талаботи бозор самаранок пешниҳод карда шавад.

Ҳамзамон, пешрафти минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ бе навсозии бунёдии инфрасохтор, аз ҷумла сохтмони объектҳои нав, таҷдиду муосирсозии иншооти мавҷуда дар асоси дастовардҳои пешқадами илму техника, инчунин бе баланд бардоштани сатҳ ва фарҳанги хизматрасонӣ тавассути саноатикунонӣ, технологӣяи компютерии индустрияи сайёҳӣ, инчунин бе истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои моддии мавҷуда ғайриимкон мебошад.

Рушди сайёҳӣ ба огоҳии сайёҳон аз ҷойҳои эҳтимолии истироҳат ва саёҳат вобастагии зиёд дорад. Рушди воситаҳои ахбори омма ва имконоти онҳо ба ташкилоти сайёҳӣ имкон дод, ки ҳам маҳсулот ва ҳам хизматрасонии алоҳидаи сайёҳиро тавшиқу тарғиб намоянд.

Ба раванди ташаккул ва рушди сайёҳии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи омилҳо таъсир мерасонанд, ки бархе аз онҳо хусусияти бевосита ва қисми дигар таъсири бавосита доранд. Ба чунин омилҳо метавон зеринҳоро дохил кард:

1. Сатҳи пасти ҷалбшавии сокинони деҳот ба фаъолияти соҳибкории сайёҳӣ:

1. 1. эҳсоси тарс ва номуайянӣ нисбат ба қабули меҳмонони бегона;

1.2. надоштани дониш ва малакаҳои ибтидоӣ дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ;

1.3. сатҳи пасти донистани забонҳои хориҷӣ;

1.4. норасоии мутахассисон ва кадрҳои тахассусӣ дар бахши сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳот.

2. Ҳолати ғайриқаноатбахши инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла сифати пасти роҳҳои деҳот ё дар баъзе мавридҳо тамоман мавҷуд набудани роҳҳои муътадили мошингард;

3. Иштироки нокифояи муассисаҳои таълимӣ дар ташкили сафарҳои маърифатӣ ва экскурсионӣ, аз ҷумла барои тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ, хонандагони мактабҳо ва донишҷӯён ба объектҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва табиии деҳот;

4. Мутобиқ набудани сатҳ ва сифати хизматрасониҳо дар инфрасохтори мавҷудаи деҳот ба талаботи муосири сайёҳӣ;

5. Ноустувории бозори сайёҳии деҳот, ки пеш аз ҳама бо хусусияти мавсимии ин навъи фаъолият алоқаманд буда, ба маҳдуд гардидани даромаднокӣ ва давомнокии фаъолияти сайёҳӣ таъсир мерасонад.

Дар солҳои оянда сайёҳӣ манбаи калонтарини таъсиси ҷойҳои нави корӣ боқӣ хоҳад монд. Тафриқабандии маҳсули сайёҳӣ бо мақсади фарогирии васеътари истеъмолгарони дорои имкону талаботи гуногун пешгӯӣ карда мешавад. Раванди тамаркузи сармоя, таъсиси ширкатҳои фаромиллии бузург идома ёфта, тамоюли равандҳои ҳамгироӣ дар саноати сайёҳӣ боқӣ хоҳад монд.

Бозори сайёҳии аграрӣ дар шароити мушкилоти имрӯза дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад. Таҳлили маҷмуии омилҳои ҳавасмандкунандаи рушди сайёҳии аграрӣ нишон медиҳад, ки барои густариши ин самти фаъолият дар деҳот иқтидори назарраси иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва захиравӣ мавҷуд аст. Омилҳои манфие, ки дар раванди таҳқиқот муайян гардиданд, бояд на ҳамчун монеаҳои бартарафнашаванда, балки ҳамчун омилҳои боздорандаи муваққатӣ арзёбӣ карда шаванд, ки дар сурати татбиқи сиёсати дуруст ва тадбирҳои ҳадафмандона қобили ислоҳ мебошанд. Ин омилҳо худ аз худ қодир нестанд тамоми кӯшишҳо ва ташаббусҳои вобаста ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграриро халалдор намоянд.

Дар марҳалаи кунунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ сайёҳии аграрӣ ба таври низомнок ба яке аз абзорҳои муассири институтсионалии рушди деҳот табдил меёбад. Тавсеаи ин самт ба густариши бозори меҳнати маҳаллӣ мусоидат намуда, ҳамзамон афзоиши сатҳи шуғли аҳолии деҳот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ташаккули манбаъҳои устувори даромади ғайрикишоварзиро барои хонаводаҳои деҳотӣ таъмин менамояд. Дар натиҷа, сохтори иқтисодиёти деҳот хусусияти диверсификатсионӣ касб карда, пояҳои устувории иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ба таври системавӣ тақвият меёбанд.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии рушди сайёҳии аграрӣ

Дар тӯли даҳсолаҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар миқёси ҷаҳонӣ бо суръати нисбатан устувор рушд ёфта истодааст. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ин соҳа, новобаста аз бухронҳои иқтисодию молиявӣ, тағйироти сиёсӣ ва дигар равандҳои иҷтимоӣ, қобилияти нигоҳ доштани тамоюли рушди худро дорад. Пойдории рушди сайёҳӣ бо маълумоти омории ҷаҳонӣ тасдиқ мегардад, ки аҳамияти стратегии онро дар иқтисодиёти кишварҳои гуногун боз ҳам равшан менамояд.

Олимони тоҷик Сайфуллоев Н. Н. ва Зокиров А.М. дар асари илмии худ чунин изҳор намудаанд: «Робитаҳои сайёҳии байналхалқӣ як бахши асосӣ ва муҳимми раванди ҷаҳонӣ мебошад, ки ба муттаҳиднамоии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ мансуб мебошад. Фаъолияти бахши сайёҳӣ, ки дорои пойгоҳи ғании моддист, дар бисёр мамлакатҳо ба вуҷуд омада, бо маром равнақ меёбад ва барои даҳҳо миллион одамон шуғли корӣ фароҳам оварда, бо тамоми қисматҳои хоҷагии миллии кишварҳои гуногун ҳамкорӣ мекунад» [58, с. 133].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳаи сайёҳӣ тадриҷан ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Чунончи, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки сиёсати давлатӣ ва таваҷҷуҳи

хосаи Ҳукумати кишвар ба рушди соҳаи мазкур ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ муайян гардидааст ва имкон фароҳам овард, то дар баробари афзоиши шумораи сайёҳон, теъдоди ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ мунтазам зиёд гардад.

Дар асари худ олимони тоҷик Партобов А.Ш. ва Набиева М.Ш. чунин изҳор намудаанд: «Дар бештар кишварҳо сайёҳӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, фаъолнокии тавозуни савдои беруна, таъмини шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ нақши муҳим бозида, ба инкишофи соҳаҳои мухталиф, аз қабили нақлиёт ва коммуникатсия, сохтмон, фарҳанг, санъат, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва дигар бахшҳои иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад» [132, с. 129].

Дар доираи сиёсати фаъол оид ба густариши ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва тақвияти ҷараёнҳои сармоягузорӣ, аз 1 январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони 52 давлати хориҷӣ реҷаи яктарафаи воридшавии бидуни раводид мавриди амал қарор дода шуд. Ин иқдом ҳамчун воситаи муҳимммиі либерализатсияи муҳити сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалии кишвар дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ баррасӣ мегардад. Илова бар ин, барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ низоми содакардашудаи гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар чунин шароит, таъмини самаранокии татбиқи ин тадбирҳо аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Олими тоҷик Қодирзода Ф.С. дар асари илмии худ чунин изҳор намудааст: «Тоҷикистон аз қатори мамлакатҳое мебошад, ки захираҳои зиёди сайёҳӣ, ба монанди мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, табиати ҳайратангез ва ҳаловатбахш, шаҳрҷойҳо ва сохтмонҳои наву муосир, осорхонаҳо, китобхонаҳо, боғу гулгаштҳои таърихиву тозабунёд дошта, таваҷҷуҳи зиёди сайёҳон — дӯстдорони сайру саёҳат ва шаҳрвандонро ҷалб кардааст. Захираҳои сайёҳии кишвар дар ҳоли ҳозир на танҳо барои сайёҳон, балки барои шаҳрвандони мамлакат низ кашфнашуда боқӣ мондаанд» [44, с. 129].

Барои таъмини пешрафти устувори соҳаи сайёҳӣ тақвияти нақши институционалии Кумитаи рушди сайёҳӣ аҳамияти калидӣ дошта, фаъолияти он бояд ба васеъ намудани спектри хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати онҳо ва рушди мақсадноки намудҳои дорои афзалияти стратегии сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ равона гардад. Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Раҳмоналӣ Ҳабибов чунин изҳор намудааст: «...тибқи омори расмӣ, дар панҷ соли охир ҷараёни сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоишро касб намуда, шумораи онҳо аз 3,9 миллион нафар гузаштааст, ки танҳо дар соли 2022 зиёда аз як миллион нафарро ташкил дода, аз тақвияти мавқеи кишвар дар бозори минтақавӣ ва байналмилалии сайёҳӣ шаҳодат медиҳад» [137, с. 3].

Аз ҳаҷми умумии шумораи сайёҳони воридшуда 980,1 ҳазор нафар ё 94,6% ба мамлакатҳои ИДМ, 30,0 ҳазор нафар - 2,9% ба мамлакатҳои Осиё, 11,1 ҳазор нафар - 1,1% ба мамлакатҳои Аврупо, 4,7 ҳазор нафар - 0,5% ба мамлакатҳои Амрико ва мутаносибан ба мамлакатҳои Африқо ва Австралия 0,1% - и рост меояд. Таҳлили сохтори ҷуғрофии воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қисми асосии ҷараёни сайёҳӣ ба кишварҳои ҳамсоя ва шарикони анъанавӣ рост меояд. Аз ҷумла, ҳиссаи бузургтарин ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон тааллуқ дошта, шумораи онҳо 733,1 ҳазор нафар ё 70,9 фоизи ҳаҷми умумии сайёҳони хориҷиро ташкил медиҳад. Дар зинаи баъдӣ Федератсияи Русия қарор дорад, ки аз он 157,9 ҳазор нафар ё 15,3 фоиз сайёҳ ворид гардидааст.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Назриев А. чунин изҳор намудааст: «...барои ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба мамлакатамон дороиҳои табиӣ ҳоло омили ҷалбкунанда нестанд ва бояд, сараввал, инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ ва иншоотҳои таърихиро бозсозӣ намуд. Махсусан, таъмиру тармими роҳҳои нақлиётгард ва бо таҷҳизотҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардонидани ошоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо аҳаммияти муҳим доранд. Баъди таҷдиди иншоотҳои таърихӣ зарурияти тасвири асотири нав

ва тимсоли асотирӣ ба миён меояд, то ки диққат ва таваҷҷуҳи сайёҳонро ҷалб намояд ва дар ин ҷода нақши реклама хеле калон мегардад» [125, с. 166].

Ҳамзамон, дар сохтори ҷараёни умумии сайёҳон ҳиссаи муайяни воридот аз Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба қайд гирифта шудааст, ки мутаносибан 68,8 ҳазор нафар (6,6 фоиз) ва 13,9 ҳазор нафар (1,3 фоиз)-ро ташкил дода, аз нақши бозорҳои минтақавӣ дар ташаккули талаботи сайёҳӣ шаҳодат медиҳад.

Аз кишварҳои дигар, аз ҷумла Афғонистон (8,8 ҳазор нафар ё 0,9%), Ҷумҳурии Мардумии Чин (8,1 ҳазор нафар ё 0,8%), Ҷумҳурии Туркия (4,1 ҳазор нафар ё 0, %), инчунин аз Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ҳар кадом 3,5 ҳазор нафар ё 0,3%) шумораи муайяни сайёҳон ворид шудаанд. Саҳми кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Олмон, низ ба қайд гирифта шуда, 2,3 ҳазор нафар ё 0,2% -ро ташкил медиҳад.

Ташаккули сайёҳии аграрии Аврупо дар солҳои 1970-ум оғоз ёфта, тақрибан 20 сол давом дошт. Дар аввали солҳои 1990 - ум кишварҳои Аврупо аз ҷиҳати хизматрасонӣ дар деҳот, берун аз ҳудуди шаҳрҳои калон пешсаф буданд. Одатан кишварҳоеро, ки имрӯз пешсафи соҳаи сайёҳии аграрӣ ҳастанд, аз рӯйи вақти оғози рушди фаъолонаи сайёҳии аграрӣ ва моделҳои рушд тасниф мекунанд [20]. Бино ба маълумоти омор, 68,0 дарсади шаҳрвандони Аврупои Ғарбӣ рухсатияшонро дар кишвари худ ва 20,0 дарсадашон дар кишварҳои дигари аврупоии узви ИА мегузаронанд.

Дар асари худ олими тоҷик Ғуломов Х.Ҳ. чунин изҳор намудааст: «...бо мақсади пешгирии бекорӣ, муҳоҷират, паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дигар падидаҳои номатлуб барномаҳои дастгирии сиёсию молиявӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иттиолотии агросайёҳӣ дар сатҳи давлатӣ таҳия ва татбиқ карда шуданд. Соли 1955 дар Фаронса ассотсиатсияи «Agricoltureet Turisme», соли 1965 дар Итолиё «Агротурист» (Ассотсиатсияи миллии кишоварзӣ ва сайёҳӣ), баъдан дар сатҳи Иттиҳоди Аврупо дар доираи сиёсати ягонаи кишоварзии Иттиҳоди Аврупо ассотсиатсияи байнидавлатӣ пайдо шуд» [87, с. 393].

Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи ҷаҳонии рушди сайёҳии аграрӣ гуфтан мумкин аст, ки ин навъи маҳсули сайёҳӣ як тиҷорати фоидаоварест, ки на танҳо сайёҳони дохилиро ҷалб мекунад, балки қодир аст як қисми сайёҳони хориҷиро низ ҷалб намояд. Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта гувоҳӣ медиҳад, ки дар шароити татбиқи сиёсати мутаносиб ва механизмҳои мақсаднок, сайёҳии аграрӣ метавонад ба самти муассири рушди деҳот табдил ёбад. Ба гурӯҳи давлатҳое, ки ин навъи фаъолияти сайёҳиро ба таври низомнок рушд дода, ба натиҷаҳои устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ноил гардидаанд, кишварҳое чун Австрия, Италия, Фаронса, инчунин Кипр, Финландия, Дания, Литва ва Полша шомил мешаванд, ки дар онҳо баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони деҳот нақши назаррас мебозад. Дар асари худ олими рус А.А. Баканова чунин изҳор намудааст: «…чаҳор модели асосии имконпазири рушди фаъолияти сайёҳии аграрӣ муайян аст» [160, с. 10], (ҷадвали 1.3.1).

**Ҷадвали 1.3.1. - Моделҳои сайёҳии аграрӣ ва кишварҳое, ки онҳоро амалӣ мекунанд**

| Модели сайёҳии аграрӣ | Кишварҳо |
|---|---|
| Аврупои ғарбӣ | Фаронса, Италия, Испания, Германия, Дания, Финландия, Австрия ва дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ |
| Аврупои Шарқӣ | Кипр, Юнон, Булғористон, Полша, Чехия, Литва |
| Осиё | Шри-Ланка, Малайзия, Япония |
| Англису америкоӣ | Британияи Кабир, ИМА, Канада |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф, дар асоси омӯзиши адабиёт [160, с. 10]

Модели Аврупои Ғарбӣ дар солҳои 1970 - ум дар Фаронса ва Италия, дар ростои буҳрони соҳаи кишоварзӣ, ки бо гум шудани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори байналмилалӣ иртибот дошт, пайдо шуд. Дар он ҳангом сайёҳии аграрӣ чорае буд, ки Иттиҳоди Аврупо барои пешгирӣ аз таназзул ва коҳишёбии аҳолии бахши кишоварзӣ ва баҳри канораҷӯӣ аз буҳрони истеҳсоли барзиёди маҳсулоти кишоварзӣ амалӣ кард.

Омилҳои муваффақияти рушд ва фаъолияти модели Аврупои Ғарбӣ инҳо мебошанд:

- институтикунонии дастгирии давлатӣ нисбат ба хоҷагиҳои агросайёҳӣ тавассути қабули қарорҳои стратегӣ ва меъёрии сиёсӣ, ки ба

расман эътироф гардидани сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти мустақили бозори хизматрасонӣ ва объекти танзими давлатӣ мусоидат менамоянд.

- такмил ва густариши таъминоти меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин ташкили низоми иттилоотию таблиғотӣ ҷиҳати пешбарии маҷмуи маҳсулоти агросайёҳии миллӣ ва минтақавӣ;

- ташкили ва рушди ассотсиатсияҳои касбии субъектҳои сайёҳии аграрӣ бо бунёди платформаҳо ва порталҳои ягонаи иттилоотӣ, ки дастрасии мутамарказ ва мукаммалро ба иттилоот оид ба тамоми унсурҳои фаъолияти агросайёҳӣ таъмин менамоянд;

- татбиқи механизмҳои самараноки дастгирии молиявӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани низоми қарзгузории имтиёзнок ва ё пешниҳоди ёронаҳои мақсаднок ба хоҷагиҳои агросайёҳӣ барои оғоз ва тавсеаи фаъолияти онҳо;

- таъмин намудани сатҳи баланди роҳат ва нигоҳдории ҳолати мутобиқи фонди манзил, пеш аз ҳама тавассути истифодаи хонаҳои хусусии муҷаҳҳаз бо низомҳои зарурии таъминот ва инфрасохтори иҷтимоӣ, ки ба талаботи стандартҳои хизматрасонии сайёҳӣ ҷавобгӯ бошанд [19].

Акнун нақшаҳои фаъолияти корхонаҳои агросайёҳиеро, ки намояндагони барҷастаи модели Аврупои Ғарбӣ ба шумор меравандс, дида мебароем.

Сайёҳии аграрӣ дар Фаронса соли 1971, замони таъсиси ассотсиатсияи «Сайёҳӣ дар минтақаи деҳот», ки ташкили сайёҳии деҳотиро дар миқёси миллӣ ҳамоҳанг мекард, ба миён омад. Фаъолияти сайёҳии аграрӣ якбора дар ду самт: дохилӣ ва хориҷӣ инкишоф дода шуд. Динамикаи рушд хеле суръатнок буд. Сайёҳии аграрӣ қариб дар тамоми музофотҳои Фаронса фаъол буда (80,0% - и ҳудуди кишварро минтақаҳои деҳот ташкил медиҳанд), ҳиссаи он дар даромади умумӣ аз сайёҳӣ қариб 10,0% - ро ташкил медиҳад [18].

Мақомоти давлатии Фаронса дар миқёси тамоми кишвар ва ҳам ноҳияҳои алоҳида сохтмони хонаҳои хурди канори баҳр ва ташкили

соҳилҳои регзорро дастгирӣ мекунанд. Сармояи гузошта баровarда мешавад, чунки сайёҳии аграрӣ барои шомил шудани минтақаҳои нави соҳил ба «муомилоти рекреатсионӣ» ва эҳёи ёдгориҳои табиӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамояд. Инчунин, лоиҳаҳои алоҳидаи ташкили маҷмааҳои сайёҳии аграрӣ дар шакли деҳаҳо, таҳия карда мешаванд. Дар яке аз чунин деҳаҳои намунавӣ дар масоҳати 1100 гектар се майдони голф, се меҳмонхонаи олирутба, 1050 мулки хусусӣ, осоишгоҳи балнеологӣ ҷойгир карда шудаанд.

Моҳияти сайёҳии аграрӣ дар Фаронса дар дастгирии азхуднамоии ҳудуди кишвар дар сатҳи лозима таҷассум меёбад. Ҳукумати Фаронса дар мубориза бо мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ роҳи тағйир додани функсияи маҳалҳои деҳотро пеш гирифт. Соҳаи кишоварзии кишвар дигар тавони ҳифзи низоми сукунати қаблан ташаккулёфтаро надорад, аз ин сабаб самти нави рекреатсия, яъне сайёҳии аграрӣ инкишоф дода шуд.

Дар Италия соҳаи рушдкардаи хизматрасонии сайёҳии аграрӣ амал мекунад. Дар таърихи 5 декабри соли 1985 қонуни федералӣ дар бораи инкишоф додани ин бахши иқтисоди миллӣ қабул карда шуд ва ҳамин сана замони пайдошавии сайёҳии аграрӣ дар ин кишвар ба шумор меравад.

Аз лиҳози навъи хизматрасонии сайёҳӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. табиат ва саломатӣ;
2. ғизои анъанавӣ;
3. варзиш.

Хоҷагиҳои аграрии навъи якум, ки машғули сайёҳии деҳотӣ ва экологӣ ҳастанд, асосан дар вилоятҳои Кянти, Умбрия, Ситсилия, инчунин дар навоҳии чашмаҳои гарм, мамнӯъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ ҷойгир шудаанд.

Объектҳои истироҳати фаъол қариб дар ҳама вилоятҳои Италия ҷойгир шудаанд. Онҳо асосан барои шуғли шиноварӣ, велосипедронӣ, теннис, аспсаворӣ дуруст карда шудаанд ва чун қоида, хоҷагии аграрӣ набуда, дар шакли кемпингҳо сохта шудаанд.

Сайёҳон муввофиқи интихоб метавонанд дар ҳуҷраҳо, хонаҳои алоҳида ё меҳмонхона ҷойгир шаванд. Бештари хоҷагиҳои аграрии Италия ба гурӯҳи охирин мансуб ҳастанд. Масалан, дар вилояти Трентино-Алто-Адиҷе ин таносуб чунин аст: хоҷагиҳое, ки танҳо истиқомат дар меҳмонхонаро пешниҳод мекунанд - 44,0%, дар ҳуҷраҳо ва меҳмонхона – 22,0%, танҳо ҳуҷраҳо – 30,0%. Боқимонда 4,0% хизматрасонии ҷойгирсозии сайёҳонро пешниҳод намекунанд ва асосан меҳмонҳоеро қабул менамоянд, ки истиқомат дар хайма ва ҳавои кушодаро интихоб мекунанд.

Фарқияти модели Аврупои Шарқӣ дар ин аст, ки вазифаи асосии сайёҳии аграрӣ сабук кардани бори марказҳои сайёҳӣ ва коҳиш додани таъсири экологӣ дар минтақаҳои соҳил мебошад. Ин модели сайёҳии деҳот дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ - Булғористон, Полша, Чехия, Литва, Юнон ва Кипр паҳн гаштааст. Қайд кардан зарур аст, ки моделҳои шарқии рушди сайёҳии аграрӣ дар кишварҳое фаъоланд, ки фонди манзилу комуналии деҳот кам инкишоф ёфтааст. Бинобар ин, модели мазкур таҳияи барномаҳои бозсозии деҳаҳоро пешбинӣ менамояд, ки онро нисбат ба модели Аврупои Ғарбӣ пурхарҷтар месозад.

Таҷрибаи баъзе кишварҳоро дар татбиқи модели шарқу аврупоии рушди сайёҳии аграрӣ муфассалтар баррасӣ менамоем.

Кипр намояндаи барҷастаи ин модел мебошад. Дар ҳоли ҳозир дар Кипр якчанд агентиҳои сайёҳи мавҷуданд, ки роххатҳоро ба деҳаҳои Кипр мефурӯшанд. Дар ин деҳот ба сайёҳон «порае аз ҳаёти деҳот» - ро пешниҳод намуда, онҳоро бо урфу одати маҳаллӣ ва таомҳои кипрӣ шинос мекунанд.

Тарзи бароҳмонии сайёҳии аграрӣ дар Полша, Белоруссия ва ҳам ба рушди фаъолияти сайёҳии аграрӣ дар вилояти Калининград Федератсияи Россия таъсир расондааст.

Бояд гуфт, ки дар минтақаҳои деҳоти Полша 14,7 млн. нафар одамон, яъне 38,5% - и аҳолии ин кишвар зиндагӣ мекунанд [25]. Ҳудуди 16,3 млн. га замин, яъне 52,2% - и масоҳати умумии кишвар барои кишоварзӣ истифода карда мешавад. Соҳаи кишоварзии Полша бо парокандагӣ, сершумории

кормандон фарқ дошта, дар он заминҳои кишоварзӣ кам ва сатҳи механизатсия паст мебошад. Модели осиёии рушди сайёҳии аграрӣ, дар муқоиса бо модели Аврупои Шарқӣ, талаботи баландтари сармоягузории ибтидоиро пеш мегузорад. Ин ҳолат бо он шарҳ дода мешавад, ки дар доираи модели мазкур на таҷдид ва мутобиқсозии инфрасохтори мавҷуда, балки бунёди объектҳои комилан нав пешбинӣ мегардад. Дар ин замина, афзалият ба ташаккули инфрасохтори сайёҳии дараҷаи олӣ дода мешавад, ки бунёди марказҳо ва такягоҳҳои муосири сайёҳӣ, аз ҷумла форматҳое чун «VIP деҳаҳо», «музейҳои кушода дар фазои табиӣ», инчунин меҳмонхонаҳои миллӣ бо сатҳи баланди хизматрасонӣ, ки мустақиман дар муҳити деҳот ҷойгир карда мешаванд, дар бар мегирад. Ҳамзамон, модели осиёии рушди сайёҳии аграрӣ хусусияти интихобӣ дошта, татбиқи он танҳо дар кишварҳое самаранок арзёбӣ мегардад, ки соҳаи сайёҳӣ дар онҳо ба сатҳи баланди институтсионалӣ ва бозорӣ расида, воридоти мунтазами сайёҳони хориҷӣ ҳамчун манбаи устувори талабот таъмин мебошад. Шарти дигари амалкарди ин модел инкишофи маданияти меҳмондорист, ки дар тӯли чандин даҳсола ташаккул ёфтааст. Бинобар ин, тааҷҷубовар нест, ки чунин модели сайёҳии аграрӣ маҳз дар кишварҳои Осиё, ки мавриди таваҷҷуҳи доимии ҷомеаи аврупоӣ қарор доранд, падид омадааст.

Мисоли фаъолияти муваффақонаи деҳаи сайёҳӣ «VIP - деҳа» аст, ки дар Шри-Ланка бо услуби хонаи миллӣ сохта шудааст. Дар ин ҷо ба сайёҳон маҷмуи пурраи хизматрасонӣ, ба шумули истиқомат дар хонаҳои алоҳида бо хизматрасонии сатҳи меҳмонхонаи панҷситора пешниҳод карда мешавад. Зимнан барои сайёҳ алоқа бо «табиати зинда» ва шиносоӣ бо таомҳои миллӣ, ҳунару косибии деҳотӣ таъмин карда шудааст.

Дар Малайзия рушди сайёҳии аграрӣ асосан дар доираи консепсияи ташкили паркҳои кишоварзӣ амалӣ мегардад. Ин гуна паркҳо, одатан, таҳти ҳамоҳангӣ, роҳбарӣ ва иштироки фаъоли сохторҳои давлатӣ фаъолият намуда, ҳамчун платформаҳои намоишӣ ва таблиғотӣ барои муаррифии соҳаи кишоварзии миллӣ хизмат мекунанд, дастовардҳои аграриро ба таври низомнок ба маърази тамошо мегузоранд ва робитаи

мустақими истеҳсолкунандагони маҳаллиро бо бозорҳои дохиливу хориҷӣ тақвият мебахшанд ва ҷалби таваҷҷуҳи сайёҳон ба истеҳсолоти кишоварзии кишвар равона шудаанд.

Одатан чунин шакли сайёҳии аграрӣ дар кишварҳое инкишоф меёбад, ки бо кишварҳои дигар дар соҳаи кишоварзӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Вазифаи асосии парки кишоварзӣ мубодилаи таҷрибаи андӯхта дар ин ё он соҳаи аграрӣ ва намоиш додани мавқеи иқтисодии устувори худ мебошад. Парки давлатии кишоварзии Малайзия (аввалин дар ҷаҳон) бо масоҳати 1295 га соли 1986 бо ташаббуси Вазорати кишоварзии Малайзия ҳамчун маркази намоиши туристии доимамалкунанда таъсис дода шуд. Дар он барои сайёҳон истиқомат дар хонаҳои миллӣ, таомҳои миллӣ, иштирок дар чорабиниҳо ва тафреҳи деҳотӣ пешниҳод карда мешаванд.

Япония, кишвари дорои технологияҳои олӣ ва зичии баланди аҳолӣ ҳамчунин модели осиёии рушди сайёҳии аграриро татбиқ мекунад. Дар ин кишвар меҳмонхонаҳои деҳотии «рекан» махсусан маъмул гаштаанд. Сайёҳии аграрии Япония асосан ба бозори дохилӣ нигаронида шудааст, зеро дар ин кишвар пайравӣ ба анъанаҳои миллӣ бениҳоят устувор аст. Аммо дар шароити паҳншавии технологияҳои олӣ ва дараҷаи баланди урбанизатсияи Япония, сокинони бузургшаҳрҳо танҳо дар меҳмонхонаҳои махсусан барои ин сохташуда метавонанд ба анъанаҳои миллӣ мутаваҷҷеҳ шаванд. «Реканҳо» як қисми сайёҳони хориҷиро низ ҷалб мекунанд, вале инҳо асосан танҳо барои мухлисони фарҳанги японӣ таъйин шудаанд ва пурра ба рӯҳияву ҷаҳонбинии миллӣ мувофиқат мекунанд.

Бояд қайд кард, ки яке аз хосиятҳои модели осиёӣ равиши ғайрианъанавии интихоби воситаҳои ҷойгирсозӣ мебошад. Ҳангоми татбиқи ин модел ба анъана ва фарҳанги миллӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Модели англису амрикоӣ дар кишварҳои англисзабон, бахусус дар ИМА ва Канада паҳн шудааст. Хусусияти модели мазкур дар ин аст, ки он дар кишварҳои англисзабон дар давраи баъди ҷанг, яъне вақте пайдо шуд, ки аҳволи иқтисоди миллӣ вазнин буд ва чораҳои фаврии раҳоӣ аз

бухронро талаб мекард. Дар натиҷа, модели англису америкоӣ хусусиятҳои вижаи худро дорад:

1. Таъйинот барои сайёҳии дохилӣ.

Ин хусусан дар ИМА возеҳ аён мегардад. Дар ин кишвар замони бухрони бузурги солҳои 30 - юм Президент Франклин Д. Рузвелт бо такя ба муқаррароти асосии назарияи иқтисодии Ҷ. М. Кейнс сиёсати фаъолонаи сармоягузории давлатиро роҳандозӣ намуда, татбиқи як қатор лоиҳаҳои бузурги сохтмони инфрасохторӣ, аз ҷумла бунёди роҳҳои автомобилгард, неругоҳҳои энергетикӣ ва дигар иншооти муҳимми маҷмааи хоҷагии халқро ҷонибдорӣ ва тасдиқ намуд. Бояд қайд намуд, ки баъди Ҷанги ҷаҳонии дуюм шабакаи густурдаи роҳҳои автомобилгард ба рушди иқтисоди ИМА мусоидат кард. Дар байни сайёҳони дохилӣ истроҳату сафарҳо бо автомобил маъмул шуданд. Дар натиҷа дар ҷодаҳои автомобилгарди ИМА шабакаи васеи тиҷорати меҳмонхонаӣ барои хизматрасонӣ ба сайёҳон ташкил ёфт. Чунин маҷмааи меҳмонхонаҳо дар деҳаҳо пайдо шуданд.

2. Низоми B&B (Bed & Breakfast).

Маҳз ҳамин низом, бо таваҷҷуҳ ба тахассуси бозори дохилӣ доштани модели англису америкоии сайёҳии аграрӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва афзалияти сайёҳии автомобилӣ, аз ҳама фоидаовар аст. Бештар сайёҳоне, ки маҳз ҳамин навъи истироҳатро интихоб кардаанд, танҳо барои хоб кардану наҳорӣ хӯрдан дар деҳа таваққуф мекунанд. Ба ин васила, истеъмолгарон аз сифати стандартии истироҳат, ки ҷавобгӯи танҳо талаботи зарууртарин аст, қаноатманд мешаванд.

3. Набудани маҷмуи хизматрасонии иловагӣ ва даст кашидан аз хусусияти миллӣ.

Ин хусусияти модели англису америкоӣ низ комилан табиист, зеро сайёҳии англису америкоӣ ба истиқомати кӯтоҳмуддат нигаронида шуда, талабот ба хизматрасонии иловагӣ дар он вуҷуд надорад. Чунин сохтори бизнеси сайёҳии аграрӣ камбудиҳои худро дорад: арзиши як рӯзи истиқомат дақиқ муайян шудааст ва ба даст овардани фоидаи иловагӣ

имкон надорад. Вале дар модели англису амрикоии рушди сайёҳии аграрӣ омадурафти сайёҳон зиёд аст.

Сайёҳии англисӣ ва амрикоӣ хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки бештарашон марбути заминаи моддию техникӣ мебошанд. Корхонаҳои сайёҳии ИМА асосан тибқи низоми B&B, бо такя ба стандартҳои умумиқабулшудаи сифат кор мекунанд, аммо дар Британияи Кабир бештар ба хусусияту суннатҳои миллӣ диққат медиҳанд. Масалан, дар баробари воситаҳои стандартии ҷойгирнамоии канори роҳ дар Англия одате васеъ паҳн шудааст, ки қасрҳои қадимаи деҳотро барои ҷойгирнамоии сайёҳон бозсозӣ ва таҷҳиз мекунанд.

Дар ИМА, ғайр аз B&B, боз як самти сайёҳии аграрӣ «хонача дар деҳа» (farm vacation home) вуҷуд дорад, ки сокинони шаҳрҳои бузурги Амрико барои истироҳат бо оилаҳояшон ба он ҷо мераванд. Паҳншавии шакли истироҳатии «хоначаҳо дар деҳот» ба солҳои 1970-ум рост меояд. Бо афзоиши суръат ва шиддатнокии тарзи зиндагии шаҳрӣ дар ин давра, сохтори талаботи истироҳатӣ тағйир ёфта, эҳтиёҷ ба шаклҳои ором, табиӣ ва экологӣ асосёфтаи фароғат берун аз шаҳр, хусусан дар минтақаҳои дорои иқтидори баланди рекреатсионӣ, ба таври назаррас афзуд.

Чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, муваффақияти сайёҳии аграриро ҳамчун як бахши саноати сайёҳӣ омилҳои зерин таъмин мекунанд:

1. Самаранокии иқтисодии баланди модел дар сатҳи микроиқтисодӣ

Сохтори пурсамари хароҷот ҳангоми истеҳсоли маҳсули сайёҳӣ арзиши аслии паст ва мувофиқи ин, рақобатпазирии баланди онро нисбат ба намудҳои пурхарҷ ва ҳам пурқиматтари сайёҳӣ таъмин мекунад. Зимнан имкони танаввуи маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳиро аз дараҷаи VIP то оддитарин дархости мизоҷон муҳайё менамояд.

2. Рақобатпазирии баланди маҳсулоти сайёҳӣ пеш аз ҳама аз мутобиқати он ба нишондиҳандаи «нарх – сифат» вобаста мебошад, ки дар асоси модели микроиқтисодии ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ қарор мегирад вадар ин замина, маҳсулоти сайёҳии аграрӣ бояд дорои хусусияти

ҳадафмандӣ, маҷмӯавӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба талаботи тағйирёбандаи бозор бошад.

Бо ташкили муосири бизнеси сайёҳии аграрӣ имконият фароҳам меояд, ки сиёсати нархгузории рақобатпазир дар муқоиса бо дигар бахшҳои саноати сайёҳӣ нигоҳ дошта шавад, зеро арзиши истиқомат дар ин шакли сайёҳӣ, чун қоида, нисбат ба бахши меҳмонхонагӣ ба маротиб пасттар мебошад.

3. Бо равона гардидани модели пешниҳодшуда ба қонеъгардонии талаботи қишри васеи ҷомеа, пеш аз ҳама синфи миёна, ва бо дарназардошти хусусиятҳои тарзи зиндагӣ ва ниёзҳои истеъмолии он, шароити ташаккули талаботи устувори қобили пардохт дар бахши сайёҳии аграрӣ дар бозори байналмилалии хизматрасониҳои сайёҳӣ таъмин мегардад.

4. Консепсияи сайёҳии аграрӣ ба тамоюлҳои муосири рушди соҳаи сайёҳӣ мутобиқ буда, равандҳои фардикунонии бастаи хизматрасониҳои сайёҳиро дар бар мегирад. Дар ин замина, афзоиши шаклҳои сайёҳии инфиродӣ, оилавӣ ва камодам ҳамчун самти афзалиятноки рушди устувори сайёҳӣ баррасӣ мегардад.

5. Омили калидии табдили ин самт ба як бахши саноати сайёҳӣ дастгирии сиёсӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ва марказӣ мебошад, ки инро таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот мекунад.

6. Функсионалӣ ва устувор ба роҳ мондани фаъолияти бахши сайёҳии аграрӣ дар шароити муосир бидуни ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва истифодаи фарогири онҳо амалан ғайриимкон буда, маҳз рақамисозии равандҳо ҳамчун яке аз заминаҳои калидии баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва рақобатпазирии соҳа баромад мекунад. Дар ин раванд ташкили пойгоҳҳои электронии маълумот, платформаҳо ва сомонаҳои интерактивии махсусгардонидашудаи сайёҳии аграрӣ аҳамияти калидӣ дошта, онҳо ба беҳтар гардидани дастрасии иттилоот, баланд бардоштани шаффофияти бозор ва афзоиши ҷолибияти хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ мусоидат менамоянд.

Бо такя ба таҷрибаи рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои ИДМ метавон хулоса баровард, ки сайёҳии аграрӣ дар Белоруссия ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақ ва амалии рушди ин самт дар фазои ИДМ баромад менамояд, гарчанде ки ин намуди истироҳат дар кишвар ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дорад. Вале, эҳтимол сайёҳии аграрии Белоруссия қодир аст, як қисми бозори сайёҳии дохилӣ ва ҳам хориҷиро тасхир кунад. Ба ғайр аз таҷрибаи аврупоӣ дар инкишофи сайёҳии аграрӣ, Белоруссия метавонад ба анъанаҳои худ такя намояд.

Кишварҳои ҳамсояи Белоруссия - Литва ва Латвия ба рушди сайёҳии аграрии он таъсири зиёд расонданд. Таҷрибаи аврупоӣ нишон медиҳад, ки таъсиси сохтори муттаҳидкунандаи гурӯҳи ҳамфикрон инкишофи сайёҳии аграриро метезонад. Бинобар ин, хоҷагиҳои деҳқонӣ, чун қоида, дар ассотсиатсияҳои сайёҳии деҳотӣ муттаҳид мешаванд, ки вазифаашон аз гурӯҳбандии объектҳои сайёҳӣ вобаста ба сатҳи хизматрасонӣ ва назорати мутобиқати онҳо ба талаботи ассотсиатсияҳо иборат аст. Ин ташкилотҳо инчунин ба фермерҳое, ки хоҳиши машғулшавӣ ба сайёҳии деҳотиро доранд, тавассути таҳияи услуби фирмавӣ ва ташкили робита бо ҷомеа машварат медиҳанд. Чуноне, ки таҷрибаи Аврупо нишон медиҳад, дастгирии қонунгузорӣ дар марҳилаи ибтидоӣ миқдори соҳибкорони расман номнависшудаи сайёҳии аграриро меафзояд, сифати хизматрасониро беҳтар месозад ва муҳити солиму мунсифонаи рақобатро ба вуҷуд меорад.

Ба ин васила, дар сайёҳии аграрии Белоруссия тазоди булъаҷаб ва рафънопазир ба вуҷуд омад: аз як тараф - худдории ихтиёрии давлат аз назорати фаъолияти сайёҳии аграрӣ, аз сӯи дигар - кушиши ба ин фаъолият таҳмил кардани стандартҳои сифат. Дар натиҷаи ин ихтилоф, аксари соҳибкорони белорус, ки фаъолияти сайёҳии аграриро инкишоф медиҳанд, талаботи сертификатсияи ҳатмиро то замоне, ки стандартҳои марбути танҳо сайёҳии аграрӣ таҳия нашаванд, рад карданд, зеро бисёре аз корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ба талаботи нисбат ба меҳмонхонаҳо ҷавобгӯ нестанд.

Сайёҳии деҳотӣ фаъолона ба деҳаҳои Белоруссия ёрӣ мерасонад ва симои мусбати худи кишварро, ки то ҳол дар бозори сайёҳии ҷаҳон ноаён буд, инкишоф медиҳад.

Солҳои 2002 - 2003 рушди сайёҳии аграрӣ дар Молдова оғоз ёфт. Дар марҳилаи аввали лоиҳа дар тамоми ҳудуди кишвар ҳамагӣ ду пансионати деҳотӣ ба қайд гирифта шуда буд. Молдова дар инкишофи ин самти фаъолият принсипҳои зеринро асос карда буд: сайёҳии аграрӣ фаъолиятест, ки малакаи иловагиро талаб намекунад; даври сармоягузории сайёҳии аграрӣ нисбат ба соҳаҳои дигар суръати бештар дорад.

Бинобар ин, инкишоф додани сайёҳии аграрӣ дарҳол яке аз самтҳои афзалиятнок дар иқтисод шинохта шуд. Мушкили асосии пешбурди сайёҳии аграрӣ дар Молдова инфрасохтори суст рушдёфта буд, ки баъзан ҳатто расидан ба маҳалли таъинотро душвор мегардонад. Ба ғайр аз ин, инкишофи сусти фонди манзил барои таъсиси пансионатҳои ҷавобгӯи талаботи сертификатсионӣ монеа эҷод мекард. Ба ҳамаи ин набудани тахассуси зарурии ҷониби мизбон илова шуд: фермерҳое, ки ба пешбурди ин бизнес шурӯъ карданд, таҳсилоти кофӣ надоштанд.

Аммо, бо вуҷуди ин мушкилот, дар Молдова пансионатҳои нав ба нави агросайёҳӣ ва деҳотӣ ифтитоҳ мешаванд, ки ба тамоми меъёрҳои сертификатсионии Вазорати фарҳанг ва сайёҳии Ҷумҳурии Молдова мутобиқ ҳастанд. Тафовути пансионатҳои агросайёҳӣ дар ин аст, ки як қисми маҳсулоти истифодашаванда барои ғизо, бояд дар ҳудуди худи онҳо парвариш карда шавад, ба пансионатҳои деҳотӣ ин талабот дахл надорад. Сайёҳии аграрӣ дар Молдова яке аз қисмҳои таркибии соҳибкории хурду миёна мебошад. Сайёҳон дар воситаҳои ҷойгирсозии бо услуби миллӣ ороишёфта, ё дар коттеҷҳои муосир истироҳат мекунанд. Дар маҷмааҳои агросайёҳии Молдова хизматрасониҳои иловагии фарогири барномаҳои гуногунсамт - аз шиносоӣ бо фолклор то ҳунарҳои мардумӣ пешниҳод карда мешаванд. Муштариёни асосии ин маҷмааҳо оилаҳои фарзанддор, ҷавонон, кормандони ширкатҳои калон (мизоҷони ширкатӣ), ҷуфтҳои

солхӯрда мебошанд. Мизоҷони асосии бизнеси сайёҳии аграрии Молдова сайёҳони хориҷӣ мебошанд. Бештари онҳо шахсоне ҳастанд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба соҳибкорӣ машғуланд.

Арзиши пешниҳодҳо ба сатҳи хизматгузорӣ ва пакети хизматрасониҳо вобаста буда, метавонад то 50 доллар дар як шабонарӯзро ташкил диҳад.

Дар марҳилаҳои аввал ба барномаи сайёҳии аграрӣ хоҷагиҳои кишоварзие шомил шуданд, ки дар наздикии объектҳои сайёҳӣ ҷойгир буданд. Сайёҳии аграрии Молдова вижагиҳои худро дорад. Масалан, бо соҳибони муассисаҳои сайёҳии аграрӣ аҳдномаҳо баста мешаванд, ки тибқи онҳо соҳибон уҳдадоранд таҳхонаҳои нигоҳдории шаробро бо тарзи барои сайёҳон мувофиқ таҷҳиз намоянд.

Сайёҳии аграрӣ дар Молдова соҳаи фаъолона рушдкунандаи иқтисоди давлатист ва аз он умеди бисёр доранд.

Инчунин, алҳол сайёҳии аграрӣ дар Украина тараққӣ карда истодааст. Масалан, дар Карпат намояндагии Федератсияи сайёҳии деҳотии Украина ифтитоҳ ёфтааст. Он дар натиҷаи ба миён омадани зарурати шадиди муттаҳидсозии ҳама ташкилотҳои сайёҳӣ дар як низом таъсис дода шуд. Агарчӣ дар буҷети давлатии Украина то ҳол маблағҳо барои рушди сайёҳӣ дар кишвар пешбинӣ шудаанд, соҳаи сайёҳии аграрии Карпат барои давлат фоидаовар аст. Ҳиссаи ин соҳа дар буҷети вилоят ҳар сол 10,0% - ро ташкил медиҳад.

Дар соҳаи сайёҳии деҳотии минтақа алҳол зиёда аз 1200 соҳиби хонаҳои хусусӣ кор мекунанд. Федератсия вазифаи миёнаравро дар байни соҳибони хонаҳои хусусӣ ва сайёҳон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ иҷро мекунанд.

Сайёҳии аграрӣ дар кишварҳои ИДМ то ҳол дар марҳилаи аввали инкишоф қарор дорад. Вале ҳатто қадамҳои аввалин дар ин самт аллакай самараи назаррас дода, тадриҷан суботи вазъи иқтисодии маҳалҳои алоҳидаи деҳот ва ҳам тамоми иқтисоди ин кишварҳоро таъмин мекунанд.

Дар асари худ олими тоҷик Неъматов И.У. чунин изҳор намудааст: «...дар бисёре аз давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф сайёҳӣ, аз он ҷумла сайёҳии аграрӣ, яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Суръати баланди рушди он ва мутаносибан баландшавии ҳаҷми он дар ташаккули ММД, инчунин зиёдшавии ҳаҷми даромади асъорӣ аз ин ҳисоб дар рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт таъсири назаррас мерасонад» [127, с. 166].

Сайёҳии аграрӣ яке аз намудҳои истеҳсолоти ёрирасони кишоварзӣ буда, бевосита бо истеҳсолоти кишоварзӣ иртибот дорад. Сайёҳии аграрӣ пеш аз ҳама, хизматрасониест, ки мавҷудияти соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти кишоварзиро талаб мекунад.

Сайёҳии аграрӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ҷанбаҳои бозории рушди соҳа ва вазифаҳои иҷтимоии инкишофи ҷомеаро дар бар мегирад. Бинобар ин, дар шароити иҷтимоию иқтисодии муосир, сайёҳии аграрӣ яке аз самтҳои ояндадор ва фоидаовари фаъолият дар маҳалҳои деҳот гардидааст. Сайёҳии аграрӣ бояд чун категорияи иқтисодие баррасӣ карда шавад, ки вазифаи асосиаш фаъолият баҳри қонеъсозии талаботи одамон ба истироҳати солим ва истифодаи оқилонаи тамоми захираҳои доштаи деҳоти алоҳида мебошад.

Ба ин васила, таҳлили вазъи муосири сайёҳии аграрӣ дар ҷаҳон нишон медиҳад, ки ин қисми муҳими саноати ҷаҳонии сайёҳӣ мебошад ва суръати рушди он ҳамеша меафзояд. Дар шароити муосир сайёҳии деҳот метавонад мавқеи устувори худро дар фаъолияти сайёҳӣ ишғол намуда, таваҷҷуҳи сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб кунад.

Барои баъзе аз кишварҳо сайёҳии деҳот дар бист соли охир бахши пурдаромади соҳаи кишоварзӣ гардид ва бо итминон метавон гуфт, киояндаи неке барои рушди минбаъда дорад. Дар ҷаҳон чор модели сайёҳии деҳот бомуваффақият амал мекунанд: моделҳои Аврупои Ғарбӣ, Аврупои Шарқӣ, осиёӣ ва англису амрикоӣ. Дар кишварҳои ИДМ сайёҳии аграрӣ тибқи принсипҳои дигаргун ва комилан фардӣ инкишоф меёбад, аз ин рӯ, моделҳои рушди аён вуҷуд надоранд.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ташкил ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар деҳот ба манфиати кор мебошад. Ба андешаи муаллиф, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон наздиктарин ва мувофиқтарин таҷриба ба рушди сайёҳии аграрӣ, ки ҳамчун яке аз самтҳои ояндадор ва иқтисодан фоидаовари фаъолияти деҳот баррасӣ мегардад, таҷрибаи татбиқи модели осиёии сайёҳии аграрӣ маҳсуб мешавад, чунки он на бозсозӣ, балки сохтмони «VIP - деҳаҳо», «музейҳои зери осмон» - ро бо имкони зист ё меҳмонхонаҳои пурқимати миллии воқеъ дар деҳотро дар назар дорад. Чуноне, ки қайд карда будем ин модел рушди фаъолияти сайёҳии аграририро фақат дар он кишварҳое метавон татбиқ кард, ки саноати сайёҳӣ дар сатҳи баланд қарор дорад ва вуруди доимии ҳарсолаи сайёҳони хориҷӣ мушоҳида карда шавад. Шарти дигари амалкарди ин модел инкишофи маданияти меҳмондорист, ки дар тӯли чандин даҳсола ташаккул ёфтааст. Бинобар ин, тааҷҷубовар нест, ки чунин модели сайёҳии аграрӣ маҳз дар кишварҳои Осиё, ки мавриди таваҷҷуҳи доимии ҷомеаи аврупоӣ қарор доранд, падид омадааст.

**Хулосаи боби 1**

Зимни омӯзиш ва тадқиқот муайян гардид, ки сайёҳии аграрӣ яке аз намудҳои сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳот аст, ки бо истеҳсолоти кишоварзӣ иртибот дорад. Сайёҳии аграрӣ ҷудо аз фаъолияти истеҳсолии кишоварзӣ мавҷуд буда наметавонад, зеро ҳадафи асосии сафар барои сайёҳон шиносоӣ бо тарзи ҳаёти деҳот, равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва фаъолияти хоҷагиҳои аграрӣ мебошад. Ин намуди сайёҳӣ пеш аз ҳама ба қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба истироҳати солим, табиӣ ва экологӣ нигаронида шудааст.

Моҳияти сайёҳии аграрӣ дар ташкили истироҳат дар муҳити деҳот ифода меёбад, ки дар доираи чунин шакли фаъолият сайёҳон барои муҳлати муайян ба муҳити зиндагии деҳот ворид гардида, бо анъанаҳо ва шаклҳои суннатии фаъолияти кишоварзӣ аз наздик шинос мешаванд ё мустақиман дар равандҳои истеҳсолии марбут ба он иштирок менамоянд.

Ҳамзамон, онҳо аз маҳсулоти кишоварзии маҳаллӣ истифода бурда, бо ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанги рӯзгор ва урфу одатҳои суннатии аҳолии деҳот ошно мешаванд, ки ин ба фикри мо ҷаззобияти иҷтимоӣ ва фарҳангии сайёҳии аграриро боз ҳам тақвият мебахшад.

Асосҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз намудҳои истироҳат дар маҳалли деҳот як низоми бисёрсатҳаи омилҳои иҷтимоию иқтисодие мебошанд, ки аз як тараф, ба рушди худи сайёҳии аграрӣ, аз тарафи дигар, ба некӯаҳволии минтақа таъсир мерасонанд.

Қайд кардан муҳимм аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги сайёҳии рекреатсионӣ мебошад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи нодир ва баландарзиши захираҳои табиӣ ва рекреатсионӣ, инчунин ёдгориҳо ва объектҳои мероси таърихию фарҳангии дорои аҳамияти байналмилалӣ мутамарказ гардидаанд, ки дар маҷмӯъ пояи муҳимми рушди соҳаи сайёҳиро ташкил медиҳанд. Илова бар ин, баргузории мунтазами чорабиниҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар самтҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва варзишӣ ба таҳкими ҷолибияти сайёҳии кишвар ва густариши имиҷи мусбати он дар бозорҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Зайнураи А. чунин изҳор намудааст: «Бо пайдо кардани зарурат таҷрибаи ин соҳа дар тамоми давлатҳои дунё мавриди татбиқ қарор гирифта, дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба яке аз соҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатноки кишвар табдил ёфта буд. Ҳамин буд, ки дар шароити имрӯза бо рушди муносибатҳои кишоварзӣ ва мавқеи муҳим пайдо намудани соҳаи сайёҳӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, агросайёҳӣ ба як соҳаи муҳимми сайёҳии устувор табдил ёфт» [92, с. 200].

Ҳузури шумораи зиёди объектҳо ва маҷмааҳои сайёҳии ҷолиб дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ заминаи ҷалби устувори сайёҳони хориҷиро фароҳам оварда, истифодаи иқтидори мавҷударо ба гардиши иқтисодӣ таъмин месозад. Маҳз фарогирӣ ва гуногунрангии захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ имконият медиҳанд, ки ҳамаи шаклҳои асосии фаъолияти сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии фарҳангию маърифатӣ, соҳибкорӣ, фаъол,

солимгардонӣ, экологӣ ва ҳамзамон сайёҳии аграрӣ, ба таври ҳамгиро ва устувор рушд ёбанд.

Дар асари илмии худ муҳаққиқи тоҷик Каримӣ М.Д. чунин изҳор намудааст: «...истифодаи таҷрибаи мавҷудаи рушди сайёҳии экологӣ дар давлатҳои дорои соҳаи мутараққии сайёҳӣ барои таъмини рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи кишвар омили муҳимм аст. Вале ҳангоми истифодаи таҷрибаҳои ҷаҳонӣ мебояд дар навбати аввал онҳоро бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ мутобиқ гардонид. Баъдан тамоми тадбирҳо, амал, ҳаракат, фаъолият ва ҳоказоро мебояд меҳвари асосии истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи кишвар бошад. Зеро, дар ҳолати халалдор сохтани ҷараёни ҳаётии намояндагони олами наботот ва ҳайвонот, намудҳои дигари захираҳои табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи кишвар, тавассути рушди сайёҳии экологӣ тадриҷан моҳият ва мантиқи зарурати рушди сайёҳии экологӣ аз байн меравад» [163, с. 145].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки рушди сайёҳии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири як қатор омилҳое қарор дорад, ки метавонанд ба таври мустақим ё ғайримустақим ба ин раванд таъсир расонанд. Ба гурӯҳи чунин омилҳои маҳдудкунанда, пеш аз ҳама, сатҳи нокифояи ҷалби аҳолии деҳот ба фаъолияти сайёҳӣ шомил мегардад, ки он бо маҷмуи мушкилоти иҷтимоӣ ва кадрӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, мавҷудияти тарси қабули сайёҳони хориҷӣ, набудани донишҳои ибтидоӣ дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ, сатҳи пасти донистани забонҳои хориҷӣ ва норасоии мутахассисони дорои тахассуси зарурӣ дар маҳалҳои деҳот равандҳои рушди сайёҳиро ба таври ҷиддӣ маҳдуд менамоянд.

# БОБИ 2. АРЗЁБИИ РУШДИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Заминаҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон

Дар Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ, монанд ба бисёр кишварҳои дигар, ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ ташаккул ёфта, дар солҳои охир тамоюли рушди босуръатро касб намудааст.

Дар солҳои мушкили навадум аз сабаби ҷанги шаҳрвандии хунбор дар кишвар, сайёҳони хориҷӣ бино бар мулоҳизоти амниятӣ аз сафар ба кишвари мо худдорӣ мекарданд. Пас аз итмоми ҷанги таҳмилӣ дар соли 1997 рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон батадриҷ оғоз шуд ва дар нимаи солҳои 2000 - ум ба туфайли беҳшавии инфрасохтор ва сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ба сатҳи сифатан нав баромад. Бо эълон гардидани солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсуси давлат ба рушди инфрасохтори деҳот ва сайёҳӣ тақвият ёфта, барои суръатбахшии равандҳои навсозии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда шуд ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд кард. Баҳри иҷроиши Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҳадафи афзудани сайёҳони хориҷиро оғоз кард. Дар давоми як моҳ Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо супориши Сарвари давлат нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи нақшаҳои мазкурро таҳия намуд.

Тоҷикистон то ҳол барои бисёре аз сокинони сайёра кишвари номаълум боқӣ мемонад. Зебоии табиати афсунгар ва фарҳанги ғайриоддии ин кишвар барои ҳамаи хоҳишмандон кушода аст.

Дар асари худ олими тоҷик Неъматов И.У. чунин изҳор намудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари сайёҳӣ давлати дилкашу ҷаззоб мебошад, зеро Тоҷикистон ин ҳудуди тамаддуни қадим, дорои манзараҳои дилфиребу қаторкӯҳҳо ва қуллаҳои осмонбӯси Помир, кӯлҳои обҳои

мусаффо ва сарчашмаи дарёҳои зиёд аст. Сарзамини тоҷикон бо муҷассамаҳои таърихӣ, боқимондаҳои ёдгории шаҳрҳои қадима ва мавзеъҳои таърихиаш машҳур гаштааст. Аз 532 ёдгории таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон 276–тои он ба ёдгориҳои археологӣ, 185–тоаш ба ёдгориҳои таърихӣ ва 71–тои он ба ёдгориҳои меъморӣ мансуб мебошанд» [127, с. 167].

Нисбат ба соли 2017 теъдоди меҳмонони хориҷӣ 2,5 маротиба зиёд шуд. Сайёҳон аз кишварҳои пасошуравӣ: Арманистон, Белоруссия, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдавия, Россия, Туркманистон сафар ба Тоҷикистонро дӯст медоранд ва ҳар сол миқдори онҳо меафзоянд.

Инчунин, сайёҳон аз Британияи Кабир, Германия, Эрон, Канада, Нидерландия, ИМА, Туркия, Фаронса, Чехия, Япония ва дигар кишварҳо ба Тоҷикистон марок зоҳир мекунанд.

Саёҳати бехатарро дар қаламрави Тоҷикистон мақомоти тартиботи дохилӣ ва Қӯшунҳои сарҳадии кишвар таъмин мекунанд. Рафъи хатарҳои гуногун ва истиқрори амният ба афзоиши теъдоди сайёҳони ба Тоҷикистон воридшаванда мусоидат кард.

Сайёҳӣ дар Тоҷикистон барои дӯстдорон эҳсосоти фаромӯшношуданӣ, кӯҳнавардон ва велосипедсаворон, барои дӯстдорони фарҳангу таърихи қадимаи форсӣ, инчунин хоҳишмандони паймудани роҳҳои касногузар навъи ҷолиби тафреҳ мебошад. Манзараҳои кӯҳсор дӯстдорони кӯҳнавардӣ ва сайёҳии пиёдаро ба ин ҷо ҷазб мекунанд.

Дар асари худ олими тоҷик профессор Самандаров И.Ҳ. чунин изҳор намудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ ба ҳисоб рафта, 93,0% ҳудуди онро кӯҳҳое ташкил медиҳанд, ки ба кӯҳҳои баландтарин мансубанд. Водиҳои қисмати шимолу ҷануби Тоҷикистон – водиҳои Фарғона, Зарафшон, Вахш, Ҳисор, Вахон ва дигарҳо ҷумҳуриро дар қатори кӯҳҳои осмонбӯсаш зиннати дигар мебахшанд» [143, с. 39].

Иқлими Тоҷикистон, ки 250 рӯзи офтобӣ дорад, ба ҳар меҳмон имкон медиҳад, ки нақшаи саёҳатро муайян намояд.

Намудҳои саёҳати сайёҳӣ дар Тоҷикистон: саргузаштӣ, табиӣ, таърихӣ, махсус ва якрӯза.

Саёҳатҳои саргузаштӣ намуди махсуси истироҳат буда, ба кашфи маконҳои табиӣ ва иштирок дар фаъолиятҳои ғайриоддӣ ва ҳаяҷонангез, аз қабили шиноварӣ дар дарёҳои кӯҳӣ, дайвинг ва кӯҳнавардӣ равона шудаанд.

Кӯҳнавардӣ, сайру гашти пиёда, рафтинг, велосипедронӣ, саёҳати чандрӯза, омӯзиши набототу ҳайвоноти кишвар (кӯҳҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Кӯҳистони Мастчоҳ, қаторкӯҳҳои Ҳисору Шаҳристон, кӯҳҳои Фон ва Яғноб). Ҳар сол кӯҳнавардони касбӣ барои фатҳи қуллаҳои баландтарини Помир - қуллаҳои Исмоили Сомонӣ ва Корженевская ба ин ҷо меоянд. Сайёҳони пуртаҷрибаи кӯҳгард низ саёҳат ба минтақаҳои зебову рангоранг, аз қабили пиряхи Федченко ва водии Олойро интихоб мекунанд.

Унсурҳои асосии саёҳатҳои саргузаштӣ истифодаи шаклҳои ғайрианъанавии ҳаракат ва нақлиётро дар бар мегиранд. Ба чунин намудҳо сафар бо сагчанаҳо, аспҳо, харҳо, уштурҳо, инчунин истифодаи кураҳои ҳавопаймоӣ ва дигар воситаҳои махсуси ҳаракат мансуб мебошанд.

Аксари шаклҳои саёҳатҳои саргузаштӣ бо сатҳи баланди таваккалӣ алоқаманд буда, дар ҷараёни сафар аз сайёҳ сатҳи муайяни омодагии ҷисмонӣ, малакаҳои махсус, ҷасорат ва қобилияти тобоварӣ дар шароити мураккаби табиӣ талаб менамоянд.

Дар чанд соли охир дар миқёси ҷаҳонӣ инфрасохтори махсус барои рушди саёҳатҳои саргузаштӣ тадриҷан ташаккул ёфтааст. Ба чунин объектҳо, пеш аз ҳама, боғҳо ва маҷмааҳои фароғатии ғайрианъанавӣ дохил мешаванд, ки барои таҷрибаи фаъолу ҳаяҷонбахши сайёҳон равона гардидаанд.

Яке аз шаклҳои ниҳоии саёҳатҳои саргузаштӣ сайёҳии экстремалӣ ба ҳисоб меравад. Ин намуди сайёҳӣ, одатан, бо ташаббуси мустақили сайёҳон амалӣ гардида, бинобар дараҷаи баланди хавф метавонад ба саломатӣ ва ҳаёти инсон таҳдид эҷод намояд.

Сайёҳии табиӣ ё экосайёҳӣ дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятнок ва босуръат рушдёбандаи соҳаи сайёҳӣ ҳисобида мешавад.

Хусусияти фарққунандаи экосайёҳӣ пеш аз ҳама дар тамаркузи он ба ҳамоҳангии фаъолияти сайёҳӣ бо талаботи ҳифзи муҳити зист ифода меёбад, зеро ин шакли сайёҳӣ ба коҳиш додани таъсири антропогенӣ, нигоҳдории мувозинати экологӣ ва ташаккули муносибати масъулона нисбат ба захираҳои табиӣ нигаронида шудааст, ки саёҳатҳо, одатан, дар гурӯҳҳои хурд ва бо роҳбарии мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмӣ амалӣ карда мешаванд. Ба чунин мутахассисон географҳо, табиатшиносон, орнитологҳо, энтомологҳо, экологҳо, зоологҳо, ихтиологҳо ва дигар олимону коршиносони соҳавӣ шомил мешаванд.

Бо чунин равиш ҳадафи асосии ин навъи саёҳат на танҳо истироҳат, балки мушоҳида ва омӯзиши муҳити табиӣ, анҷом додани фаъолиятҳои илмию маърифатӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва ҳамзамон мусоидат ба ҳифз ва нигоҳдории гуногунии биологии олами ҳайвонот ва наботот муайян мегардад.

Дар асари худ олими тоҷик Шарипов А.М. чунин изҳор намудааст: «Имкониятҳои экосайёҳӣ, ба хусус бо таваҷҷӯҳ ба иқлим ва муҳити зист, дар Тоҷикистон метавонанд барои ҳифзи захираҳои табиӣ ва рушди устувор мусоидат кунанд. Ин соҳа ҳамчунин ба омӯхтани гуногунии фарҳангии Тоҷикистон тавассути шиносоӣ бо анъанаҳои маҳаллӣ ва зиндагии кӯҳистониён кумак мерасонад» [155, с. 178].

Экосайёҳӣ шакли сайёҳиест, ки бар пояи фарҳанги баланди муносибат бо табиат ташаккул ёфтааст. Сайёҳони ин самт ба риояи қатъии меъёрҳои экологии рафтор аҳамияти махсус медиҳанд ва дар ҷараёни сафар аз ҳар гуна амалҳое, ки метавонад ба муҳити зист зарар расонад, худдорӣ менамоянд. Аз ҷумла, онҳо партовҳои маишӣ, бастабандӣ, зарфҳои пластикӣ ё шишагӣ ва дигар маводи ифлоскунандаро дар муҳити табиӣ боқӣ намегузоранд.

Дар асари худ олими тоҷик Раҳимов Б.А. чунин изҳор намудааст: «...барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти экосайёҳӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд. Дар навбати аввал қобили қайд аст, ки то кунун мушкилоти дастгирии системавии сайёҳии экологӣ

дар ҳудудҳои муҳофизатшавандаи ҷумҳурӣ ҳалли худро наёфтаанд, манфиати мустақими мақомоти минтақавӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ба рушди ин намуди фаъолияти сайёҳӣ вуҷуд надорад, инчунин меъёрҳои истифодаи оқилонаи манбаъҳои минтақавии сайёҳии экологӣ то кунун муайян карда нашудаанд. Ҳаллу фасли мушкилоти мазкур имконият медиҳад, ки экотсайёҳии ҷумҳурӣ ба тарзи устувор тараққӣ намуда, ҳамчун фаъолияти даромаднок мавқеи худро дар рушди иқтисодиёт, иҷтимоёт ва масъалаҳои ҳифзи табиат самранок нигоҳ дорад» [136, с. 66].

Манзараҳои табиии Тоҷикистон аз давраҳои бостон таваҷҷуҳи сайёҳон, мусофирон ва дӯстдорони муҳити табииро ба худ ҷалб намудаанд. Шоҳидии ин нуктаро метавон дар сарчашмаҳои сершумори таърихӣ мушоҳида кард, ки дар онҳо зебоӣ, гуногунрангӣ ва нодирии маконҳои алоҳидаи ин сарзамин ба таври муфассал тавсиф шудаанд. Аз ҷумла, дар ёддоштҳо ва гузоришҳои сафарии Марко Поло, ҳамчунин мусофирони чинӣ ва дигар сайёҳон, ки аз қаламрави кишвар убур кардаанд, маълумотҳои арзишманд дар бораи хусусиятҳои табиӣ, релеф ва муҳити ҷуғрофии минтақаҳои мухталифи он оварда шудаанд.

Помир ва кӯҳистони Фон на танҳо кӯҳнавардон, балки сайёҳони муқаррарӣ, велосипедронҳо ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамоянд. Дар ин ҷо ба кемпинг, шиноварӣ дар Искандаркӯл машғул шудан, барқарор намудани саломатӣ дар ҳавои мусаффо ва чашмаҳои минералии Бибӣ Фотима ва Гармчашма, сафар кардан ба мамнӯъгоҳи Бешаи Палангон ва шинос шудан бо ҳайвоноту набототи он ҷо мумкин аст. Инчунин, сайёҳон метавонанд ба қаторкӯҳи Ҳазрати Шоҳ сафар намоянд, шаршараи Молокан, чашмаҳои сулфурдори Обигӯгирд, Балҷувон ва Ховалингро тамошо кунанд. Сафар ба водии Юган ва дар он ҷо тамошо кардани дарёчаҳои соф, кӯҳсори сабзу хуррам ва ҷангалҳо низ ҷолиб мебошад.

Саёҳати таърихӣ: Дар ин ҷо ба гузашта назар андохтану бо ёдгориҳои беназири таърих, вайронаҳои шаҳрҳои қадимаи Осиёи Марказӣ шинос шудан мумкин аст (Панҷакенти қадим, Саразм, маъбадҳои зардуштӣ ва масҷиду мазорҳои исломии вилояти Хатлон, қалъаи Ҳисор,

маҷмааи петроглифҳо дар деҳаи Лангари Помир, ёдгориҳои Хуҷанд ва дигар ҷойҳои таърихӣ).

Дар шароити муосир шаҳрҳои бостонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Кӯлоб ва Ҳисор, бо вуҷуди тағйироти назарраси симои меъморӣ ва иҷтимоии худ дар тӯли давраҳои таърихӣ, то имрӯз суннатҳои қадимаи таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳунармандиро бо эҳтиром ва пайдарпайӣ ҳифз намудаанд. То имрӯз сулолаҳои машҳури устодони гулдӯзии тиллоӣ, устодони кафшдӯзӣ, гулдузӣ, гулдӯзони кӯлоҳҳо, бофандагон, устодони силоҳи сард, устоҳои кулолгарӣ, ки маҳсули онҳо дар тамоми ҷаҳон машҳур аст, боқӣ мондаанд. Дар миёни сайёҳоне, ки аз шаҳрҳои бостонии номбурда дидан мекунанд, сайёҳии этнографӣ ҷойгоҳи хоса дошта, бештар маъмул гардидааст. Дар доираи ин шакли сайёҳӣ меҳмонон, илова бар омӯзиши анъанаҳои таърихӣ, фарҳанг ва тарзи зиндагии аҳолии маҳаллӣ, зери роҳбарии устодони соҳибтаҷриба имкони аз худ намудани асосҳо ва малакаҳои ҳунарҳои қадимии то ҳадде фаромӯшшударо низ пайдо менамоянд.

Навъҳои махсуси саёҳат дар Тоҷикистон сазовори таваҷҷуҳи хос мебошанд:

- шикор (бо омода кардани литсензия ва ҳуҷҷатҳо);
- велосипедронӣ дар шоҳроҳи Помир;
- кӯҳнавардӣ дар қуллаҳои гуногун ва сайри кӯҳсор;
- ҷашнвора ва идҳо;
- саёҳатҳои муолиҷавӣ ба чашмаҳои оби гарм ё истироҳат дар осоишгоҳҳои ректреатсионии маҳаллӣ.

Саёҳатҳои якрӯза: Барои онҳое, ки вақташон барои истиқомат дар кишвар маҳдуд аст ва ҳамагӣ 1 - 2 рӯз дар Тоҷикистон мемонанд, ҳамчунин навъҳои беҳтарини саёҳати кӯтоҳи якрӯза дар кишвар ё пойтахти он Душанбе, дараи Варзоб ё Искандаркӯл пешбинӣ шудаанд.

Сайёҳии аграрӣ яке аз механизмҳои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ва тамоми иқтисодиёт шуда метавонад.

Вилояти Хатлон як минтақаи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соҳаи кишоварзӣ ва саноати пешрафта дорад.

Бо ҷойгир будани минтақаи Хатлон дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ишғол намудани масоҳати 24,7 ҳазор км² (тақрибан 17,5 фоизи ҳудуди ҷумҳурӣ), вилоят аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва иқлимӣ минтақаи дорои хусусиятҳои хос маҳсуб меёбад. Он дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳаммарз мебошад.

Бо қарор доштани маркази маъмурии он - шаҳри Бохтар дар масофаи тақрибан 96 км аз пойтахти ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе, инчунин бо иқлими хушку қитъавӣ, ки ҳарорати тобистон то +48°C ва зимистон то –20°C мерасад, шароити табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят ташаккул меёбад, ки ба рушди кишоварзӣ ва сайёҳии аграрӣ таъсири бевосита мерасонад.

Захираҳои замини корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи таҳлилшаванда қариб, ки ҳар сол кам мешаванд (ҷадвали 2.1.1).

**Ҷадвали 2.1.1. – Масоҳати умумии замин ва масоҳати заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон, ҳаз. га**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2020 | 2024 | |
| Масоҳати умумии замин | 2120,1 | 1989,7 | 2468,2 | 116,4 |
| Масоҳати заминҳои кишоварзӣ | 1617,3 | 1457,7 | 1468,4 | 90,8 |
| Аз он ҷумла: мазраъ | 331,2 | 328,1 | 331,3 | 100,0 |
| ниҳолҳои бисёрсола | 30,1 | 41,7 | 44,2 | 146,8 |
| алафдаравҳо | 8,6 | 5,0 | 7,2 | 83,7 |
| чарогоҳ | 1224,4 | 1068,2 | 1232,0 | 100,6 |
| боир | 23,0 | 14,7 | 15,3 | 66,5 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маводҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезия. Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [47].

Дар давоми 14 сол масоҳати заминҳои кишоварзӣ 348,1 ҳаз. га ё 16,4%, аз он ҷумла мазраъ 0,1 ҳаз. га. – 0,03%, ниҳолҳои бисёрсола 14,1 ҳаз. га. – 46,8%, чарогоҳ 7,6 ҳаз. га. – 0,6% дар вилоят рушд ёфтааст. Танҳо масоҳати алафдаравҳо – ба 1,4 ҳаз. га. - 16,3% ва боир 7,7 ҳаз. га. – 35,5% коҳиш ёфт.

Сарфи назар аз васеъ будани масоҳати минтақа аз ҷанубу ғарб ба шимол, дар байни минтақаҳо тафовути ҷиддии иқлимӣ вуҷуд надорад, ки

ба парвариши навъҳои минтақавии зироатҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ таъсир расонад.

Дар соҳаи растанипарварӣ зироатҳои пахта, ғалладона, хӯроки чорво, картошка, сабзавот ва зироатҳои полизӣ парвариш ва истеҳсол карда мешаванд. Дар бахши чорводорӣ чорводории ширдеҳ, парандапарварӣ ва гӯсфандпарварӣ бартарӣ доранд.

Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ), ҳамчун унсурҳои калидии шаклҳои хурд ва миёнаи хоҷагидорӣ баромад намуда, тавассути саҳми худ қисман норасоии ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзиро, ки дар корхонаҳои калони аграрӣ ба мушоҳида мерасад, ҷуброн менамоянд.

Аммо вазни қиёсии хоҷагиҳои шахсӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулот меафзояд (ҷадвали 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.2. - Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон, ҳаз. тонна**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2020 | 2024 | |
| Растанипарварӣ | | | | |
| Ғалладонагиҳо - ҳамагӣ | 706,3 | 922,0 | 966,8 | 136,9 |
| аз ҷумла гандум | 518,7 | 547,0 | 437,1 | 84,3 |
| Пахта | 156,6 | 220,3 | 106,9 | 68,3 |
| аз ҷумла: | | | | |
| Пахтаи маҳиннах | - | - | - | - |
| Картошка | 202,5 | 187,1 | 229,2 | 113,2 |
| Сабзавот | 504,2 | 1404,8 | 1909,8 | 3,8 маротиб |
| Зироатҳои полизӣ | 370,8 | 567,5 | 777,6 | 2,1 маротиб |
| Мева, буттамева ва ситрусҳо | 91,4 | 202,6 | 321,2 | 3,5 маротиб |
| Ангур | 60,8 | 106,44 | 121,8 | 2,0 маротиб |
| Чорводорӣ | | | | |
| Гӯшт (вазни зинда), ҳаз. тонна | 66,9 | 163,7 | 239,5 | 3,6 маротиб |
| Шир, ҳаз. тонна | 286,5 | 511,9 | 602,5 | 2,1 маротиб |
| Тухм, млн. адад | 44 | 81,4 | 153,0 | 3,5 маротиб |
| Пашм, тонна | 3426 | 5250 | 6120,0 | 178,6 |
| Асал, тонна | 511 | 1043 | 1220,0 | 2,4 маротиб |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025. [43, с. 137-183, 284 – 302].

Истеҳсоли ҳамаи намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ин солҳо ғайр аз гандум дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон рушд ёфта истодааст. Вазни қиёсии камтаринро дар ҳаҷми умумии истеҳсол хоҷагиҳои корхонаҳои кишоварзӣ доранд.

Дар оғози соли 2024 шумораи аҳолии доимии вилоят ба 3 790,3 ҳазор нафар расидааст. Дар давраи солҳои 2010–2024 афзоиши умумии аҳолӣ 42,6 фоизро ташкил дода, дар ин миён суръати болоравии аҳолии шаҳрӣ (49,0 фоиз) нисбат ба аҳолии деҳот (39,1 фоиз) баландтар арзёбӣ мегардад, ки динамикаи тағйироти демографиро дар сохтори аҳолинишинӣ инъикос менамояд (ҷадвали 2.1.3).

**Ҷадвали 2.1.3. - Аҳолии шаҳр ва деҳоти вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2020 | 2024 | |
| Теъдоди маҳалҳо, адад | 154 | 155 | 155 | 100,6 |
| аз ҷумла шаҳрӣ | 21 | 23 | 25 | 119,0 |
| ҷамоатҳои деҳот | 133 | 132 | 132 | 99,2 |
| Ҳиссаи маҳалҳои деҳот, % | 86,4 | 85,2 | 85,2 | 98,6 |
| Теъдоди аҳолӣ, ҳаз.наф. | 2658,4 | 3348,3 | 3790,3 | 142,6 |
| аз ҷумла шаҳрӣ | 461,5 | 599,5 | 687,5 | 149,0 |
| ҷамоатҳои деҳот | 2196,9 | 2748,8 | 3056,5 | 139,1 |
| Ҳиссаи теъдоди аҳолии деҳот, % | 82,6 | 82,1 | 80,6 | 97,6 |
| Зичии аҳолӣ, наф./км$^2$ | 109,1 | 135,6 | 153,4 | 140,6 |
| аз ҷумла дар шаҳрҳо | 18,7 | 25,0 | 27,5 | 147,1 |
| ҷамоатҳои деҳот | 90,4 | 110,6 | 125,9 | 139,3 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Демографии солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. [29, с. 20, 39].

Ҳиссаи сокинони деҳот ба 2,4% кам шуд. Аҳолии вилоят дар ҳудуд хеле нобаробар ҷойгир шудааст, зичии бештарин барои маҳалҳои деҳот хос аст. Аз соли 2010 то 2024 зичии аҳолии шаҳрҳо ба 47,1%, аҳолии деҳот - ба 39,3% зиёд шуд. Миқдори маҳалҳои деҳот аз 154 адади соли 2010 то 155 адад дар соли 2024 афзоиш ёфт.

Рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, дар асл ба рушди корхонаҳои кишоварзии ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ вобаста мебошад.

Аз соли 1991 то соли 2024 теъдоди умумии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон ба 74177 адад афзуд (ҷадвали 2.1.4).

Корхонаҳои давлатӣ ва хоҷагиҳои дастаҷамъӣ бештар аз ҳама дар натиҷаи ислоҳоти ташкилию ҳуқуқӣ тағйир ёфтанд. Тамоюли афзоиши миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (ба 2,6 маротиба) тааҷҷубовар нест, зеро дар амалияи иқтисодии хусусӣ хоҷагиҳои мазкур шаклҳои маъмултарини ташкилию ҳуқуқӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2.1.4. - Теъдоди корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон, адад**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2020 | 2024 | |
| Колхозҳо | 1 | - | - | - |
| Совхозҳо | 3 | - | - | - |
| Корхонаҳои кишоварзии байнихоҷагӣ | - | - | - | - |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 27106 | 63672 | 71792 | 2,6 маротиба |
| Корхонаҳои кишоварзии дигар | 536 | 2887 | 2385 | 4,4 маротиба |
| Ҳамагӣ корхонаҳои кишоварзӣ | 27646 | 66559 | 74177 | 2,6 маротиба |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф аз рӯи маълумоти: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025. [43, с. 336-343].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми асосии аҳолӣ зиёда аз 73 фоиз дар маҳалҳои деҳот сукунат дорад. Бо вуҷуди чунин вазъ, сайёҳии аграрӣ дар кишвар то ҳол ба таври зарурӣ рушд наёфтааст. Ин дар ҳолест, ки дар бисёр давлатҳои ҷаҳон сайёҳии аграрӣ яке аз унсурҳои муҳимми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, ҳатто дар он кишварҳое, ки ҳиссаи аҳолии шаҳрнишин нисбат ба аҳолии деҳот хеле баланд аст.

Таҷрибаи амалии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва як қатор кишварҳои Аврупои Ғарбӣ гувоҳӣ медиҳад, ки сайёҳии деҳотӣ (аграрӣ) дар бист соли охир марҳалаи ташаккули сифатан навро паси сар намуда, ба бахши мустақили иқтисодие мубаддал гардидааст, ки даромаднокии баланд ва устувории бозориро таъмин мекунад. Дар Ҷумҳурии Кипр, ин самти фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун унсури асосии рушди иқтисоди миллӣ пазируфта шуда, дар сиёсати давлатии диверсификатсияи иқтисодӣ ҷойгоҳи муҳиммро ишғол менамояд.

Ҳамзамон, дар асари худ олими рус Никитин И. С. чунин изҳор намудааст: «...тибқи арзёбиҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, сайёҳии деҳотӣ ба гурӯҳи самтҳои стратегии афзалиятноки рушди сайёҳии ҷаҳонӣ шомил гардида, нақши он дар рушди устувори минтақаҳои деҳотӣ дар миқёси байналмилалӣ таъкид шудааст» [128, с. 110].

Аз нигоҳи назариявӣ, дар асари худ олими рус Шилова С. Г. чунин изҳор намудааст: «...сайёҳии деҳотӣ (аграрӣ) ҳамчун соҳаи махсуси саноати сайёҳӣ баррасӣ мегардад, ки истифодаи ҳамгироёнаи захираҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоии маҳалҳои деҳотро дар бар гирифта, дар

асоси хусусиятҳои муҳити аграрӣ маҳсулоти комплексии сайёҳиро ташаккул медиҳад» [67, с. 7].

Дар тадқиқоти илмии худ олими рус Казмина Е. Б. чунин изҳор намудааст: «...тибқи маълумоти оморӣ, ҳар сол зиёда аз 700 миллион нафар сайёҳон ба ин ё он ҷои ҷаҳон сафар мекунанд, аз 12,0 то 30,0 дарсади ин теъдодро сайёҳии аграрӣ ташкил медиҳад. Аммо, ин рақам танҳо нишондиҳандаи сайёҳии байналмилалӣ буда, теъдоди сайёҳони дохилӣ чандин маротиба аз ин бештар аст» [162, с. 3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳии аграрӣ ҳамчун як самти нисбатан нав, вале дорои иқтидори баланди рушд арзёбӣ мегардад. Бо гузашти вақт, рушди устувори ин навъи сайёҳӣ метавонад ба фаъолшавии як қатор бахшҳои марбут, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, нақлиёт, воситаҳои алоқа, сохтмони манзил ва иншооти истироҳатӣ, инчунин рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, сайёҳии аграрӣ имконият фароҳам меорад, ки дар маҳалҳои деҳот ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, сатҳи шуғли аҳолӣ баланд гардад.

Дар ҳамин замина, рушди сайёҳии аграриро метавон на танҳо ҳамчун як падидаи фарҳангӣ ва миллӣ, балки ҳамчун барномаи фарогири иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ намуд, ки ба ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди деҳот равона гардидааст.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Арзиқулов Ш.Д. чунин изҳор намудааст: «...рушди сайёҳӣ боиси ташаккулёбӣ ва афзоиши ҳаҷми ММД, пайдоиши ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғл, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, рушди инфрасохтори ғизоӣ, пайдоишу ташаккули маҷмааҳои хизматрасонӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, барқароргардонии ҳолати экологии минтақаҳо, рушди бахшҳои хизматрасонии иттилоотӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ, ташаккули фарҳанги миллӣ, эътирофи анъанаҳо ва ҷашнҳои миллӣ, ташаккули соҳаҳои кишоварзӣ, ташаккулёбии комплексҳои миллии сайёҳӣ, азхуднамоии ҳудудҳои сайёҳии бекорхобида, воридшавии сармояи хориҷӣ, рушди деҳот, бавуҷудоии марказҳои гуногуни дилхушию фароғатӣ, ташаккулёбии фарҳанги экологии

шаҳрвандон, васеъгардии дараҷаи ҷаҳонбинии шаҳрвандон, диверсификатсияи истеҳсолот ва ғайра мегардад» [70, с. 239].

Зарурати рушди сайёҳии аграрӣ ба таъсири як қатор омилҳои объективӣ вобаста мебошад, аз ҷумла:

- сатҳи нисбатан пасти рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои деҳот;
- равандҳои фаъоли муҳоҷирати аҳолии деҳот ба шаҳрҳо ва кишварҳои хориҷӣ;
- маҳдуд будани имкониятҳои диверсификатсияи шуғл ва эҳтиёҷ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ;
- дур будани аксари маҳалҳои деҳот аз марказҳои саноатӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ.

Ташкили сайёҳӣ дар деҳот, дар қиёс бо соҳаҳои дигар, чандин бартариҳо дорад (ҷадвали 2.1.5).

**Ҷадвали 2.1.5. - Бартариятҳои ташкили сайёҳӣ дар деҳот**

| **Бартариятҳо** | |
|---|---|
| барои оғози бизнеси сайёҳӣ | сармоягузории бузург лозим нест |
| барои реклама | хароҷоти зиёд зарур нест |
| дар атрофи хоҷагиҳои машғули ин фаъолият | нуқтаҳои фурӯши армуғонҳо, маҳсулоти хӯрокворӣ маҳаллӣ ва хизматрасонӣ сохта мешаванд |
| ҳунарҳои мардумӣ инкишоф меёбанд | баландшавии маданияти тиҷоратии сокинон |
| арзонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар деҳа нисбат ба шаҳр 2 - 2,5 маротиба | кам будани хароҷоти сайёҳон ва барои сафар ба деҳот бедор намудани шавқи онҳо |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [70].

Аз ҷадвали 2.1.5 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои оғози бизнеси сайёҳӣ сармоягузории бузург лозим нест, деҳқононе, ки хоҳишманд ҳастанд метавонанд бо камтарин харҷ ба ин кор машғул шаванд. Ҳамзамон, пешбурди хизматрасониҳои сайёҳӣ вобастагии баланди молиявӣ аз рекламаи анъанавиро талаб намекунад, зеро иттилоот оид ба сатҳ ва сифати хизматрасонӣ, хоҳ бо арзёбии мусбат ва хоҳ манфӣ, ба таври худҷорӣ ва ғайрирасмӣ дар миёни сайёҳон паҳн гардида, ҳамчун воситаи самарабахши таблиғ фаъол месозад.

Дар атрофи хоҷагиҳои машғули ин фаъолият инфрасохтори дигаргун, яъне нуқтаҳои фурӯши армуғонҳо, маҳсулоти хӯрокворӣ маҳаллӣ ва хизматрасонӣ сохта мешаванд. Дар шароити рушди ҳунарҳои мардумӣ

сатҳи фарҳанги соҳибкорӣ ва тафаккури иқтисодии сокинони деҳот тадриҷан баланд мегардад. Яке аз бартариҳои муҳимми маҳалҳои деҳот нисбат ба шаҳрҳо арзонии маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад, ки одатан 2–2,5 маротиба камтар аст. Ин омил боиси коҳиш ёфтани хароҷоти умумии сайёҳон гардида, шавқу ҳаваси онҳоро ба сафар ва истироҳат дар деҳот афзун менамояд.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ду модели асосии ташкили сайёҳии аграрӣ мавҷуд аст.

Модели якум сайёҳиро ҳамчун фаъолияти ёрирасон дар назар дорад. Дар ин ҳолат сокинони деҳот дар баробари машғулиятҳои анъанавии хоҷагидорӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ машғул мешаванд. Рушди чунин фаъолият, одатан, бе ҷалби сармояи хориҷӣ ва асосан аз ҳисоби захираҳои молиявии худи аҳолӣ амалӣ мегардад. Азбаски ин раванд дар асоси барномаи мушаххас сурат намегирад ва бештар хусусияти стихиявӣ дорад, самаранокии иқтисодии он нисбатан маҳдуд мебошад.

Модели дуюм сайёҳии аграриро ҳамчун соҳаи асосии фаъолият баррасӣ мекунад. Дар ин ҳолат тамоми шароити зарурӣ барои қабули сайёҳон фароҳам оварда шуда, имкониятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаёти деҳот пурра истифода мешаванд. Аз ҷумла, шаклҳои гуногуни фаъолияти анъанавӣ - саворӣ бо асп, иштирок дар ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи гиёҳҳои шифобахш, моҳигирӣ ва дигар машғулиятҳои суннатӣ - ба маҳсулоти сайёҳӣ табдил меёбанд. Ҳамзамон, дастрасӣ ба маҳсулоти хӯроквории арзон, ошноӣ бо хусусиятҳои этнографӣ ва тарзи зиндагии маҳаллӣ барои сайёҳон таъмин карда мешавад, ки ин ба ҷолибияти баланди сайёҳии аграрӣ мусоидат менамояд.

Ин навъи фаъолияти сайёҳӣ, ки бо истилоҳҳои «сайёҳии сабзи деҳот» ва «сайёҳии аграрӣ» муаррифӣ мешавад, дар таҷрибаи байналмилалӣ, хусусан дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Туркия, ба таври васеъ паҳн гардида, мавқеи устуворро дар сохтори бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ ишғол намудааст. Хусусияти асосии чунин сафарҳо дар он ифода меёбад, ки сайёҳон барои давраи муайян ба муҳити

деҳот ҳамгиро шуда, тарзи зиндагӣ, модели фаъолияти рӯзмарра ва анъанаҳои иҷтимоию фарҳангии аҳолии маҳаллиро на ҳамчун мушоҳид, балки ҳамчун иштирокчӣ таҷриба менамоянд.

Дар шароити кунунӣ рушди сайёҳии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз рӯйи модели аввал сурат мегирад ва имкониятҳои мавҷудаи он қариб пурра истифода намешаванд. Яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар ин самт набудани инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла меҳмонхонаҳо, роҳҳои босифат ва дигар иншооти хизматрасонӣ дар маҳалҳои деҳот ба ҳисоб меравад. Масалан, ҳангоми сафар ба деҳаҳо бо мақсади тамошои кӯлҳо, кӯҳҳо ё манзараҳои табиӣ, сайёҳон аксар вақт бо мушкили дарёфти ҷойи муносиб барои иқомат рӯ ба рӯ мешаванд. Дар натиҷа, онҳо маҷбур мешаванд хайма истифода баранд, ки махсусан дар минтақаҳои кӯҳистон метавонад бо хатари муайян ҳамроҳ бошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки пеш аз бунёд ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ташаккули фарҳанги сайёҳӣ ва тафаккури соҳибкории сокинони деҳот аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар акси ҳол, рушди сайёҳии аграрӣ самаранок нахоҳад буд. Консепсияи анъанавии меҳмоннавозӣ, ки бар пояи ақидаи «меҳмон фиристодаи Худост» шакл гирифтааст, дар баъзе ҳолатҳо ба тиҷоратӣ гардондани хизматрасониҳои сайёҳӣ монеа эҷод менамояд. Ба ибораи дигар, сокинони деҳот ҳар сайёҳро пеш аз ҳама ҳамчун мусофир қабул мекунанд ва хизматрасонӣ ба ӯро на ҳамчун манбаи даромад, балки ҳамчун амали хайр мешуморанд.

Муҳаққиқи тоҷик Раҳматуллаева Н. И. дар асари илмии худ чунин изҳор намудааст: «…мушкилоти ташкил ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ бояд ба таври муфассал таҳия ва пешгӯии сохторҳои фароғатии интихобшуда барои потенсиал ва даромаднокӣ зарур бошад» [167, с. 33].

Мисоли равшани чунин вазъ деҳаҳои минтақаи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошанд, ки то имрӯз дар онҳо ягон меҳмонхонаи расмӣ фаъолият намекунад. Ин ҳолат, аз як ҷониб, бо набудани соҳибкорони ташаббускор ва аз ҷониби дигар, бо ҳукмфармоии анъанаҳои қавии меҳмондорӣ

алоқаманд аст. Вазъи мазкур барои аксарияти деҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хос мебошад.

Дар шароити ҷаҳони муосир ва густариши иқтисоди бозорӣ, татбиқи сайёҳии аграрӣ тибқи чунин равишҳо мушкил арзёбӣ мегардад, зеро он метавонад ба талафоти иқтисодӣ оварда расонад. Пеш аз ҳама, дар ин ҳолат сайёҳон аз захираҳо ва имкониятҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни ҷуброни молиявии зарурӣ истифода мебаранд, ки ин бо мантиқ ва талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқат намекунад.

Муҳаққиқи тоҷик Шералиев Л.Н. дар асари илмии худ чунин изҳор намудааст: «…сайёҳи дар Тоҷикистон яке аз соҳаҳои рушди иқтисоди миллии кишвар ба ҳисоб меравад, ки солҳои охир босуръат рушд карда истодааст. Тоҷикистон дорои мероси ғании тарихиву фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар иқтидори воқеи дорад» [158, с. 308].

Бо вуҷуди ин, дар як қатор минтақаҳои кишвар тамоюлҳои мусбат дар муносибати аҳолӣ ба сайёҳӣ мушоҳида мегарданд. Аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бахусус дар шаҳри Хоруғ, инчунин дар баъзе мавзеъҳои ноҳияҳои Балҷувон, Варзоб ва Ромит, ҷаҳонбинии сокинон нисбат ба фаъолияти сайёҳӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Дар ин минтақаҳо, дар баробари фаъолияти як қатор меҳмонхонаҳо, шумораи зиёди субъектҳои хизматрасонии хонагӣ низ ташаккул ёфтаанд.

Сокинони маҳаллӣ манзилҳои шахсии худро барои ҷойгиркунии сайёҳон пешниҳод менамоянд, ки чунин шакли хизматрасонӣ, аз як тараф, барои сайёҳони дорои имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, махсусан сайёҳони дохилӣ, дастрас мебошад ва аз ҷониби дигар, ба соҳибони манзилҳо манбаи устувори даромад фароҳам меорад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки сайёҳии хонагӣ метавонад яке аз шаклҳои самараноки рушди сайёҳии аграрӣ ва деҳотӣ гардад.

Дар маҷмӯъ, имрӯз таваҷҷуҳи сокинони баъзе деҳаҳои кишвар ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тадриҷан меафзояд, ки ин

раванд метавонад дар оянда ба ташаккули заминаи иҷтимоию иқтисодии устувор дар маҳалҳои деҳот мусоидат намояд. Дар ноҳияи Мурғоб мағозаи маснуоти ҳунари мардумӣ кушода шудааст, ки дар он на танҳо маҳсулоти худӣ, балки маснуоти косибони дигар низ фурӯхта мешаванд.

Ассотсиатсияи сайёҳии экологии фарҳангии Помир дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ як қатор ташаббусҳои стратегиро пешниҳод намудааст, ки ба ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ асос меёбанд. Аз ҷумла, таҳияи нақшаҳо оид ба таъсиси шабакаи меҳмонхонаҳои хурди муосир, инчунин ташкил намудани нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумии маҳаллӣ дар як қатор ноҳияҳои алоҳидаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешбинӣ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки дар шароити кунунӣ иҷрои тадбирҳои ҷудогона ва маҳдуд дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди пурраи сайёҳии аграрӣ нокифоя мебошад. Пешрафти устувори соҳа таҳия ва татбиқи барномаи ягонаи миллӣ оид ба рушди сайёҳии аграриро талаб мекунад, ки тамоми минтақаҳои кишварро фаро гирад ва механизмҳои ҳамоҳангшудаи институтсионалӣ, молиявӣ ва ташкиливу идориро дар бар гирад. Яке аз омилҳои асосии таҳия нашудани чунин барномаи миллӣ норасоии тадқиқоти мукаммали назариявӣ ва методологии масъалаи рушди сайёҳии аграрӣ ба ҳисоб меравад. Маҳдуд будани таҳлилҳои илмӣ ва набудани заминаи кофии пажӯҳишӣ боис гардидааст, ки ташаккули модели ягона ва ҳамаҷонибаи рушди соҳа то ҳол дар сатҳи миллӣ анҷом наёбад (ҷадвали 2.1.6).

Ҳадафи калидии рушди сайёҳии аграрӣ пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии маҳаллӣ равона мегардад. Густариши ин самти фаъолияти сайёҳӣ бояд рушди иқтисоди маҳаллиро тавассути фаъолсозии гардиши иқтисодии маҳдуд, вале устувори захираҳои маҳаллӣ ҳавасманд намуда, заминаи афзоиши даромад, шуғл ва худкифоии иҷтимоӣ-иқтисодии маҳалҳоро фароҳам оварад.

**Ҷадвали 2.1.6. - Сабабҳое, ки ба рушди сайёҳии аграрӣ таъсири мустақим ё ғайримустақим мерасонанд**

| Монеаҳо | Бартарӣ | Пешниҳодҳо |
|---|---|---|
| Набудани таваҷҷуҳи сокинон ба бизнеси сайёҳӣ, ваҳм аз расмиёти қабули меҳмонон, надонистани асосҳои ин бизнес, надонистани забонҳои хориҷӣ, набудани кадрҳо. | Таъмири асосии роҳҳои маҳаллӣ амалӣ хоҳад шуд. | Сайёҳии аграрӣ, мисли соҳаҳои дигар, малакаву донишро талаб мекунад. |
| Сифати пасти роҳҳо, баъзан вуҷуд надоштани роҳҳои автомобилгарди мақбул барои саёҳат ба маҳалҳои сайёҳӣ. | Сайёҳон маҳсулоти арзонбаҳо, аз ҷиҳати экологӣ покизаро аз деҳқонон хоҳанд харид, ки ин ба афзудани даромад ва ангезаҳои сокинон мусоидат мекунад. | Дар низоми илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносӣ то ҳол тадқиқоти мушаххаси муназзам оид ба сайёҳии деҳот ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ вуҷуд надорад. |
| Сифати пасти хизматрасонӣ ба сайёҳон дар шароити инфрасохтори мавҷуда. | Бо рушди бизнеси сайёҳӣ ва ҷалби сокинони деҳот ба он, таваҷҷуҳи онҳо ба ҳифзи ҷойҳои тамошобоби маҳал ва тамоми табиат афзунтар мешавад. | Барои таблиғи сайёҳӣ лозим аст, ки дар сомонаи ягонаи Кумитаи рушди туризм феҳристи тамоми шаҳру ноҳияҳо бо маълумоти муфассал дар бораи объектҳои сайёҳӣ ва харита бо забонҳои хориҷӣ таҳия карда шавад. Ин чораёни гирифтани маълумот аз ҷониби сайёҳонро осонтар мекунад. |
| Ноустувор будани бозори сайёҳии деҳот бо сабаби вобаста будани он ба фасли сол. | Рушди сайёҳии аграрӣ раванди интиқоли аҳолии шаҳриро ба деҳот тақвият мебахшад. | Принсипҳои қабули сайёҳон ва асосҳои маркетингро бояд донист. Дар асоси барномаи махсус бо ҷалби мутахассисон гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони соҳа дар деҳот, ба онҳо нишон додани роҳҳои густариши бизнес ва дарёфтани манбаъҳои тамвил ва ғайра. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [67].

Сайёҳии аграрӣ яке аз самтҳои нисбатан ояндадори сайёҳӣ мебошад.

Дар асари илмии худ олимони тоҷик, академик Пиризода Ҷ.С. ва Ҷобиров Ш.А. чунин изҳор намудаанд: «…ҷиҳати ноил гаштан ба рушди сайёҳӣ ва иҷрои нақшаи дурнамои соҳа, ҳалли масъалаҳои зерин муҳим мебошанд: ҳамгироии тамоми сохторҳои марбут ба танзим ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ; дастгирии молиявии соҳаи сайёҳӣ; омода намудани кадрҳои болаёқати соҳаи сайёҳӣ; таъмини бехатарии сафарҳои сайёҳӣ» [133, с. 113].

Таъсиси ассотсиатсияҳои бизнеси сайёҳии деҳот ва аграрӣ яке аз фишангҳои самарабахши рушди сайёҳии аграрӣ мебошад. Онҳо бояд маҷмуи вазифаҳои асосиро амалӣ намоянд, аз ҷумла ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои иқтисодии корхонаҳои фаъол дар соҳаи сайёҳии аграрӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои стандартонӣ ва сертификатсияи хизматрасониҳо, таъмини риояи меъёрҳои ягонаи сифати хизматрасонии сайёҳӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бахши сайёҳии аграрӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ.

Ба рушди сайёҳии аграрӣ на танҳо ташкили пойгоҳи иҷтимоии дахлдор, балки заминаҳои иқтисодӣ ҳам мусоидат мекунанд. Дар ин марҳилаи рушди соҳаи кишоварзӣ сайёҳӣ василаи наҷот аст, он боиси ихтисори бекорӣ дар деҳот, афзудани тақозо ба маҳсулоти кишоварзӣ мегардад (расми 2.1.1).

| РАВИШҲОИ РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ | |
|---|---|
| | Ба шакли дуруст даровардани минтақаҳо ва нигоҳ доштани намуди зоҳирии деҳот ва анъанаҳо. |
| | Дастгирии рушди сайёҳӣ дар деҳот тавассути барномаҳои рушди минтақаҳо (таъсиси фондҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна). |
| | Тавлиди маҳсули сайёҳии хушсифат бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист. |
| | Ба назар гирифтани манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ. |
| | Ҳамкории байни тамоми ширкаткунандагони раванди рушд. |
| | Ҳамкории байни минтақаҳо ва байни соҳаҳо. |

**Расми 2.1.1. - Равишҳои рушди сайёҳии аграрӣ.**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [128].

Рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳимми дохилии сармоягузорӣ барои тавсеаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини устувории зиндагӣ дар маҳалҳои деҳот баромад мекунад. Даромадҳое, ки аз пешниҳоди хизматрасониҳо ба сайёҳон ба даст меоянд, дар марҳалаи аввал ҳамчун манбаи иловагии даромад ба фаъолияти асосии хоҷагиҳо хизмат намуда, дар дурнамо қобилияти табдил ёфтан ба манбаи асосии рушди иқтисодии онҳоро доро мебошанд.

Сайёҳии агариро ҳамчун соҳаи муҳимтарини дорои хусусияти комплексӣ, яъне ҳамчун нуқтаи рушди аҳолии маҳаллӣ баррасӣ кардан мумкин аст (расми 2.1.2).

Барои ноил гардидан ба ҳадафи стратегии рушди сайёҳии аграрӣ зарур аст, ки маҷмуи масъалаҳои калидии иқтисодӣ ба таври пайдарпай ва ҳамоҳанг ҳаллу фасл гарданд, аз ҷумла:

- боло бурдани саҳм ва нақши иқтисодиёти сайёҳии аграрӣ дар сохтори рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо;
- таҳкими мавқеи вилоят дар низоми тақсими байниминтақавии меҳнат тавассути ташаккули он ҳамчун маркази махсусгардонидашудаи сайёҳии аграрӣ;
- фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ ва иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ин самт;
- баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои таърихию фарҳангӣ ҳамчун унсури муҳимми маҳсулоти сайёҳии аграрӣ, рекреатсионӣ ва балнеологии минтақаи деҳот;
- ба низоми идораи сайёҳии деҳот ворид намудани усулҳои иқтисодии ҳавасмандсозии рушди воситаҳои ҷойгирнамоии сайёҳон, ҳавасмандгардонии рушди ҳунарҳои суннатии қадима дар ноҳияҳои деҳот тавассути ташаккули низоми мукаммали дастгирии молиявию иқтисодӣ, ки амалисозии механизмҳои баргардонидани андоз, пешниҳоди имтиёзҳои тарифӣ, ҷорӣ намудани қарзгузории имтиёзнок, татбиқи барномаҳои ҷуброни қисмии меъёри фоизи қарзҳо ва таъсиси фонди иқтисодии махсуси

**ҶАНБАҲО**

**Иқтисодӣ**

Манбаи даромад, ҷойҳои корӣ барои аҳолии деҳот дар шароити буҳрони бахши кишоварзӣ; шомилшавӣ ба бахши наву рушдкунандаи саноати сайёҳӣ, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, услуби муосири ташкили корро дар назар дорад; баланд шудани арзиши бозории замин ва амволи ғайриманқул дар минтақаи муайян, беҳтар шудани сифати инфрасохтор, фонди манзил ва меҳмонхона; истифодаи афзалиятноки захираҳои каммасраф.

**Иҷтимоию фарҳангӣ**

Ҳамкории деҳа бо сокинони шаҳрҳои калон; «муносибати мизбон - меҳмон» ва талабот ба маҳсулоти мизбонон нуфузи сокинонро баланд месозад, арзишмандии хосияти фарҳангии маҳал эътироф карда мешавад; баланд бардоштани маърифат, масъулияти шахсӣ, интизоми корӣ; мутобиқшавии батадриҷи муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ба тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ.

**Микроиқтисодӣ**

Саҳмгузорӣ дар ободонии хонаву манзили худ; баланд шудани арзиши бозории онҳо.

**Қавмию фарҳангӣ**

Фаъолшавии захираҳо, ҷустуҷӯи унсурҳои фарҳангии миллии ҷолиб барои ҷаҳони берунӣ, анъанаҳои маишӣ, таомҳо, малакаи истеҳсолӣ ва ғ.; таблиғи анъанаҳои миллии фарҳангӣ, беҳтар шудани симои минтақа дар муҳити берунӣ; мубодилаи қавмию фарҳангӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинӣ.

**Шахсият**

Рушди шахсият барои таҳсили донишу малакаи нав, такмили ихтисос, аз худ намудани технологияҳои нав; баланд бардоштани эътимоди шахсӣ.

**Расми 2.1.2. – Ҷанбаҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот.**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [162].

минтақавиро барои рушди сайёҳии аграрӣ дар доираи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ;

- ташкили низоми ҳамгирои дастгирии иттилоотии сайёҳии аграрӣ дар асоси истифодаи механизмҳои ҳамтамвилии давлатӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ, бо ҳадафи таъмини дастрасии мунтазам ба иттилооти мукаммал, таблиғ ва пешбурди самараноки маҳсулоти агросайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба субъектони фаъолияти сайёҳӣ расонидани хадамоти маркетингии самарабахшро баҳри пешбарии пешниҳодоти онҳо таъмин мекунад;
- дастгирии сохтмони воситаҳои муосири ҷойгирнамоии сайёҳон дар навоҳии деҳот;
- дастгирии барномаҳои сайёҳии аграрӣ барои фасли зимистон бо мақсади таъмини шуғли аҳолӣ.

Сайёҳии аграрӣ талаботи ду тарафро беҳтар қонеъ карда метавонад. Яъне қодир аст масъалаи асосии деҳаро ҳал кунад: сатҳи бекориро коҳиш диҳад ва истироҳати солимро барои сокини ҳастаи шаҳр таъмин намояд. Рушди ин навъи сайёҳӣ ба сокинони маҳалҳои деҳот имкон медиҳад, ки манбаъҳои иловагии даромад ба даст оранд, ки дар навбати худ ба беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии онҳо мусоидат менамояд. Даромадҳои ҳосилшуда имкон медиҳанд, ки захираҳои молиявӣ ба равандҳои таҷдид ва муосирсозии инфрасохтори мавҷуда, сохтмони объектҳои нави сайёҳӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи мероси фарҳангӣ, таърихӣ ва табиӣ, инчунин ба дастгирӣ, нигоҳдорӣ ва эҳёи анъанаҳои маҳаллӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона гарданд. Дар ҳоли ҳозир рушди сайёҳии аграрӣ бояд яке аз вазифаҳои асосӣ гардад. Шароити табиӣ чунин имконро медиҳанд. Кори асосӣ ба роҳ мондани равобиту муносибати дӯстона бо одамон, бо ташкилотҳоест, ки дар шарикӣ кор хоҳанд кард.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои тадқиқоти анҷомёфта гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар равандҳои рушди деҳоти кишвар нақши муҳимм ва

муайянкунанда дорад. Ин соҳа ҳамчун яке аз самтҳои калидии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои давлат баромад намуда, имконият фароҳам меорад, ки маҷмуи мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ ва иҷтимоии маҳалҳои деҳот дар муҳлатҳои нисбатан кӯтоҳ ва бо сатҳи баланди самаранокӣ ҳаллу фасл гарданд.

## 2.2. Иқтидори захиравии вилояти Хатлон дар соҳаи рушди сайёҳии аграрӣ

Сайёҳии аграрӣ намуди ҷолиби фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаи деҳот шуда метавонад ва бояд чунин ҳам шавад. Аҳамияти ин намуди фаъолият дар таъсиррасонии он ҳам ба иқтисод ва ҳам ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию фарҳангии деҳот зоҳир мегардад.

Сайёҳии аграрӣ, хусусан дар шароити татбиқи барномаҳои мақсадноки рушд, ба ҳифзу рушди маҳалҳои деҳот, истифодаи оқилонаи иқтидори захиравии он таъсири иловагӣ мерасонад, ба рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мусоидат намуда, тақозоро ба маҳсулоти ғизоии аз ҷиҳати экологии тоза зиёд мекунад. Ҳамзамон, рушди ин раванд ба ободонӣ ва беҳсозии маҳалҳои деҳот, фаъол гардидани сохтмони манзил, эҳё ва густариши ҳунарҳои мардумӣ, таҳкими арзишҳои фарҳангиву маънавӣ мусоидат менамояд. Дар маҷмӯъ, он ба ҳалли фарогири масъалаҳои асосии деҳот, пеш аз ҳама мушкилоти таъмини шуғли аҳолии деҳот, таъсири мусбат мерасонад.

Дар ниҳоят, чунин дигаргунсозиҳо боиси баланд гардидани сатҳи рақобатпазирии маҳалҳои деҳот гардида, афзоиши некуаҳволӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии сокинонро таъмин менамоянд.

Барои афзудани ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар сохтори сайёҳии аграрӣ ва дар натиҷаи ин, барои рушди комплексии минтақаи деҳот, маҷмуи чорабиниҳоро барои ҷалби сармоя ба таҳкими инфрасохтори сайёҳии деҳот амалӣ бояд кард.

Ташкили низоми тарҳрезии стратегии сайёҳӣ дар деҳот зарур мебошад. Сухан на танҳо дар бораи таҳияи барномаи мақсадноки рушди

сайёҳии аграрӣ, балки пеш аз ҳама, дар бораи зарурияти таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияву вилоятҳо меравад. Барои таҳияи стратегияи комплексии рушди сайёҳии аграрӣ, бо механизми дақиқу айёни татбиқ, вазъу дурнамои рушди ин бахши бозори сайёҳиро аниқ муайян кардан лозим аст. Барои ин дар доираи тадқиқот мо SWOT таҳлили бахши сайёҳии аграрӣ пешниҳод менамоем (ҷадвали 2.2.1).

**Ҷадвали 2.2.1. – SWOT таҳлили сайёҳии аграрӣ**

| **Ҷиҳатҳои қавӣ** | **Ҷиҳатҳои заиф** |
|---|---|
| 1. Иқтидори бузурги кишоварзӣ.<br>2. Иқтидори бузурги табиию рекреатсионӣ.<br>3. Мавҷуд будани ёдгориҳои фарҳангӣ ва таърихӣ.<br>4. Мавҷуд будани ташкилоти ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ, барои рушди сайёҳӣ дар деҳот мусоидат карда метавонанд.<br>5. Самти фаъолияти бисёрсоҳаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ёрирасони шахсӣ. | 1. Сатҳи пасти рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар деҳот.<br>2. Низоми заифи пешбарии маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ.<br>3. Таблиғ накардани симои ошно ва ҷолиби минтақаҳои деҳот.<br>4. Набудани омори соҳавӣ, ки дастгирии иттилоотӣ ва идории рушди саноати сайёҳиро таъмин намояд.<br>5. Сатҳи пасти омодагии кадрҳои сайёҳӣ.<br>6. Ҳаҷми ночизи сармоягузорӣ.<br>7. Набудани барномаҳои махсуси дастгирӣ барои сокинони деҳот, ки хоҳиши сар кардани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳиро доранд. |
| **Имкониятҳо** | **Таҳдидҳо** |
| 1. Афзоиши даромади аҳолии деҳот.<br>2. Таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ.<br>3. Рушди соҳибкории хурд дар деҳот.<br>4. Эҳё шудани объектҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот.<br>5. Ҷалби сайёҳони хориҷӣ. | 1. Рақобати афзоянда дар байни бозорҳои сайёҳӣ.<br>2. Номукаммалии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ.<br>3. Коҳиш ёфтани тақозои аҳолии қобили пардохт дар натиҷаи ихтисори даромаднокӣ.<br>4. Ноороми иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ.<br>5. Бад шудани вазъияти экологӣ.<br>6. Аз даст додани бозори сайёҳӣ бо сабаби паст будани сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ дар деҳот. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [165].

Дар асоси арзёбии вазъи бахши мазкури бозори сайёҳӣ имконоту маҳдудиятҳо, бартарию камбудиҳо ҳангоми ташкили стратегияи рушди сайёҳии аграрӣ муайян карда шуданд.

Таҳлили SWOT нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе гумон, аз захираи бойи табиию рекреатсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ бархурдор аст. Аммо мушкилоти комплексӣ дар самти рушди ин намуди сайёҳӣ вуҷуд доранд, ки хеле тезутунд ва мунтазам мебошанд. Миқдори мушкилот аз заминаҳои рушди пайдарпайи ин самти бозори сайёҳӣ ба маротиб бештар аст. Барои ҳалли онҳо равиши нав ва усули барномарезии

мақсаднок лозим аст, ки имкони такмили рақобатпазирии манотиқи деҳот, қонеъ намудани талаботи рӯзафзун ба хизматрасонии хушсифати сайёҳӣ ва таъмини шароити рушди устувори сайёҳӣ дар деҳотро муҳайё мекунад.

Дар натиҷаи муқоиса кардани ҷиҳатҳои заифи бахши сайёҳии деҳот ва имконоти бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, чунин хулоса баровардан мумкин аст: низоми мавҷудаи идоракунӣ, пояи нокифояи қонунгузорӣ, сатҳи пасти рушди маркетинги маҳсулоти сайёҳии аграрӣ, маҳдудияти иқтидори кадрӣ, сармоягузорӣ ва инфрасохтори соҳа дар маҳалҳои деҳот дар маҷмӯъ монеа эҷод намуда, истифодаи пурраи имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷудаи рушди сайёҳии аграриро таъмин намекунанд. Дар чунин ҳолат ба рушди фаъоли сайёҳии деҳот умед бастан душвор аст ва табиист, ки ин ба сатҳи рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳам ба сатҳи рақобатпазирии минтақаҳои деҳот таъсир мерасонад.

Дар асари худ олими тоҷик Қурбонова Ш. Б. чунин изҳор намудааст: «...махсусияти рушди сайёҳӣ дар шароити кунунӣ ба объектҳои кашфнашудаи табиӣ, ба экосайёҳӣ, агросайёҳӣ, шикор, кӯҳнавардӣ, сайёҳии илмӣ ва монанди инҳо алоқамандӣ пайдо кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93,0% қаламравро кӯҳҳо ташкил менамоянд, ҳамаи намудҳои зикргардидаи соҳаи сайёҳӣ мавҷуд мебошад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки соҳаи сайёҳиро ба яке аз неруҳои ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ табдил диҳем» [108, с. 105].

Дар шароити муосир ҷидду ҷаҳди бахши сайёҳии аграрӣ бояд пеш аз ҳама ба бозори сайёҳии дохилӣ равона карда шавад. Дар баъзе аз ноҳияҳо аллакай таҷрибаи амалии ташкили сайёҳии аграрӣ вуҷуд дорад.

Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ шинохта шуда, сол аз сол таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба ин соҳа зиёд гашта истодааст. Мутобиқ ба маълумоти расмии давлатӣ, агар дар соли 2015 ҳамагӣ 463,0 ҳаз. шаҳрванди хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ворид шуда бошад, ин нишондод дар соли 2024 ба 1603,3 ҳаз. нафар баробар гардидааст, ки суръати рушди он 3,4 маротибаро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2. – Нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Суръати рушд, маротиба |
|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | 2024 | |
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, ҳазор нафар. | 463,0 | 410,1 | 1603,3 | 3,4 маротиб |
| Теъдоди шаҳравндони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС)) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, ҳазор нафар. | 413,0 | 350,6 | 1400,2 | 3,4 маротиб |
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъол). | 82 | 224 | 200 | 2,4 маротиб |
| Теъдоди сайёҳони дохилӣ, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷа сафар намудаанд, нафар | 16363 | 1939 | 10361 | 63,3 |
| Теъдоди сайёҳони хориҷие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, нафар. | 3080 | 416 | 13516 | 4,4 маротиб |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) (бо нархҳои амалии солҳои мутобиқ), млн. сомонӣ. | 50877,8 | 83958,3 | 153402,2 | 3,0 маротиб |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назардошти андоз аз арзиши изофа (ААИ)), ҳазор сомонӣ. | 9582,8 | 7677,0 | 32529,2 | 3,4 маротиб |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025 [54, с. 12, 186].

Маҷмуи таҳлилҳои оморӣ дар ин давра нишон медиҳад, ки ҷараёни воридоти сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи меъёрҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ тамоюли афзоиши устуворро касб намуда, шумораи онҳо 3,4 маротиба зиёд гардидааст. Ҳамзамон, ҷалби сайёҳони хориҷӣ тавассути ширкатҳои сайёҳӣ суръати назаррас гирифта, теъдоди онҳо 2,4 маротиба боло рафтааст, дар ҳоле ки ҳаҷми даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда) 3,4 маротиба афзоиш ёфта, аз болоравии самаранокии иқтисодии соҳа шаҳодат медиҳад.

Дар вилояти Хатлон соли 2024 - 19 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошт. Инчунин, барои қабули сайёҳон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои онҳо дар ҳудуди вилоят 975 ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, бостонӣ ва монументалӣӣ, 125 меҳмонхона, 139 мавзеи сайёҳӣ, 270 истироҳатгоҳу осоишгоҳ, 142 тарабхона, 45 осорхона, 128 чойхона, 371 банкомати хизматрасонии бонкӣ, 50 воҳиди ҳомстей (хонаҳо барои меҳмонқабулкунӣ дар маҳал), 240 ҳоҷатхонаи сарироҳӣ, 75 нуқтаи фурӯши армуғон, 115 объекти зиёратгоҳӣ, 45 боғу гулгашти фарҳангӣ-фароғатӣ, 80 ишораи иттилоотии сарироҳӣ, 26 маркази иттилоотии сайёҳӣ ва 26 харитаи сайёҳии амалкунанда мавҷуд буда, онҳо ба таври мунтазам ба сайёҳон хизмат мерасонанд.

Соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Хатлон дар ҳоли рушдёбӣ қарор дошта, бунёди инфрасохтори соҳа сол то сол зиёд шуда истодааст, ки вазъи хизматрасонӣ дар ин самт беҳтар гардидааст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба вилояти Хатлон дар соли 2024 дар умум 554498 623975 нафар сайёҳон, аз онҳо 505528 сайёҳони дохилӣ ва 45970 сайёҳони хориҷӣ ташриф овардаанд.

Шумораи афзояндаи сайёҳон ба Хатлон гувоҳи таваҷҷуҳ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақа мебошад. Маъзараи сайёҳӣ дар вилоят ин шиносоии ёдгорҳои таърихӣ, осоишгоҳҳо, мавзеъҳои фарҳангӣ ва соҳаи аграрӣ мебошад.

Новобаста аз дигаргуниҳои дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир идомадошта, таъсири омилҳои беруна ба иқисодиёти кишвар дар натиҷаи татбиқи самарабахши ислоҳоти иқтисодӣ, бо назардошти амалӣ намудани стратегияву барномаҳою тадбирҳои зиддибуҳронӣ маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 50977,8 млн. сомонии соли 2015 ба 153402,2 млн. сомонӣ дар соли 2024 расидаааст, ки суръати рушди он 3,0 маротиба аст.

Дар заминаи иттилооти ҷадвали 2.2.2 бояд чунин хулоса кард, ки дар баробари афзоиши рушди ботадриҷи шумораи сайёҳони хориҷӣ дар се соли охир дар ҷумҳурӣ теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ низ 1 адад афзоиш ёфтаанд, ки ин аз рушди бомароми соҳаи сайёҳӣ дарак медиҳад.

Ба ақидаи мо дар шароити кунунӣ ҷиҳати рушди бомароми сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳо амалишавии тадбирҳои зеринро дуруст ва саривақтӣ мешуморем:

- баргузор намудани машваратҳо ва музокироти корӣ бо роҳбарияти маҳаллаҳо ҷиҳати ҳамоҳангсозии иқдомҳои ташкиливу ҳуқуқӣ;
- роҳандозии вохӯриҳои ҳадафманд бо аҳолии деҳоти атроф барои шиносоӣ ва ҷалби субъектҳои эҳтимолии манфиатдор ба таъсис ва фаъолияти меҳмонсароҳои деҳотӣ;
- расмигардонии муносибатҳои иҷоравӣ нисбат ба қитъаҳои замин бо субъектҳои дахлдор мутобиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва талаботи истифодаи мақсадноки захираҳои замин, ки ният доранд ба фаъолияти сайёҳии аграрӣ машғул шаванд (дар ин ҳангом ҳама тараддуди ҳисоботдиҳӣ ба бозрасии андоз, таъмини бехатарии зиддисӯхтор ва санитариро бояд идора ба зимма гирад);
- ташкили семинарҳо (мавзуъ, ободсозии хона ва ҳудуд, таомҳои миллӣ, қабули меҳмонон ва ғайра).

Дар вилоятҳои ҷумҳурӣ ташкили сайёҳии аграрӣ дар сатҳи баланд доир мешавад.

Сайёҳии аграрӣ дар ҷумҳурӣ дар якчанд минтақаву вилоятҳо инкишоф меёбад. Дар маҳалҳои деҳоти вилоятҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қабули сайёҳони деҳотӣ машғуланд.

Барои меҳмонон хизматрасонии гуногун, ҳуҷраҳои ҷудогона ё меҳмонсароҳо, ба сифати фароғат бошад шикор, моҳидорӣ, аспсаворӣ ва ҳоказо ташкил карда шудааст.

Сайёҳии аграрӣ дар вилоят намуди истроҳат воқеъ дар маҳалли деҳот буда, пояи захиравии рушди ин самтро амалан тамоми маҷмуи иқтидори сайёҳии кишвар ташкил медиҳад, ки дорои хусусияти фарогир ва бисёрқабата буда, унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- захираҳои гуногунранг ва нодири табиӣ, ки асоси ташаккули сайёҳии экологӣ ва рекреатсионӣ мебошанд;
- ёдгориҳои дорои арзиши баланди археологӣ, ки аҳамияти илмӣ ва маърифатӣ доранд;
- арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ, ки ҳувияти миллиро инъикос мекунанд;
- мероси ғании таърихӣ, ки ҷузъи муҳимммӣ ҷалби сайёҳон маҳсуб меёбад;
- анъанаҳо ва мероси бойи фарҳанги мардумӣ, ки барои рушди шаклҳои этнографӣ ва аграрии сайёҳӣ заминаи устувор фароҳам меоранд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам тавсеа бахшидани сайёҳии аграрӣ, бо дарназардошти истифодаи самарабахши имконоти ҷойдошта, рушди инфрасохтор, тақвияти сифати хидматрасонӣ, беҳтар шудани раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии фаъолияти бахши хусусӣ густариш ёфта, теъдоди меҳмонхонаҳо ва инфрасохтори дигари хизматрасонӣ афзудааст. Ҳамаи ин омилҳо пайваста ба рушди устувории деҳот ва хосатан ба афзун гардидани хатсайрҳои сайёҳии агарарии вилояти Хатлон таъсири мусбат расонидаанд (ҷадвали 2.2.3).

**Ҷадвали 2.2.3. - Хатсайрҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон, шумора**

| Номи хатсайр | Солҳо | | | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2022 | 2024 | |
| Душанбе - Норак – Данғара – Муъминобод, Ховалинг-Балҷувон | 3 | 4 | 5 | 166,7 |
| Минтақаҳои истироҳатию фароғатии Норак, Данғара, Восеъ, Шаҳритус, Кӯлоб, Ховалинг, Балҷувон, Муъминобод, Бохтар | 9 | 10 | 10 | 111,1 |
| Душанбе – Норак – Данғара – Кӯлоб – Восеъ – Ховалинг, Муъминобод – Балҷувон | 8 | 11 | 11 | 137,5 |
| Хатсайри сайёҳии шикори моҳӣ Душанбе - Левакант - А. Ҷомӣ - Дӯстӣ - Душанбе | 2 | 3 | 4 | 2,0 маротиба |
| Хатсайри сайёҳиии тамошои мавзеъҳои таърихию фарҳангии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб | 1 | 1 | 2 | 2,0 маротиба |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [49].

Хатсайрҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон тайи се соли охир таҳти таъсири омилҳои иқтисодӣ, инфрасохторӣ ва ташкилӣ тағйир ёфта, соли 2024 нисбат ба соли 2020 дар тамоми сайрхатҳои вилояти Хатлон тамоюли зиёдшавӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, хатсайри Душанбе - Норак - Данғара - Муъминобод, Ховалинг-Балҷувон 2 адад, хатсайри минтақаҳои истироҳатию фароғатии Норак, Данғара, Восеъ, Шаҳритус, Кӯлоб, Ховалинг, Балҷувон, Муъминобод, Бохтар 1 адад, хатсайри Душанбе - Норак -Данғара - Кӯлоб -Восеъ - Ховалинг- Муъминобод-Балҷувон 3 адад ва хатсайри сайёҳии шикори моҳӣ Душанбе - Левакант - А. Ҷомӣ - Дӯстӣ - Душанбе 2 адад, дар умум, дар се соли таҳлилӣ шумораи хатсайрҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон афзоишёбанда арзёбӣ гардида, суръати рушди миёнаи он 39,1% - ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, аз баррасии маълумоти расмӣ оид ба теъдоди хатсайрҳои сайёҳии вилояти Хатлон чунин хулоса карда мешавад, ки дар ду соли охир дар минтақаи мазкур ягон хатсайри ҷадид кушода нашудааст. Аз ин рӯ, дар оянда масъулини соҳаи сайёҳии вилояти Хатлонро зарурият пеш меояд, ки ҷиҳати рушди сайёҳии аграрӣ дар минтақа аз имкониятҳои мавҷуда истифода карда, шумораи хатсайрҳоро зиёд намоянд. Ин амалкард ба рушди сайёҳии агарарӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бояд тазаккур дод, ки феълан дар ҷумҳурӣ зиёда аз 200 ширкати сайёҳӣ, 300 объекти сайёҳӣ, аз ин дар вилояти Хатлон: 125 меҳмонхона, 50 ҳостелу мотелҳо, 270 осоишгоҳ, 2 маркази муоличавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 1 хонаи истироҳатӣ амал мекунад (ҷадвали 2.2.4).

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ташаккул ва бунёди инфрасохтори сайёҳӣ вақтҳои охир дар мамлакат диққати хоса медиҳад. Дар вилояти Хатлон низ ба ин масаъла мароқи бештар зоҳир карда, бо назардошти талаботи муосир иншоотҳои замонавии хизматрасониро бунёд намуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор додаанд, ки ҳамаи ин тадбирҳо ба инфрососхтори саҳёҳии аграрӣ беҳбудӣ мебахшад. Масалан, теъдоди субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ соли 2024 дар муқоиса бо соли 2020 дар вилояти афзудаанд.

**Ҷадвали 2.2.4. - Шумораи субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ дар вилояти Хатлон, адад**

| Шумора | Солҳо | | | Суръати рушд, маротиба |
|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2022 | 2024 | |
| Меҳмонхонаҳо | 36 | 46 | 125 | 3,4 маротиба |
| Хостелҳо, мотелҳо | 2 | 4 | 50 | 25,0 маротиба |
| Осоишгоҳҳо | 6 | 8 | 270 | 45,0 маротиба |
| Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ | - | - | - | - |
| Марказҳои муоличавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ | 1 | 2 | 2 | 2,0 маротиба |
| Хонаҳои истироҳатӣ | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| Пансионат ва кемпинг | - | - | - | - |
| Пойгоҳи сайёҳӣ ва истироҳатӣ | - | - | - | - |
| Шумораи ҳуҷраҳо, адад | 1121 | 1321 | 3417 | 3,0 маротиба |
| Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) | 24342,2 | 29562,1 | 32132,7 | 132,0 |
| Шумораи катҳо, адад | 2091 | 2654 | 6865,8 | 3,3 маротиба |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [49].

Дар ин давра ғайр аз хонаҳои истироҳатӣ шумораи меҳмонхонаҳо 89, хостелҳо 48, марказҳои муоличавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ 1 адад зиёд гардидаанд. Бо вуҷуди афзоиши шумора, дар вилоят аксар субъектҳои лозимаи хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷумлаи осоишгоҳҳои кӯдакона, лагерҳои солимгардонӣ, пансионату кемпинг, пойгоҳи сайёҳӣ ва истироҳатӣ арзи вуҷуд надоранд. Набудани ин намуди субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ дар вилоят ба афзоиши мунтазами шумораи сайёҳон дар минтақа таъсири

манфии худро гузошта метавонад. Ба назари мо, дар оянда бунёд намудани осоишгоҳҳои кӯдакона, лагерҳои солимгардонӣ, пансионату кемпинг, пойгоҳи сайёҳӣ ва истироҳатӣ ба мақсад мувофиқ буда, ба рушди соҳаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла саҳёҳии аграрӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар асари илмии худ олимони тоҷик Пирназаров Ш.М. ва Шарофов У. чунин изҳор намудаанд: «…имрӯзҳо инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ беҳбудӣ мехоҳад. Дар бисьёр хатсайрҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, нақлиёт, ҳоҷатхонаҳо, ҷойҳои хӯрокхӯрӣ дида намешаванд. Дар маҳалҳо соҳибкорони соҳаи сайёҳиро лозим аст, ки ба идораи сайёҳии ноҳияҳо ва вилоятҳо алоқаи зич дошта, дар мавридҳои лозимӣ омодагии пурра дида, беҳтар кардани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ва талаботҳои сайёҳон дар сатҳи баланд қонеъ гардад ва танҳо он вақт сайёҳӣ соҳаи сердаромад мегардад» [134, с. 177].

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ муайян карда шуд, ки дар вилояти Хатлон соли 2024 нисбат ба соли 2020 шумораи меҳмонхонаҳо 3,4 маротиба, хостелҳо-мотелҳо - 25,0 маротиба, осоишгоҳҳо – 45,0 маротиба зиёд гардидаанд. Мутаассифона, дар ин марҳила шумораи хонаҳои истироҳатӣ бетағйир боқӣ мондаанд. Барои таъмини шароити иҷтимоии сайёҳон дар соли 2020 ба миқдори 1121 ҳуҷра барои истифода пешбинӣ гардида, ин нишондод дар соли 2024 ба 3417 адад тӯл кашидааст, ки афзоиши мутлақи он 2296 ҳуҷраро ташкил медиҳад. Дар ин давра масоҳати умумии ҳуҷраҳо ва шумораи катҳо низ зиёд шуда, суръати рушди он мувофиқан ба 32,0% - 3,3 маротиба баробар мебошад.

Ҳамин тавр, қабули барномаҳои давлатии соҳавӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунанда дар ин самт ба баланд шудани нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон боис гардиданд.

Афзоиши даромади субъектҳои соҳаи сайёҳӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии давлат қарор дошта, ба таҳкими иқтисоди миллӣ ва рушди устувори он мусоидат менамояд (ҷадвали 2.2.5).

**Ҷадвали 2.2.5 - Даромад аз субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | 2024 нисбат ба 2020, маротиба |
|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2022 | 2024 | |
| Шумораи миёнаи кормандон, нафар | 482 | 622 | 803 | 166,5 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст, нафар | 45321 | 462503 | 503340 | 10,4 маротиба |
| аз он ҷумла | | | | |
| сайёҳони хориҷӣ | 11214 | 63000 | 75685 | 6,7 маротиба |
| сайёҳони дохилӣ | 34107 | 399503 | 427655 | 12,5 маротиба |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ, ҳаз. сомонӣ | 9615,9 | 98130,3 | 1001420,1 | 104,1 маротиба |
| Дигар намуди даромадҳо, ҳаз. сомонӣ | 380,1 | 631,3 | 1048,5 | 2,7 маротиба |
| Ҳаҷми умумии даромад, ҳаз. сомонӣ | 9996 | 98761,6 | 975775,7 | 97,6 маротиба |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [49].

Бояд қайд кард, ки теъдоди миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ вобаста ба тағйирёбии шумора, сохтор ва ҳаҷми фаъолияти хизматрасонӣ метавонад каму зиёд гарданд.

Агар дар маҷмуъ соли 2020 дар 47 субъекти хизматрасонии сайёҳии вилояти Хатлон 482 нафар корманд фаъолият мекард, дар соли 2024 ин нишондод ба 803 нафар баробар гардида, суръати рушди он ба 66,5% баробар гардида, ба ҳисоби миёна ба ҳар як субъекти сайёҳӣ 17 нафарро ташкил додааст. Тайи ду соли охир шумораи кормандон дар бахши хизматрасонии сайёҳӣ мунтазам афзоиш ёфта, устувории ҳайати доимии кадрҳо низ тадриҷан беҳтар шудааст. Чунин раванд аз рушди фаъолияти субъектҳои соҳа ва баланд шудани сатҳи касбият дарак медиҳад.

Ҳамзамон, афзоиши иқтидори кадрӣ бо зиёд гардидани шумораи сайёҳон дар минтақа ҳамоҳанг сурат гирифтааст.

Масалан, суръати рушди шумораи сайёҳон соли 2024 нисбат ба соли 2020 - 10,4 маротибаро ташкил медиҳад, ки ин нишондод назаррас мебошад. Агар таркиби шумораи сайёҳонро дар солҳои 2020 - 2024 бозбинӣ намоем, пас маълум мешавад, ки ҳиссаи сайёҳони хориҷӣ низ дар ин давра 6,7 маротибаро ташкил медиҳад.

Дар шароити рушдёбии муносибатҳои иқтисодӣ ҳадафи асосии субъектҳои хизматрасони сайёҳӣ, ин ҳарчи бештар ба даст овардани

даромад аз намудҳои мухталифи хизматрасонӣ мебошад. Дар ин самт субъектҳои хизматрасонии сайёҳии объекти тадқиқот низ муваффақ буда, дар се соли охир суръати миёнаи рушди даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳояшон 104,1 маротибаро ташкил медиҳад. Соли 2024 нисбат ба соли 2020 суръати рушди дигар намуди даромадҳо ба 2,7 маротиба рост меояд. Ҳаҷми умумии даромади субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ низ дар соли 2024 назаррас арзёбӣ гардида, дар муқоиса ба соли 2020 97,6 баробар зиёд мебошад.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.5 маълум карда шуд, ки дар се соли охир даромади субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон тамоюли зиёдшавиро дорад, ки ин натиҷа мусбӣ арзёбӣ мегардад, аммо дараҷаи рушди он устувор набуда, талаботҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт қонеъ намекунад. Биноан, новобаста аз баланд шудани даромади субъетҳои хизматрасонии сайёҳӣ масъулини соҳаро зарур аст, ки барои ҳарчи бештар ҷалб кардани шумораи сайёҳони хориҷӣ тадбирҳои заруририро андешанд. Чунки аз таҳлили маълумоти расмии оморӣ тадқиқ карда шуд, гарчанде шумораи сайёҳон дар вилоят афзоишёбанда ҳам бошад, аммо тӯли се соли охир ҳиссаи сайёҳони хориҷӣ 11,1 банди фоизӣ рӯ ба камшавӣ овардааст.

Дар асари илмии худ муҳаққиқи тоҷик Сафаров А.М. чунин изҳор намудааст: «Ҳангоми ҷорӣ кардани системаи идоракунии сифат барои маҳсулоти сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ дар маҷмуъ афзалиятҳои зеринро ба даст меоранд: бартараф кардани монеаҳои байнисоҳавӣ; ташкили гурӯҳҳои корӣ оид ба баланд бардоштани сифат ҷиҳати ҳалли мушкилоти марбут ба бахшҳои гуногуни ширкат; муносибатҳои байни субъектҳо аз рӯйи принсипи «Молрасон - истеъмолкунанда». Дар сурати ба назар гирифтани ин бандҳо самаранокии ширкати сайёҳӣ дуруст танзим карда мешавад. Дар ин миён натиҷаи раванди такмили мол, такрористеҳсол ва самти фаъолияти ширкати сайёҳӣ баромад намуда рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ меафзояд» [168, с. 133].

Вақтҳои охир дар ҷумҳурӣ мавзеъҳои табиати зебо, захираҳои табиӣ, набототу ҳайвонот, мероси таърихию фарҳангӣ, сайёҳии экологӣ, муоличавӣ, варзишӣ, сайёдӣ ва лижаронӣ хеле маъмул гаштаанд.

Тоҷикистон ҳамчун макони зисти гӯсфанди кӯҳӣ, яъне гӯсфанди Марко Поло маъруф аст ва кишвари муносиб барои инкишофи сайёҳии сайёдӣ (шикорӣ) ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин, дар кишвар шумораи зиёди намудҳои гуногуну нодири ҳайвонот зиндагӣ мекунанд, ки ҳазорҳо дӯстдорони шикорро ҷалб мекунанд.

Ҳифзи саршумори гӯсфанди Марко Поло, бузи кӯҳӣ, оҳуи бухороӣ, хирси малла ва дигар ҳайвоноти нодир имкони шикори ин намудҳои ҷонваронро дар ҷумҳурӣ таъмин мекунад.

Дар асоси омӯзиши осори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масоили сайёҳии деҳот, бо дарназардошти натиҷаҳои андешаронию тадқиқоти шахсӣ, бо таваҷҷуҳ ба самараи синергетикии сайёҳии аграрӣ нисбат ба навъҳои дигари сайёҳӣ, мо усули интегралии муайян намудани консентратсияи иқтидори захиравӣ барои рушди сайёҳии аграриро пешниҳод мекунем.

Усули муайян намудани консентратсияи иқтидори захиравӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ иҷрои як қатор қадамҳоро барои расидан ба натиҷаи ниҳоӣ дар назар дорад. Алгоритм дар шакли қадамҳои ҳалли масъала дар ҷадвали 2.2.6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.6. - Муайян намудани бахшҳо ва индикаторҳои омили арзёбӣ**

| **Қадами 1. Муайян намудани бахшҳои арзёбӣ** | |
|---|---|
| Бахши классикӣ | Бахши иловагӣ |
| ландшафтӣ | истеҳсоли аграрӣ |
| экологӣ | амният дар соҳаи сайёҳии аграрӣ |
| инфрасохтори нақлиётӣ | тиббӣ-эпидемиологӣ |
| таърихию фарҳангӣ | |
| **Қадами 2. Интихоби индикаторҳои омил** | |
| Категорияҳои муҳити зист | |
| биосфера (биота) | дастрас будани нақлиёт |
| атмосфера | пойгоҳи моддию техникӣ |
| гидросфера | демография |
| литосфера | пойгоҳи фарҳангию маърифатӣ |
| захираҳои меҳнатӣ | амният |
| инфрасохтори истеҳсолӣ | саломатӣ |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [169, с. 58 - 59].

Миқдори индикаторҳои омил 30 ададро ташкил медиҳад. Тавсифи миқдории онҳо дар воҳидҳои ченакии гуногун ифода ёфтааст, ки онҳоро ба бузургии холис табдил бояд дод (ҷадвали 2.2.7).

**Ҷадвали 2.2.7. - Теъдоди индикаторҳои омил**

| | |
|---|---|
| **Индикаторҳои омили бахши ландшафт** | |
| Ҷузъҳои иқтидори ландшафт | |
| масоҳати заминҳои растаниҳои дарахтию буттаӣ | га/км² |
| масоҳати заминҳои ҷангал | га/км² |
| масоҳати заминҳои иншшоти об | га/км² |
| масоҳати заминҳои мавзеъҳои табиӣ | га/км² |
| масоҳати заминҳои ботлоқзор | га/км² |
| **Индикаторҳои омилии бахши экологӣ** | |
| Ҷузъҳои арзёбии экологӣ | |
| миқдори моддаҳои ифлоскунанда, ки аз сарчашмаҳои доимӣ ихроҷ мешаванд | ҳаз. тонна/км² |
| партовҳои оби истифодашуда бидуни поккорӣ | млн. м³/км² |
| масоҳати ҷойи дафни партовҳои сахти маишӣ | га/км² |
| **Индикаторҳои омилии бахши истеҳсоли кишоварзӣ** | |
| коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | наф/1 ҳаз. наф. |
| зичии хоҷагиҳои деҳқонӣ | адад/1 ҳаз. км² |
| зичии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | адад/км² |
| зичии хоҷагиҳои шаробпазӣ ва аспparварӣ | адад/100 ҳаз. км² |
| **Индикаторҳои омилии бахши зерсохтори нақлиёт** | |
| иқтидори фонди катҳои хоб | ҷой/1000наф. |
| таъмини шабакаи роҳҳо бо рӯйпӯши сахт | км/км² |
| зичии мавзеъҳои шикор дар ноҳия | га/1 ҳаз. км² |
| зичии муассисаҳои ғизохӯрӣ дар ноҳия | нафар/1тыс. км² |
| | Идомаи ҷадвали 2.2.7 |
| **Индикаторҳои омилии бахши иҷтимоӣ-фарҳангӣ** | |
| индекси арзишмандии фарҳангии ҳудуд | адад/1ҳаз. км² |
| коэффитсиенти фаъолияти эҷодии аҳолии деҳот | наф/1 ҳаз. наф. |
| зичии муассисаҳои фарҳангию тафреҳӣ | адад/5000 наф |
| ҳиссаи аҳолии қавмӣ дар ноҳия | наф/1 ҳаз. наф. |
| **Индикаторҳои омилии амният дар соҳаи сайёҳии деҳотӣ** | |
| теъдоди ҷиноятҳои қайдшуда ба муқобили шахсият | адад/1 ҳаз. наф. |
| теъдоди кормандони мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ | наф/1 ҳаз. наф. |
| **Индикаторҳои омилии бахши тиббию эпидемиологӣ** | |
| инфексияҳои табиӣ | |
| бемориҳои ҳайвоноту инсон | |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [169, с. 60].

**Ҷадвали 2.2.8. - Категорияҳо ва индикаторҳои арзёбии тамаркузи иқтидори захиравӣ барои ташкили сайёҳии деҳот**

| **Категория** | **Индикатор** | **Воҳидҳо** | **Формулаҳои ҳисоб** | **Таъинот** |
|---|---|---|---|---|
| Бахши ландшафт | | | | |
| Биота | Иқтидори ландшафт | га/км² | $Pb = \frac{Sf + St + Sw + Se + Sb}{S}$ | Pb - иқтидори ландшафт, Sf - растаниҳои дарахту бутта, St - бешазор, Sw - мавзеъҳои обӣ, Se – мавзеъҳои табиӣ, Sb - ботлоқҳо, S - масоҳати ноҳия |
| Бахши экологӣ | | | | |
| Атмосфера | Партовҳои моддаҳои ифлоскунанда | ҳаз. тон./км² | $Pa = \frac{МИ}{S}$ | Pa - зичии моддаҳои ифлоскунанда ба 1 км², МИ - миқдори партовҳои моддаҳои ифлоскунанда, S - масоҳат. |
| Гидросфера | Партовҳои обҳои ихроҷшаванда бе поксозӣ | млн. м³/км² | $Рг = \frac{ОИ}{S}$ | Рг - зичии обҳои партов бе поксозӣ ба 1 км², ОИ - миқдори партови обҳои ихроҷшаванда бе поксозӣ, S - масоҳати ноҳия |
| Литосфера | Ташкилёбии партовҳои истеҳсол ва истеъмол | га/км² | $Рл = \frac{МПК}{S}$ | Рл - зичии партовҳои истеъмол ва истеҳсол ба 1 км², МПК - миқдори партовҳои коммуналӣ, S - масоҳати ноҳия |
| Бахши истеҳсоли аграрӣ | | | | |
| Захираҳои меҳнатӣ | Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | наф/1 ҳаз. наф | $Раиф = \frac{АИФ}{А} * 1000$ | Раиф - теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба 1 ҳаз. наф., АИФ - теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар санаи t, A - теъдоди тамоми аҳолӣ дар санаи t. |
| Ифрасохтори истеҳсолӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | адад/1 ҳаз.км² | $Рхдф = \frac{ХДФ}{S} * 1000$ | Рхдф - зичии ХД дар 1 ҳаз. км², ХД-теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ, S - масоҳати ноҳия. |
| | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | адад/км² | $Рхёш = \frac{ХЁШ}{S}$ | Рхёш – зичии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар 1 км², ХЁШ - теъдоди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар ноҳияи деҳот, S - масоҳати ноҳия |
| | Хоҷагиҳои шароббарорӣ ва аспparварӣ | адад/100ҳаз. км² | $Рхша = \frac{ХШ + ХА}{S} * 100000$ | Рхша – зичии хоҷагиҳои шароббарорӣ ва аспparварӣ дар 100 ҳаз. км², ХШ ва ХА - ҷамъи теъдоди хоҷагиҳои шароббарорӣ ва аспparварӣ, S - масоҳати ноҳия. |
| Бахши инфрасохтори нақлиёт | | | | |
| Дастрасии нақлиётӣ | Роҳҳо бо рӯйпӯши сахт | км/км² | $Ррс = \frac{L}{S}$ | Ррс - зичии роҳҳо бо рӯйпӯши сахт дар 1 км², L - дарозии роҳҳо бо рӯйпӯши сахт, S - масоҳати ноҳия. |

Идомаи ҷадвали 2.2.8

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Базаи моддию техникӣ | Зичии фонди катҳо | ҷой/1000 наф. | $Рк = \frac{К}{N} * 1000$ | Рк - зичии фонди катҳои хоб, Кҷ - теъдоди катҳои хоби истифодаи шабонарӯзӣ, N - теъдоди аҳоли дар санаи t. |
| | Объектҳои хӯроки омма | адад/1 ҳаз.км² | $Рохо = \frac{ОХО}{S * 1000}$ | Роҳо - зичии объектҳои хӯроки омма дар 1 ҳаз. км², ОХО - теъдоди объектҳои хӯроки омма, S - масоҳати ноҳия. |
| | Мавзеъҳои шикор | га/ 1 ҳаз. км² | $Рмш = \frac{МШ}{S}$ | Рмш - зичии мавзеъҳои шикор дар 1 ҳаз. км², МШ - мавзеъҳои шикор, S - масоҳати ноҳия. |
| Бахши иҷтимоию фарҳангӣ | | | | |
| Таркиби қавмӣ | Ҳиссаи қавм | наф/1 ҳаз. наф | $Рак = \frac{АК}{N} * 1000$ | Рақ – теъдоди аҳолии қавмӣ ба 1 ҳаз. наф.; АҚ - ҳиссаи аҳолии қавмӣ дар санаи t, N - теъдоди аҳолӣя дар санаи t. |
| Заминаи фарҳангию маърифатӣ | Фаъолияти эҷодии аҳолии деҳот | наф/1 ҳаз.наф. | $КФЭ = \frac{ГФ}{N} * 1000$ | КФЭ - фаъолияти эҷодии аҳолӣ ба 1 ҳаз. наф., ГФ - теъдоди гурӯҳҳои фолклорӣ, N - теъдоди аҳолии ноҳия дар сапнаи t. |
| | Муассисаҳои фарҳангию тафреҳӣ | адад/5 ҳаз.наф | $КФТ = \frac{МФТ}{N} * 5000$ | КФТ - теъдоди муассисаҳои фарҳангию тафреҳӣ ба 5 ҳаз. наф., МФТ - теъдоди муассисаҳои фарҳангию тафреҳӣ дар ноҳия, N - теъдоди аҳолии ноҳия дар санаи t. |
| | Арзишмандии таърихии минтақа | адад/1 ҳаз.км² | $АТ = \frac{nк1 + nк2}{S} * 1000$ | ИЦ - арзишмандии таърихии минтақа ба 1 ҳаз. км², n - теъдоди объектҳои фарҳанг, к1, к2 - коэффитсиенти баҳодиҳӣ тибқи мақоми объекти фарҳангӣ, S - масоҳат. |
| Бахши амният | | | | |
| Амният | Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият | адад/1 ҳаз.наф | $Ч= \frac{ТУЧ}{N} * 1000$ | Ҷ - теъдоди ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба 1 ҳаз. наф., ТУҶ - теъдоди умумии ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, N - теъдоди аҳолии ноҳия дар санаи t. |
| | Ширкатварони гурӯҳҳои ихтиёрӣ барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ | наф/1 ҳаз. наф. | $ШГИ = \frac{ТГИ}{N} * 1000$ | ШГИ - нишондиҳандаи ширкатварони гурӯҳҳои ихтиёрӣ барои ҳифзи тартибот ба 1 ҳаз. наф., ТГИ - теъдоди ширкатварони гурӯҳҳои ихтиёрӣ, N - теъдоди аҳолӣ дар санаи t. |
| Бахши тиббию эпидемиологӣ | | | | |
| Саломатӣ | Инфексияҳои табиӣ | нест | | Ҷадвали баҳодиҳӣ бо тартиби афзоиши ҳолатҳои сирояти инфексия сохта шудааст. |
| | Бемориҳои ҳайвоноту инсон | | | |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [169, с. 63].

Индикаторҳои омилӣ тибқи формулаҳое, ки дар ҷадвали 2.2.8 оварда шудаанд, ҳисоб карда мешаванд, ки қадами 3 ба ҳисоб меравад.

Қадами 4. Сохти матритсаи афзалияти омилҳо дар ҳафт бахши баҳодиҳӣ (арзёбӣ) барои миқдори n-и ноҳияҳо тибқи нақшаи зерин иҷро мешаванд:

| | **k1** | **k2** | **k3** | **k4** | **k5** | **…** | **kn** | **∑К** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| i1 | | | | | | | | |
| i2 | | | | | | | | |
| i3 | | | | | | | | |
| i4 | | | | | | | | |
| in | | | | | | | | |

дар ин ҷо: k1 - kn коэффитсиентҳои индикаторҳои омил;

i1 - in - номи индикаторҳои омил.

Қадами 5. Ба ҳар индикатори баҳодиҳӣ холи муносиб аз 1 то ∞ бо назардошти ҳисоби паҳнои фосилаи h тибқи формулаи зерин дода мешавад [126]:

$$h = \frac{x\ \min - x\max}{n}, \quad (1)$$

дар ин ҷо, h - паҳнои фосила,

x min - қимати ҳадди аксари нишондиҳанда,

xmax - қимати ҳадди ақали нишондиҳанда,

n - миқдори гурӯҳҳое, ки тамоми соҳаи қиматҳои имконпазири аломати таҳқиқшавандаро тибқи мушоҳидаҳои мавҷуда тақсим бояд кард {X1, X2, …, Xn}.

Қатори фосилавӣ (гурӯҳ) бо формулаи Стерҷесс муайян карда мешавад, ки дар математикаи олӣ чунин шакл дорад:

$$n = 1 + 3{,}322\lg N, \quad (2)$$

дар ин ҷо, n - теъдоди гурӯҳҳо,

N - теъдоди интихоб (дар ҳолати ин теъдоди ноҳияҳо). Теъдоди ниҳоӣ то адади бутун ба сӯи камшавӣ яклухт карда мешавад. Сипас, ноҳияҳоро тибқи фосилаҳои баробар аз рӯйи ҷадвали зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

гурӯҳи 1: аз min то (x min + h) = y,

гурӯҳи 2: аз y то (y + h) = z,

гурӯҳи 3: аз z то x max. (3)

дар ин ҷо, x max - қимати ҳадди аксари нишондиҳанда,

x min - қимати ҳадди ақали нишондиҳанда,

h - паҳнои фосилаи боварибахш,

y - ҳадди фосилаи гурӯҳи n,

z - ҳадди фосилаи гурӯҳи j.

Теъдоди холҳое, ки ба ноҳия тибқи ин ё он нишондиҳанда дода мешаванд, ба мансубияти он ба қатори фосилавӣ вобастагӣ дорад. Агар ноҳия дар ҳудуди гурӯҳи 1 бошад, ба он 1 хол, дар ҳудуди гурӯҳи 2 бошад - 2 хол, дар ҳудуди гурӯҳи 3 -3 хол, агар дар ҳудуди гурӯҳи 4 -4 хол ва ҳоказо.

Қадами 6. Ҳисоб кардани ҷамъи индикаторҳои омили ҷузъи баҳодиҳӣ дар ҳафт бахш барои теъдоди n -и ноҳияҳо тибқи формулаи зерин амалӣ мегардад:

$$\mathrm{Ii} = \mathrm{i1} + \mathrm{i2} + \mathrm{i3} + \mathrm{i4} \ldots\ldots + \mathrm{in}, \quad (4)$$

дар ин ҷо Ii - ҷузъи баҳодиҳӣ,

in - қимати нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ҷузъҳои бахш,

n - теъдоди нишондиҳандаҳо дар ҷузъи баҳодиҳӣ.

Қадами 7. Ба сифати меъёри баҳодиҳӣ индекси тамаркузи иқтидори захиравии минтақа барои ташкили сайёҳии деҳот татбиқ карда шуд, ки чунин шакл дорад:

$$\mathrm{CRk} = \sum_{i=1}^{k} \mathrm{Xi}, \qquad (5)$$

дар ин ҷо CRk - индекси тамаркузи иқтидори захиравии минтақа,

Xi - ҷамъи индикаторҳои омилии ҷузъи баҳодиҳӣ,

k - миқдори бахшҳое, ки барояшон ин нишондиҳанда ҳисоб карда мешавад.

Индекси тамаркузи иқтидори захиравии минтақа ба ҷамъи индикаторҳои омилии нишондиҳандаи n дар панҷ бахш ва фарқи омилҳои

нишондиҳандаҳои n-и ду бахши баҳодиҳӣ, ки рушди сайёҳии деҳотро дар ноҳияи маъмурии n маҳдуд мекунанд, баробар аст.

$$\sum_{i=1}^{k} Xi = \sum_{i=1}^{k} Yi - \sum_{i=1}^{k} Pi, \qquad (6)$$

дар ин ҷо Xi - индекси тамаркузи иқтидори захиравии минтақа,

Yi - индекси мусбати тамаркузи иқтидори захиравии минтақа,

Pi - индекси манфии тамаркузи иқтидори захиравии минтақа,

k - теъдоди бахшҳое, ки бароящон ин нишондиҳанда ҳисоб карда мешавад.

Индекси мусбати тамаркузи иқтидори захиравии минтақа:

$$Yi = y1 + y2 + y3 + y4 + y5, \ (7)$$

дар ин ҷо Yi - индекси мусбати тамаркузи иқтидори захиравӣ,

y1 - бахши истеҳсоли аграрӣ,

y2 - бахши инфрасохтори нақлиёт,

y3 - бахши иҷтимоию фарҳангӣ,

y4 - бахши амният,

y5 - бахши табиӣ (иқтидори ландшафт).

Индекси манфии тамаркузи иқтидори захиравии минтақа:

$$Pi = p1 + p2, \quad (8)$$

дар ин ҷо Pi - индекси манфии тамаркузи иқтидори захиравӣ,

p1 - бахши экологӣ,

p2 - бахши тиббию эпидемиологӣ.

Қадами 8. Радабандии ноҳияҳо бо дарназардошти ҳисоби паҳнои фосилаи боварибахш (h) барои теъдоди n-и гурӯҳҳо, вобаста ба мантиқи объектҳои таҳқиқшаванда анҷом дода шудааст.

Равиши пешниҳодшудаи арзёбии иқтидори захиравии минтақа барои рушди сайёҳии аграрӣ таҳлили миқдори зиёди маълумоти мухталифро дар назар дорад, ки ин зарурати татбиқи усули математикию омории коркарди онро ба миён меорад ва имкониятро барои озмудан дар мисоли низоми иҷтимоию иқтисодии маҳалли деҳот фароҳам месозад.

Ба ин васила, рушди фаъолонаи сайёҳии аграрӣ барои ҳар кишвар хеле муҳим аст. Шуғли сайёҳии деҳот дар сатҳи миллӣ дастгирӣ меёбад ва чун қисми ҷудонопазири рушди умумии иҷтимоию иқтисодии деҳот дониста мешавад. Дар баъзе аз кишварҳо сафарҳои сайёҳӣ ба деҳот аллакай дар ҷои дуюм баъди истироҳат дар соҳили баҳр меистанд. Илова ба ин, рушди ин намуди сайёҳӣ самти асосии ҳифзу эҳёи табиати миллии деҳот гаштааст.

Дар асар илмии худ олими тоҷик Комилбек А.Ё. чунин изҳор намудааст: «...барои таъмини рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар кишвар зарур аст, ки корҳоро ҷиҳати бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани номгӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ, хусусан дар самти сайёҳии аграрӣ, табобатӣ, экологӣ ва куҳнавардӣ, таъмини иқтидорӣ кадрӣ, ташкили курсҳои бозомӯзии ҳайати хизматрасон ва таблиғоти имконятҳои сайёҳии кишварро пурзур намудан лозим аст» [104, с. 6].

Рушди сайёҳии аграрӣ қариб барои ҳама вилоятҳои ҷумҳурӣ муҳиму ояндадор аст. Мероси бойи фарҳангӣ ва гуногунрангии табиат Тоҷикистонро дар ҷои намоёне миёни кишварҳои дорои иқтидори рушди сайёҳӣ дар ҷаҳон мегузорад. Тамоюли рушди сайёҳӣ нишон медиҳад, ки ҷумҳурӣ дорои иқтидори захиравиест, ки онро инкишоф бояд дод.

### 2.3. Шаклҳои ҳозираи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ва омилҳое, ки монеи рушди сайёҳӣ дар маҳалли деҳот мешаванд

Сайёҳӣ дар тамоми ҷаҳон аз соҳаҳои пурдаромадтарини иқтисодиёт шинохта шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ бо вуҷуди буҳрони молиявию иқтисодӣ, дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ тайи даҳсолаҳо бе майлон рушд мекунад. Он барои таъсиси ҷойҳои кори доимӣ ва мавсимӣ кумак мерасонад.

Дар ҷумҳурии мо низ бобати дастгирии фаъолияти сайёҳӣ «Консепсияи рушди сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2019» қабул гардидааст, қайд менамояд олими тоҷик Ғуломов Х.Ҳ. ва

чунин изҳор намудааст: «...фаъолияти ширкатҳои сайёҳиро дар дохили ҷумҳурӣ танзим менамояд. Бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» муайян гардида, ин иқдом барои фаъол гардидани механизмҳои барномавӣ, татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои маҳаллӣ заминаи институтсионалии муҳимм фароҳам овард» [87, с. 393].

Илова бар ин, дар кишвар нахустин маротиба «Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030» таҳия ва тасдиқ карда шуд. Санади стратегии мазкур бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардида, 1 августи соли 2018 бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул шудааст. Татбиқи он дорои аҳаммияти калони стратегӣ буда, ба тақвияти рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳо ва истифодаи самараноки иқтидори сайёҳии кишвар мусоидат хоҳад намуд.

Тоҷикистон ҳадафҳои рушди худро муайян ва тасҳеҳ мекунад ва дар ин ҷо соҳаи сайёҳӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Бар ҳамин асос, яке аз вазифаҳои муҳимтарин таҳияи Стратегияи рушди сайёҳӣ аст, ки тамоюли муосир ва таҷрибаи брендҳои ҷаҳонии сайёҳиро ба назар мегирад.

Барои арзёбии самаранокии сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ, «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» ба таври муфассал таҳлил карда мешавад. Дар ин санад маҷмуи нишондиҳандаҳои мақсаднок пешбинӣ гардидаанд, ки ноил шудан ба онҳо бояд натиҷаҳои асосии татбиқи Стратегияро инъикос намоянд (ҷадвали 2.3.1).

Бар асоси маълумоти ҷадвал метавон хулоса кард, ки татбиқи Стратегия асосан ба таҳкими динамикаи ҷараёни сайёҳон, афзоиши саҳми соҳаи сайёҳӣ дар сохтори ММД-и кишвар, фаъолсозии содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ ва васеъ намудани фазои бозории хизматрасониҳо равона шудааст.

**Ҷадвали 2.3.1. - Нишондиҳандаҳои асосии «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | Соли 2020 нисбат ба соли 2017, % | Соли 2025 нисбат ба соли 2020, % | | Соли 2030 нисбат ба соли 2025, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2020 | 2025 | 2030 | | | | | |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба ҷумҳурӣ меоянд (ҳаз. нафар) | 430,9 | 1000,0 | 1600,0 | 2500,0 | 132,1 | 60 | 5,8 | 56,2 | 2,5 |
| Саҳми сайёҳӣ дар ММД (%) | 1,2 | 5,0 | 6,5 | 8,0 | 316,7 | 30 | 6,7 | 23,1 | 1,6 |
| Саҳми сайёҳӣ дар содирот (%) | 6,2 | 8,0 | 12,0 | 15,0 | 29,03 | 50 | 2,4 | 25 | 1,9 |
| Ҳиссаи сармоя дар соҳаи сайёҳӣ аз сармоягузорӣ (%) | 0,1 | 2,0 | 5,0 | 10,0 | 2757 | 150 | 100,0 | 100 | 5,0 |
| Ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷети давлатӣ (%) | 0,05 | 1,0 | 1,6 | 3,0 | 2073,9 | 60 | 60,0 | 87,5 | 3,0 |
| Миқёси хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ (млн. сомони) | 1906,8 | 4425,0 | 7080,0 | 11862,6 | 132,1 | 60 | 6,2 | 67,5 | 2,7 |
| Шумораи субъектҳои ба қайд гирифташуда оид ба истироҳат ва табобат | 230 | 300 | 410 | 500 | 30,4 | 36,7 | 2,2 | 21,9 | 1,7 |
| Шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ (%) | 0,6 | 2,0 | 5,0 | 10,0 | 233,3 | 150 | 16,7 | 100 | 5 |

**Сарчашма:** Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [16].

Дар ин муддат инфрасохтори сайёҳӣ босуръат сохта шуд, алалхусус меҳмонхонаҳои калону хурд дар ноҳияҳои Шамсиддини Шоҳин, Ховалинг, Ёвон, Муъминобод, шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар бунёд гардиданд.

Дар асари худ олими тоҷик Неъматов И.У. чунин изҳор намудааст: «...инфрасохтори сайёҳӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад. Ба онҳо функсияҳои дастгирӣ, ҳамгирой ва танзимкунандаро шомил намудан мумкин аст. Функсияи дастгиркунандаи инфрасохтори сайёҳӣ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташкили хизматрасонии сайёҳӣ, ҳамгирой – ташкил ва нигоҳдории муносибатҳои байни корхонаҳои саноатӣ, ташаккули комплексҳои ҳудудии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ мебошад» [127, с. 171].

Олимони тоҷик Бобозода А.О. ва Алиева Л.И. дар асари илмии худ чунин изҳор намудаанд: «...айни замон дар ҷумҳурӣ мушкилоти зиёди ҳалталаби рушди соҳаи сайёҳӣ ҷой доранд. Як қатор омилҳои объективие мавҷуданд, ки ба барқароршавии соҳа монеъ мешаванд. Инҳо, пеш аз ҳама, менеҷменти заиф дар худи саноати сайёҳӣ ва ҳам дар соҳаҳои ба он алоқаманд, инчунин фарсудашавии фондҳои асосии дар иншооти инфраструктураи сайёҳӣ мавҷуд буда, дуруст ба роҳ намондани реклама, қабл аз ҳама, дар хориҷа мебошанд » [80, с. 86].

Аз Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки бо назардошти мусбӣ будани нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2017 то соли 2020, дурнамои он низ барои то соли 2030 тамоюл ба рушд дода шудааст. Дар назар аст, ки дар муддати 10 соли минбаъда (аз соли 2020 то соли 2030) шумораи ташрифи сайёҳон ба ҷумҳурӣ - 2,5 маротиба, саҳми сайёҳӣ дар ММД - 1,6 маротиба, саҳми сайёҳӣ дар содирот - 1,9 маротиба, ҳиссаи сармоя дар соҳаи сайёҳӣ аз сармоягузорӣ - 5,0 маротиба, ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷети давлатӣ - 3,0 маротиба, миқёси хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ - 2,7 маротиба, шумораи субъектҳои ба қайд гирифташуда оид ба истироҳату табобат - 1,7 маротиба ва шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ - 5 маротиба афзоиш ёбад.

Ҳамин тариқ, ноил шудан ба ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои «Стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» танҳо дар шароити ташаккули низоми самараноки институтсионалии идоракунии соҳа, рушди инфрасохтори муосир ва рақобатпазири сайёҳӣ, инчунин ҳамоҳангсозии тадбирҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сармоягузорӣ, тарғиби имкониятҳои сайёҳӣ, фатҳи бозорҳои нав, ташаккули бренди миллии сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ, омода кардани кадрҳои саноати сайёҳӣ ва такмили ихтисоси онҳоро зарур мешуморем.

Дар ҷараёни амалисозии ташаббуси «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмон ва ба истифода додани як қатор иншооти замонавии хизматрасонӣ ба роҳ монда шуда, онҳо ҳамчун пояи асосии ташаккул ва таҳкими инфрасохтори сайёҳии кишвар аҳаммияти муҳимм касб менамоянд. Аз ҷумла, ба фаъолият оғоз намудани меҳмонхонаҳои «Манзара» дар ноҳияи Ховалинг ва «Чилдухтарон» дар ноҳияи Муъминобод имконият фароҳам овард, ки ҳатто дар минтақаҳои дурдасти кишвар ба сайёҳон хизматрасонӣ дар сатҳи муносиб ва мутобиқ ба талаботи муосир пешниҳод гардад.

Ҳамзамон, бо мақсади рушди деҳот ва баланд бардоштани ҷаззобияти сайёҳии маҳалҳо, дар соли 2021 анҷом додани корҳои бозсозӣ ва муосиргардонии роҳҳои дастрас ба ёдгориҳои таърихӣ, бунёди хонаҳои қабули сайёҳон (homestay), меҳмонхонаҳои хурд ва дигар иншооти зарурии инфрасохтори сайёҳӣ ва хизматрасонии замонавӣ амалӣ карда шуданд. Дар доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Бонки ҷаҳонӣ чор мавзеи муҳимми таърихию сайёҳии вилоят, аз ҷумла «Чилучорчашма», «Хоҷа Машҳад» ва «Ҳулбук» бозсозӣ гардида, заминаи устувор барои рушди минбаъдаи сайёҳии маҳаллӣ фароҳам оварда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 22 декабри соли 2017 ироа гардид, ба ин масъала таъкид намуданд, ки: «Шароити мусоиди табиӣ ва иқлими Тоҷикистон барои ба роҳ мондани

хизматрасонии муосири сайёҳӣ ва инкишофи намудҳои гуногуни он имконияти беҳтарин муҳайё кардааст. Дар ҳақиқат Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди сайёҳӣ, ба монанди мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, табиати нафису ҳаловатбахш, шаҳрҳо ва сохтмонҳои наву муосир, китобхонаҳо, осорхонаҳо, боғу гулгаштҳои таърихиву тозабунёду нотакрор дошта, таваҷҷуҳи зиёди сайёҳон - дӯстдорони сайру сайёҳат ва шаҳрвандонро ҷалб кардааст» [13].

**Ҷадвали 2.3.2. – Намудҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон**

| Намуди сайёҳӣ | Минтақа | Макон |
|---|---|---|
| Экологӣ | Тамоми қаламрави вилоят | Тамоми мавзеъҳои табии қаламрави вилоят. |
| Тиҷоратӣ | Бохтар, Кӯлоб | Ташрифи сайёҳон аз кишварҳои ҳамҷаворбаргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, мавзеъҳои назди сарҳадӣ. |
| Зиёратӣ | Кӯлоб, Ховалинг, Муъминобод, Ш. Шоҳин, Данғара, Балҷувон, Дустӣ, Шаҳритус, Вахш | М. А. Ҳамадонӣ, Султон Увайси Қаранӣ, Эмом Аскара, Шоҳи Хомуш, Шақиқи Балхӣ, Шаҳид, Мавлоно Обидин, Мавлоно Тоҷиддин, Шоҳ Неъмутуллои Валӣ, Эмом Зайналобиддин, Хоҷа Машҳад. |
| Таърихию фарҳангӣ | Восеъ, Вахш, Шаҳритус, Қубодиён, Н. Хусрав, Муъминобод | Қалъаи Ҳулбук, Аҷинатеппа, Хоҷа Машҳад, Тахти Сангин, Чилучор-чашма, Чилдухтарон. |
| Варзишӣ | Норак, Муъминобод | Қайиқронӣ: Норак, Муъминобод. Велосипедронӣ дар миқёси вилоят. |
| Шикор ва моҳигирӣ | Ш. Шоҳин, Муъмин-обод, Ховалинг, Бал-ҷувон, Норак, Қубодиён, Панҷ, Ҷайҳун, А. Ҷомӣ | Минтақаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ барои шикор иҷозат дода шудаанд (Ш. Шоҳин, Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Норак, Қубодиён Панҷ, Ҷайҳун, А. Ҷомӣ). Хоҷагиҳои моҳидорӣ – дар А. Ҷомӣ – 1, Кӯлоб -2, Дӯстӣ – 1, Восеъ – 1, Ҳамадонӣ - 1, Данғара -1, Норак -2, Балҷувон – 2, Муъминобод – 1. |
| Фароғатию табобатӣ | Восеъ, Темурмалик | Осоишгоҳи Тосқалъа, осоишгоҳи А. Сино. |
| Астрономӣ | Данғара | Расадхонаи байналмилалии астро-номии «Санглох». |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [13].

Имрӯз иқтидори сайёҳии кишвар ҳанӯз ба таври пурра истифода намешавад ва бисёре аз захираҳои он на танҳо барои сайёҳони хориҷӣ, балки ҳатто барои шаҳрвандони худи мамлакат низ камошно боқӣ мондаанд. Бо вуҷуди ин, тамоюлҳои мусбат мушоҳида мешаванд: дар солҳои охир дар вилояти Хатлон рушди пайдарпайи шаклҳои гуногуни

сайёҳӣ ба назар мерасад, ки аз афзоиши таваҷҷуҳ ба истифодаи имкониятҳои мавҷуда шаҳодат медиҳад (ҷадвали 2.3.2).

Дар натиҷаи таҳлили хулосаҳои коршиносони соҳа, бо дарназардошти он ки тақрибан 93,0 фоизи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро минтақаҳои кӯҳсор ташкил медиҳанд, дар марҳилаи кунунӣ шаш самти афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар муайян гардидааст (расми 2.3.1).




**Расми 2.3.1. - Самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар вилояти Хатлон**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [104, 140].

Дар солҳои сипаришуда дар Тоҷикистон ҷашнвораи сайёҳии «Наврӯз - мероси фарҳангии сайёҳӣ», ҷашнвораи «Ҷилваи чакан», Ҷашнвораи байналмилалии сайёҳӣ ва флешмоби «Пурнур» гузаронида шуданд.

Инчунин, намоишгоҳҳои косибон: «Рӯзи заргарон, «Рӯзи оҳангарон», «Рӯзи чакандӯзон», «Рӯзи косибон», намоишгоҳи косибон дар Галереяи ҳунарҳои муосири маркази савдои «Ашан», намоишгоҳи «Чакан» дар шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор карда шуданд.

Дар заминаи иқдомҳои мазкур ва имтиёзоти додаи Ҳукумати кишвар дар ин радиф, бо фаъол гардидани иштироки бахши хусусӣ, раванди тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ суръат гирифт, шумораи меҳмонхонаҳо ва дигар иншооти инфрасохтории сайёҳӣ афзоиш ёфт. Татбиқи чунин тадбирҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои деҳот ва, хусусан, ба густариши хатсайрҳои сайёҳӣ таъсири мусбат расонид.

Хатсайрҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон сол ба сол рӯ ба афзоиш доранд.

Дар асари худ олими тоҷик Самандаров И.Ҳ. чунин изҳор намудааст: «...хатсайрҳои асосии истироҳатӣ ва сайёҳат ВМКБ, Кӯҳистони Мастчоҳ, кӯҳҳои Фон ва Яғноб, қаторкӯҳҳои Ҳисору Шаҳристон, дараҳои Варзобу Ромит ва Қаратоғ, шаҳрҳои бостонии Панҷакент, Саразм, Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Ҳулбук, Кӯлоб, Бохтар, Ҳисор ва дигарҳо, ки ба таври фаровон осори бостоншиносию таърихӣ, фарҳангию маданӣ, меъмории миллию шарқиро вохӯрдан мумкин аст» [143, с. 39].

Қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон ба даҳгонаи ҷолибтарин кишварҳо барои сайёҳон, ба панҷгонаи беҳтарин кишварҳои сайёҳии пиёда, ба панҷгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯйи низоми содагардондашудаи додани раводид дохил шуд, роҳи Помир ба даҳгонаи зеботарини ҷаҳон, пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе ба даҳгонаи шахрҳои эминтарин дохил карда шуданд.

Пеш аз оғози кори бевосита дар соҳаи сайёҳии аграрӣ шакли ташкилии ҳуқуқии мувофиқтаринро барои он муайян бояд кард. Фаъолиятро дар соҳаи сайёҳии аграрӣ метавон дар чорчӯби соҳибкории

инфиродӣ (СИ) ё тавассути таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил намуд. Пеш аз ҳама, бояд мувофиқати шакли соҳибкории инфиродӣ барои фаъолияти бизнеси сайёҳии аграрӣ муайян гардад.

Содда будани расмиёти бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ, аз ҷумла набудани зарурати таҳияи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ ва ташаккули сармояи оинномавӣ, ҳамчунин озод будан аз пешбурди муҳосиботи мураккаб ва пешниҳоди ҳаҷми маҳдудтари ҳисобот дар муқоиса бо шахсони ҳуқуқӣ, ин шакли ташкили ҳуқуқиро барои хоҷагиҳои агросайёҳии оилавӣ ҷолиб мегардонад. Илова бар ин, соҳибкории инфиродӣ имконияти истифодаи меҳнати кормандони кирояро низ фароҳам меорад. Бо вуҷуди бартариҳои зикршуда, соҳибкории инфиродӣ дорои як қатор маҳдудиятҳо мебошад. Пеш аз ҳама, соҳибкор барои уҳдадориҳои худ бо тамоми амволи шахсӣ масъулияти пурра дорад. Ғайр аз ин, дар ҳамкорӣ бо мизоҷони корпоративӣ мушкилот ба миён меоянд, ки аксаран ба фарқиятҳои низоми андозбандӣ вобаста мебошанд. Масалан, чунин ҳолатҳо ҳангоми истифодаи низоми умумии андоз аз ҷониби мизоҷ ва низоми содагардондашуда аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ бештар мушоҳида мегарданд.

Дар асари илмии олимони тоҷик Шарифов З.Р. ва Бегов А.О. чунин изҳор намудаанд: «...аксари ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият мекунанд, зеро ин барои корхонаҳои сайёҳӣ муфид аст (ба пешниҳоди эъломияҳо барои андозҳои гуногун зарурат нест, андоз аз арзиши иловашуда намесупорад). Ширкатҳои сайёҳӣ аксар вақт ҳамчун объект «даромад минуси хароҷот» - ро интихоб мекунанд, зеро ширкатҳои сайёҳӣ маблағи хеле зиёди хароҷот доранд» [156, с. 31].

Дар як қатор ҳолатҳо барои рушди устувори фаъолияти сайёҳии аграрӣ таъсиси шахси ҳуқуқӣ нисбат ба соҳибкории инфиродӣ мувофиқтар арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, шакли ташкилию ҳуқуқии кооперативи матлуботӣ метавонад аҳамияти махсус касб намояд. Чунин кооператив дар сатҳи деҳа вазифадор аст маҷмуи хизматрасониҳои зарурирo, ки ба

эҳтиёҷоти рӯзмарраи сокинони маҳаллӣ ҷавобгӯ буда, ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо, ба роҳ монад.

Яке аз самтҳои самараноки истифодаи иқтидори кооперативи матлуботӣ рушди сайёҳии деҳот ба ҳисоб меравад, ки он метавонад ташкили истироҳатро ҳам барои аҳолии маҳаллӣ ва ҳам барои сокинони шаҳрҳо ва сайёҳони хориҷӣ таъмин намояд. Дар ин раванд кооперативҳо имконият доранд ҳамчун корфармо фаъолият намуда, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намоянд. Дар натиҷа, сокинони деҳот метавонанд бо ҷойҳои кори доимӣ, муваққатӣ ё мавсимӣ таъмин гарданд.

Барои таъмини фаъолияти самаранок ва ҳамоҳангшудаи кооперативи матлуботӣ мавҷудияти пойгоҳи иттилоотии мукаммал зарур мебошад, ки дар он маълумот дар бораи саҳмгузорони маҳаллӣ, имкониятҳои ҷойгиркунии сайёҳон, ташкили таъминоти ғизо ва дигар намудҳои хизматрасониҳои вобаста низомнок гардонида шудаанд. Ҷамъоварӣ ва таҳлили чунин маълумот ба кооператив имкон медиҳад, ки раванди ҷойгиркунии сайёҳонро дар манзилҳои сокинони деҳот ба таври муассир ташкил намуда, инчунин саёҳат ба объектҳои ҷолиби сайёҳӣ бо ҷалби роҳбаладони маҳаллӣ - ҳиссагузорони кооператив, ба роҳ монда шавад.

Дар натиҷа, рушди сайёҳии аграрӣ дар заминаи кооперативҳои матлуботӣ метавонад ба такмили назарраси инфрасохтори маҳалҳои деҳот мусоидат намуда, ҷараёни воридшавии захираҳои молиявиро аз марказҳои шаҳрӣ ба деҳаҳо фаъол гардонад. Татбиқи ин раванд заминаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши шуғли аҳолии маҳаллиро фароҳам оварда, ҳамзамон бо ташаккули моделҳои дарозмуддати фаъолияти иқтисодӣ, ки ба принсипҳои ҳифзи муҳити зист мутобиқанд, ҳамоҳангии рушди иқтисодӣ ва устувории экологиро таъмин менамояд. Илова бар ин, чунин шакли ташкили сайёҳӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди истироҳат ва беҳтар намудани сифати зиндагии сокинони маҳаллӣ аҳамияти муҳимм дорад.

Вобаста ба хусусиятҳои ташкили фаъолияти истироҳатӣ ва сатҳи рушди минтақа, интихоб намудани шакли дахлдори ҳуқуқии фаъолияти

субъекти соҳиби минтақаи истироҳат аҳамияти калидӣ дорад. Мақоми ҳуқуқӣ на танҳо тартиби фаъолияти соҳибкориро муайян мекунад, балки ба ҳаҷми хизматрасонӣ, сатҳи масъулият, имкониятҳои рушди минбаъда ва шакли ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, бозор ва ниҳодҳои миёнарав таъсири мустақим мерасонад. Таҷрибаи амалии ташкили минтақаҳои истироҳатӣ нишон медиҳад, ки барои чунин субъект якчанд модели ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳо ва маҳдудиятҳои муайян мебошанд.

Яке аз роҳҳои соддатарини ташкили фаъолияти истироҳатӣ фаъолияти соҳиби минтақа ҳамчун шахси воқеӣ мебошад. Дар ин ҳолат шахс фаъолияти худро бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти маҳаллии давлатӣ ҳамчун соҳибкор анҷом медиҳад ва уҳдадориҳои марбут ба пешниҳод намудани эъломияи даромад ва пардохти андозҳоро ба дӯш намегирад. Ин шакл, одатан, хусусияти ғайрирасмӣ дошта, бештар барои ташкили истироҳати маҳдуд ва қабули шумораи ками сайёҳон мувофиқ мебошад.

Равиши дуюм истифодаи модели ҳамкорӣ бо Маркази ноҳиявии хизматрасонии рекреатсионӣ маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат соҳиби минтақа бо Марказ шартномаи хизматрасонӣ оид ба қабули сайёҳон ва ҷойгиркунии кӯтоҳмуддат мебандад. Афзалияти асосии ин шакл дар он ифода меёбад, ки тамоми масъалаҳои марбут ба муносибат бо мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти андоз, ташкилотҳои суғуртавӣ, сохторҳои таблиғотӣ ва пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ аз ҷониби Марказ ҳал карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки соҳиби минтақа диққати асосии худро ба ташкили раванди истироҳат ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ равона созад.

Шакли сеюми ташкили фаъолияти истироҳатӣ фаъолияти мустақили маркази сайёҳии деҳот ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Дар чунин ҳолат олими рус Комиссарова Т.С. дар асари худ чунин изҳор намудааст: «…субъект метавонад ё дар шакли соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шавад, ё мақоми шахси ҳуқуқиро соҳиб гардад. Ба ин гурӯҳ ширкатҳои сайёҳӣ, муассисаҳои саёҳатӣ, корхонаҳои воҳиди таъсисдодаи мақомоти маҳаллӣ барои расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин осорхонаҳо,

мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва табиӣ шомил мешаванд» [105, с. 4 - 5]. Ин модел барои ташкили фаъолияти касбӣ ва дарозмуддати сайёҳӣ мусоид буда, истифодаи стандартҳои хизматрасонӣ ва механизмҳои муосири идоракуниро фароҳам меорад.

Ниҳоят, соҳиби минтақаи истироҳат метавонад фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монад. Дар ин сурат фаъолияти соҳибкорӣ дар мақомоти маъмурии маҳалли истиқомат ба қайд гирифта шуда, номнависшавӣ дар мақомоти андоз ҳатмӣ мегардад. Пас аз анҷоми бақайдгирии давлатӣ соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи расонидани хизматрасониҳои ҷойгиркунии сайёҳонро мегирад, вале ҳамзамон уҳдадор мешавад баҳисобгирии даромад ва хароҷотро ба таври муназзам анҷом дода, андозҳоро сари вақт пардохт намояд ва эъломияҳои дахлдорро пешниҳод созад. Дар асари худ Тузова Н.Г. чунин изҳор намудааст: «…ин шакл барои фаъолияти нисбатан шаффоф ва устувори соҳибкорӣ дар бахши истироҳатӣ мувофиқ арзёбӣ мегардад. Баҳисобгирӣ метавонад тибқи низоми умумӣ ё низоми содагардондашудаи андозбандӣ амалӣ карда шавад» [147, с. 156].

Омилҳое, ки раванди ташаккул ва рушди корхонаҳои сайёҳии аграриро маҳдуд месозанд, метавонанд ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд, аз ҷумла хатарҳои гуногун ва омилҳои дорои хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Дар ҷараёни таъсис ва ташкили корхонаи сайёҳии аграрӣ, новобаста аз модели интихобшуда ва самти фаъолият, зарур аст, ки соҳибкор дар бораи маҷмуи хатарҳое, ки метавонанд ба рушди устувор ва самараноки ин намуди фаъолият таҳдид намоянд, маълумоти кофӣ дошта бошад. Нодида гирифтани чунин хатарҳо метавонад ба коҳиши самаранокӣ ва ноустувории фаъолияти корхона оварда расонад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соҳаи сайёҳии аграрӣ хатарҳои инноватсионӣ ва хатарҳои сиёсӣ аз ҷумлаи муҳимmтарин омилҳои таҳдидкунанда ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо мустақиман ба шароити

сармоягузорӣ, татбиқи навовариҳо ва устувории муҳити фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, расми 2.3.2.




**Расми 2.3.2. - Хатарҳои асосӣ дар соҳаи фаъолияти сайёҳии аграрӣ**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [147].

Хатарҳои инноватсионӣ пеш аз ҳама бо мавҷудияти як қатор омилҳои номуайян, ки ба хусусиятҳои фаъолияти сайёҳии аграрӣ хос мебошанд, алоқаманданд. Ба чунин омилҳо, аз ҷумла, инҳо дохил мешаванд:

1. душвории муайян намудани муҳлати баргардонидани сармоя;
2. норавшан будани афзалиятҳо ва рафтори воқеии истеъмолгарони хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ;
3. номаълум будани ҳиссаи фаъолияти сайёҳии аграрӣ дар бозори сайёҳӣ;
4. оқибатҳои эҳтимолии манфии фаъолият то охир муайян нашудаанд.

Одатан хатари инноватсионӣ бо хатари молиявӣ зич алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, дар соҳаи сайёҳии аграрӣ сатҳи хатари молиявӣ нисбатан паст арзёбӣ мегардад, зеро ҳаҷми хароҷот барои оғоз ва рушди чунин фаъолият маҳдуд аст. Ҳатто дар ҳолати ташкили кооперативи сайёҳии аграрӣ маблағҳои сармоягузоришуда, чун қоида, ҳаҷми калон надоранд ва дар бисёр ҳолатҳо имкони ҷуброни онҳо аллакай дар мавсими аввалини фаъолияти сайёҳӣ вуҷуд дорад.

Хатарҳои сиёсӣ пеш аз ҳама бо номуайянӣ ва тағйирпазирии пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин бо ислоҳоти эҳтимолии қонунгузории андоз

алоқаманд мебошанд. Чунин тағйирот метавонад ҳам ҳамчун омили маҳдудкунанда ва ҳам ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи рушди корхонаҳои сайёҳии аграрӣ баромад намояд. Илова бар ин, тағйирёбии қоидаҳо ва тартиби бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ бо шаклҳои гуногуни моликият низ метавонад хавфҳои муайянро ба миён оварад. Хатари сиёсӣ ба гурӯҳи он хавфҳое мансуб аст, ки сатҳи таъсири онҳоро метавон тавассути татбиқи стратегияи самараноки маркетингӣ ва мутобиқшавӣ ба муҳити беруна коҳиш дод.

Ба рушди сайёҳии аграрӣ инчунин хатарҳои табиӣ ва экологӣ таъсир мерасонанд. Афзоиши ҷараёни сайёҳон, хусусан дар минтақаҳои ҳифзшаванда ва дорои экосистемаҳои нозук, метавонад ба вайроншавии муҳити зист оварда расонад. Масъалаҳои ифлосшавии табиат дар ин раванд аҳамияти хоса пайдо мекунанд ва сатҳи коҳишёбии хатарҳои экологӣ то андозае ба самаранокии назорати давлатӣ ва интихоби стратегияи дурусти маркетингӣ вобаста мебошад.

Дар қатори омилҳои монеъшаванда инчунин хатарҳои техникӣ қарор доранд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, сатҳи пасти рушди инфрасохтор ва вазъи номутобиқи фонди манзилӣ дохил мешаванд. Масалан, ноустувории таъминоти неруи барқ, камбудиҳои дастрасӣ ва роҳнамоии сайёҳӣ, инчунин сатҳи пасти сифат ва фарсудагии роҳҳои автомобилгард ба унсурҳои маҳдудкунандаи рушди сайёҳии аграрӣ табдил ёфта, ҷолибияти минтақаҳоро барои сайёҳон коҳиш медиҳанд, стандартҳои хизматрасониро поин мебаранд ва дар натиҷа мавқеи бозорӣ ва имиҷи корхонаҳои агросайёҳиро заиф мегардонанд.

Ҳангоми оғоз намудани фаъолияти сайёҳии аграрӣ зарур аст, ки маҷмуи хатарҳои техникии эҳтимолӣ, ки метавонанд ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ расонанд, ҳамаҷониба таҳлил ва ба таври воқеӣ арзёбӣ карда шаванд, инчунин тадбирҳои пешгирикунанда барои коҳиш ё бартараф намудани онҳо андешида шаванд. Дар ҳолатҳое, ки пайдоиши чунин хатарҳо аз фаъолияти мустақими корхона ё аз стратегияи интихобнамудаи он вобаста нест, субъекти сайёҳии аграрӣ вазифадор аст

истеъмолгарони эҳтимолиро пешакӣ дар бораи мушкилоти имконпазире, ки ҳангоми сафар ба минтақаи мазкур ба миён омада метавонанд, огоҳ намояд.

Татбиқи чунин равиши шаффоф ва масъулона дар муносибат бо мизоҷон на танҳо сатҳи эътимоди истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ тақвият ёбад, балки дар дурнамои дарозмуддат симои устувори мусбати корхона ташаккул ёфта, эътибори бозорӣ ва қобилияти рақобатпазирии фаъолияти сайёҳии аграрӣ ба таври назаррас боло бурда шавад.

Дар маҳалҳои деҳот пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии ягонаи танзимкунандаи фаъолияти сайёҳии аграрӣ вуҷуд надорад. Вазъияти зикршуда дар як қатор ҷанбаҳои асосӣ ифода меёбад:

1. дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавие, ки фаъолияти соҳаи сайёҳиро танзим менамоянд, мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» умуман инъикос наёфтааст;

2. дар доираи қонунгузории амалкунанда то ҳол санадҳои махсуси меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти сайёҳии аграриро ҳамчун самти мустақил ва алоҳидаи соҳаи сайёҳӣ танзим ва мураттаб намоянд, мавҷуд нестанд.

3. дар амал стандартҳо ва меъёрҳое таҳия нашудаанд, ки сайёҳии аграриро ҳамчун бахши махсуси саноати сайёҳӣ ва ҳамзамон ҳамчун шакли фаъолияти иловагии ғайрикишоварзӣ ва ғайриистеҳсолии даромадовар барои аҳолии деҳот танзим намоянд.

Лозим аст таъкид гардад, ки низоми меъёру стандартҳое, ки барои меҳмонхонадории шаҳрӣ ва иншооти рекреатсионии шаҳрҳо таҳия шудаанд, аз лиҳози мазмун, ҳаҷм ва механизми татбиқ ба шароити меҳмондории оилавии деҳот мутобиқ нестанд. Аз ин рӯ, кӯшиши татбиқи бевосита ва сунъии чунин стандартҳо дар муҳити деҳот метавонад ба маҳдуд шудани рушди фаъолияти агросайёҳӣ оварда расонад, на ба беҳтар гардидани он, зеро ин шакли фаъолият дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хоси худ мебошад.

Ин вазъият барои корхонаи сайёҳии аграрӣ ҳам мушкилот ва ҳам имконият эҷод мекунад. Аз як ҷиҳат, маҳдудияти ҷиддӣ дар рушди ин навъи фаъолият ба набудани имтиёзҳо, механизмҳои дастгирии давлатӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи он вобаста мебошад, ки барои ташаккули устувори соҳа аҳамияти калидӣ доранд. Камбуди чунин унсурҳо боис мегардад, ки рушди корхонаҳои сайёҳии аграрӣ суст ва номуназзам сурат гирад.

Бо вуҷуди ин, аз ҷониби дигар, маҳз набудани танзими қатъии меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои субъектҳои ин соҳа як дараҷаи муайяни озодиро фароҳам меорад. Ин ҳолат ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки мустақилона самти рушди корхонаро интихоб намоянд, шаклҳои ташкилии ҳуқуқии барои худ мувофиқро муайян созанд ва низоми андозбандии нисбатан муносибро татбиқ кунанд.

Барои ташкили самараноки корхонаи сайёҳии аграрӣ зарур аст:

- асоснок намудани фаъолияти ҳуқуқӣ;
- интихоби шакли мусоидтари моликият;
- таҳияи сиёсати дарозмуддат ва нақшаи стратегӣ;
- арзёбии талабот ва пешниҳодҳои сайёҳии аграрӣ;
- таҳлили омилҳои монеъкунанда ва арзёбии моделҳои мавҷудаи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ.

Арзёбии талабот маънои тақсим кардани бозори сайёҳии аграрӣ ба бахшҳо ва муайян кардани шаклҳои имконпазир, аз қабили «ҷойгирнамоӣ дар як хона бо соҳиб» ё «иҷорагирии хона», мебошад. Ҳамзамон ин равиш ташкили порталҳои иттилоотии минтақавиро талаб мекунад ва барои марҳилаҳои ибтидоии рушди сайёҳии аграрӣ ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки мушкилоти фурӯши роҳхатҳо, таъмини амният ва суғуртакунӣ, инчунин камбуди кадрҳоро бартараф намоянд.

**Хулосаи боби 2**

Пас аз омӯзиш ва тадқиқоти гузаронидашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сайёҳии аграрӣ талаботи ду тарафро беҳтар қонеъ карда метавонад. Яъне, қодир аст масъалаи асосии деҳаро ҳал кунад: сатҳи

бекориро коҳиш диҳад ва истироҳати солимро барои сокини ҳастаи шаҳр таъмин намояд. Дар натиҷаи рушди сайёҳии аграрӣ аҳолии деҳот имкони ба даст овардани манбаъҳои иловагии даромадро пайдо менамояд, ки ин омил ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Даромадҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти сайёҳӣ ба даст меоянд, имкон медиҳанд онҳоро ба беҳсозӣ ва азнавсозии инфрасохтори мавҷуда, таъсиси объектҳои нави сайёҳии рақобатпазир, ҳамчунин ба ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи устувори мероси таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ равона намуд. Ҳамзамон, чунин раванд ба эҳё ва нигоҳдории анъанаҳои маҳаллӣ мусоидат намуда, заминаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои деҳотро фароҳам меорад. Дар ҳоли ҳозир рушди сайёҳии аграрӣ бояд яке аз вазифаҳои асосӣ гардад. Шароити табиӣ чунин имконро медиҳанд. Кори асосӣ ба роҳ мондани равобиту муносибати дӯстона бо одамон, бо ташкилотҳоест, ки дар шарикӣ кор хоҳанд кард.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти баланди сайёҳиро дар рушди маҳалҳои деҳоти кишвар тасдиқ менамоянд. Ин соҳа ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми пешбарандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад карда, нақши муассирро дар такмили вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии давлат мебозад. Рушди сайёҳӣ ба давлат имконият фароҳам меорад, ки дар муҳлатҳои нисбатан кӯтоҳ масъалаҳои актуалии иқтисодӣ ва иҷтимоии деҳотро тавассути истифодаи механизмҳои самараноки рушди маҳаллӣ ҳал намояд.

Равиши пешниҳодшудаи арзёбии иқтидори захиравии минтақа барои рушди сайёҳии аграрӣ таҳлили миқдори зиёди маълумоти мухталифро дар назар дорад, ки ин зарурати татбиқи усули математикию омории коркарди онро ба миён меорад ва имкониятро барои озмудан дар мисоли низоми иҷтимоию иқтисодии маҳалли деҳот фароҳам месозад.

Рушди сайёҳии аграрӣ қариб барои ҳама вилоятҳои ҷумҳурӣ муҳиму ояндадор аст. Мероси бойи фарҳангӣ ва гуногунрангии табиат Тоҷикистонро дар ҷои намоёне миёни кишварҳои дорои иқтидори рушди

сайёҳӣ дар ҷаҳон мегузорад. Тамоюли рушди сайёҳи, нишон медиҳад, ки ҷумҳурӣ дорои иқтидори захиравиест, ки онро инкишоф бояд дод.

Бо ин асос, натиҷаҳои бадастомада собит менамоянд, ки сайёҳӣ дар рушди устувори маҳалҳои деҳоти кишвар аҳамияти ҷиддӣ дорад. Ин соҳа ҳамчун яке аз абзорҳои калидии пешбурди рушди иҷтимоию иқтисодӣ бароmad намуда, дар беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ ва таҳкими заминаҳои иқтисодии давлат саҳми назаррас мегузорад. Тавсеаи соҳаи сайёҳӣ ба давлат имконият медиҳад, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ бо такя ба механизмҳои муосири рушди маҳаллӣ як қатор масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодии деҳотро самаранок ҳал намояд.

Дар шароити имрӯзаи рушди соҳа шаклҳои нисбатан паҳнгардидаи тақозо ба сайёҳии аграрӣ пеш аз ҳама ба ду намуд маҳдуд мешаванд: истиқомати сайёҳон дар як манзил бо соҳибони маҳаллӣ ё иҷораи мустақими манзили истиқоматӣ. Татбиқи самараноки чунин шаклҳои хизматрасонӣ зарурати ташкили порталҳо ва платформаҳои иттилоотии минтақавӣ-ро ба миён меорад, ки вазифаи онҳо муттаҳид сохтани пешниҳоди хизматрасониҳо ва баланд бардоштани сатҳи дастрасии иттилоот барои истеъмолгарон мебошад.

Дар марҳалаи аввали ташаккули сайёҳии аграрӣ субъектҳои хоҷагидор бо маҷмуи мушкилоти вобаста ба хусусияти объективии соҳа рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҷумла, суст рушд ёфтани механизмҳои фурӯш ва пешбурди роҳхатҳои агросайёҳӣ тавассути ширкатҳои сайёҳӣ, номукаммал будани масъалаҳои таъмини амнияти сайёҳон ва набудани низоми устувори суғуртакунӣ ҳамчун маҳдудиятҳои ҷиддии рушди ин самт баромад мекунанд, инчунин норасоии кадрҳои дорои тахассуси зарурӣ дар маҳалҳои деҳот шомил мешаванд.

# БОБИ 3. ДУРНАМО ВА САМТҲОИ РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот

Бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодию ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарқияти назарраси шароити маҳаллӣ, маҳдуд намудани рушди сайёҳии аграрӣ ба як модели ягона мувофиқи мақсад нест. Аз ин рӯ, консепсияи рушди соҳа бояд чанд модели алтернативӣ ва мутобиқшавандаро дар бар гирад, ки ҳар яке вобаста ба ҳадафҳо ва имкониятҳои мушаххаси минтақаҳо татбиқ карда мешаванд.

Сайёҳӣ намудҳои гуногун дорад: сайёҳии аграрӣ, сайёҳии экологӣ, сайёҳии этникӣ (қавмшиносӣ). Дар маҷмуи ин навъҳо самтҳои зерини сайёҳии аграрӣ мутобиқи маҳалли ҷойгиршавии деҳа дар ҷумҳурӣ муайян шудаанд: сайёҳии аграрӣ (сайёҳии аграрӣ дар назди марказҳои бузург, маҷмааи сайёҳии аграрии минтақаҳои муолиҷаву осоишгоҳ ва ҷойҳои боздиди оммавии сайёҳон); сайёҳии аграрии экологӣ; сайёҳии аграрии қавмшиносӣ; сайёҳии аграрии экологию қавмшиносӣ.

Ин самтҳоро муфассалтар таҳқиқ мекунем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳии аграрӣ бештар дар наздикии марказҳои сайёҳӣ, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ самаранок мебошад. Ҷаззобияти сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот аз маҷмуи омилҳои табиӣ, инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ вобастагӣ дорад:

- гуногунрангии манзараҳои табиӣ, ки барои аҳолии шаҳр ҷолибияти хос дорад;
- наздик будани маҳалли истироҳат ба марказҳои шаҳрӣ мебошад, ба тавре ки вақти расидан ба он аз чор соат зиёд набошад.;
- огоҳии истеъмолгарони эҳтимолӣ аз хусусиятҳои деҳаи мушаххас аҳамияти калон дорад, зеро одатан сайёҳон дар рӯзҳои истироҳат ба он маконҳое сафар мекунанд, ки қаблан дар бораи онҳо маълумот доштаанд;

- мавҷудияти унсурҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла шабакаҳои коммуникатсионӣ, роҳҳои мумфарши мошингард, таваққуфгоҳҳои автомобилӣ ва дигар хизматрасониҳои ёрирасон;
- мавҷудияти пойгоҳи қаноатбахши моддӣ-техникӣ, аз ҷумла манзилҳои бароҳат, тоза ва мутобиқгардонидашуда барои ҷойгиркунии меҳмонон, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ бошанд;
- ташаккули унсурҳои ибтидоии фарҳанги меҳмондорӣ, ки барои сайёҳон шароити шиносоӣ бо тарзи зиндагии содда, меҳнатӣ ва суннатии аҳолии деҳотиро муҳайё месозанд (масалан, моҳидорӣ, нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ ва дигар фаъолиятҳои маишӣ), метавонанд талаботи сайёҳонро барои истироҳати кӯтоҳмуддат қонеъ гардонанд.

Ҳангоми таҳлили шароити рушди сайёҳии аграрӣ дар минтақаҳои дорои аҳаммияти таърихию табиии вилояти Хатлон, як қатор омилҳои махсус аҳаммияти хоса пайдо мекунанд:

- мавҷудияти ёдгориҳои нодири таърихӣ ва захираҳои фаровони табиӣ, чашмаҳои табиии оби соф ва муҳити табиии ҷолиб дар як қатор ноҳияҳои дорои дурнамои баланди рушди сайёҳии аграрӣ, аз ҷумла Муъминобод, Балҷувон, Шаҳритус, Восеъ ва Носири Хусрав, дарахтони соядори чормағз, чаҳорҳои кӯҳан ва гуногунрангии олами ҳайвонот;
- пойгоҳи моддӣ-техникии қаноатбахш;
- малакаҳои муайяни фарҳанги меҳмондории ҷониби қабулкунанда.

Дар ҳудуди вилоят беш аз 930 ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, бостонӣ ва ҷойҳои фароғатӣ барои сайёҳони дохилию хориҷӣ мавҷуд мебошанд, ба монанди Чилдухтарон, Сари Хосор, Чилучорчашма, Ҳулбук, як чанд мадрасаҳо ва мақбараҳо (Хоҷа Машҳад, Хоҷа Дурбод, Хоҷа Сарбоз, Тилло Ҳаллоҷӣ) ва ғайраҳо.

Чилдухтарон номи маҷмуи кӯҳҳоест, ки дар қисмати шимолии ноҳияи Муъминобод ҷойгир мебошанд. Ин кӯҳҳо аз лиҳози шакли зоҳирӣ ба муҷассамаҳои одамон монандӣ дошта, бо худ рамзу асрори хос ва арзиши маънавию фарҳангиро таҷассум менамоянд. Онҳоро мардуми

Хатлонзамин «Чилдухтарон» ном ниҳодаанд. Дар асл, ин манзараҳои табиӣ барои ҳар як сайёҳ на танҳо шакли кӯҳиро, балки тимсоли олии зебоӣ, покизагӣ ва садоқат ба Ватан таҷассум менамоянд. Кӯҳҳои Чилдухтарон дар зеҳни ҷомеа ҳамчун рамзи ахлоқи воло ва арзишҳои маънавӣ пазируфта шудаанд. Дар миёни аҳолии маҳаллӣ ва сокинони вилояти Хатлон аз замонҳои қадим вобаста ба пайдоиш ва маънои ин кӯҳҳо наклу ривоятҳои сершумор паҳн гардидаанд. Ин кӯҳҳо байни мардуми дохилу хориҷ аз покдомании занони тоҷик ривоят мекунанд.

Сари Хосор яке аз минтақаҳои кӯҳистонии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун намунаи барҷастаи манзараҳои нотакрори табиии кишвар шинохта мешавад. Ин гӯшаи зебои табиат дар ҳудуди силсилакӯҳҳои Вахш, дар минтақаи болооби дарёи Сурхоб ҷойгир буда, мавқеи ҷуғрофии он дар баландии тақрибии 1200 то 1600 метр аз сатҳи баҳр муайян мегардад. Муҳити табиии минтақа бо гуногунрангии релеф ва ҷозибаи манзараҳои худ дорои арзиши баланди рекреатсионӣ мебошад.

Сари Хосор дар ҳудуди ноҳияи Балҷувон қарор дорад. 25 октябри соли 2005 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавзеи таърихӣ ба «Боғи табиӣ» табдил дода шуд. Масоҳати боғи табиии Сари Хосор 3805 га – ро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ноҳияи Шаҳритус мавҷудияти ёдгориҳои таърихию меъморӣ, аз ҷумла мадрасаҳои Хоҷа Машҳад ва Хоҷа Дурбод, ҳамчунин мақбараҳои Хоҷа Сарбоз ва Тилло Ҳаллоҷӣ, ки дар давраи Сомониён ва марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ бунёд гардидаанд, аз қадимӣ ва дорои мероси ғании таърихӣ будани ин минтақа шаҳодат медиҳад. Қайд намудан бамаврид аст, ки Шаҳритус як бахше аз Қубодиёни таърихист, ки сарзамини куҳани ниёгони тоҷикон буд.

Ҳар халқи дунё дорои муқаддасотест, ки дар давраи муайяни таърихӣ симои ин халқро инъикос намуда, гувоҳномае аз ҳиссае он дар бунёди тамаддуни башар мебошад. Аз ин муқаддасот то замони мо шаҳру шаҳракҳои қадима ба монанди Ҳулбук ба мерос мондааст.

Ҳулбук - номи шаҳрест, ки ба Қурбони Шайдони муосир, ки дар ноҳияи Восеъ ҷойгир аст. Шаҳраки қадимӣ, ки ҳоло қариб пурра дар зери биноҳои замонавӣ ҷойгир аст, як минтақаи хеле васеъро ишғол мекунад. Ҳудуди қисми марказии маҷмаа тақрибан 70 гектарро фаро мегирад.

Мавзеъи Чилучорчашма яке аз ёдгориҳои маъруфи таърихию фарҳангӣ ва зиёратии Носири Хусрав ба ҳисоб рафта, дар масофаи қариб 230 километр ҷануби шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст. Ин макон дар шуури мардум ҳамчун чашмаи дорои хосиятҳои шифобахш, мавзеъе бо таърихи зиёда аз ду ҳазор сол ва қадамгоҳи нисбатдодашуда ба ҳазрати Алӣ, ки ҳамчун яке аз ёрони наздики Паёмбари Ислом (с) шинохта мешавад. Ба шарофати арзишҳои таърихӣ, мазҳабӣ ва табиии худ, Чилучорчашма на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ шуҳрати васеъ пайдо кардааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки нишонаҳои ибтидоии ташаккули фаъолияти сайёҳии аграрӣ бештар дар минтақаҳои деҳот, воқеъ дар наздикии объектҳои маъруфи сайёҳӣ ва зиёратӣ ба назар мерасанд. Дар баъзе маҳалҳои деҳот сокинон бо пардохти музди муайян сайёҳонро дар манзилҳои шахсии худ ҷойгир менамоянд. Бо вуҷуди ин, чунин шакли хизматрасонӣ то ҳол хусусияти маҳдуд ва эпизодӣ дошта, онро наметавон ба сифати фаъолияти мукаммал ва системавии сайёҳии аграрӣ арзёбӣ намуд. Дар марҳилаи имрӯза ин раванд дорои дурнамои назарраси рушд ба ҳисоб рафта, аз дигар шаклҳои фаъолияти сайёҳӣ бо сатҳи пасти вобастагӣ аз миёнаравони агентӣ ва ниёз ба идоракунии мутамаркази маҳдуд фарқ менамояд, ки ба чандирӣ ва худтанзимкунии он мусоидат мекунад.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Арзиқулов Ш.Д. чунин изҳор намудааст: «…иқтидорҳои мавҷудаи сайёҳии Тоҷикистон ва раванди эҳёнамоии онҳо, аз ҷумла эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва рушди инфрасохтори мавзеъҳои соҳаи сайёҳии мамлакат дар замони кунунӣ барои тараққиёти минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ ва саҳми он дар иқтисодиёти давлат дурнамои хуберо намоён месозад» [71, с. 345].

Мисоли дигари возеҳи фаъолияти сайёҳии фаъолона рушдкунанда дар ҳудуди деҳот ин деҳаҳое мебошанд, ки сокинони корчаллонашон бомуваффақона ба хизматрасонии сайёҳии аграрӣ машғул буда, бо пойгоҳҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳои маҳаллӣ солимона рақобат мекунанд. Аз нуқтаи назари дурнамои рушди сайёҳии аграрӣ минтақаҳои аллакай маъмул ва ҷолиб барои сайёҳон, аз ҷумла шаҳри Бохтар, шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод, Балҷувон, Шаҳритус, Восеъ, Носири Хусрав, Норак ва як қатор минтақаҳои дигари дорои иқтидори сайёҳӣ ҳамчун самтҳои нисбатан ояндадор арзёбӣ мегарданд (ҷадвали 3.1.1).

**Ҷадвали 3.1.1. - Дурнамои рушди устувори сайёҳӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон**

| Дурнамои рушди устувори сайёҳӣ | Шаҳру ноҳияҳо |
|---|---|
| Рушди агросайёҳӣ ва сайёҳии деҳот барои дастгирии маҳалли деҳот. | Бохтар, Кӯлоб, Муъмин-обод, Балҷувон, Шаҳритус, Восеъ, Носири Хусрав, Норак, Данғара, Ховалинг, Левакант, А. Ҷомӣ, Дӯстӣ. |
| Ташаккул ва тарғиби хатсайрҳои сайёҳӣ ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ. | |
| Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба сайёҳон тавассути таълим ва омӯзиш. | |
| Рушди сайёҳии экологӣ бо таваҷҷуҳ ба боғҳои табиӣ, дарёҳо ва шаршараҳо. | |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти «Стратегияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [16].

Дар ҳудуди ҷумҳурӣ мамнӯъгоҳҳои «Хуталон» ва «Бешаи палангон» дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд.

Барои рушди сайёҳии экологӣ ва шикорӣ, моҳидорӣ бештар дар ноҳияҳои Дӯстӣ, Балҷувон, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон ҷолибтар мебошанд. Алҳол, сайёҳон ба моҳидорӣ ва мустақилона пухтани моҳӣ ҳангоми сайёҳат таваҷҷуҳи зиёд доранд ва ин самт метавонад сайёҳони дохилӣ ва ҳам хориҷиро ба ин минтақа ҷалб намояд.

Азбаски сохтмони меҳмонхонаҳо ва ташкили сайёҳии мукаммал дар минтақаҳои табиии ҳифзшаванда мумкин нест, вале таваҷҷуҳи сайёҳон ба минтақаҳои мамнӯъ хеле зиёд аст, сайёҳии аграрӣ дар ин минтақаҳо имконияти хуби инкишофро доро мебошад.

Ҷаззобияти агросайёҳии самти мазкур асосан дар хосияти захираҳои табиии худи мамнуъгоҳ ифода меёбад. Талабот ба ободонӣ ва роҳати пойгоҳи моддию техникии сайёҳии аграрӣ батадриҷ паст шуда истодааст.

Сайёҳоне, ки таваҷҷуҳи асосии онҳо ба табиати зинда ва муҳити табиӣ равона гардидааст, одатан талош менамоянд бо унсурҳои ҳаёти анъанавӣ ва фарҳанги таърихии деҳот аз наздик ошно шаванд ва таҷрибаи воқеии тарзи зиндагии деҳотиро эҳсос намоянд. Дар чунин ҳолат, мавҷуд набудани инфрасохтори мукаммал ё сатҳи нисбатан пасти шароити маишӣ на ҳамеша ҳамчун омили маҳдудкунанда баромад мекунад. Баръакс, барои ин гурӯҳи сайёҳон соддагӣ, табиият ва дурӣ аз муҳити сунъии шаҳрӣ яке аз ҷузъҳои ҷолиби таҷрибаи сайёҳии аграрӣ ба шумор меравад.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Неъматов У.И. чунин изҳор намудааст: «…мамнуъгоҳҳо низ омили муҳим дар ташкил ва рушди сайёҳӣ мебошанд. Дар Тоҷикистон ҳама намудҳои ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшаванда ҷойгиранд, ки масоҳати онҳо 20,0% - ро ташкил медиҳад. Онҳо бо мақсади ҳифзи захираҳои беназири табиӣ, намудҳои олами набототу ҳайвонот, минтақаҳои табии экологӣ, ёдгориҳои фарҳангӣ ва таърихӣ сохта шудаанд» [127, с. 168].

Сайёҳии аграриро дар ҳудуди кишвар инкишоф додан мумкин аст, чунки фарҳанги хоси мардумӣ мавриди таваҷҷуҳи муайян қарор дорад. Шумора ва таркиби аҳолӣ аз ҳолати кунунӣ, қонуниятҳои табиӣ ва таҳаввулоти таърихӣ вобастагии зич дорад. Дар замони Шуравӣ шароити ташаккулёбии аҳолии мамлакат бо дар назардошти қонуниятҳои сиёсӣ, фанҳангӣ, иҷтимоӣ-маишӣ, иқтисодӣ ва анъанавӣ тафовут дошт. Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оғоз гардидани гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ, дар пасманзари тағйироти амиқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ, хусусият ва механизмҳои бозтавлиди аҳолӣ ба таври назаррас тағйир ёфтанд ва ба марҳилаи нави инкишоф ворид гардиданд. Тадқиқотҳои демографӣ нишон медиҳанд, ки ҳиссаи бештари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро деҳотиён ташкил медиҳанд, ки бузургии нисбии таркибии он 70,9% - ро ташкил медиҳад. Ин нишондод дар вилояти Хатлон назаррас буда, ба 81,5% баробар мебошад (ҷадвали 3.1.2).

**Ҷадвали 3.1.2. - Шумораи аҳолии деҳот, ҳаз. нафар**

| | Солҳо | | | | 2023 нисб. 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Ҷумҳурӣ | | | | | |
| Ҳамагӣ | 6874,9 | 7042,7 | 7318,7 | 7453,1 | 108,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| мардҳо | 3477,9 | 3580,5 | 3715,2 | 3784,0 | 108,8 |
| занҳо | 3397 | 3462,2 | 3603,5 | 3669,1 | 108,0 |
| Хатлон | | | | | |
| Ҳамагӣ | 2748,8 | 2910,5 | 3035 | 3089,5 | 112,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| мардҳо | 1382,6 | 1478,5 | 1553,9 | 1560,2 | 112,8 |
| занҳо | 1366,2 | 1432 | 1481,1 | 1529,3 | 111,9 |
| Хатлон нисбати ҷумҳурӣ, % | | | | | |
| Ҳамагӣ | 40 | 41,3 | 41,5 | 41,5 | 103,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| мардҳо | 39,8 | 41,3 | 41,8 | 41,2 | 103,6 |
| занҳо | 40,2 | 41,4 | 41,1 | 41,7 | 103,7 |

**Сарчашма**: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти: 1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. [29, с. 26]. 2. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2024. Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. – Бохтар, 2025. [52, с. 17].

Бо назардошти баланд будани суръати бозтавлид дар чор соли омӯзишии мо шумораи аҳолии деҳоти Тоҷикистон рӯ ба афзоиш аст. Масалан, сурътаи афзоиши аҳолии деҳоти мамлакат дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 – 8,4%, соли 2022 – 5,8% ва соли 2023 – 1,8% - ро ташкил додааст. Дар чор соли охир суръати афзоиши миёнасолонаи аҳолии деҳоти мамлакат ба 8,4% баробар шуда, соли 2023 афзоиши теъдоди мардҳо нисбат ба занҳо 3,1% зиёд шудааст.

Шумораи сокинони деҳот дар вилояти Хатлон низ сол ба сол афзоишёбанда ба мушоҳида мерасад. Тадриҷан афзоишёбии шумораи аҳолии деҳот ва беҳтар шудани сатҳи иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон ба зиёд шудани шумораи сайёҳони дохилӣ оварда расонидааст. Мавриди зикр аст, ки дар шароити кунунӣ зиёдшавии шумораи аҳолии деҳот яке аз омили асосӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ, хосатан сайёҳии аграрӣ таъсиргузор асоснок мегардад. Дар ин замина маълум карда шуд, ки афзоиши мутлақи шумораи деҳотиён соли 2024 нисбат ба соли 2020 дар вилоят 340,7 ҳазор нафар, ё ин ки 12,4% - ро ташкил медиҳад.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Занҷирбекова Г.И. чунин изҳор намудааст: «...барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон тамоми имкониятҳо мавҷуд буда, шумораи ширкатҳои сайёҳи зиёд гардидааст ва ҳамаи ин баҳри тараққиёти кишварамон мусоидат менамояд» [93, с. 94].

Чун қоида, таносуби теъдоди мардону занон бузургии муҳимми иқтидори афзоиши бозтавлиди аҳолӣ мебошад. Тӯли солҳои таҳлилӣ таносуби занон нисбат ба мардон дар деҳоти вилоят коҳишёбанда арзёбӣ гардида, аз 49,7% - и соли 2020 то ба 49,5% дар соли 2024 баробар гардида, 0,2 банди фоизӣ рӯ ба таназзул овардааст. Сабаби коҳиши шумораи занон дар таносуб бо мардонро ба ҳиҷрати берунаи занҳо рабт додан мумкин аст. Дар деҳоти вилоят ба 100 мард 96,8 зан рост меояд, ки ин метавонад дар оянда ба афзоиши такрории аҳолӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар маҷмӯъ, Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои сераҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, дар соли 2024 аҳолии деҳоти он 41,5 фоизи шумораи умумии аҳолии деҳоти кишварро ташкил додааст.

Бо назардошти минтақаи сераҳолӣ шинохта шудани ин вилоят, имкониятҳои дар оянда боз ҳам рушд додани сайёҳии аграрӣ дар он ба мақсад мувофиқ аст.

Сайёҳии аграрӣ, ки унсурҳои фарҳангӣ ва миллӣ дорад, аз намудҳои дигари сайёҳии аграрӣ фарқ мекунад. Ин шакли хизматрасонии сайёҳии аграрӣ дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ мебошад, зеро намудҳои сайёҳие, ки бар пояи арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ ташаккул меёбанд, дар бозори муосири сайёҳӣ талаботи устувор доранд. Рушди самараноки ин самт аз ташкили фароғати муназзами сайёҳон ва татбиқи барномаҳои фарогири фарҳангӣ-фароғатӣ вобаста аст. Аз ҷумла, ҷалби сайёҳон ба ҷашнҳои миллӣ, чорабиниҳои мардумӣ, намоишҳои ҳунарҳои анъанавӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани ҷаззобият ва рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳии аграрӣ маҳсуб ёфта, ба ғанигардонии таҷрибаи сайёҳӣ ва афзоиши талабот мусоидат мекунад.

Дар қаламрави вилояти Хатлон як қатор объектҳои сайёҳӣ мавҷуданд, ки дорои аҳамияти баланди фарҳангӣ-маърифатӣ ва маънавию динӣ мебошанд. Аз ҷумла, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Норак, Дӯстӣ, Шаҳритус, Кӯлоб, Данғара, Балҷувон, Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин ва Ховалинг бо мероси ғании таърихӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии худ ҷолиби таваҷҷуҳи сайёҳон ба ҳисоб мераванд. Бояд гуфт, ки ҳама шаҳру ноҳияҳои минтақа аз нигоҳи афзалияти соҳа ҷаззобу хотирмон ҳастанд. Хусусан, мавзеъҳои бостонӣ ва ёдгориҳои таърихию маънавӣ, Тахти Сангин, Чилучорчашма, Чилдухтарон, мақбараи Имом Зайналобиддин, инчунин мероси илмӣ ва маънавии мутафаккири барҷастаи Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар солҳои охир ба унсурҳои муҳимми ҷалби таваҷҷуҳи байналмилалӣ табдил ёфта, мавқеи минтақаҳоро дар харитаи сайёҳии ҷаҳонӣ тақвият мебахшанд.

Афзалиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ дар сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ дар шакли натиҷаҳои зерин ифода меёбанд:

- кам гардидани сатҳи бекорӣ ва фароҳам омадани имкониятҳои воқеӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар деҳот;
- афзоиши даромади хонаводаҳои деҳотӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ бо ҷалби ҳаҷми нисбатан маҳдуди захираҳои молиявӣ;
- болоравии сатҳи ободонӣ ва рушди инфрасохтори маҳаллӣ, аз ҷумла инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ дар маҳалҳои аҳолинишин;
- фаъолшавии соҳибкории хурд ва ташаккули манбаъҳои устувори худшиносии иқтисодӣ дар муҳити деҳот, инчунин ҷаззобияти экологии маҳалҳои деҳот;
- густариш ёфтани ассортименти маҳсулоти хоҷагии наздиҳавлигӣ;
- ба фурӯш рафтани маҳсулоти хоҷагии ёрирасони шахсӣ, хусусан, маводи тайёри ғизоӣ дар ҷойи истеҳсоли онҳо;
- мусоидат дар ҳифзи мавзеъҳои дидании маҳал, урфу одат, фолклор, ҳунарҳои мардуми маҳаллӣ;
- баланд бардоштани савияи фарҳангию маърифатии аҳолии деҳот;

- метавонад ҳамчун манбаи устувори ғанигардонии буҷетҳои маҳаллӣ тавассути ташаккули даромадҳои иловагӣ хизмат намояд;
- ниёз ба ҳаҷми калони сармоягузориро талаб намекунад, зеро асосан ба истифодаи манбаъҳои хусусии тамвил такя мекунад ва маблағҳои масрафшуда дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ ҷуброн мегарданд.
- сарбории марказҳои туристии маъмулро сабук намуда, оқибатҳои манфии экологии фаъолияти аз ҳад зиёдро коҳиш медиҳад.

Дар асари худ олимаи тоҷик Зайнураи А. чунин изҳор намудааст: «Туризми кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт нисбат ба дигар бахшҳои сайёҳӣ дорои як қатор афзалиятҳои муҳим мебошад, ки ба рушди устувори деҳот ва тақвияти иқтисоди маҳаллӣ мусоидат мекунанд. Он ҳамчун манбаи иловагии даромад амал карда, вобастагии кишоварзонро аз бозори ноустувори маҳсулот коҳиш медиҳад. Илова бар ин, ташкили инфрасохтор, болоравии нуфузи деҳот, ҳавасмандсозии кишоварзон имкони табдил ёфтани хоҷагиҳои хурд ба брендҳои маҳаллӣ аз натиҷаҳои мусбати ин раванд ба ҳисоб мераванд» [92, с. 208].

Соли 2004 Ассотсиатсияи «РИҶ» (Рушди иқтисодии ҷаҳонӣ) бо дастгирии Бунёди Евразия (ИМА) ва Агентии рушди байналмилалии ИМА (USAID) лоиҳаи «Кумак ба ноҳияҳо дар рушди сайёҳии аграрӣ ва экологӣ ҳамчун самти стратегии ояндадори рушди шаҳрҳои хурду миёна»-ро таҳия ва татбиқ намуд. Дар доираи ин лоиҳа шаклҳои амалии рушди ояндадори сайёҳии аграрӣ муайян карда шуданд, аз ҷумла:

1. Ташкили шабакаҳои минтақавии сайёҳии аграрӣ тавассути рушди соҳибкории хурд, оилавӣ ва инфиродӣ дар асоси истифодаи захираҳои мавҷудаи деҳот. Ба гурӯҳи захираҳои калидии рушди сайёҳии аграрӣ, пеш аз ҳама, воситаҳои ҷойгиркунии сайёҳон дар шакли хоҷагиҳои хурди оилавии меҳмоннавозӣ, инчунин инфрасохтори марбут ба фаъолияти агротуристӣ дохил мешаванд. Ин инфрасохтор маҷмуи объектҳо ва намудҳои гуногуни соҳибкории хизматрасониро фаро мегирад, ки мустақиман ба пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии аграрӣ иртибот доранд.

Модели мазкур, ки дар таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ самаранокии худро исбот намудааст, ба ташаккули шабакаи хоҷагиҳои хусусии агросайёҳӣ дар минтақаҳои дорои иқтидори сайёҳӣ такя карда, татбиқи он бо дастгирии ҳадафманди давлатӣ дар сатҳи миллӣ ё маҳаллӣ пешбинӣ мегардад.

2. Таҷдид ва рушди муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии деҳаҳо тавассути ташаккули шаклҳои махсуси маҳалҳои аҳолинишин, аз қабили «деҳаи таърихӣ», «деҳаи миллӣ» ё дигар форматҳои истиқоматӣ (бошишгоҳҳо ва монанд), бо таъкид ба барқарорсозӣ, ҳифз ва истифодаи фаъоли мероси иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва этнографӣ.

3. Ташкили объектҳои хурду миёнаи агротуристӣ бо мақсади қабули сайёҳон ва фароҳам овардани шароити истироҳати фарогир. Ин гуна объектҳо метавонанд шаклҳои гуногуни марказҳои махсусгардонидашуда (варзишӣ, фарҳангӣ, гастрономӣ ва амсоли ин), «деҳаҳои мавзӯии агросайёҳӣ», деҳаҳои «моҳигирӣ», «шикорӣ» ва дигар форматҳои ҷолиби хизматрасониҳои сайёҳиро дар бар гиранд, ки ба ғанигардонии таҷрибаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

4. Таъсиси боғҳои давлатии ва хусусии кишоварзӣ ҳамчун маҷмааҳои калони бисёрфунксионалӣ, ки барои сайёҳӣ, намоишгоҳҳо, таблиғу тарғиб, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмӣ истифода мешаванд ва дорои воситаҳои ҷойгирсозӣ ва инфрасохтори мутобиқ мебошанд.

Аз сабаби аҳамияти назарии шаклҳои зикршуда, ҳар яке аз онҳо бо маҷмуи мушкилот ва камбудиҳои объективӣ рӯ ба рӯ буда, дар шароити кунунии рушди сайёҳии аграрӣ имконияти татбиқи васеъ ва устувори онҳоро маҳдуд мегардонад.

Мушкилоти асосӣ дар роҳи инкишоф додани сайёҳии аграрӣ:

1. Набудани консепсияи миллии тасвибшуда оид ба рушди сайёҳии аграрӣ.

2. Яке аз монеаҳои системавии рушди сайёҳии деҳот набудани сиёсати дақиқ ва ҳамоҳангшудаи давлатӣ маҳсуб мешавад, ки самтҳо, ҳадафҳо ва механизмҳои рушди ин бахшро ба таври равшан муайян намояд. Илова бар ин, номукаммал будани пояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ имкон намедиҳад, ки

ҷараёни ташаккул ва фаъолияти дарозмуддати сайёҳии деҳот дар асоси принсипҳои устувор танзим гардад.

3. Ҳамзамон, набудани қонунгузории махсус, ки сайёҳии деҳот (аграрӣ, сабз, деҳқонӣ)-ро ҳамчун самти мустақили фаъолияти иқтисодӣ эътироф ва ба таври муфассал танзим намояд, боиси парокандагии танзим, номуайянии ҳуқуқии субъектҳо ва суст шудани ҷараёни рушди соҳа мегардад.

4. Набудани стандарту меъёрҳое, ки дар соҳаи сайёҳии деҳот чун як бахши махсуси саноати сайёҳӣ қобили татбиқ бошанд. Зарур аст махсус таъкид карда шавад, ки низоми меъёру стандартҳое, ки барои фаъолияти бизнеси меҳмонхонадории шаҳрӣ ва бахши рекреатсионӣ таҳия шудаанд, аз нигоҳи моҳият ва шароити амалисозӣ ба воқеияти бизнеси хурди оилавии меҳмоннавозӣ дар деҳот мувофиқат намекунанд. Аз ин рӯ, кӯшиши татбиқи мустақим ва сунъии чунин стандартҳо дар муҳити деҳот метавонад боиси аз байн рафтани чандирӣ, коҳиши дастрасӣ ва маҳдуд шудани рушди табиии сайёҳии аграрӣ гардад, зеро ин бахш дорои хусусиятҳои хоси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкиливу функсионалӣ мебошад.

5. Набудани кадрҳои баландихтисос.

6. Набудани донишу таҷрибаи кор дар самти хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ ва ватанӣ.

7. Надонистани захираҳои рекреатсионии дохилӣ.

Дар низоми тадбирҳои сиёсати давлатӣ, ки ба бартараф намудани мушкилоти рушди соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудаанд, мақоми муҳимм ба татбиқи «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тааллуқ дорад. Ин санади стратегӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, таҳти №372 ба тасвиб расида, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва афзалиятҳои рушди дарозмуддати соҳаи сайёҳиро муайян менамояд. Дар он маҷмӯи самтҳои стратегии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла: муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушд; идоракунии саёҳати мизоҷон; маркетинг ва рекламаи маҳсулоти сайёҳӣ; ба роҳ мондани

фурӯши хизматрасониҳо; нигоҳ доштан ва таҳкими иртиботи дарозмуддат бо мизоҷон; дастрасӣ; нақлиёт, сарҳадот ва омӯхтани соҳаи хизматрасонии мизоҷон; раводид; иҷозатномадиҳӣ; омодасозии маҳсулот ва сабади озуқаворӣ [16].

Ҳадафи асосии амалисозии «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии деҳот нигаронида шуда, он тавассути фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани шароити иҷтимоию зист ва таҳкими инфрасохтори маҳаллӣ амалӣ мегардад. Дар доираи ин раванд рушди шабакаҳои роҳу нақлиёт, беҳсозии таъминоти обу газ, фаъолсозии фаъолияти тиҷоратӣ ва тақвияти дигар самтҳои муҳимми иқтисоди маҳаллӣ пешбинӣ шудааст.

Масъалаҳое, ки дар чорчӯби ин стратегия ҳал карда мешаванд:

- ташкили институтсионалии (ниҳодии) рушди сайёҳӣ;
- ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ;
- тарғиби имкониятҳои сайёҳӣ ва фатҳи бозорҳои нав;
- тадбирҳо дар самти ташаккули бренди миллии сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ;
- омода кардани кадрҳои саноати сайёҳӣ ва такмил додани ихтисоси онҳо.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳии аграрӣ бештар дар як қатор шаклҳои ташкилӣ амалӣшаванда ба назар мерасад. Аз ҷумла, самтҳои нисбатан имконпазири рушди он иборатанд аз:

- ташаккул ва фаъолияти бизнеси оилавии сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли дастрас ва чандир дар муҳити деҳот;
- рушди сайёҳии аграрӣ ба сифати самти ёрирасони фаъолияти муассисаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ бо мақсади диверсификатсияи даромад;

• ташкили кооперативҳои матлуботӣ оид ба расонидани маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ, ки ба ҳамгироии захираҳо ва болоравии самаранокии иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Ҳар як шакли рушд додани сайёҳии аграриро муфассалтар баррасӣ мекунем.

Дар амалишавии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ нақши калидӣ дорад. Бинобар он, мо дар марҳилаи навбатии тадқиқот ҳаҷми маблағгузориҳои пешбинишуда барои татбиқи «Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2022» мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор намудем (ҷадвали 3.1.3).

**Ҷадвали 3.1.3. - Ҳаҷми маблағгузорӣ барои татбиқи Стратегияи рушди сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019 - 2022, млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳаҷми таъмини молиявӣ, ҳамагӣ | Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағи | | |
|---|---|---|---|---|
| | | буҷети ҷумҳуриявӣ | шари-кон | бахши хусусӣ |
| Ташкили институтсионалии (ниҳодии) рушди сайёҳӣ | 18,0 | - | 18,0 | - |
| Ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ | 547,7 | - | 21,1 | 526,6 |
| Тарғиби имкониятҳои сайё-ҳӣ ва фатҳи бозорҳои нав | 14,14 | - | 8,1 | 6,04 |
| Тадбирҳо дар самти ташак-кули бренди миллии сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ | 1,5 | - | 1,5 | - |
| Омода кардани кадрҳои саноати сайёҳӣ ва такмили ихтисоси онҳо | 0,5 | - | 0,5 | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти «Стратегияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [16].

Бар асоси маълумоти расмии оморӣ, дар давраи солҳои 2019–2022 ҷиҳати татбиқи «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маблағҳои зарурӣ ба миқдори 581,84 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки 49,2 миллион сомонии он ба шарикон ва 532,64 миллион сомонии он ба бахши хусусӣ рабт дошта, аз буҷети ҷумҳуриявӣ умуман маблағ пешбинӣ нагардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз 581,84 млн. сомонии ҳаҷми маблағгузорӣ ба «Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019 - 2022», қисми асосии захираҳои молиявӣ (94,1%) ба рушди

инфрасохтори муосири сайёҳӣ равона гардидааст. Ҳамзамон, маблағгузории самтҳои стратегӣ, аз қабили ташкили институтсионалӣ (3,1%), пешбурд ва таблиғи имкониятҳои сайёҳӣ дар бозорҳои хориҷӣ ва воридшавӣ ба бозорҳои нав (2,4%), ташаккули бренди миллии сайёҳӣ (0,3%) ва рушди иқтидори кадрӣ (0,1%) дар сатҳи хеле маҳдуд қарор доштааст. Дар ин давра ҳаҷми бештари маблағ ба ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ равона гардидааст, ки мувофиқан 547,7 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар ҳақиқат пурзӯр намудани инфросохтори сайёҳӣ яке аз омили асосии таъсиргузор дар рушди сайёҳии аграрӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз бо ин мақсад ҳиссаи бештари маблағгузориҳо ба ташаккули инфросохтор равона гардидаанд.

Марҳилаҳои амалишавии стратегия мутобиқ ба «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба се давра ҷудо мешаванд: марҳилаи рушди шиддатнок дар солҳои 2019–2022, марҳилаи анҷоми саноатикунонии босуръат дар солҳои 2023–2026 ва марҳилаи ташаккули пояҳои рушди дарозмуддат дар асоси дониш, технология ва навовариҳо дар солҳои 2027–2030. Моҳияти умумии ҳамаи ин марҳилаҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳо равона карда шудааст.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Усмонов С. чунин изҳор намудааст: «Тоҷикистон аз зумраи мамлакатҳое мебошад, ки иқтидори табиии он аз ҷониби таъсироти беруна осеб надидааст ва ҳолати аслии хешро нигоҳ доштааст. Маҳз ҳамин ҳолати аслии табиат, иқлими мусоид, ҷойгиршавии мусоиди ҷуғурофӣ, олами зебову нотакрори ҳайвоноту наботот, шумораи зиёди чашмаҳои обҳои шифобахш, рӯду кӯлҳо, манзараҳои дилфиребитабиат метавонад Тоҷикистонро ба як кишвари воқеан пешрафтаи сайёҳӣ табдил диҳад» [148, с. 35].

1. Бизнеси оилавии сайёҳии аграрӣ.

Ин шакли фаъолияти сайёҳии аграрӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, махсусан дар ВМКБ, аллакай ташаккул ёфтааст. Пайдоиши хонаҳои хурди оилавӣ барои қабули сайёҳон бештар хусусияти худҷӯш дошта, боиси

номуайян мондани як қатор масъалаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ гардидааст, ки дар баъзе ҳолатҳо метавонад ба мунокишаҳо оварда расонад.

Дар айни замон аксари соҳибкорони хусусӣ манзил ё қисме аз онро дар мавсими сайёҳӣ ба иҷора медиҳанд, вале норасоии ташкили воридшавии сайёҳон, набудани хизматрасониҳои иловагӣ, ҷойгиркунии аз ҳад зиёд дар як ҳуҷра ва пешниҳод нашудани ғизо сатҳи роҳати меҳмононро коҳиш медиҳад.

Бо вуҷуди ин, бизнеси оилавии сайёҳии аграрӣ дар марҳилаи кунунии рушди соҳа яке аз самтҳоиояндадортарин маҳсуб мешавад, зеро хароҷоти молиявии он нисбатан кам аст. Барои ҳалли масъалаҳои ташкилӣ, аз ҷумла реклама ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, соҳибкори инфиродӣ метавонад аз хизматрасониҳои агентии сайёҳии маҳаллӣ истифода намояд, ки ин самаранокии фаъолиятро ба таври назаррас баланд мебардорад.

Дар чунин шароит ташаккули фаъолияти сайёҳии оилавӣ метавонад тибқи ду сенарияи асосӣ амалӣ гардад.

Сенарияи аввал ба он асос меёбад, ки сокини деҳа бидуни бақайдгирии расмии фаъолияти соҳибкорӣ бо як корхонаи сайёҳӣ шартнома мебандад ва қабули меҳмононро дар асоси шартҳои пешакӣ мувофиқшуда ва пардохти муайян анҷом медиҳад.

Сенарияи дуюм ҷалби сокини деҳаро ҳамчун соҳибкори инфиродии бақайдгирифташуда пешбинӣ намуда, ҳамкории ӯро бо агентии сайёҳӣ дар доираи шартнома таъмин мекунад, ки дар он ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ба таври возеҳ ва ҳуқуқӣ танзим мегарданд. Рушди сайёҳии аграрии оилавӣ сатҳи даромади аҳолии деҳотро баланд намуда, ба симои маънавӣ ва моддии деҳа таъсири мусбат мерасонад ва андозҳоро ба буҷети давлат ворид мекунад.

2. Рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти ёрирасони фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ.

Аз мавқеи истеъмолгар чунин шакли ташкилёбии фаъолият ҷолибтар ба назар мерасад, зеро он барои нигоҳ доштани сатҳи устувори сифати хизматрасонӣ заминаи воқеӣ фароҳам меорад. Дар ин ҳолат корхонаи

кишоварзӣ тамоми қарорҳои марбут ба нархгузорӣ ва назорати сифатро мустақилона қабул карда, ҳамзамон нуфузи бозорӣ ва эътибори худро ҳифз менамояд.

Фарқ аз модели бизнеси оилавӣ дар он аст, ки дар ин шакл иштироки ташкилотҳои миёнарав, аз ҷумла ширкатҳои сайёҳӣ, ҳатмӣ набуда, равандҳои хизматрасонӣ мустақиман аз ҷониби худи субъект ба роҳ монда мешаванд.

Корхона метавонад тавассути истифодаи захираҳои иттилоотӣ, рекламаи интернетӣ ва воситаҳои мустақими таблиғ хизматрасониҳои худро пешниҳод намояд, ки ин раванд аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноктар арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, чунин шакли ташкили сайёҳии аграрӣ имконият фароҳам меорад, ки аксари масъалаҳои ташкилӣ бо неруи дохилии худи корхона ё бо ҷалби мутахассисони кироя ҳал карда шаванд. Дар натиҷа, даромаднокии фаъолияти сайёҳӣ афзоиш ёфта, мустақилияти идоракунӣ ва қабули қарорҳо таъмин мегардад. Дар айни замон, кам гардидани хароҷот вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои беруна ба корхона шароит фароҳам меорад, ки маблағҳои аз ин ҳисоб сарфашуда ба ҷорӣ намудани қарорҳои инноватсионӣ ва рушди устувори истеҳсолоти асосии кишоварзӣ равона карда шаванд.

Яке аз фазилатҳои бешубҳаи рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз намудҳои истеҳсолоти ёрирасони корхонаҳои кишоварзӣ имконияти рушди васеътари фаъолияти сайёҳии аграрӣ ва ба вуҷуд овардани тақозои устувори бештар ба маҳсули сайёҳии аграрӣ мебошад, ки на танҳо барои афзоиши даромади корхонаи кишоварзӣ, балки барои рушди истеҳсолоти ёрирасони дигар, ки хароҷоти маблағи бештарро металабанд, заминагузорӣ мекунад.

3. Кооперативи матлубот оид ба расонидани хизматҳои сайёҳии аграрӣ.

Ин шакли фаъолият аллакай худро чун навъи аз ҳама ояндадор дар ҷумҳурӣт нишон додааст.

Фарқи асосии модели кооперативии сайёҳии аграрӣ аз шакли оилавии он дар механизми ташкил ва расонидани хизматрасониҳо ифода меёбад: дар доираи кооператив зарурати истифодаи воситаҳои миёнаравӣ, аз ҷумла иштирок намудани агентиҳои сайёҳӣ, аз байн бардошта мешавад. Дар чунин сохтори ташкилию иқтисодӣ маркази ҳамоҳангсозӣ унсури калидӣ маҳсуб ёфта, он, чун қоида, дар заминаи корхонаи кишоварзӣ ташкил шуда, идоракунии маҷмуи хизматрасониҳо, ҳамоҳангсозии иштирокчиён ва назорати сифатро ба зимма мегирад.

Маркази ҳамоҳангсозӣ уҳдадор аст масъалаҳои асосии ташкилию идоракунии фаъолияти сайёҳиро танзим намуда, ҷараёни тақсимоти мутавозини сайёҳонро байни иштирокчиёни кооператив таъмин намояд. Ҳамзамон, ба зиммаи он назорати доимӣ ва системавии сатҳ ва сифати қабули меҳмонон вогузор мегардад.

Аз нуқтаи назари рушди устувори соҳа, кооперативи сайёҳии аграрӣ дорои бартарии муҳимме мебошад, ки он дар имконияти густариши миқёси фаъолият ва ташаккули талаботи устувор ба маҳсулоти сайёҳии аграрӣ ифода меёбад. Ин раванд, дар навбати худ, метавонад ба таҳкими иқтисоди маҳаллӣ, афзоиши даромади аҳолии деҳот ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат намояд.

Илова ба ин, ҳангоми инкишоф додани кооперативи сайёҳии аграрӣ на танҳо барои афзоиши даромади корхонаи кишоварзӣ, балки барои рушди истеҳсолоти ёрирасони дигар, ки хароҷоти маблағи бештарро металабанд, шароит фароҳам оварда мешавад.

Самту шаклҳои дар боло зикршуда дар асл тамоми вариантҳои рушди фаъолияти сайёҳии аграрӣ намебошанд. Шаклҳои гуногуну сершумори фаъолияти сайёҳии аграрӣ вуҷуд доранд, вале аксарияти онҳо танҳо он гоҳ имконпазир хоҳанд шуд, ки сайёҳии аграрӣ соҳаи мукаммали саноати сайёҳӣ гардад.

Дар асари илмии худ муҳаққиқи тоҷик Наимзода Н.Қ. чунин изҳор намудааст: «Имрӯз самаранокии идоракунии ҳам корхонаи инфиродӣ ва ҳам ташкилоти бузург (курорт, шаҳр, минтақа ва ғ.) бевосита аз механизми

ҷустуҷӯ, коркард, нигоҳдорӣ ва истифодаи иттилоот вобаста аст. Робитаҳои оқилонаи дохилӣ ва хориҷӣ, муносибатҳои фазои иттилоотии системаҳои гуногун устувории ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро таъмин мекунанд» [164, с. 114].

Ҳамин тариқ, ҷиҳати рушди самараноки сайёҳии аграрӣ дар минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ, дар марҳилаи аввал зарур аст бо истифода аз алгоритми махсус сатҳи ҷаззобияти деҳаҳо арзёбӣ гардад ва пас аз он самаранокии иқтисодии татбиқи моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Бо ҳадафи баланд бардоштани сатҳи даромаднокии сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли наву ояндадори фаъолияти ёрирасони соҳаи кишоварзӣ, татбиқи як қатор тадбирҳои амалӣ зарур мебошад. Аз ҷумла:

- васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳои иловагӣ тавассути пешниҳоди маҳсулоти ғизоии маҳаллӣ ва экологӣ тоза, ки илова бар таомҳои асосии меню ба сайёҳон пешниҳод мегарданд;
- иштирок дар ҷашнҳои миллӣ ва намоиши ҳунармандону косибони мардумӣ (ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, Дурахши чакан, Рӯзи заргарон, Рӯзи оҳангарон, Рӯзи чеварҳои чакан, Рӯзи косибон ва ғайраҳо);
- саёҳатҳои гуногун бо имконияти иштирок дар ҷамъоварии ҳосил, нигоҳубини чорво ва ғайра.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба пешрафти муваффақиятноки рушди сайёҳӣ мусоидат мекунад ин ҷалби сармояи хориҷӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ мебошад. Дар доираи модели идоракунии сайёҳӣ, ки Тоҷикистон метавонад шароити ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, тиҷорати меҳмонхонаҳо ва нақлиёт пешниҳод кунад. Ҳавасмандии иқтисодӣ ба монанди имтиёзҳои андоз, субсидияҳо ва кафолатҳои давлатӣ, барои ҷалби сармоя, ҳавасмандии иловагӣ шуда метавонанд.

Дар асари худ олдимони тоҷик Карамхудоев Ҳ.Е., Мамадризохонов А.А. ва Рақамова З.Р. чунин изҳор намудаанд: «...эҷоди маҳсулоти муосири

сайёҳии рақобатпазир дар Тоҷикистон танҳо бо ҷорӣ намудани инноватсияҳои муайян ва ҷалби сармоягузорӣ ба рушди соҳаи сайёҳии миллӣ имконпазир аст. Пойгоҳи асосии инструменталӣ барои татбиқи рушди дурнамои рушди сайёҳии воридотӣ дар кишвар метавонад: омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар рушди фаъолияти сайёҳӣ, ташкили кластерҳои минтақавии сайёҳӣ, ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси ҷузъи ҳодиса, маркетинги ҳудудӣ, брендинги сайёҳии минтақаҳо, эҷод ва пешбурди имиҷи мусбати кишвар ҳамчун як макони сайёҳӣ» [100, с. 106].

Ғайр аз ин, рушди таълими босифат ва омода намудани кадрҳои баланихтисос дар соҳаи сайёҳӣ низ як ҷанбаи муҳими модели идоракунии иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ мебошад.

Омӯзонидани кадрҳо ва такмил додани малакаҳое, ки барои кор заруранд, ба беҳтар шудани сифати хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, ин метавонад ба он оварда расонад, яъне афзоиши шумораи боздидҳои такрорӣ ва баррасиҳои мусбат дар бораи Тоҷикистон ҳамчун макони сайёҳӣ.

Дар асари худ олими тоҷик Қодирзода Ф.С. чунин изҳор намудааст: «…барои ҳалли мушкилиҳои вобаста ба таълим ва талабот ба кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ саъю кӯшиши зарурӣ лозим аст, яъне пеш аз ҳама роҳандозии ҳарчӣ зудтари ҳамкории устувори байни муассисаҳои таълимӣ ва намояндагони тиҷорати сайёҳӣ (таълим, таҷрибаомӯзӣ, иштирок дар конфронсҳо, бозиҳои корӣ, мизҳои мудаввар, иштирок дар маблағгузории ҷараёни таълим); рушди муштараки стандартҳои таълимӣ (дар доираи талаботи имрӯза ба мутахассисони соҳа); самти максималии робитаи барномаҳои таълимӣ ба тиҷорати амалӣ; мусоидат ба донишгоҳ дар кори шуғли ҷавонон, ташкили пойгоҳи электронии мутахассисон, омори шуғл аз рӯйи касб; ташкили коромӯзии донишҷӯён ва омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти ва корхонаҳои сайёҳии хориҷи мамлакат; мусоидат намудан дар ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳа дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ ва таъмини имкониятҳои ҷалби минбаъдаи онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ; доир намудани

таҳқиқотҳои маркетингӣ ва ташаккули дурбинии эҳтиёҷот нисбат ба мутахассисони соҳа бо дарназардошти зарурати беҳтарсозии сервиси соҳаи сайёҳӣ, аз кор рафтани кормандон вобаста ба синну сол ва омилҳои дигар; коркарди стандартҳои касбии вобаста ба касбҳои марбут ба соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ; таъмини иштироки бевоситаи кормандону масъулони корхонаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ дар машғулиятҳои амалӣ, лексионӣ, маърифатӣ ва тренингҳои аз ҷониби муассисаҳои таҳсилотӣ доиршаванда ва бо ин васила ошно сохтани донишҷӯён бо ҷанбаҳои амалии фаъолияти ин корхонаҳо» [102, с. 41 - 42].

Модели идоракунии иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ ҳамкории фаъоли мақомоти давлатиро байни бахши хусусӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ низ дар назар дорад. Чунин ҳамкорӣ имконият медиҳад, ки рушди сайёҳиро бо назардошти манфиати ҳамагон мутобиқ намояд.

Ҷанбаи муҳими модели идоракунии сайёҳӣ ин ҳифз, беҳбуди табиат ва муҳити фарҳангии он мебошад. Рушди сайёҳии экологӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон метавонад як манбаи иловагии даромади аҳолии маҳал гардад.

Бо дарназардошти тамоми ҷанбаҳои дар боло зикршуда, ҷорӣ намудани модели идоракунии иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ метавонад ба рушди сайёҳӣ такони ҷиддӣ дода ва ба расидани ҷумҳурӣ ба ҳадафҳои рушди сайёҳӣ то соли 2030 мусоидат намояд.

Татбиқи модели мазкур ба ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷударо бо тарзи самаранок ва мутавозин истифода барад, ҷалби сармоягузориҳоро фаъол намояд, сифати хизматрасониҳои сайёҳиро баланд бардорад ва ҳамзамон ҳифзу нигоҳдории муҳити табиӣ ва мероси фарҳангиро таъмин созад. Дар натиҷа, дар дурнамо заминаи боэътимод барои ташаккули индустрияи рақобатпазири сайёҳӣ фароҳам мегардад (ҷадвали 3.1.4).

Модели иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни соҳаи сайёҳиро дар бар мегирад, арзёбӣ мекунад.

**Ҷадвали 3.1.4. - Модели идоракунии рушди устувори сайёҳӣ (бартариҳо ва нуқсонҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

| **Модели идоракунӣ** | **Бартариҳо** | **Нуқсонҳо** |
|---|---|---|
| Назорати давлатӣ | Субот ва муҳофизати индустрияи сайёҳии ватанӣ. | Ҳеҷ гуна чандирӣ нест |
| | Имконияти татбиқи барномаҳои стратегии рушди сайёҳӣ. | Сармоягузории маҳдуд |
| | Танзими сифати хизматрасонии сайёҳӣ ва бехатарии экологӣ. | Вокуниши суст ба тағйироти бозор |
| Идоракунии хусусӣ | Ҷалби сармояи хориҷӣ ва технология. | Хавфи рушди нобаробарии минтақаҳо. |
| | Рушди сайёҳии соҳибкорӣ ва бозори маҳаллӣ. | Имкониятҳои аз даст додашуда барои рушди стратегии сайёҳӣ. |
| | Нишон додани вокуниш ба тағйироти бозор ва тамоюлҳо. | Самти фоида, ки оқибатҳои манфӣ оварда метавонад, оқибатҳои муҳити зист ва захираҳои фарҳангӣ. |
| Шарикии давлат ва бахши хусусӣ | Омезиши дастгирии давлат ва ташаббусҳои хусусӣ. | Мушкилот дар ҳамоҳангӣ ва тасмимгирӣ. |
| | Имконияти ҷалб кардани сармоягузорони хориҷӣ ва технологияҳо ҳангоми нигоҳдории назорати давлатӣ. | Хавфи коррупсия. |
| | Иштироки аҳолии маҳаллӣ дар рушди сайёҳӣ, ҳифзи табиат ва мероси фарҳангӣ. | Тақсимоти нобаробари даромад ва захираҳо. |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти «Стратегияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [16].

Аз ҳама маъмултарин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ инҳоянд:

1. Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз сайёҳӣ.

Ин нишондиҳанда саҳми умумии иқтисодии сайёҳиро дар иқтисодиёти мамлакат инъикос мекунад ва бо роҳи ҷамъбаст намудани тамоми хароҷот барои мол ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳисоб карда мешавад.

$$ММДС = \Sigma ХМХС, (9).$$

Дар он ҷое, ки:

ММДС — Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз сайёҳӣ;

ΣХМХС — ҳамаи харочот барои мол ва хизматрасониҳои сайёҳӣ.

2. Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД.

Ин таносуби ММД аз сайёҳӣ ба ММД умумӣ мебошад, ки бо фоиз ифода карда мешавад.

$$ҲСММД = \frac{ММДС}{ММДУ} * 100, (10).$$

Дар он ҷое, ки:

$ҲСММД - Ҳиссаи\ сайёҳӣ\ дар\ маҷмуи\ маҳсулоти\ дохилӣ\ бо\ \%;$

$ММДС - Маҷмуи\ маҳсулоти\ дохилӣ\ аз\ сайёҳӣ;$

$ММДУ - Маҷмуи\ маҳсулоти\ дохилии\ умумӣ.$

3. Даромади сайёҳӣ.

Ин маблаги умумии аз фаъолияти сайёҳӣ гирифташуда, аз ҷумла даромад аз сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ.

$$ДС = \Sigma ДСХ + \Sigma ДСД, (11).$$

Дар он ҷое, ки:

$ДС - Даромади\ сайёҳӣ;$

$\Sigma ДСХ - даромад\ аз\ сайёҳони\ хориҷӣ;$

$\Sigma ДСД - даромад\ аз\ сайёҳони\ дохилӣ.$

4. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ.

Ҳаҷми маблағҳое, ки барои инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ равона шудаанд, ба монанди сохтмони меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар объектҳои сайёҳӣ.

$$СИС = \Sigma ССТОС, (12).$$

Дар он ҷое, ки:

$СИС - Сармоягузорӣ\ ба\ инфрасохтори\ сайёҳӣ;$

$\Sigma ССТОС$

$- сармоягузорӣ\ барои\ сохтмон\ ва\ таъмири\ объектҳои\ сайёҳӣ.$

5. Шумораи ҷойҳои кори мустақим ва ғайримустақим дар соҳаи сайёҳӣ.

Ин нишондиҳандаи саҳми сайёҳӣ ба шуғли аҳолиро инъикос мекунад.

$$ШҶКМҒС = \Sigma ҶКТС + \Sigma ҶКҒТС, (13).$$

Дар он ҷое, ки:

ШҶКМҒС – Шумораи ҷойҳои кори мустақим ва ғайри мустақим дар соҳаи сайёҳӣ;

ΣҶКТС – ҷойҳои кории ташкилшуда ба соҳаи сайёҳӣ;

ΣҶКҒТС – ҷойҳои кории ғайримустақим ташкилшуда ба соҳаи сайёҳӣ.

Хулоса, модели иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ ин нишондиҳандаҳоро барои таҳлили вазъи имрӯзаи соҳаи сайёҳӣ ва пешгӯии рушди ояндаи он истифода мебарад. Дар асоси ин маълумот модел метавонад тадбирҳоро оид ба беҳтар намудани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ, аз қабили сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва тавсеаи бозори сайёҳӣ пешниҳод намояд.

Корхонаи сайёҳии аграрӣ ҷиҳати истифодаи самараноки иқтидори мавҷудаи худ бояд маҷмуи тадбирҳои мақсаднокро татбиқ намояд. Бо мақсади таҳким ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ, татбиқи маҷмуи тадбирҳои зерин муҳимм арзёбӣ мегардад:

- баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ тавассути беҳтар намудани шароити ҷойгиркунӣ, сатҳи ғизодиҳӣ ва дигар хизматрасониҳои иловагии марбут;
- васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва фароҳам овардани имкониятҳои нави савдо барои маҳсулоти маҳаллӣ;
- ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандсозии нархгузорӣ, аз ҷумла пешниҳоди тахфифҳо барои саёҳатҳои гурӯҳӣ ва татбиқи тахфифҳои мавсимӣ.

Дар шароити кунунӣ соҳаи мазкур ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, сохтор, инчунин доираи мушкилоте, ки дар назди давлат, ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои соҳа қарор доранд, ба таври возеҳ муайян шудаанд. Олими тоҷик Бобозода А.О. дар асари худ чунин изҳор намудааст: «...идоракунии пайдарпай ва асосноки унсурҳои алоҳидаи ин соҳа имкон медиҳад, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардид» [77, с. 222].

Сайёҳии аграрӣ чун усули каммасрафтарини беҳгардонии аҳволи иқтисодии деҳаҳо шинохта шудааст, зеро ки имконияти истифодабарии

захираҳои вуҷуддоштаро фароҳам месозад. Ин вижагии хоси сайёҳии аграрӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои истеҳсолоти ёрирасон равшан ифода меёбад. Самаранокии иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дорои характери бисёрсатҳавӣ буда, дар сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт инъикос меёбад. Пеш аз ҳама, фаъол гардидани фаъолияти сайёҳӣ ба зиёд шудани даромадҳои буҷетӣ мусоидат намуда, тавассути пардохти андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ таҳкими устувории буҷетҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ таъмин карда мешавад.

Ба фикри мо, рушди сайёҳии аграрӣ барои ба эътидол овардани буҳрони иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳоти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

### 3.2. Самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот

Яке аз самтҳои рушди минтақаи деҳот диверсификатсияи иқтисоди кишоварзӣ мебошад. Сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳот шакли самарабахши шуғли алтернативии аҳолии маҳал буда, метавонад рушди иқтисоди деҳаро сарфи назар аз андоза, макон ва тарзи сукунати он диверсификатсия кунад.

Сайёҳии деҳот ҳамчун омили рушди минтақаҳои деҳот як фазилати муҳим дорад - деҳаҳо аз аввал омили калидии комёбиро доранд, ки он унсури менеҷменти стратегӣ мебошад. Ба ибораи дигар, шаҳрҳо дар назди деҳот аз ҷиҳати ташкили ин намуди сайёҳӣ бартарии рақобатӣ надоранд ва дошта наметавонанд. Сармоягузори шаҳрӣ, ҳатто агар хоҳиши фоидагирӣ аз рушди сайёҳии деҳотро дошта бошад ҳам, танҳо дар сурати сокини деҳот шудан метавонад ба ин ноил гардад.

Дар асари худ муҳаққиқони тоҷик Аноятшоева Ф.А ва Сабзалиева С.Н. чунин изҳор намуданнд: «...ҳамгироии инноватсия, рақамикунонӣ ва потенсиали табиӣ-фарҳангӣ метавонад сайёҳии деҳотро ба яке аз драйверҳои афзалиятноки рушди устувори табдил диҳад» [69, с. 39].

Сайёҳии деҳот, дар сурати ташаккул ёфтан ҳамчун як намуди фаъолияти муназзами иқтисодӣ метавонад.

- дар миқёси деҳаи мушаххас метавонад ба болоравии устувори сатҳи даромади аҳолии маҳаллӣ мусоидат намояд;
- ҷараёни рушди инфрасохтори деҳотро фаъол намуда, шароити зистро беҳтар созад;
- шароити мусоид барои эҳё ва нигоҳдории фарҳанг, анъана ва урфу одатҳои миллӣ фароҳам оварад.
- фаъолнокии иҷтимоии аҳолии деҳотро афзунтар намояд.

Барои рушди сайёҳии аграрӣ ҳадафҳои зерин муайян карда мешаванд:

1. Ҳадафҳои иқтисодӣ, яъне ба даст овардани фоида аз ҷониби корхонаи сайёҳии аграрӣ.

2. Ҳадафҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ пеш аз ҳама ба бартараф намудани ақибмонии рушди деҳот, коҳиш додани зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ, ҳифз ва то ҳадде эҳёи мероси фарҳангӣ равона мегарданд. Ҳамзамон, онҳо ба нигоҳдорӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ, инчунин ҳифзи хусусиятҳои анъанавӣ ва худшиносии фарҳангии маҳалҳои деҳот мусоидат менамоянд.

Нақшаи мантиқии таъсиррасонии сайёҳии деҳот ба ҷанбаҳои мухталифи деҳот дар расми 3.2.1. тасвир ёфтааст.

Дар ҷумҳурӣ инкишофи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии деҳотӣ, дар солҳои 90–уми асри гузашта бо сабаби коҳиш ёфтани шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун шакли шуғли алтернативӣ ба ҷои кишоварзӣ оғоз ёфта буд.

Иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайян намудани солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар доираҳои байналмилалӣ ҳамчун тадбири саривақтӣ ва дорои аҳамияти баланд арзёбӣ гардида, нақши онро дар пешбурди рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ таъкид намуданд.

Дар доираи татбиқи ин ташаббус, Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ бо ҳадафи муаррифии фарҳанги миллӣ, ҳунарҳои суннатӣ, урфу одат ва арзишҳои

фарҳангии мардумӣ соли 2020 ҳамчун «Соли рушди сайёҳии деҳот ва минтақавӣ» муарифӣ гардид.




**Расми 3.2.1. - Таъсиррасонии сайёҳии деҳотӣ ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти деҳот**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [161].

Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, пайвастани шаҳри Душанбе ба Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, инчунин соҳиб шудан ба мақоми пойтахти сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар солҳои 2020–2021 дар маҷмӯъ барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, тақвияти мавқеи кишвар дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати

рушди минбаъдаи ин соҳа нақши муҳимм бозиданд ва то иқтидори сайёҳии мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ гардад.

Илова бар ин, Тоҷикистон ба феҳристи даҳ кишвари ҷолибтарини ҷаҳон барои боздиди сайёҳон ворид шуд. Роҳҳои Помир дар раддаи даҳ масири зеботарини сайёҳии ҷаҳон эътироф гардиданд, шаҳри Душанбе ҳамчун шаҳри мувофиқ барои сайёҳии пиёдагардӣ ва аграрӣ шинохта шуд ва кишвар аз рӯйи низоми содакардашудаи пешниҳоди раводид ба панҷгонаи беҳтарин дохил гардид. Ин дастовардҳо гувоҳи болоравии мақоми сайёҳии Тоҷикистон ва таҳкими мавқеи он дар фазои байналмилалӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат татбиқи маҷмуи тадбирҳои мақсаднок зарур арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, татбиқи босамари қонунгузории соҳаи сайёҳӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки ҳамкории муттасил ва ҳамоҳанг байни сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда шавад. Илова бар ин, зарур аст, ки захираҳо ва имкониятҳои сайёҳии кишвар мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба таври васеъ муаррифӣ ва таблиғ карда шаванд, омодасозӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳа тақвият ёбад, инчунин низоми хизматрасонии сайёҳӣ тадриҷан ба талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонда шавад.

Сайёҳии аграриро дар ҷумҳурӣ ҳамчун:

- хоҷагии хурди меҳмондории оилавӣ;
- яке аз намудҳои истеҳсолоти ёрирасони корхонаҳои кишоварзӣ;
- кооперативи матлубот оид ба расонидани хизматҳо дар деҳаҳои дорои фонди манзил бо сатҳи лозимаи роҳат инкишоф додан мумкин аст.

Дар асари худ олими тоҷик Ёров Ҷ.Н. чунин изҳор намудааст: «…рушди сайёҳии деҳот омили хеле пурқуввате буда ба сохтори иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиию иқтисодии ҳудуди қабулкунанда таъсир мерасонад, инчунин рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва кам кардани бекорӣ дар деҳот мебошад» [34, с. 43 - 44].

Корхонаҳои сайёҳии аграрӣ дар давраи фаъолияти худ бояд натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин намоянд, ба рушди устувор ноил гарданд ва аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ фоида дошта бошанд.

Дар амал чор сатҳи таҳқиқи самаранокии рушди сайёҳии аграриро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1. арзёбии самаранокӣ аз нигоҳи сокини деҳа;
2. арзёбии самаранокӣ аз нигоҳи худи корхонаи сайёҳии аграрӣ;
3. арзёбии самаранокӣ аз нигоҳи давлат;
4. арзёбии самаранокӣ аз нигоҳи сайёҳ.

Самаранокӣ аз нигоҳи сокини деҳа шакли возеҳтарини самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ва баёнгари манфиатҳои асосии сокинони деҳаи алоҳида мебошад.

Аҳамияти иҷтимоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳии аграрӣ барои сокинони деҳот дар маҷмуи таъсирҳои мусбати иҷтимоиву иқтисодӣ инъикос меёбад. Пеш аз ҳама, ин раванд ба болоравии сатҳи шуғли аҳолии маҳаллӣ ва коҳиши бекорӣ мусоидат намуда, шароити фарогири дастгирии гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазирро фароҳам меорад. Ҳамзамон, беҳтар гардидани вазъи манзилҳои истиқоматӣ, густариши бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили фазои муносиб барои истироҳат, чорабиниҳои фарҳангӣ ва фаъолиятҳои маърифатӣ ҳамчун паёмадҳои муҳимми рушди сайёҳии аграрӣ зоҳир мегарданд.

Аломати муҳимми арзёбии самаранокӣ аз нигоҳи корхонаи сайёҳии аграрӣ гирифтани фоида аз фаъолияташ мебошад. Ҳаҷми фоидаи мақсадноки ҳар як корхонаи сайёҳии аграрӣ бояд ба андозае муайян карда шавад, ки имкони ҷуброни хавфҳои идоракунӣ ва ҳамзамон ташаккули манбаъҳои молиявӣ барои сармоягузориҳои минбаъдаро таъмин намояд.

Барои баҳодиҳии воқеии самаранокии фаъолияти корхонаи сайёҳии аграрӣ таҳлили муфассали сохтори хароҷот ва манбаъҳои даромад аҳаммияти калидӣ дорад.

Ин равиш имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи фоидаоварӣ ва дараҷаи таваккал арзёбӣ карда шавад, балки самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ва имкониятҳои кам намудани хароҷот низ муайян гарданд (ҷадвали 3.2.1).

**Ҷадвали 3.2.1 - Таркиби хароҷот ва даромади корхонаи сайёҳии аграрӣ**

| Моддаи хароҷот | Манбаъҳи даромад |
|---|---|
| музди меҳнат бо пардохтҳо барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ | иқомат, хӯрок, барасмиятдарории ҳуҷҷат (раводид) |
| хароҷот барои манзил | интиқол (трансферт, додани техникаи кишоварзӣ, аспҳо, интиқол тавассути чархбол) |
| хароҷот барои ташкили хӯрок | хизматрасонии ташкилӣ ва машваратӣ (тарҷумон) |
| хароҷот барои нақлиёт, аз ҷумла иҷораи ҳама гуна воситаи нақлиёт (аз ҷумла ҳавоӣ) | вақтхушӣ (саёҳат, ба иҷора гирифтани техникаи кишоварзӣ, сайру гашти савора, бар, биллиард, теннис, ҳаммом, сауна, телевизиони моҳворай, намоиши видеоӣ) |
| хароҷот барои сӯзишворӣ, равғани мошин, таъмири ҷории техника | сабти аксу видео |
| хароҷоти раводид, иҷозатномаҳо | фурӯши ҳар гуна армуғонҳо |
| истеҳлок | |
| таъмири ҷорӣ ва ғайраҳо | |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [34].

Таҳлили рафтори истеъмолкунандагон дар бозори хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми интихоби сафар барои аксари муштариёни эҳтимолӣ фарқияти нарх ва мундариҷаи барномаи пешниҳодшаванда нақши муҳиммтареро мебозад, дар ҳоле ки сатҳи бароҳатии ҷойгиршавӣ дар зинаи дуюм қарор мегирад.

Дар асари худ олими иқтисоддони тоҷик Ёров Ҷ.Н. чунин изҳор намудааст: «Барои саҳеҳ кардани методикаи муайян намудани самаранокии фаъолияти ширкати сайёҳӣ дар рушди сайёҳӣ равиши конверсионӣ ном дорад. Ҳадафи он чен кардани ҳаҷми сафарҳои иловагӣ, фармоишҳо ё даромаде, ки аз фаъолияти таблиғотӣ ва иттилоотии ширкати сайёҳӣ ба даст омадааст» [34, с. 54].

Самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграриро дар шаклҳои зерин ҳисоб кардан лозим аст: бизнеси оилавӣ ва рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз намудҳои истеҳсолоти ёрирасони корхонаҳои кишоварзӣ.

Рушди бизнеси оилавии сайёҳии аграриро баррасӣ мекунем. Ин шакли фаъолияти сайёҳии аграрӣ дар марҳилаи муосири рушди деҳаҳо нисбатан ояндадор ба назар мерасад, зеро хароҷоти бисёрро наметалабад.

Дар сурати афзалият доштани сайёҳии аграрии оилавӣ, оила ба ҳайси ширкаткунандаи корхонаи сайёҳии аграрӣ баромад мекунад.

Бо мақсади асоснок намудани самаранокии иқтисодӣ ва ташкилию иҷтимоии рушди сайёҳии аграрӣ дар муҳити деҳот, пешниҳоди таҳияи бизнес-нақшаи намунавӣ таҳти унвони «Рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳа» зарур шуморида мешавад. Дар доираи ин бизнес-нақша нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ, имкониятҳои даромаднокӣ ва дурнамои рушди фаъолияти агросайёҳӣ муайян карда мешаванд (ҷадвали 3.2.2).

**Ҷадвали 3.2.2. - Муайян кардани самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ**

| **Нишондиҳандаҳои асосӣ:** | |
|---|---|
| Деҳа | Хоҷагие, ки хизматрасонии сайёҳии аграриро пешиҳод мекунад. |
| Аҳолӣ, ҳаз.наф. | Воситаи ҷойгирнамоӣ дар хона, нафар. |
| Теъдоди ҳавлиҳо, адад | Хонаи алоҳида. |
| Масофа то маркази ноҳия, км | Даромадгоҳи алоҳида. |
| Масофа то маркази вилоят, км | Манбаи оби нӯшокӣ. |
| Масофа то пойтахт, км | Ошхонаи алоҳида. |
| Вақти сафар то маркази ноҳия, соат | Ҳаммоми алоҳида. |
| Вақти сафар то маркази вилоят, соат | Ҳоҷатхонаи алоҳида. |
| Вақти сафар то пойтахт, соат | Хизматрасонии сайёҳони аграрӣ. |

**Сарчашма**. Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [34].

Барои ташкили низоми муассири идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои асосии фаъолияти ташкилӣ, аз ҷумла масъалаҳои таблиғ, ҷалби мизоҷон ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мувофиқи мақсад аст, ки соҳибкори инфиродӣ бо агентии амалкунандаи сайёҳӣ, ки дар наздиктарин маркази шаҳрӣ фаъолият менамояд, ҳамкорӣ ба роҳ монад. Дар чунин шароит ду самти асосии рушди фаъолияти сайёҳии аграрӣ пешбинӣ мегардад.

Сокини маҳалли деҳот бо ширкати сайёҳӣ шартномаи расмӣ баста, расонидани хизматрасониҳои ҷойгиркунӣ ва қабули сайёҳонро дар манзили худ тибқи шартҳои пешакӣ муайяншуда ва бо дарёфти ҳаққи хизмат ба роҳ мемонад.

Дар шартнома пешбинӣ мешавад, ки сокини деҳа барои иқомати як сайёҳ музди кор барои як сайёҳ дар як шабонарӯзро (бе арзиши хӯрок) дар деҳа мегирад. Дар ин ҳолат, аз музди меҳнати сокини деҳот мутобиқи қонунгузории амалкунанда андоз аз даромади шахсони воқеӣ ситонида мешавад.

Сокини деҳот метавонад ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, бо агентии сайёҳӣ шартномаи расмӣ ба имзо расонад, ки дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо дақиқ муайян мегарданд. Тибқи шартҳои шартнома, соҳибкори инфиродӣ барои ҳар як шабонарӯзи истиқомати сайёҳ даромади муайян мегирад. Дар ин сурат, пардохти андозҳо аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ тибқи низоми соддагардонидашудаи андозбандӣ амалӣ шуда, андоз аз фоида ба буҷети давлатӣ супорида мешавад.

Вобаста ба шароити иқтисодии рушди корхонаи оилавии сайёҳии аграрӣ, хароҷоти асосӣ барои нигоҳубини як хонаи деҳаро, ки барои иқомати сайёҳон таъйин шудааст, дар як сол ҳисоб кардан лозим аст (ҷадвали 3.2.3).

**Ҷадвали 3.2.3. - Хароҷоти асосӣ барои нигоҳубини як хонаи деҳа барои иқомати сайёҳон**

| Хароҷот барои | Воҳиди ченак |
|---|---|
| Истифодабарӣ дар як сол: аз ҷумла, қувваи барқ, гармӣ | ҳазор сомонӣ |
| Таъмири ҷорӣ | ҳазор сомонӣ |
| Харидани рахти хоб ва сачоқҳо | ҳазор сомонӣ |
| Сӯзишворӣ дар фасли зимистон | ҳазор сомонӣ |
| Харидани асбобу анҷоми рӯзгор | ҳазор сомонӣ |
| Нигоҳубини ҳайвонот, набогот | ҳазор сомонӣ |
| Пардохт барои таъмини об | ҳазор сомонӣ |
| Дигар хароҷотҳо дар як сол | ҳазор сомонӣ |

**Сарчашма**. Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [34].

Ҳамин тариқ, дар асоси ин хароҷт барои хизматрасонии сайёҳии аграрӣ дар варианти якум ва дуюми инкишофи сайёҳии аграрӣ баробар мешаванд.

Нишондиҳандаи дигари даромади сармоягузорӣ таносуби хароҷот/даромад мебошад.

Дар ин маврид танзими як қатор параметрҳои марбут ба фаъолияти сайёҳӣ аз ҷониби ширкати сайёҳӣ ва бо хароҷоти худи он анҷом дода

мешавад, ки дар ниҳоят ба сатҳ ва сохтори нархи маҳсулоти сайёҳӣ таъсири мустақим мерасонад. Дар асари худ олими тоҷик Ёров Ҷ.Н. чунин изҳор намудааст: «…маҳз чунин механизм нақши калидӣ дар шаклгирии арзиши ниҳоии хизматрасониҳои сайёҳиро иҷро мегардад» [34, с. 46 - 47].

Ба чунин параметрҳо метавонанд дохил шаванд:

1. Хароҷот дар ширкати сайёҳӣ барои як сайёҳ, ки тавассути тақсим намудани буҷети умумии ширкат ба шумораи умумии сайёҳон ҳисоб карда мешавад:

$$(\text{ХШС} = \frac{\text{БУШС}}{\text{ШС}}), (14).$$

2. Таносуби хароҷоти ширкати сайёҳӣ ба хароҷоти сайёҳон, ки бо роҳи тақсим кардани буҷети умумии ширкати сайёҳӣ ба маблағи умумии даромадҳои сайёҳӣ ҳисоб карда мешавад:

$$(\text{ТХШСХС} = \frac{\text{БУШС}}{\text{МУДС}}), (15).$$

3. Хароҷоти таблиғотӣ барои як сафари як сайёҳ, ки бо роҳи тақсим кардани буҷети умумии таблиғи ширкати сайёҳӣ ба шумораи сайёҳон ҳисоб карда мешавад:

$$(\text{ХТ} = \frac{\text{БУТШС}}{\text{ШС}}), (16).$$

4. Таносуби хароҷоти таблиғи ширкати сайёҳӣ ба хароҷоти сайёҳон, ки бо роҳи тақсим кардани буҷети умумии таблиғи ширкати сайёҳӣ ба маблағи умумии даромадҳо аз сайёҳон ҳисоб карда мешавад:

$$(\text{ТХТШСХС} = \frac{\text{БУТШС}}{\text{МУДС}}), (17).$$

5. Хароҷот барои як брон, ба фаъолияти таблиғотӣ ва тиҷоратии ширкатҳои сайёҳӣ вобастагии мустақим дорад. Таҷрибаи соҳа нишон медиҳад, ки афзоиши ҷалби сайёҳон ба меҳмонхонаҳо, хизматрасониҳои нақлиётӣ, объектҳои тамошобоб ва чорабиниҳои сайёҳӣ дар аксари ҳолатҳо натиҷаи татбиқи сиёсати ҳадафноки маркетингӣ ва фурӯшӣ аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ мебошад.

Даромадҳое, ки корхонаи оилавии сайёҳии аграрӣ аз хизматрасонии сайёҳии аграрӣ дар варианти якум ва дуюм мегирад, инҳо мебошанд (ҷадвали 3.2.4).

**Ҷадвали 3.2.4. - Даромади корхонаи оилавии сайёҳии аграрӣ аз хизматрасонии сайёҳии аграрӣ**

| Даромад | Воҳиди ченак |
|---|---|
| Музди кор. | ҳазор сомонӣ. |
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ. | ҳазор сомонӣ. |
| Музди кор пас аз пардохт кардани андоз аз даромади шахсони воқеӣ. | ҳазор сомонӣ. |
| Даромад аз хизматрасонии сайёҳии аграрӣ. | ҳазор сомонӣ. |
| Андозҳо тибқи низоми содагардонидашудаи андозбандӣ. | ҳазор сомонӣ. |
| Фоидае, ки дар ихтиёри соҳибкори инфиродӣ пас аз пардохт кардани андозҳо. | ҳазор сомонӣ. |

**Сарчашма**. Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [34].

Дар асоси таҳлил ва муқоисаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои мавҷуда метавон ба хулоса омад, ки аз ду сенарияи пешниҳодшуда маҳз варианти дуюм барои рушди устувори тиҷорати оилавӣ дар соҳаи сайёҳии аграрӣ мувофиқтар мебошад. Тибқи ин равиш, сокини деҳот фаъолияти худро ба таври расмӣ ба қайд гирифта, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ амал мекунад, ки ин ба ӯ имконият медиҳад даромади бештар ба даст оварад ва доираи хизматрасониҳои худро васеъ намояд.

Дар чунин шакли ташкилӣ муносибатҳои байни соҳибкори инфиродӣ ва ширкатҳои сайёҳӣ дар асоси шартнома ба роҳ монда мешаванд, ки дар он тамоми уҳдадориҳо, ҳуқуқ ва масъулиятҳои тарафҳо, аз ҷумла оқибатҳои риоя накардани шартҳо, дақиқ муайян карда мешаванд. Масалан, дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, аз ҷумла рад намудани қабули сайёҳон, масъулияти молиявӣ пурра ба зиммаи соҳибкор вогузор мегардад. Ин равиш сатҳи эътимодро байни агентии сайёҳӣ ва сокинони деҳот баланд бардошта, заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодии устуворро барои ҳамкории дарозмуддат фароҳам месозад.

Ҳамзамон, барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, якчанд сокини деҳот метавонанд ба кооперативи сайёҳии аграрӣ муттаҳид шаванд, ки ин низ имконияти рушди васеътар ва тақсими баробаронаи сайёҳонро фароҳам меорад.

Кооперативи сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли ташкилӣ муттаҳид сохтани якчанд сокини деҳотро дар асоси алоқаи ҳудудӣ пешбинӣ мекунад, ки ҳадафи асосии он истифодаи ҳарчи самараноктари иқтидор ва захираҳои мавҷуда мебошад. Бартарии муҳимми ин модел дар он ифода меёбад, ки ҳамгироии захираҳо ва фаъолияти иштирокчиён имконият фароҳам меорад, то миқёси пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ васеъ гардида, ҳамзамон сатҳи талаботи устувор ба маҳсулоти агросайёҳӣ дар бозор ташаккул ёбад. Зиёда аз ин, ҳангоми инкишоф додани кооперативи сайёҳии аграрӣ на танҳо барои афзоиши даромади корхонаи кишоварзӣ, балки барои рушди истеҳсолоти ёрирасони дигар, ки хароҷоти маблағи бештарро металабанд, шароит фароҳам оварда мешавад.

Усулҳои асосии афзоиш додани даромад дар сайёҳии аграрӣ бояд пешниҳоди тахфифҳои мавсимӣ (афзоиш додани тақозо ба хизматрасонии сайёҳии аграрӣ берун аз мавсим), анҷом додани шумораи зиёди хизматрасониҳои иловагӣ (ҷалб намудани сайёҳон) бошанд.

Бо ҳадафи баланд бардоштани сатҳи даромаднокии сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли нави фаъолияти ёрирасони соҳаи кишоварзӣ, татбиқи маҷмуи тадбирҳои ҳадафманд зарур ба ҳисоб мерасад. Аз он ҷумла:

- рушди хизматрасониҳои иловагӣ, ки ба истифодаи маҳсулоти ғизоии маҳаллӣ, экологӣ тоза ва солим такя намуда, арзиши иловагии маҳсулоти сайёҳиро афзоиш медиҳад. Ин гуна хизматрасониҳо метавонанд ҳамчун илова ба маҷмуи асосии ғизодиҳӣ барои сайёҳон пешниҳод гардида, на танҳо сатҳи сифати таомҳоро баланд бардоранд, балки таҷрибаи умумии истеъмолии меҳмононро низ ғанӣ гардонанд.
- иштирок дар ҷашнҳои миллӣ ва намоиши ҳунармандону косибони мардумӣ (ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, Дурахши чакан, Рӯзи заргарон, Рӯзи оҳангарон, Рӯзи чеварҳои чакан, Рӯзи косибон ва ғайраҳо);
- саёҳатҳои гуногун ва ғайра.

Корхонаи сайёҳии аграрӣ бояд барои истифодаи самараноки амволи худ чораҳои мувофиқ андешад. Бо ин мақсад, афзоиши талабот ба

хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ татбиқи як қатор тадбирҳои самаранокро тақозо менамояд. Пеш аз ҳама, зарур аст:

- сифати хизматрасонӣ дар ҳамаи унсурҳои асосӣ, аз ҷумла шароити истиқомат, ташкили ғизодиҳӣ ва дигар хизматрасониҳои ҳамроҳ баланд бардошта шавад;
- густариш додани маҷмуи хизматрасониҳои иловагӣ ва рушди фаъолияти тиҷоратӣ;
- муқаррар намудани низоми тахфифҳо барои саёҳатҳои гурӯҳӣ ва пешниҳод кардани тахфифҳои мавсимӣ.

Айни ҳол соҳаи мазкур дар марҳилаи ташаккули фаъол қарор дошта, сохтор ва мушкилоти асосии он, ки дар назди давлат, ширкатҳо ва корхонаҳои сайёҳӣ қарор доранд, ба таври равшан муайян гардидаанд. Дар асари илмии худ олими тоҷик Бобозода А.О. чунин изҳор намудааст: «…ин ҳолат имкон медиҳад, ки бо татбиқи идоракунии пайдарпай ва мақсаднок натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд» [77, с. 220].

Сайёҳии аграрӣ чун усули каммасрафтарини беҳгардонии аҳволи иқтисодии деҳаҳо шинохта шудааст, зеро ки имконияти истифодабарии захираҳои вуҷуддоштаро фароҳам месозад. Ин афзалияти бечуну чарои он дар муқоиса бо намудҳои дигари истеҳсолоти ёрирасон мебошад.

Сайёҳии аграриро ҳам дар шакли корхонаҳои оилавии сайёҳии аграрӣ ва ҳам дар шакли кооперативҳои хизматрасонии сайёҳии аграрӣ инкишоф додан мумкин аст.

Самараи иқтисодӣ аз рушди сайёҳӣ дорои якчанд сатҳ мебошад. Дар натиҷаи фаъолияти сайёҳӣ самараи буҷетӣ ташаккул меёбад, яъне буҷетҳои зинаҳои гуногун аз ҳисоби андозҳо ғанитар мегарданд.

Рушди сайёҳии аграрӣ дар шакли корхонаҳои оилавӣ дар деҳот ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, манбаи устувори даромади иловагӣ барои хонаводаҳои маҳаллӣ мегардад.

Рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун намуди истеҳсолоти ёрирасон дар корхонаҳои кишоварзӣ ва бизнеси оилавии сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот ҷойҳои нави корӣ оид ба хизматрасонӣ ба сайёҳонро ба вуҷуд

меорад (чунончӣ, хариди армуғонҳои сохташуда, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва саёҳатӣ, иҷора гирифтани лавозимоти варзишӣ ва ғайра).

Олимаи тоҷик Зайнураи А. дар асари илмии худ чунин изҳор намудааст: «Туризми кишоварзӣ як шакли нави рушди сайёҳии кишвар ба ҳисоб рафта, ҳадафи он рушди иқтисоди миллӣ тавассути фароҳам сохтани имкониятҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Ҳадафҳои туризми кишоварзӣ бештар бо роҳи дарёфти манбаъҳои иловагии таъмини рушди устувори иқтисоди деҳот ва соҳаи кишоварзии мамлакат бо назардошти ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб мераванд. Инчунин, ба мақсадҳои асосии туризми кишоварзӣ инҳо мансубанд: тақвият додани рушди иқтисоди деҳот; коҳиш додани муҳоҷират; эҳёи фарҳанг ва ҳунарҳои мардумӣ; муаррифии маҳсулоти кишоварзӣ ва дастгирии рушди устувор» [92, с. 203].

Тақвият додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар болоравии сатҳи некӯаҳволии иқтисодии аҳолӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати давлатии кишвар баррасӣ мегардад. Дар ин замина, мақомоти давлатӣ бояд барои зиёд намудани даромадҳои иқтисодӣ аз соҳаи сайёҳӣ тадбирҳои мақсаднок андешанд, аз ҷумла тавассути афзоиши ҳаҷми даромадҳо аз ҳисоби хароҷоти сайёҳон ва рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ.

Арзёбии самаранокии рушди сайёҳии аграрӣ аз нуқтаи назари давлат бо дарназардошти нишондиҳандаҳои зерин анҷом дода мешавад:

- афзоиши даромадҳои иловагии буҷет аз ҳисоби андозбандии корхонаҳо ва субъектҳои фаъол дар соҳаи сайёҳӣ;
- болоравии сатҳи некуаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ;
- такмили вазъи саломатии шаҳрвандон тавассути рушд ва густариши шаклҳои солим ва фаъолонаи истироҳат;
- эҳё, ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ, анъана ва суннатҳои маҳаллӣ.

Моҳияти иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар он ифода меёбад, ки сайёҳон хароҷоти худро мустақиман дар маҳалли иқомати худ анҷом медиҳанд. Ин хароҷотҳо метавонанд дар шакли пардохт барои ҷойгиршавӣ, таъминоти ғизо, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва алоқа, хариди молҳои чакана, фароғат

ва хизматрасониҳои агентӣ зоҳир гарданд. Аз ин лиҳоз, хароҷоти сайёҳон ҳамчун саҳми мустақим ба рушди иқтисодиёти кишвари мизбон арзёбӣ мегардад. Хусусан, сайёҳони хориҷӣ бо сарф намудани маблағҳое, ки дар кишварҳои худ ба даст овардаанд, ҷараёни воридшавии захираҳои молиявиро ба иқтисоди кишвари қабулкунанда таъмин менамоянд.

Рушди сайёҳӣ ва самаранокии иқтисодии он дорои моҳияти бисёрсатҳавӣ мебошад, ки дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Аз нигоҳи иқтисоди давлатӣ, фаъол гардидани соҳаи сайёҳӣ ба пуррагардонии буҷетҳои сатҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ тавассути андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, барои сайёҳон самаранокии рушди сайёҳии аграрӣ пеш аз ҳама дар дастрасии бештар ба шаклҳои гуногуни истироҳат ва фароғат, фароҳам омадани муҳити орому табиӣ, гуногунрангии манзараҳо ва беҳтар гардидани вазъи саломатӣ ифода меёбад.

Самаранокии воқеии ин соҳа дар амал танҳо дар сурати ҷалби сармоя ва маблағгузории мунтазам таъмин мегардад. Дар ин раванд манфиатҳои сайёҳон ва аҳолии маҳаллӣ ба ҳам омада, заминаи рушди устувори иқтисоди маҳаллӣ ташаккул меёбад. Яке аз усулҳои содатарин ва амалии арзёбии самаранокии фаъолияти корхонаи сайёҳии аграрӣ ҳисоб намудани басомад ва зичии ҷараёни сайёҳон дар давраи муайян ба шумор меравад.

Ба ин васила, самаранокии иқтисодӣ аз рушди сайёҳии аграрӣ бағоят баланд аст. Фоидаи асосиро корхонаҳои сайёҳии аграрӣ аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ гирифта метавонанд. Шакли нисбатанояндадори рушди сайёҳии аграрӣ, инкишоф додани он ҳамчун яке аз шаклҳои истеҳсолоти ёрирасони кишоварзӣ мебошад.

### 3.3. Такмилдиҳии танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ дар деҳот

Бо вуҷуди мавҷуд будани таҷрибаҳои алоҳидаи амалии ташкили фаъолияти сайёҳии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амал то ҳол пояи махсуси меъёрӣ-ҳуқуқие, ки бевосита танзими ин навъи фаъолияти

сайёҳиро таъмин намояд, ташаккул наёфтааст. Ин ҳолат бо як қатор омилҳои низомӣ вобастагӣ дорад:

Якум, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои барномавии соҳаи сайёҳӣ, ки рушди ин соҳаҳоро танзим менамоянд, низоми ягона ва мураттаби мафҳумӣ вобаста ба «сайёҳии деҳот» вуҷуд надорад. Истилоҳоте чун «сайёҳии аграрӣ», «сайёҳии сабз», «сайёҳии экологию аграрӣ», «сайёҳии деҳқонӣ» ва дигар мафҳумҳои дар таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ истифодашаванда то ҳол ба таври расмӣ муттаҳид ва дақиқ муайян нашудаанд.

Дар асари илмии худ олими тоҷик Раҳимзода Б.А. чунин изҳор намудааст: «…ташкил намудани сайёҳии деҳот бениҳоят манфиатбахш мебошад. Ин намуди фаъолияти сайёҳӣ барои иштирокчиён имконият медиҳад, ки як қисми ҷомеаи маҳалли гарданд: дар хонаи сокинони деҳот зиндагонӣ мекунанд, бо сокинони маҳаллӣ хӯрок хуранд, хулас дар расму оин ва ҳунарҳои мардумӣ иштирок намоянд. Дар раванди ин саёҳат онҳо имконият пайдо мекунанд, ки на танҳои таомҳои асилро, ки мувофиқи анъанаҳои қадимӣ омода карда шудаанд, санҷанд, балки тарзи пухтани онҳоро низ аз худ намоянд. Чунин саёҳат ба сайёҳон таассуроти фаромушнашаванда бахшида, ба онҳо имкон медиҳад, ки фарҳанги мардуми маҳаллиро хубтар дарк кунанд. Ҳамзамон, имконият доранд, ки дар фестивалҳо, идҳо, чорабиниҳои варзишии шавқангез (роҳпаймоӣ, сайёҳат дар қаиқ, саёҳат бо дучарха, моҳигирӣ ва ғ.) иштирок намоянд» [166, с. 136 - 137].

Дуюм, дар ҷумҳурӣ қонунгузории махсусе, ки сайёҳии аграриро ҳамчун самти мустақили рушди иқтисодиёти деҳот эътироф ва ба таври мақсаднок танзим намояд, мавҷуд нест, ки ин ба номуайянии ҳуқуқии субъектҳои соҳа оварда мерасонад.

Сеюм, сайёҳии деҳот ҳамчун яке аз абзорҳои муҳимми рушди минтақаҳои деҳотии ниёзманд ба дастгирии давлатӣ ҳатто дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ ба таври мустақим ва возеҳ инъикос наёфтааст [15], ки ин худ маҳдудияти стратегӣ дар рушди минбаъдаи самтро нишон медиҳад.

Дар айни замон, дар ҳуҷҷати мазкур танҳо ҳифз ва дастгирии анъанаҳои фарҳангӣ, косибӣ ва ҳунарҳои мардумӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар асари худ олимаи тоҷик Одилова Р.К. чунин изҳор намудааст: «Мақсади асосии сиёсати давлат ин баробар кардани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳамаи минтақаҳои кишвар мебошад. Татбиқи ин сиёсат тавассути рушди соҳаи иҷтимоӣ, инфрасохтор ва рушди иқтисодии тамоми минтақаҳои кишвар сурат мегирад. Дар баробари ин ду ҷузъи асосии танзими давлатии рушди минтақавӣ дар заминаи коҳиш додани номутаносибии минтақавӣ муайян карда мешаванд: дастгирии ҷории минтақаҳо тавассути воситаҳои танзими байнибуҷетӣ ва дастгирии сармоягузории минтақаҳо тавассути маблағгузорӣ, бунёд ва рушди инфрасохтор ва корхонаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок, соҳибкорӣ дар минтақаҳои мушкилдошта» [51, с. 179].

Бо вуҷуди он ки сайёҳии аграрӣ метавонад ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот мавриди дастгирӣ қарор гирад, зикри он дар санади стратегӣ ба ташаккули як низоми мукаммали мафҳумҳо, меъёрҳо ва механизмҳои татбиқ табдил наёфта, дар сатҳи консептуалӣ боқӣ мондааст.

Дар чунин шароит, дар амал татбиқи фаъолияти сайёҳии аграрӣ асосан бо такя ба меъёрҳои умумии қонунгузории дорои сатҳи баландтар ва инчунин ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие сурат мегирад, ки танҳо паҳлуҳои ҷудогонаи фаъолияти сайёҳиро танзим менамоянд, барои роҳандозӣ ва рушди сайёҳии аграрӣ ногузир мегардад, ки ин ҳолат самаранокии танзими соҳа ва ҷалби сармоягузориро маҳдуд месозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пояи меъёрӣ-ҳуқуқии танзими соҳаи сайёҳӣ аз як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии амалкунанда иборат мебошад. Аз ҷумла:

• Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 3 сентябри соли 1999, тахти №824 маҳсуб меёбад, ки принсипҳои сиёсати давлатии ташаккули бозори сайёҳиро муайян намуда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат, озодии ҳаракат ва

сафар танзим мекунад. Ин қонун инчунин тартиби расонидани хизматрасониҳо дар соҳаи фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, талабот ба ташкил ва пешбурди фаъолияти сайёҳӣ, пешниҳоди иттилооти дахлдор, бастан, иҷро, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳо, инчунин механизми баррасии даъвоҳо ва масъулияти тарафҳоро муайян менамояд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон» аз 9 декабри соли 2004, тахти №72 ҷанбаҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳиро танзим намуда, заминаи ҳуқуқии таъмини сифати хизматрасонӣ ва амнияти истеъмолгаронро фароҳам меорад.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли 2017 сол, тахти № 1450 «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» [8], ки асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии фаъолияти соҳаи сайёҳии дохилиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувор ва ташаккули самараноки ин соҳа, инчунин баланд бардоштани нақши сайёҳии дохилӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар равона гардидааст;

- Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Қоидаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводид ва раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд», ки 25.01.2017 таҳти №31 қабул шудааст, тартиби ҳуқуқии воридшавии шаҳрвандони хориҷиро муайян намуда, заминаи мусоидро барои рушди ҷараёни сайёҳии байналмилалӣ фароҳам меорад;

- «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2018, тасдиқ №80 гардидааст, самтҳои афзалиятнок, ҳадафҳо ва механизмҳои рушди соҳаи сайёҳиро дар марҳилаи миёнамуддат муайян менамояд;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», ки дар таърихи 7 августи соли 2020, №1717, ҳамчун қадами навбатӣ дар такмили заминаи ҳуқуқии соҳа баромад намуда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ мураттаб сохтааст;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки 01.08.2018, №372 қабул шудааст. Ин санад самтҳои дарозмуддати рушди соҳаи сайёҳиро муайян намуда, ба ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ нигаронида шудааст.

Хизматрасониҳои сайёҳии деҳот метавонанд дар шаклҳои гуногуни ташкилии ҳуқуқӣ амалӣ гарданд. Субъектҳои сайёҳии деҳот метавонанд шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ё шахсони ҳуқуқӣ бошанд, ки фаъолияти худро дар соҳаи сайёҳии деҳот ба роҳ мондаанд. Вобаста ба шакли ташкил, ба чунин субъектҳо шаҳрвандоне дохил мешаванд, ки хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро пеш мебаранд, инчунин кооперативҳои матлуботии кишоварзӣ, ки ба расонидани хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ машғул мебошанд.

Дар асари илмии худ олимаи тоҷик Одилова Р.К. чунин изҳор намудааст: «Пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ алоқаҳои зиёди байни субъектҳои хоҷагидориро дар назар дорад, аз ҷумла хизматрасонии нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, алоқа ва ғайра, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд. Қайд кардан лозим аст, ки хусусияти дигари индустрияи сайёҳӣ вобастагӣ ба ҳудуди мушаххас, захираҳои он, иқтидори меҳнатӣ, рушди деҳот ва мероси таърихӣ мебошад. Ҳамаи ин ҳалли проблемаҳои идоракунӣ ва танзими комплекси ҳудуди сайёҳӣ, умуман индустрияи сайёҳии ҷумҳуриро пешбинӣ мекунад» [51, с. 177].

Шаҳрвандоне, ки ба пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ машғул мебошанд, фаъолияти худро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003, №47 «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» амалӣ менамоянд. Тибқи ин санади меъёриву ҳуқуқӣ, чунин шакли хоҷагидорӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ эътироф гардида, ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Таҷрибаи амалии рушди соҳаи кишоварзӣ собит менамояд, ки ҷалб ва истифодаи иқтидори хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби давлат ҳамеша ҳамчун як манбаи муҳимми иловагӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ арзёбӣ мешавад. Сабаби қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» [10] ин буд, ки то қабули санадҳои махсуси меъёриву ҳуқуқӣ мафҳуми «хоҷагии ёрирасони шахсӣ» дар кодекси гражданӣ ба таври равшан муайян нашуда буд. Ин холигии ҳуқуқӣ боис мегардид, ки масъалаҳои вобаста ба ташкил, пешбурд ва танзими фаъолияти чунин навъи хоҷагидорӣ дар амал ба таври муназзам ҳал карда нашаванд. Дар натиҷа, шаҳрвандон ҳангоми истифодаи имкониятҳои хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бо маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва номуайянии механизмҳои танзим рӯ ба рӯ мегардиданд.Ин дар ҳоле буд, ки хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар иқтисодиёти кишвар ва некуаҳволии шаҳрвандон нақши назаррас доштанд.

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ шакли хоҷагидорист, ки ин намуди фаъолият бар меҳнати мустақими шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ такя намуда, асосан ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо ҳадафи қонеъ гардондани ниёзҳои шахсӣ ва хоҷагии оилавӣ равона мешавад.

Ин навъи фаъолият ба таъмини худтаъминкунии озуқаворӣ, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва қонеъ сохтани дигар эҳтиёҷоти рӯзмарра мусоидат менамояд.

Вазифаи асосии қонуни мазкур танзими ҳуқуқии муносибатҳоест, ки дар робита бо пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз ҷониби шаҳрвандон ба миён меоянд. Қонун пеш аз ҳама, ба таъмини шароит барои фаъолияти шаҳрвандон оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ нигаронида шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» [10] мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мақоми қитъаҳои заминро барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ муайян мекунад, ин низом муносибатҳои ҳуқуқии байни шаҳрвандоне, ки хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро пеш мебаранд, бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ танзим намуда, ҳамзамон маҷмуи тадбирҳои

ҳадафноки дастгирии давлатӣ ва шаклҳои гуногуни кӯмакро барои фаъолияти устувор ва рушди минбаъдаи чунин хоҷагиҳо муайян мекунад.

Дар он ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки чунин хоҷагиро пеш мебаранд, дақиқ муайян шуда, ҳамзамон муносибатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои онҳо танзим мегарданд. Илова бар ин, масъалаҳои марбут ба моликияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ, тартиби истифода ва ихтиёрдории он, инчунин ҷанбаҳои вобаста ба меросгузории амволи мазкур дар доираи қонунгузории амалкунанда ба таври мушаххас ба роҳ монда шудаанд, истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзии хоҷагии ёрирасони шахсӣ, татбиқи муҳсиобот дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро ба низом медарорад.

Фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ мансуб дониста намешавад. Бо назардошти мақсаднокии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ, он пеш аз ҳама барои қонеъ гардондани ниёзҳои шахсӣ ва оилавии шаҳрванд ба маҳсулоти кишоварзӣ равона гардида, хусусияти худтаъминкунӣ дорад ва ба гирифтани фоидаи тиҷоратӣ равона намешавад. Маҳз ҳамин хусусият хоҷагии ёрирасони шахсиро аз дигар шаклҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла хоҷагии деҳқонӣ, фарқ менамояд.

Бо такя ба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 11 майи соли 2009, №526 (таҳрири нав аз 15 марти соли 2016, №1289) таъсис ёфта ва фаъолият менамоянд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъсис ва фаъолияти ин шакли хоҷагидориро муайян мекунад.

Бо дарназардошти моҳияти ҳуқуқии худ, хоҷагии деҳқонӣ субъекти соҳибкорӣ ба шумор рафта, фаъолияти он ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ асос ёфтааст ва метавонад ҳам дар асоси фаъолияти фардии як шахс ва ҳам дар шакли фаъолияти муштараки гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаҳои замин ё амволи моликияти онҳо амалӣ гардад.

Бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи таъсис додани хоҷагии деҳқонӣ ба шаҳрвандони қобили амалие тааллуқ дорад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидаанд. Хоҷагии деҳқонӣ метавонад дар яке аз шаклҳои зерин таъсис дода шавад:

- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, бо теъдоди аъзо аз 1 то 50 нафар;
- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ, новобаста аз шумораи аъзо.

Агар хоҷагии деҳқонӣ аз ҷониби якчанд шаҳрванд таъсис дода шавад, пас бастани шартнома дар байни онҳо зарур мебошад. Дар сурати таъсиси хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи як шаҳрванд бастани шартнома талаб карда намешавад.

Шартномае, ки тибқи қонунгузорӣ барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ шудааст, дар асл ҳамчун як навъи ҳуҷҷати таъсисотӣ баромад менамояд. Он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти хоҷагиро муайян намуда, муносибатҳои дохилии байни аъзо ва роҳбари онро ба танзим медарорад.

Мутобиқи талаботи моддаи 7-и қонуни мазкур, шартномаи таъсиси хоҷагии деҳқонӣ бояд маҷмуи маълумоти заруриро дар бар гирад, ки пеш аз ҳама ба муайян намудани таркиби аъзо ва тартиби фаъолияти хоҷагӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, дар шартнома шумораи аъзо, насаб, ном ва номи падари ҳар як узви хоҷагии деҳқонӣ зикр мегардад.

Ҳамзамон, дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки бо қарорҳои маҷлиси умумии аъзои хоҷагӣ ба зиммаи роҳбари хоҷагии деҳқонӣ вогузор мешаванд, инчунин ҳуқуқу вазифа ва масъулиятҳои аъзои хоҷагӣ ба таври мушаххас муайян карда мешаванд.

Инчунин дар шартнома тартиби қабул намудани аъзои нав, хориҷ гардидани аъзо ва ворид кардани тағйирот ба ҳайати хоҷагии деҳқониро ба таври возеҳ муқаррар менамояд, ки ин барои таъмини шаффофият ва фаъолияти муназзами хоҷагӣ аҳамияти муҳимм дорад.

Илова бар ин, масъалаҳои вобаста ба амволи хоҷагӣ, аз ҷумла андоза ва шакли ҳиссаи замини ҳар як узв дар қитъаи замини истифодашавандаи

муштарак бо ишора ба ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи моликият инъикос меёбанд.

Ҳуҷҷати мазкур инчунин тартиби даъват ва гузаронидани маҷлиси аъзои хоҷагӣ, роҳҳои баррасии баҳсҳо, қоидаҳои нархгузорӣ ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда, ҳамчунин тартиби тақсими даромад байни аъзоёнро муайян менамояд. Дар анҷом, дар шартнома асосҳо ва тартиби қатъ намудани он низ пешбинӣ мешаванд

Дар сурати тағйир ёфтани теъдоди аъзои хоҷагии деҳқонӣ, ба реестри давлатии ягонаи амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он ва ба шартномаи фаъолияти муштарак иловаҳои дахлдор ворид карда мешаванд, иқтибосҳо дар ин хусус ба ҷамоати деҳа (шаҳрак), мақомоти маҳалли андоз ва мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар муҳлати на дертар аз як моҳ пешниҳод карда мешаванд.

Хоҷагии деҳқонӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он субъекти фаъолияти соҳибкорӣ таъсис додашуда ҳисобида мешавад.

Дар асари худ олими тоҷик Бобозода А.О. чунин изҳор намудааст: «...бахши хусусӣ бе дастгирии давлат ҳатто дар иқтисодиёти мамлакатҳои рушднамуда амал карда наметавонад. Зеро соҳаи сайёҳӣ бо бахши хизматрасонӣ алоқамандӣ дошта, дорои заминаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошад. Яъне нақши ҷамъият дар рушд ва самти соҳа аввалиндараҷа буда, барои истеҳсол намудани маҳсулоти сайёҳӣ дар як давра тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат иштирок меварзанд» [77, с. 220 - 221].

Кооперативҳои матлуботии кишоварзӣ - кооперативҳои фурӯш, таъминот, коркард, хизматрасон ва омодасоз, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2002 №68 (таҳрири нав аз 29 марти соли 2010, №660) «Дар бораи кооперативҳои давлатӣ» таъсис дода шудаанд ва фаъолият мекунанд.

Кооперативи истеҳсолӣ иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият барои фаъолияти муштараки истеҳсолӣ ё дигар навъи фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки ба иштироки шахсӣ ё дигар намуди иштироки онҳо ва муттаҳидсозии ҳиссаҳои аъзо (ширкатварон) - и кооператив асос

ёфтааст. Дар ҳуҷҷати таъсисотии кооперативи истеҳсолӣ мумкин аст иштироки шахсони ҳуқуқӣ дар фаъолияти он пешбинӣ карда шавад [6].

Стандартҳо ва меъёрҳои махсуси қобили татбиқ дар соҳаи сайёҳии аграрӣ ҳамчун бахши хоси саноати сайёҳӣ вуҷуд надоранд. Бояд қайд кард, ки стандарту меъёрҳои амалкунандаи ҷумҳуриро оид ба соҳаи бизнеси меҳмонхонадорӣ ва рекреатсионӣ ба таври механикӣ ба соҳаи сайёҳии аграрӣ интиқол наметавон дод, чунки ин соҳа хусусиятҳои худро дорад.

Минтақаи сайёҳии рекреатсионии ҷанубу ғарбӣ ҳамчун як воҳиди нисбатан муттасил ҳудудҳои ҷанубу ғарбии кишварро фаро гирифта, аз лиҳози релеф асосан аз минтақаҳои пасткӯҳӣ ва доманакӯҳӣ иборат аст. Ба ин ареали сайёҳӣ, мутобиқ ба тартиби маъмурию ҳудудӣ, як қисми ноҳияҳои тобеи марказ ва тамоми қаламрави вилояти Хатлон ворид буда, ин минтақа аз нуқтаи назари ташаккули фазои рекреатсионӣ ва рушди фаъолияти сайёҳӣ мавқеи муҳиммро ишғол мекунад. Бо вуҷуди он ки минтақа масоҳати васеъро дар бар мегирад, захираҳо ва имкониятҳои рекреатсионии он то ҳол ба таври кофӣ ва ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Қурбонова С.М. чунин изҳор намудааст: «...сайёҳии рекреатсионӣ унсури муҳимми сайёҳии фароғатию солимгардонӣ мебошад, зеро ҳар як сайёҳ, ки бо мақсади фароғат ва солимгардонӣ сафар мекунад, ҳангоми саёҳат дар макони будубоши худ ҳатман аз амалиёти муолиҷа бо об ё буғ истифода мебарад» [107, с. 140].

Ба мавзеъҳои, ки дорои иқтидори баланди рушди сайёҳии рекреатсионӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва аграрии вилояти Хатлон мебошанд дохил мешаванд:

1. Мамнуъгоҳи «Бешаи Палангон»;
2. Мамнуъгоҳи «Даштиҷум»;
3. Чашмаи «Қизилтумшук»;
4. Чашмаи «Хоҷамӯъмин»;
5. Чашмаи «Чилучорчашма»;
6. Шаршараи Сари Хосор;
7. Кӯҳи Чилдухтарон ва ғайра.

Бинобар ин, лозим меояд, ки меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонунгузории сатҳи болотар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ дар умум истифода бурда шаванд. Таҳияи пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии мувофиқ барои фаъолияти сайёҳии аграрӣ шарти зарурии рушди комёбии ин бахши саноати сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар асари илмии худ олими тоҷик Олимов А.Х. чунин изҳор намудааст: «...маблағгузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ин ҷамъомади тавакалӣ мебошад, чунки ин намуди фаъолият хело ба дигаргуниҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, табиӣ ва дигарон алоқаманд мебошад, ки метавонад ба тез кам шудани шумораи сайёҳони хориҷӣ расад ва ба кам шудани даромад аз сайёҳи низ аз он алоқаманд аст. Барои ҳамин давлат бояд кӯшиши зиёд ба харҷ диҳад, ки сармояҳои хориҷиро ба соҳаи сайёҳӣ аз дигар соҳаҳо дида бештар ҷалб намояд» [131, с. 41].

Дар ҷаҳон таҷрибаи амалии татбиқи якчанд модели рушди бахши сайёҳии аграрию экологӣ вуҷуд дорад.

Модели якум дар кишварҳои Аврупо бомуваффақият татбиқ мешавад. Яке аз ҷузъҳои асосии он дастгирии давлатии шабакаи меҳмонхонаҳои хусусӣ дар пойгоҳи фонди манзили маҳалҳои деҳот мебошад. Барои татбиқи самараноки модели пешниҳодшуда мавҷудияти як қатор шартҳои зарурӣ аҳамияти калидӣ дорад:

- дар маҳалҳои деҳот бояд фонди манзили озод ё қисман озод мавҷуд бошад;
- сатҳи бароҳатӣ ва ҳолати техникии фонди манзил бояд ба талаботи ҳадди ақали хизматрасонии сайёҳӣ мутобиқ;
- дастгирии мунтазам ва пайгиронаи давлатӣ ба хоҷагиҳои сайёҳии аграрӣ;
- ташкили иттиҳодияҳои субъектони сайёҳии аграрӣ ва экологӣ (ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ);

- дастгирии молиявии хоҷагиҳои сайёҳии аграрию экологӣ бо истифода аз низоми қарздиҳии имтиёзнок ё додани дотатсия ба хоҷагиҳои сайёҳии аграрию экологӣ.

Модели дувум дар асоси меҳмонхонаҳои шахсии махсус, дар деҳоти барои сайёҳии аграрию экологӣ ороёфта, марказҳои фарҳангӣ-қавмшиносӣ ва ҳоказо асос ёфтааст. Ин модел бештар барои кишварҳое мувофиқ аст, ки фонди манзилии деҳоташон сатҳи баланд надорад, аммо дорои иқтидори назарраси сайёҳию рекреатсионӣ мебошанд. Татбиқи самараноки он, пеш аз ҳама, ҷалби сармоягузориҳои назаррас (дохилӣ ва хориҷӣ) ва ҳамзамон дастгирии фаъолонаи лоиҳаҳо дар сатҳи маҳаллиро талаб менамояд.

Модели сеюм ба таблиғи дастовардҳои соҳаи кишоварзии кишвари муайян, таъмини бақои малакаи амалӣ ва намоишдиҳии усулҳои истеҳсолоти кишоварзии анъанавӣ нигаронида шудааст. Объектҳои давлатии кишоварзӣ ҳамчун марказҳои бисёрфунксионалии соҳа метавонанд ҳамзамон фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва селексиониро ба роҳ монда, дар баробари ин ҳамчун маконҳои истироҳати сайёҳон, инчунин марказҳои доимамалкунандаи намоишӣ ва тамошоӣ хизмат намоянд.

Модели якумро дар кишварамон ҳамчун модели асосӣ қабул кардан мумкин аст. Он сармоягузорӣ аз тарафи давлатро талаб намекунад, ҷойҳои кории навро ба вуҷуд меорад, барои ихтисори муҳоҷират ва беҳгардонии инфрасохтор мусоидат менамояд. Аммо барои ба соҳаи муҳими иқтисодиёт табдил додани сайёҳии аграрию экологӣ як «андозаи интиқодии» муайяни деҳот лозим аст.

Маълум аст, ки дар шароити муосир ҷидду ҷаҳди асосии бахши сайёҳии аграрӣ, пеш аз ҳама, бояд ба бозори сайёҳии дохилӣ равона карда шавад. Бо дарназардошти хусусиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама гуногунрангии шароити минтақавӣ ва маҳаллӣ, метавон хулоса кард, ки консепсияи миллии рушди сайёҳии аграрию экологӣ набояд ба як самт ё як модели ягона маҳдуд гардад. Баръакс, он бояд маҷмуи якчанд моделҳои ояндадорро дар бар гирад, ки вобаста ба хусусиятҳои ҳар як минтақа ва ҳадафҳои мушаххаси рушд татбиқ карда мешаванд.

Дар асари муҳаққиқи тоҷик Илёсов Ҷ. Чунин изҳор намудааст: «…сайёҳи ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири мусбат мерасонад, шуғлнокии маҳалҳоро зиёд мекунад ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ метавонад шакли аз ҷиҳати экологӣ тозатарини идоракунии захираҳои табиӣ бошад. Аммо таъсири мусбати сайёҳӣ ба иқтисодиёти кишвар танҳо дар сурате пайдо мешавад, ки он аз ҳама ҷонибҳо инкишоф ёбад, яъне иқтисодиёти кишварро ба иқтисодиёти хизматрасонӣ табдил надиҳад. Ба ибораи дигар, самараи иқтисодии сайёҳӣ талаб мекунад, ки вай бо дигар соҳаҳои комплекси иҷтимоию иқтисодӣ баробар ва пайваста инкишоф ёбад [96, с. 255].

Аз нуқтаи назари мо, дар шароити Тоҷикистон самтҳои (моделҳои) зерини рушди сайёҳии аграрию экологӣ дорои дурнамои мусбат ба ҳисоб меравaнд:

1. Ташкили шабакаҳои минтақавии сайёҳии аграрӣ

Ин модел ба рушди бизнеси хурд, оилавӣ ва инфиродии сайёҳии аграрӣ дар асоси захираҳои мавҷудаи деҳот такя мекунад. Ба чунин воситаҳо, пеш аз ҳама, хоҷагиҳои хурди оилавии меҳмонхонадорӣ, инчунин унсурҳои инфрасохтори сайёҳии аграрӣ дохил мешаванд, ки объектҳои гуногуни агросайёҳӣ ва шаклҳои вобаста ба соҳибкории хизматрасониро дар бар мегиранд.

Татбиқи муваффақонаи ин модел ташкили низоми дастгирии давлатӣ дар сатҳи марказӣ ё ҳадди ақал минтақавиро талаб менамояд.

2. Эҳёи муҳити иҷтимоию фарҳангии деҳкадаҳо

Ин модел ташкили «деҳаи таърихӣ», «деҳаи миллӣ» ё дигар шаклҳои бошишгоҳҳои дорои арзиши фарҳангиро дар бар мегирад ва ба барқарорсозии муҳити иҷтимоию фарҳангии объектҳои таърихӣ равона шудааст. Дар сурати интихоб шудани ин модел ҳамчун пояи консепсияи рушд, иҷрои он ҳамоҳангии фаъолиятро дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимият талаб мекунад, ки дар он нақши асосӣ ба мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ вогузор мегардад. Ин модел инчунин таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ,

ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳои комплексӣ ва анҷом додани тадқиқоти илмиро тақозо менамояд.

Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик Ҳасанов Ю.М. чунин изҳор намудааст: «...бо мақсади таъмини пешрафти агросайёҳӣ ва ташаккули деҳаҳо, хусусан деҳаҳое, ки дорои захираҳои муайяни агросайёҳӣ мебошанд, зарур аст то масъалаҳои зерин таҳлил гардида, нисбати татбиқи онҳо чораҳои амалӣ андешида шаванд: ташкили деҳаҳои намунавӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ; ташкили марказҳои ҳунарҳои мардумӣ, ки дар он ҷо имконияти бунёд ва фурӯши маҳсулотҳо ба вуҷуд меояд; ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ барои агросайёҳӣ; ташкили лоиҳаҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва амалинамоии он; коркарди дурусти агротехникии заминҳо бо истифода аз дастовардҳои илмӣ; таъмини низоми WiFi дар деҳоти намунавӣ; ташаккул додани идеологияи аҳолии маҳал дар самти шинохти агросайёҳӣ; мубориза бо ифлосшавии муҳити атроф ва пурзӯр намудани назорат ҷиҳати нигоҳдошти олами наботот ва ҳайвонот; омода намудани мутахассисони соҳибкасби маҳаллӣ; ташкилу бунёди дастшӯйҳо, партовгоҳҳо ва мағозаҳои махсусонидашуда дар ҳудудҳои деҳот; таблиғи имкониятҳои сайёҳии деҳот; бунёди стандарти миллии хадамоти сайёҳӣ; мукаммалгардонии пойгоҳҳои миллии сайёҳӣ бо мақсади тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ; нигоҳдошти таърихияти меросҳои фарҳангию таърихӣ ва ғ.» [130, с. 96 – 97].

3. Таъсиси объектҳои махсуси агросайёҳии хурду миёна

Ин модел ба таъсиси марказҳо ва маҷмааҳои махсуси қабули сайёҳон равона шудааст, аз ҷумла марказҳои варзишӣ, фарҳангӣ, пухтупаз, «деҳаҳои ороишёфтаи агросайёҳӣ», «деҳаҳои моҳидорӣ» ва «деҳаҳои шикорӣ». Амалӣ гардидани модели пешниҳодшуда асосан дар сатҳи маҳаллӣ сурат гирифта, муваффақияти он ба ҳамоҳангии амалии мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, фаъол гардидани иқтидори ташаббускории бахши хусусӣ, инчунин ҷалби ҳаҷми кофии сармоягузориҳои хусусӣ вобастагии мустақим дорад.

4. Таъсиси боғҳо ва хусусии кишоварзӣ чун маҷмааҳои калони пурвазифаи сайёҳӣ, намоишгоҳӣ, таблиғу тарғиботӣ, фарҳангию ташвиқотӣ, илмии тадқиқотӣ ва истеҳсолии дорои воситаҳои ҷойгирсозӣ ва инфрасохтори мувофиқ. Дар амалияи байналмилалӣ рушди чунин самтҳо, одатан, бо иштироки бевоситаи мақомоти давлатии масъули соҳаи аграрӣ амалӣ мегардад ва бештар аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ ҳамоҳанг карда мешавад. Татбиқи ин раванд, дар навбати худ, зарурати ҷалби сармоягузориҳои назарраси давлатӣ ё хусусӣ, инчунин таҳияи лоиҳаҳои мураккаби ҳамгирошударо ба миён меорад, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалиро фаро мегиранд.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи моделҳои маъмули рушди сайёҳии аграрӣ то андозае аз санҷиши амалӣ гузаштаанд. Бо ин вуҷуд, аз нигоҳи мо, консепсияи рушди сайёҳии аграрӣ бояд бар асоси равиши ҳамаҷониба шакл гирад. Ин зарурат пеш аз ҳама ба гуногунрангии васеи фазои ҷуғрофӣ ва фарқиятҳои мавҷудаи шароити табиӣ ва иқтисодии кишвар вобаста буда, истифодаи танҳо як самт ё як модели ягона наметавонад тамоми иқтидори мавҷударо фаро гирад.

Дар доираи чунин консепсия бояд якчанд самт ва моделҳои ояндадор пешбинӣ гарданд, дар ҳоле ки татбиқи амалии онҳо вобаста ба интихоби минтақавӣ сурат гирад.

Ҳар як модели баррасишуда сатҳи мухталифи иштироки сохторҳои давлатӣ дар се зина - ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро талаб мекунад. Ин хусусият бояд ҳангоми таҳияи консепсияҳои комплексии минтақавӣ ва интихоби моделҳои афзалиятнок ҳатман ба инобат гирифта шавад.

Зарур аст махсус зикр карда шавад, ки ҷорӣ ва амалисозии модели маъмулшудаи «шабакаҳои меҳмондорӣ» дар аксари ҳолатҳо ба дастгирии фаъолонаи давлатӣ ниёз дорад, ки метавонад ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам ҳадди ақал дар сатҳи маҳаллӣ (ноҳиявӣ) амалӣ гардад. Чунин дастгирӣ, одатан, аз ҷониби давлат ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии ташаккули соҳаи сайёҳии аграрӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар асоси қарорҳои қабулгардида, барномаҳои махсуси давлатӣ оид ба рушди сайёҳии аграрӣ таҳия ва роҳандозӣ шуда, ҳамзамон шароити ташкили сохторҳои зарурии институтсионалӣ фароҳам оварда мешавад. Ба ин сохторҳо метавон иттиҳодияҳо, агентӣ ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ё хусусиро мансуб донист, ки фаъолияти онҳо ба ҳамоҳангсозӣ, дастгирии иттилоотӣ ва пешбурди хоҷагиҳои сайёҳии аграрӣ равона гардида, тавассути платформаҳои электронӣ ва сомонаҳои интерактивӣ таъмин карда мешавад. Маҳз чунин равиши институтсионалӣ, дар баробари дигар шароити мусоид, яке аз омилҳои калидии рушди босуръати бахши сайёҳии аграрӣ дар як қатор кишварҳо ба ҳисоб рафта, дар амал натиҷаҳои назарраси иҷтимоию иқтисодиро ба бор овардааст.

Дастгирӣ дар сатҳи минтақаҳо масъалаи ташкили бахши даромадноки саноати сайёҳиро дар сатҳи минтақаҳои сайёҳӣ, ҳамчунин бахши пурдаромади иқтисодиёти ин минтақаро ҳал мекунад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ маҳз ҷамоатҳо бояд вазифаи ташкилотчии рушди сайёҳии аграриро бар дӯши худ гиранд. Дар ин раванд, новобаста аз мавҷудияти сиёсати ягонаи давлатӣ, нақши ҳокимияти минтақаҳо аҳамияти калидии худро нигоҳ медорад. Масъулияти асосии ташаккул ва таҳкими симои рақобатпазири сайёҳии минтақа, муайян ва муаррифии афзалиятҳои махсуси маҳал, инчунин пешбурди маҷмуи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозорҳои хориҷӣ пеш аз ҳама ба дӯши мақомоти минтақавӣ вогузор гардидааст, ки нақши онҳо дар рушди устувори соҳаи сайёҳӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Илова бар ин, ҳалли масъалаҳои вобаста ба мутобиқсозии хизматрасониҳо ба хусусиятҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори минтақавӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ низ ба зиммаи онҳо вогузор мешавад, ки дар маҷмӯъ ба баланд бардоштани ҷаззобияти минтақавии сайёҳӣ мусоидат менамояд.

Дар асари илмии худ иуҳақиқи тоҷик Силталиева Ш.А. чунин изҳор намудааст: «Рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ ҷойҳои нави кориро эҷод мекунад ва даромад аз маҳсулоти дохилии умумӣ (МДМ) афзоиш меёбад. Азбаски ҳоло сайёҳӣ соҳаи босуръат рушдкунанда ва пешбинишаванда

мебошад, он дар замони муосир ба бузургтарин соҳаи иқтисоди ҷаҳонӣ табдил хоҳад ёфт» [170, с. 39].

Аммо истеҳсоли маҳсулоти сайёҳии аграрӣ асосан масъалаи муштарак буда, муносибатҳои шариконаи ҳокимият, бизнес ва ҷамоати маҳаллиро талаб мекунад. Рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун бахши саноати миллии сайёҳӣ, шарикии давлат, бизнес, ҷамоати маҳаллӣ ва доираҳои васеи созмонҳои ғайридавлатии манфиатдори ҳама сатҳҳоро металабад. Ниҳодҳои кооператсия ва ҳамкории субъектони сайёҳии аграрӣ (аз қабили кластерҳои сайёҳии аграрию экологӣ) нақши муҳимро дар ҳамоҳангсозии раванди мазкур мебозанд.

Дар асари худ олими тоҷик Ғуломов Х.Ҳ. чунин изҳор намудааст: «Имрӯз сайёҳии деҳот ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад ва ба кишварҳое, ки ин соҳаи фаъолиятро инкишоф медиҳанд, даромади воқеӣ меорад. Агросайёҳӣ инчунин ба мо имкон медиҳад, ки воситаҳо ва роҳҳои ҳифзи табиатро пайдо кунем. Дар бисёр кишварҳо рушди ин намуди сайёҳӣ самти асосии ҳифз ва истироҳати манзараҳои миллии деҳот гардидааст» [87, с. 393].

Ба ин васила, ташаккули бахши сайёҳии аграрию экологӣ дар таркиби саноати сайёҳӣ нақши фаъоли ҷамоатҳо, сохторҳои давлатӣ, шарикии ҳокимияти давлатӣ, бизнес, ҷомеаи маҳаллиро дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти сайёҳӣ дар назар дорад. Бо вуҷуди ин, ҳалли самараноки маҷмуи масъалаҳои зикршуда танҳо дар шароите имконпазир мегардад, ки барномаи давлатии махсус, аз ҷумла зербарномаи рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушд, мавҷуд бошад. Чунин барнома бояд механизмҳои равшани таъминоти ҳуқуқӣ ва молиявиро дар бар гирад. Дар ин замина, сайёҳии аграрӣ аз доираи фаъолияти маҳдуди соҳибкорӣ берун рафта, ҳамчун як ташаббуси дорои аҳамияти васеи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ баррасӣ мегардад, ки ба таҳкими рушди устувори шаҳракҳо ва минтақаҳои деҳот равона шудааст. Татбиқи самараноки чунин ташаббусҳо бе ҳамоҳангсозии муназзами сиёсати давлатӣ ва ҳамкории пайвастаи сохторҳои гуногуни идоракунӣ ғайриимкон мебошад. Ба ҳамин хотир, таъсиси ниҳоди махсуси

ваколатдор, масалан сохтори байниидоравӣ ё агентии тахассусӣ, ки масъули танзим, ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҳамаҷонибаи сайёҳии аграрӣ бошад, муносиб арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки чунин равиши институтсионалӣ ба баланд шудани самаранокии идоракунӣ ва устувории рушди соҳа мусоидат мекунад.

Ба ғайр аз дастгирии сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, омили дигари калидӣ барои рушди сайёҳии аграрию экологӣ ҳалли масъалаҳои таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва ташкилӣ, инчунин омодасозии кадрҳо мебошад.

**Хулосаи боби 3**

Дар рафти тадқиқот муайян карда шуд, ки модели иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ ин нишондиҳандаҳоро барои таҳлили вазъи имрӯзаи соҳаи сайёҳӣ ва пешгӯии рушди ояндаи он истифода мебарад. Дар асоси ин маълумот модел метавонад тадбирҳоро оид ба беҳтар намудани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ, аз қабили сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва тавсеаи бозори сайёҳӣ пешниҳод намояд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки бо мақсади истифодаи пурра ва самараноки амволи мавҷуда, корхонаи сайёҳии аграрӣ бояд маҷмуи тадбирҳои мақсаднокро татбиқ намояд. Пеш аз ҳама, зарур аст сатҳи сифати хизматрасониҳо, аз ҷумла шароити иқомат, таъмини ғизо ва дигар намудҳои хизматрасонии ҳамроҳ баланд бардошта шавад. Ҳамзамон, васеъ намудани номгӯйи хизматрасониҳои иловагӣ ва фаъол гардонидани унсурҳои савдо ҳамчун омили муҳимми афзоиши даромад ва баланд бардоштани ҷолибияти маҳсулоти сайёҳии аграрӣ баромад мекунад; ҳамзамон пешниҳоди низоми ҳавасмандсозии нархӣ, ки саёҳатҳои гурӯҳӣ ва тахфифҳои мавсимиро ҳамчун унсурҳои калидии сиёсати нархгузорӣ дар бар мегирад.

Самаранокии иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ бо бисёрҷанба будани таъсири он шарҳ дода мешавад. Аз як тараф, фаъолияти сайёҳӣ ба ташаккули даромадҳои мустақими буҷетӣ мусоидат намуда, тавассути

пардохтҳои андозӣ имкони таҳкими молиявии буҷетҳои сатҳҳои гуногунро таъмин менамояд. Ҳамзамон, рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун абзори муассири ба эътидол овардани вазъи иҷтимоӣ баромад намуда, дар ҳалли як қатор мушкилоти иҷтимоии маҳалҳои деҳот саҳми назаррас мегузорад.

Дар амал самаранокии рушди соҳаи сайёҳӣ танҳо дар шароити ҷалби сармоягузориҳои мақсаднок таъмин мегардад, ки дар натиҷаи он манфиатҳои сайёҳон ва аҳолии маҳаллӣ ба ҳам мепайванданд. Яке аз усулҳои нисбатан содда ва амалӣ барои муайян намудани самаранокии фаъолияти корхонаи сайёҳии аграрӣ таҳлили басомади сафарҳо ва дараҷаи зичии ҷараёни сайёҳон дар давраи муайян ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ба мо нишон медиҳад, ки ҳар яке аз моделҳои пешниҳодшудаи сайёҳии аграрӣ дар кишварҳои гуногун дар шакл ва сатҳҳои мухталиф мавриди санҷиш ва татбиқ қарор гирифтаанд. Бо назардошти шароити хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла гуногунрангии ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо, ба хулоса омадан мумкин аст, ки консепсияи рушди сайёҳии аграрӣ бояд хусусияти фарогир ва бисёрсамта дошта бошад. Дар ин замина, маҳдуд намудани сиёсати рушд ба як модели ягона мувофиқ нест, зеро истифодаи якчанд самт ва модел имконият медиҳад, ки иқтидори минтақаҳои гуногун самаранок истифода шавад. Татбиқи амалии ҳар як модел бояд бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва дар асоси интихоби мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ сурат гирад. Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки ҳар яке аз моделҳои баррасишуда сатҳи гуногуни иштироки сохторҳои давлатӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия ва амалисозии консепсияҳои комплексии минтақавӣ, инчунин дар ҷараёни интихоби модели мувофиқ, ба ин омил аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст. Бояд таъкид кард, ки татбиқи амалии модели алҳол маъмули «шабакаҳои меҳмондорӣ» дастгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти давлат ё ҳадди ақал ноҳияро талаб менамояд.

# ХУЛОСА

Таҳлилҳои илмӣ ва баррасии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ собит месозанд, ки:

1. Сайёҳии аграрӣ ҳамчун як самти нисбатан нав дар низоми рушди устувори маҳалҳои деҳот ташаккул ёфтааст. Бо вуҷуди ин, то имрӯз дар адабиёти илмӣ таърифи ягона ва умумиқабулшудаи он пурра шакл нагирифтааст. Мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» бештар хусусияти ҷамъбастӣ дошта, маҷмуи равишҳо ва тафсирҳоеро дар бар мегирад, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ истироҳат дар муҳити деҳот, одатан, маҳз ҳамчун шакли сайёҳии аграрӣ арзёбӣ мегардад [3 М].

2. Сайёҳии аграрӣ ҳамчун навъи дастрас ва иқтисодан самараноки истироҳат баромад намуда, ба истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи деҳот асос меёбад. Дар ин раванд иқтидорҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла чорводорӣ, парандапарварӣ, истеҳсоли маҳсулоти зироаткорӣ, инчунин захираҳои табиӣ ва мероси таърихию фарҳангии маҳалҳо ба сифати заминаи асосии ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ истифода мегарданд [6 М].

3. Таҳлили тачрибаи байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад, ки рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун як барномаи фарогири иҷтимоию иқтисодӣ баромад намуда, ба тадриҷ интиқол ёфтани қисми муайяни фаъолияти аграрӣ аз соҳаи истеҳсоли анъанавӣ ба бахши хизматрасонӣ мусоидат мекунад. Дар айни замон, дар доираи сайёҳии аграрӣ як қатор намудҳои фаъолияти истеҳсолии мустақим низ ташаккул меёбанд, аз ҷумла эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ва бадеӣ, густариши косибии суннатӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти хӯрокврии аз лиҳози экологӣ тоза [4 М].

4. Мақсади асосии сайёҳии аграрӣ фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди деҳаҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Бо рушди ин самт шароити мусоид барои афзоиши даромадҳои аҳолии маҳаллӣ фароҳам омада, сатҳи иҷтимоию иқтисодии зиндагии сокинони деҳот беҳтар мегардад ва ҳамзамон равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ба шаҳрҳо коҳиш меёбанд. Ташаккули сайёҳии аграрӣ ҳамчун бахши мустақили иқтисодиёти маҳаллӣ имконият фароҳам меорад, ки дар деҳот манбаъҳои нави шуғл ва

даромад ба вуҷуд омада, иқтидори рушди худидоракунии маҳаллӣ тақвият ёбад [4 М].

5. Дар марҳилаи кунунии рушд методикаи ягона ва асоснок барои арзёбии дараҷаи ҷаззобияти сайёҳии аграрӣ ва муайян намудани самаранокии рушди он ҳамчун шакли инноватсионии фаъолияти иқтисодӣ таҳия нагардидааст. Аксари ташаббусҳо ва лоиҳаҳои амалишаванда дар ин самт бар асоси нусхабардории таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ тарҳрезӣ шуда, хусусиятҳои миллӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии маҳалҳои деҳоти кишварро ба таври кофӣ ба назар намегиранд. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин равиш яке аз омилҳои калидии маҳдудкунандаи рушди устувори сайёҳии аграрӣ маҳсуб меёбад. Таҷриба нишон медиҳад, ки татбиқи моделҳои сармоягузории гаронбаҳо, ки ба воқеияти иқтисодии кишвар мутобиқ нестанд, на танҳо самаранок нест, балки метавонад ба рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад [6 М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот**

Таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои муҳимми назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи сайёҳии аграрӣ асоснок карда шаванд.

1. Сайёҳии аграрӣ ба сифати як самти мустақили фаъолияти сайёҳӣ шакл гирифта, дорои хусусиятҳое мебошад, ки онро аз шаклҳои маъмултарини сайёҳӣ фарқ мекунанд. Мазмуни асосии он дар ташкили сафар ба муҳити деҳот ифода меёбад, ки ин раванд кӯчиши муваққатии шахсро аз фазои доимии истиқомат ба муҳити деҳотӣ бо ритм, тарзи зиндагӣ ва низоми иҷтимоии хос дар назар дорад. Ин намуди саёҳат метавонад ҳам дар шакли ташаббуси инфиродӣ ва ҳам бо ҷалби сохторҳои касбӣ ва махсусгардонидашудаи соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, сайёҳии аграрӣ ҳамчун маҷмуи хизматрасониҳои пулакии ҳамгиро баромад мекунад, ки ба қонеъ гардондани ниёзҳои истироҳатӣ ва фароғатии сайёҳон равона гардида, ҷойгиркунӣ, ғизодиҳӣ ва дигар унсурҳои хизматрасонии вобастаро фаро мегирад. Ба ин хизматрасониҳо, пеш аз ҳама, ҷойгирнамоӣ, ғизодиҳӣ ва намудҳои махсуси фаъолият дар

муҳити деҳот, аз қабили иштирок дар корҳои кишоварзӣ, нигоҳубини чорво, парвариши зироатҳо, ҷамъоварии маҳсулоти табиӣ ва шиносоӣ бо истеҳсолоти маҳаллӣ мансуб мебошанд.

Ҳадафи асосии сайёҳии аграрӣ на танҳо истироҳат дар муҳити табиӣ, балки ҳамзамон шиносоӣ бо тарзи зиндагии аҳолии деҳот, фарҳанги меҳнатии онҳо ва хусусиятҳои фаъолияти хоҷагидории маҳаллӣ мебошад.

Бо такя ба хулосаҳои бадастомада, имкон фароҳам меояд, ки онҳо ҳамчун заминаи назариявӣ ва дастури амалӣ барои таҳия ва татбиқи стратегияҳо, барномаҳо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин барои такмили сифати хизматрасониҳои марбут ба он истифода шаванд.

2. Принсипҳои идоракунии сайёҳии аграрӣ бояд дар асоси консепсияи рушди устувор ва имконияти ҳалли як қисми мушкилоти комплекси аграрӣ таҳия карда шаванд. Бо дарназардошти ин ҳолат, дар диссертатсия масъалаи рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти ояндадори бартарафсозии буҳрони мавҷуда таҳлил гардида, имконияти ташаккули он дар асоси фаъолияти камхарҷу иқтисодан самаранок асоснок карда шудааст. Таъкид мегардад, ки чунин шакли фаъолият имкон медиҳад таъсири манфӣ ба муҳити зист то ҳадди ақал маҳдуд шуда, ҳамзамон манбаи устувори даромад барои маҳалҳои деҳот фароҳам оварда шавад. Муваффақияти умумии фаъолияти сайёҳии аграрӣ дар ҳамоҳангии ин ду ҷузъи таркибӣ таҷассум меёбад. Бо ворид намудани ин вазифаҳо ба низоми сиёсати иқтисодӣ, ташкили бозори фурӯши захираҳои махсуси деҳот имконпазир мегардад, ки ҷалби манбаъҳои молиявиро таъмин намуда, ба рушди устувори иқтисодии маҳалҳои деҳот такони иловагӣ мебахшад.

3. Натиҷаҳои таҳлили вазъи кунунии рушди сайёҳии аграрӣ нишон медиҳанд, ки як қатор омилҳои низомӣ ва институтсионалӣ пешрафти ин соҳаҳоро ба таври ҷиддӣ маҳдуд месозанд. Аз ҷумла, номукаммал будани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва набудани механизми равшани танзими фаъолияти сайёҳии аграрӣ, инчунин мавҷуд набудани консепсияи стратегии махсуси рушди ин соҳа аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди мавҷуд будани иқтидори назаррас, ҳал нашудани масъалаҳои

ҳуқуқӣ ва молиявии дастгирии соҳа, сершумории талабот ва маҳдудиятҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар бахшҳои марбут, сатҳи пасти қобилияти даромадии аҳолии деҳот ва инчунин набудани имиҷи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷолиби сайёҳӣ дар бозори байналмилалӣ ба рушди сайёҳии аграрӣ монеа эҷод мекунанд.

Норасоии чораҳои таблиғотӣ ва камсамар будани низоми маркетингӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи хориҷӣ низ ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд.

4. Таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти сайёҳии аграрӣ заминаро барои табдили бахши аграрӣ ба омили муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии комплекси аграрӣ фароҳам меорад. Дар ҳамин замина, дар таҳқиқот маҷмуи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти рушди сайёҳии аграрӣ пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, зарурати муайян намудани мақоми ҳуқуқии объектҳои сайёҳии аграрӣ ва бо назардошти натиҷаҳои тадқиқот, зарурати танзими возеҳ ва низомманди тартиби ташкили фаъолияти онҳо, инчунин такмил додани механизмҳои таъминоти молиявӣ барои татбиқ ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ асоснок карда шуд.

5. Хусусиятҳои талаботи минтақавӣ ба хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ мавриди тадқиқи амиқ қарор гирифта, муайян гардид, ки шакл, ҳаҷм ва муҳтавои ин талабот аз сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, имкониятҳои инфрасохторӣ, захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ, инчунин аз хусусиятҳои демографӣ ва сатҳи даромаднокии аҳолии маҳаллӣ вобастагии зич доранд ки барои сайёҳии аграрии эҳтимолӣ баъзан макони ҷойгиршавии деҳае, ки хизматрасонии сайёҳиро пешниҳод мекунад ва муҳтавои саёҳати пешниҳодшуда нисбат ба сифати манзили зист муҳиммтар мебошад.

6. Имкониятҳои ташкили хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи захираҳои мавҷудаи агросайёҳӣ муайян карда шуданд. Дар доираи тадқиқ параметрҳои асосие баррасӣ гардиданд, ки ҳолати иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграриро тавсиф мекунанд. Ба

онҳо, пеш аз ҳама, вазъи фонди манзилии бахши аграрӣ, теъдоди аҳолии деҳот, сатҳи машғулияти аҳолӣ ва нишондиҳандаҳои некуаҳволии иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд. Бо дарназардошти фарқиятҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои минтақаҳо, шаклҳои аз ҳама мувофиқ ва амалӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ, аз ҷумла ҷойгиркунии сайёҳон дар манзили соҳибхона ва иҷораи пурраи манзил, мавриди асосноккунии илмӣ қарор гирифтанд. Натиҷаҳои тадқиқ инчунин собит намуданд, ки рушди сайёҳии аграрӣ на танҳо ба беҳтар гардидани истифодаи захираҳои мавҷуда мусоидат менамояд, балки ҳамчун омили фаъолкунандаи шаклҳои нави фаъолияти иқтисодӣ дар маҳалҳои деҳот низ баромад мекунад. Аз ҷумла, он барои рушди истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти армуғонӣ, эҳёи касбу ҳунарҳои суннатӣ, инчунин густариши хизматрасониҳои фароғатӣ барои сайёҳон, ба монанди сайругаштҳо, моҳидорӣ, шикор ва дигар намудҳои истироҳат заминаи мусоид фароҳам меорад.

7. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки вобаста ба дараҷаи ҷаззобияти сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот, рушди ин навъи сайёҳӣ метавонад тибқи якчанд модел амалӣ гардад. Аз ҷумла, дар амал имкони ташаккули сайёҳии аграрии оддӣ, сайёҳии якҷояи аграрию экологӣ, инчунин шаклҳои мураккабтари сайёҳӣ, ки унсурҳои аграрӣ, экологӣ ва қавмшиносиро муттаҳид менамоянд, мавҷуд мебошад.

8. Дар шароити муосир, татбиқи шаклҳои муайяни ташкили фаъолияти сайёҳии аграрӣ барои баланд бардоштани самаранокии он, аҳаммияти махсус дорад. Натиҷаҳои таҷриба ва таҳлилҳои гузаронидашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки шаклҳои асосии ташкил ва пешбурди сайёҳии аграрӣ бизнеси оилавӣ, татбиқи сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти нави истеҳсолоти ёрирасон дар сохтори корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин таъсиси кооперативҳои тахассусёфта барои расонидани хизматрасониҳои сайёҳии аграриро дар бар мегиранд.

Ҳар як шакл бо сармоягузории нисбатан кам метавонад натиҷаҳои назаррас ба бор орад. Бо вуҷуди гуногуншаклии моделҳои рушди сайёҳии

аграрӣ, натиҷаҳои таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки самараноктарин шакли он баррасии сайёҳии аграрӣ ҳамчун як навъи нави фаъолияти истеҳсолӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ мебошад. Ин равиш имкон медиҳад, ки сайёҳӣ на танҳо ҳамчун хизматрасонӣ, балки ҳамчун ҷузъи фаъол ва даромадноки иқтисоди деҳот ташаккул ёбад, зеро он ҳам ҳаҷми хуби фурӯши маҳсулот ва ҳам сатҳи баланди фаъолиятро таъмин менамояд. Илова бар ин, таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки метавонад бо мизоҷони корпоративӣ ҳамкорӣ кунад, ояндаи нек дорад.

9. Таъсиси корхонаҳои моделии сайёҳии аграрӣ зарур аст, ки самаранокии рушди сайёҳии аграриро дар маҷмуъ нишон диҳанд. Ин гуна корхонаҳо қобилият доранд таъсири мусбати рушди сайёҳии аграриро ба таври возеҳ нишон диҳанд. Бо ин роҳ, сайёҳии аграрӣ на танҳо ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии деҳот мусоидат мекунад, балки ҳамчун омили фаъолкунандаи рушди иқтисодии маҳаллӣ ва диверсификатсияи манбаъҳои даромад баромад менамояд.

10. Самаранокии иқтисодию иҷтимоии рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз намудҳои нав дар маҳалҳои деҳот дар шароити иқтисодии минтақа арзёбӣ карда шудааст. Арзёбии самаранокӣ аз нигоҳи давлат, корхонаи кишоварзӣ, сокини деҳа ва сайёҳ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодии ҳар субъект гузаронида мешавад.

Сайёҳии аграриро дар вилоят ҳамчунин дар шакли корхонаҳои оилавии сайёҳии аграрӣ ва кооперативҳо оид ба расонидани хизматҳои сайёҳии аграрӣ инкишоф додан мумкин аст.

## Рӯйхати адабиёт

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025 аз 16 июни соли 2021, №441.

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020» аз 01.03.2018, №80

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводид ва раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» аз 25 – уми январи соли 2017, №31

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 01.08.2018, №372

5. Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2019 аз 2 апрели соли 2009, № 202.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» аз 02.12.2002, №68.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09.12.2004, №72.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18.07.2017, №1450.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 - уми августи соли 2020, №1717.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 08.12.2003, №47.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 сентябри соли 1999, №824 «Дар бораи туризм».

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2009, № 526 (таҳрири нав аз 15 марти соли 2016, № 1289) «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)».

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22.12.2017. – Душанбе, 2018. - 47с.

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 26 декабри соли 2018. -53 с.

15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 88 с.

16. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 августи соли 2018, № 372.

**Захираҳои электронӣ:**

17. http://www. agrotour. ru

18. http://www.agritourism.ru

19. http://www.agroportal.ru

20. Комплексное развитие туризма в сельской местности [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.kaicc.ru/content/kompleksnoe -razvitie turizmav-selskoj-mestnosti (дата обращения: 16.08.2017г.).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

21. Абдуалимов А., Қодирова М.И. Иқтисодиёти туризм. Дастури таълимию методӣ барои донишҷӯёни донишкадаю донишгоҳҳои олӣ. – Душанбе, 2012. – 174 с.

22. Азар В.И. Экономика и организация туризма: монография / ред. С.Ю. Житенёв. – Москва: Международная общественная туристская академия, 2011. –180с.

23. Александрова А.Ю. География туризма: учебник / Е.В. Аигина, А.Ю. Александрова, В.Н. Баюра; под общ. ред. А.Ю. Александровой. – М.: КНОРУС, 2013. – 592 с.

24. Биржаков М.Б. Введение в туризм / М.Б. Биржаков. – СПб: Изд-кий торговый дом «Герда», 1999. – 192 с.

25. Бюллетень экономической информации Торгпредства России в Польше № 4 Варшава, 2006. - 18с.

26. Гайсин Р.С. Организационно-экономические проблемы и перспективы развития сельского туризма в России / Р.С. Гайсин // Сельский туризм: состояние и перспективы. – Калуга, Постскриптум, 2006. – 51 с.

27. Гуляев В.Г. Туризм: экономика и социальное развитие. Научное издание. - М: Финансы и Статистика, 2003. - 304 с.

28. Гуляев В.Г. Туризм: экономика управление, устойчивое развитие: учебник / В.Г. Гуляев, И.А. Селиванов. – М: Советский спорт, 2008. – 280с.

29. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. -353 с.

30. Демографияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

31. Дехтярь Г.М. Лицензирование и сертификация в туризме. – М.: Финансы и Статистика, 2006. — 256 с.

32. Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н. Асосҳои туризм. – Душанбе, 2013. - 244 с.

33. Дунец А.Н. Сельский туристский бизнес в Алтайском крае: учебное пособие / под ред. А.Н. Дунца.-Барнаул: Изд-во Алт. ун-та, 2009.-126 с.

34. Ёров Дж.Н. Влияние туризма на развитие сельских территорий Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы. - Душанбе: Матбаа, 2022. – 126 с.

35. Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Гулмирзоев Р.Н. Иқтисоди бозори сайёҳӣ. – Душанбе, 2017. – 300 с.

36. Жукова М.А. Индустрия туризма: менеджмент организации. - М.: Финансы и статистика, 2004. - 200 с.

37. Здоров А.Б. Агротуристический комплекс: прогнозирование регионального развития: монография / А.Б. Здоров. - М.: РИБ «Турист», 2007. - 230 с.

38. Зырянов, А.И. География туризма: от теории к практике: монография / А.И. Зырянов. – Пермь: Изд-во Перм. гос. нац. исслед. ун-та, 2018. – 416 с.

39. Инновационное развитие сферы услуг и проблемы экономики труда в национальной экономике [Текст]: Коллективная монография / Под ред. д.э.н., профессора Р.К. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 339 с.

40. Квартальнов В.А. Туризм: учебник / В.А. Квартальнов. – М.: Финансы и статистика, 2002. – 320 с.

41. Квартальнов В.А. Туризм: Учебник. - 2-е изд., перераб. - М.: Финансы и статистика, 2006. — 336 с.

42. Квартальное В.А. Теория и практика туризма: Учебник. - М.: Финансы и статистика, 2003. - 672 с.

43. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. -390 с.

44. Қодирзода Ф.С. Афзалиятҳои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон // Масъалаҳои мубрами рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ: монографияи коллективӣ / Дар зери таҳрири д.и.и., профессор Асрорзода У.С., д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р. ва д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. - Душанбе: Ирфон, 2024. – 459 с.

45. Кундиус В. А., Чермянина В. В. Проблемы и перспективы агротуризма в регионе // Известия Алтайского государственного университета, 2011. - № 2. - С. 289.

46. Қурбонов Ш. Б. Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Монография. – Душанбе, 2022. - 161 с.

47. Маводҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезия. Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

48. Максимов В.А. Экономико-географическое изучение сельской местности: учебное пособие / В.А. Максимов. - Уфа: Изд-во Башк. ун-та. 1985. - 96с.

49. Маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

50. Морозов В.А. Взаимодействие туризма со смежными отраслями в национальной экономике: Монография. - М.: Теис, 2004. - 192 с.

51. Одилова Р.К. Формирование туристско-рекреационного комплекса Республики Таджикистан. Монография, - Душанбе: Изд. «Аржанг», 2022. – 253 с.

52. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2024. Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. – Бохтар, 2025. - 254 с.

53. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2022. – 413 с.

54. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. - 441 с.

55. Проект «Содействие муниципальным образованиям в подъеме агро - и экотуризма как перспективного стратегического направления развития малых и средних городов России» // Ассоциация МЭР при поддержке Фонда ЕВРАЗИЯ (США) и Агентства по международному развитию США. - 16 с.

56. Проурзин Л.Ю. Туризм как экономический приоритет: Монография. - М.: Новый век, 2003. - 218 с.

57. Раҷабов Р.К., Ашуров Н.А. Масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа. Монография. - Бохтар, 2023. - 212с.

58. Сайфуллоев Н. Н. ва Зокиров А.М. Сайёҳӣ ҳамчун падидаи иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳолати рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Масъалаҳои мубрами рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ: монографияи коллективӣ / Дар зери таҳрири д.и.и., профессор Асрорзода У.С., д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р. ва д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. - Душанбе: Ирфон, 2024. – 459 с.

59. Севастьянова С. А. Региональное планирование развития туризма и гостиничного хозяйства. Монография.-М.: КноРус, 2007.-256с.

60. Туризм: амалия ва тамоюлҳои рушд. Монография. - Душанбе, 2018. Қисми 2. - 128 с.

61. Туризм: проблемы и перспективы развития: сб. науч. ст. / Карельский ин-т туризма филиал НОУ ВПО Рос. междунар. акад. туризма. - Петрозаводск: Карельский науч. центр РАН, 2015. - 165 с.

62. Турковский М. Маркетинг гостиничных услуг: Учеб. метод. пособие: Пер. с польск. - М.: Финансы и статистика, 2006. - 296 с.

63. Ушаков Д.С. Технологии въездного туризма. - М.: ИКЦ «МарТ»; Ростов н/Д: Издательский центр «МарТ», 2006. - 384 с.

64. Фролова О. А. Методические рекомендации по развитию сельского туризма. - М., 2008. - С. 138.

65. Чудновский А.Д. Туризм в сельской местности: научно - популярное издание / А.Д. Чудновский, Х. Райн, А. Шулер. - М.: КноРус, 2013. – 465 с.

66. Шарапов Д.С. Технологияи иттилоотӣ дар туризм / Д.С. Шарапов, А.Н. Қодиров, А.Ф. Гадоев. - Душанбе, 2014.

67. Шилова С. Г. ва диг. «Зеленый дом» Организация сельского туризма. Методическое пособие. - Красноярск, 2010. - 104с.

**Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

68. Амиров Н.И., Ҷобиров Ш.А. Валиев З.Ҷ. Механизми таъмини рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳолат, масоил ва роҳҳои ҳалли онҳо) // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2017, №2/2. - С. 66 – 69.

69. Аноятшоева Ф.А., Сабзалиев С.Н. Инновации и цифровые технологии как фактор развития сельского туризма и устойчивой экономики в Горно-Бадахшанская автономная область // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2025. №4/1(59). - С. 39 – 43.

70. Арзиқулов Ш.Д. Рушди сайёҳӣ ҳамчун механизми ҷалби сармояи хориҷ // Маҷалаи назарявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». - Душанбе, 2024. – 1(102). - С. 236 – 239.

71. Арзиқулов Ш.Д. Сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ // Маҷмуи мақолаҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи

«Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳоншавӣ ва ҳамгироӣ». – Душанбе, 2023. – С. 338 – 346.

72. Асоев М.М., Маҳмадиева Г. А. Ҷанбаҳои назариявии рушди туризм дар Тоҷикистон // Нашрияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - С. 109 - 114.

73. Балабанова А.О. Роль сельского туризма в развитии региона. Экономика и менеджмент инновационных технологий, 2013. - №8 (23).

74. Бегов А.О., Шодии Д. Нақши туризми экологӣ дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз» 1 (90)2021. – Душанбе, 2021. - С. 151 – 155.

75. Биржаков М. Б., Новикова О. А. Исторические предпосылки деревенского туризма / М.Б. Биржаков, О.А. Новикова // Туристические фирмы. - 2002. - №28. - С. 13-15.

76. Бобоев Н.Д., Шаҳлои Ю. Перспективы развития туризма в республике Таджикистан // Региональный маркетинг сборник научных статей 4 Международного конгресса по маркетингу. Под общ. ред. М.В. Макаровой; РЭУ им. Г.В.Плеханова; Ярославский филиал РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2015. - С. 25-28.

77. Бобозода А.О. Вазъи инкишофи сайёҳӣ дар маҳалҳо ва имтиёзҳои андозӣ ҳамчун омили рушди инфрасохтори соҳа / Маҷмуаи мақолаҳо (конференсия ва мизҳои муддавар). – Душанбе: Аржанг. – 2022. - С. 217 – 231.

78. Бобозода А.О. Нақши инфрасохтори туризм дар низоми муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2019. - №3-2. - С. 72-78.

79. Бобозода А.О., Акдодова Н.Н. Система показателей развития туризма в республике Таджикистан и ее анализ // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2018. - №4. - С. 135-140.

80. Бобозода А.О., Алиева Л.И. Возможности развития туризма и привлечение туристов в Республику Таджикистан: проблемы и перспектива // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2017. - №2-9. – С. 83-88.

81. Бобозода А.О., Алиева Л.И. Имкониятҳои рушди сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, - Душанбе, 2017. - №2/9. - С. 83 - 88.

82. Бойченко Ф. А. Агротуризм как перспективное направление развития туриндустрии региона на примере Кабардино-Балкарии /Ф.А. Бойченко // Известия Кабардино-Балкарского научного центра РАН. - 2007. - № 2. -С.23-26.

83. Валиев Н.Ш. Сфера туризма – фактор влияния в обеспечении развития экономики Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук, 2018. - №6. - С. 87-92.

84. Волков С. К. Сельский туризм в Российской Федерации: тенденции и перспективы развития // Экономика, предпринимательство и право, 2012. - № 6 (17). - С. 30-38.

85. Волкова Т.А. Сельский (аграрный) туризм: ретроспективный анализ и современное развитие в Краснодарском крае / Т.А. Волкова, Д.В. Максимов, В.В. Миненкова // Политематический сетевой электронный научный журнал Кубанского государственного аграрного университета, 2017. – №132(08). – С. 1166–1187.

86. Ганҷина С.С., Холова Б. Муаммоҳо ва имкониятҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон Тоҷикистон / Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ. Маводҳои конф. илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Технологияи инноватсиони нигоҳдорӣ ва коркарди логистикаи меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда». – Душанбе, 2019. - С. 92 – 95.

87. Ғуломов Х.Ҳ., Андалибова М.Б. Агротуризм асоси дастгирии рушди деҳот / Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ. Коференсияи байналмилалии

илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми самаранок истифодабарии захираҳои обию заминӣ дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ ва тайғирёбии иқлим». – Душанбе, 2022. - С. 391 – 394.

88. Денисенко В.В. Современное состояние и перспективы развития агротуризма в Крыму / В.В. Денисенко // Ученые записки Таврического национального университета им. В.И. Вернадского, 2011. - Том 24(63). – №1. – С. 173-185.

89. Доброселский В.В. Сайёҳии аграрӣ: намудҳо ва сохтор // Маҷаллаи илмию амалӣ. - 2015. - С. 123 – 126.

90. Ёров Д.Н. К вопросу о прогнозировании развития туризма в мире и в республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2014. - №2/8 (149). - С. 263-267.

91. Ёров Д.Н., Куватбек С. Туризм в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2017. - Т.2. - №2-4. - С. 20-23.

92. Зайнураи А. Асосҳои назариявии ташкили туризми кишоварзӣ: принсипҳо, афзалиятҳо ва хусусиятҳо // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025, - №9. - С. 200 – 211.

93. Занҷирбекова Г.И. Тоҷикистон- кишвари имкониятҳои нави сайёҳӣ // Маводҳои конференсияи байналмилалии v - уми илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (10-уми июни соли 2025). – Хоруғ, 2025. – С. 90 – 95.

94. Ибодов Ш.М. Омилҳои дурнамои рушди туризм ва рекреатсия дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, № 3 - 4. – Душанбе, 2019. - С. 91 – 94.

95. Иброгимова Р. Эффективность развития туризма в Кулябской зоне: проблемы и перспективы // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2017. - №2/5. Ч.2/5. - С. 124 - 128.

96. Илёсов Дж. Влияния туризма на экономику // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ». – Душанбе, 2024. - С. 253 – 255.

97. Исмоилов И.М., Расулова З.О., Азамова З.И. Таҷрибаи аврупоӣ дар рушди сайёҳии деҳот / Маҷмуи мақолаҳои илмӣ. Маводҳои конф. ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Саноаткунонии истеҳсолоти аграрӣ – омили рушди устувори соҳа». - Душанбе, 2020. - С. 324 – 327.

98. Калафатов Э.А. Инвестиции в туристскую сферу: анализ современных проблем / Э.А. Калафатов // Научный вестник: финансы, банки, инвестиции - №4(29). – Симферополь, 2014. – С. 114-118.

99. Калафатов Э.А. Формирование агротуризма как фактора развития территорий субъектов федерации / Э.А. Калафатов. - Материалы Международной научно-практической конференции «Синтез науки и общества в решении глобальных проблем современности» - 2017. - С. 204-206.

100. Карамхудоев Ҳ.Е., Мамадризохонов А.А., Рақамова З.Р. Рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истқлолияти давлатӣ // Маводҳои конференсияи байналмилалии v - уми илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (10-уми июни соли 2025). – Хоруғ, 2025. – С. 101 – 107.

101. Карамхудоев Ҳ.Е., Рақамова З.Р. Экотуризм дар минтақаҳои Тоҷикистон ва дурнамои рушди он // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Заминаҳои асосии рушди сайёҳӣ ва нақши он дар сохтори инфрасохтори минтақа». – Хоруғ. 2023. - С. 50 - 56.

102. Қодирзода Ф.С. Таҳсилоти тахассусӣ ҳамчун шароити муҳимм ва омили рушди устувори сайёҳӣ дар Тоҷикистон // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо (маҷаллаи байналмилалии илмӣ). - Душанбе, 2024. - №2(2). - С. 38 - 42.

103. Кодиров Ф.С. Возможности и проблемы развития индустрии туризма в Таджикистане // Паёмномаи фарҳанг, 2014. - №26. - С. 70-72.

104. Комилбек А.Ё. Заминаҳои асосии рушди сайёҳӣ // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Заминаҳои асосии рушди сайёҳӣ ва нақши он дар сохтори инфрасохтори минтақа». – Хоруғ. 2023. - С. 3 - 6.

105. Комиссарова Т.С. Профессиональная востребованность пространственно экологической грамотности специалистов по туризму [Текст] / Комиссарова Т.С., Нечаева Т.А. // Вестн. Ассоциации ВУЗов туризма и сервиса. - 2014. - № 1. - С. 4-12.

106. Кропинова Е.Г. Место сельского туризма в системе понятий «экологический туризм» и «устойчивый туризм» / Кропинова Е.Г., Митрофанова А.В. // Исследования Балтийского региона. Вестник Института Балтийского региона РГУ им. И. Канта. – 2009. – №4. – С. 24–34.

107. Қурбонова С.М. Моҳияти сайёҳии фароғатию солимгардонӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт // Паёми молия ва иқтисод, Душанбе, 2024. - № 2 (41). - С. 135 – 143.

108. Қурбонова Ш. Б. Баъзе масъалаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди туризм // Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). - Душанбе, 2021. № 4/1 (29) - С. 124 – 131.

109. Кучкаров И.И. Факторы, влияющие на конкурентоспособность сектора путешествий и туризма в Таджикистане // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2018. - №2. - С. 150 - 154.

110. Лаврухина Е. А. Противоречия рыночных отношений в агропромышленном секторе и социальное благополучие села // Никоновские чтения, 2010. - № 15. - С. 267-268.

111. Лихошерстова Г.Н. Повышение эффективности использования туристско-рекреационных ресурсов как фактор развития региона (на примере Белгородской области) [Текст] / Г.Г. Лихошерстова // Международный научно-исследовательский журнал. – 2013. № 11.- С. 15.

112. Махкамзода Ф.Ф. Экономические и социальные преимущества развития молодежного туризма в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2025. – №1. – С. 113 - 119.

113. Махкамов Ф.Ф. Моделирование развития туристической отрасли Республики Таджикистан на основе балансовой модели // Государственное управление, 2020. - №2(46). - С. 182 - 190.

114. Махкамов Ф.Ф. Теоретические подходы к определению туристических кластеров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2022. – №10. – С. 170 - 177.

115. Махкамов Ф.Ф. Формирование туристических кластеров - фактор развития горных регионов Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2023. – №9. – С. 188 - 198.

116. Машокиров Ҷ.Н. Таҳлили муқоисавии рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистон дар қиёс бо дигар давлатҳои пешсафи сайёҳӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, - 2024. - 4/1(54). – С. 197 – 202.

117. Меренкова И.Н. Сельский туризм и диверсификация экономики сельских территорий / И.Н. Меренкова, В.Н. Перцев // АПК: экономика, управление. – 2010. – № 7. – С. 43-46.

118. Миненкова В.В. Сельский туризм: сущность и направления развития / В.В. Миненкова // Актуальные проблемы развития сельского (аграрного) туризма в условиях современных геополитических и социально

- экономических вызовов: сборник трудов конференции. – Краснодар: Изд-во КубГУ, 2018.– С. 53–59.

119. Миракзода Ф.Ю. Потенциал горного региона и вопросы развития туризма // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук, 2017. - №2/7. - С. 143 - 145.

120. Мирбобоев Ф.Н. Проблемы развития сферы туризма в Республике Таджикистан. Таджикистан и современный мир, 2019. - №2 (65). - С. 26-34.

121. Мирзоалиев А.А., Худойқулова Ё.К. Заминаи рушди сайёҳӣ дар шароити табдили рақамии фаъолият // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, - 2024. - 4/1(54). – С. 202 – 206.

122. Миронова Н. А. Классификация агротуризма и его особенности // Московский экономический журнал, 2020. - №5 – С. 543 – 553.

123. Моралева Н.В. Экотуризм: общие принципы и современное состояние, перспективы развития сельского туризма в России. Сельский туризм: состояние и менеджмент / Н. В. Моралева // Национальный парк «Угра». – Калуга, 2014. - С. 6-10.

124. Муҳаббатов Х. Мавзеъҳои ҳифзшаванда ва сайёҳии Тоҷикистон. / Х.Муҳаббатов. – Душанбе: Эрграф, 2013. - С. 104.

125. Назриев А. Роҳҳои ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2010, №6 (62). Қисми 2. - С. 165 – 169.

126. Нехода Е. В., Турлов А В., Загайнов А. А. Сельский туризм и занятость (на примере Томской области) // Вестник Томского государственного университета. Экономика, 2015. - № 3 (31). - С. 43-55.

127. Неъматов И.У., Носиров Б.С. Ҳолати имрӯза ва имкониятҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод, – Душанбе, 2019. - №3 (19). - С. 165 – 172.

128. Никитин И. С. Экономико-математическое обоснование рациональности использования сетевых форм гостиничного бизнеса на

сельских территориях регионов РФ. Теория и практика общественного развития, 2014, № 7. - С.108-112.

129. Ҳакимов Н. Ш. Развитие сельского туризма как фактор устойчивого развития в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – № 2(312). – С. 45–52.

130. Ҳасанов Ю.М. Сайёҳии деҳот ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024, №7. - С. 93 – 98.

131. Олимов А.Х. Сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯи мақолаҳои еонференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Баҳисобгирии муҳосибӣ: ҳолат, дурнамо ва муамоҳои он». – Душанбе, 2019. - С. 38 – 41.

132. Партобов А.Ш., Набиева М.Ш. Тоҷикистон минтақаи сайёҳӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Комплекси хоҷагии об: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо». – Душанбе, 2022. – С. 127 – 134.

133. Пиризода Ҷ.С., Ҷобиров Ш.А. Вазъи кунунӣ ва рушди соҳаи сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи назарявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз», 2019. - №4(85). – С.111 - 114.

134. Пирназаров Ш.М., Шарофов У. Сайёҳӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёти мамлакат // Маҷаллаи назарявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз», 2025. - №1(106). – С.176- 178.

135. Раджабов Р.К., Раджабов К.Р. Отраслевые особенности развития платных услуг населению на региональном рынке Республики Таджикистан // Вестник ТНУ (научный журнал). Серия социально-экономических и гуманитарных наук. – Душанбе, 2022, №1. - С. 73-81.

136. Раҳимов Б.А. Хусусиятҳои рушди экотуризм дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. (Илмҳои табиӣ-риёзӣ). Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Душанбе, 2020.- №1-2(5-6). - С. 61 – 64.

137. Раҳмоналӣ Ҳабибов. Гавҳари кашфношуда. Барои муаррифии сайёҳии кишвар чӣ корҳо амалӣ шудаанд. / «Садои мардум», аз 18 январи соли 2023, № 14 (4597).

138. Раҷабов Р.К., Сафаров Ф.Ҷ. Ташаккули соҳаи сайёҳӣ баҳри пешрафти соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи Ҷуҳуриявии илмӣ – назариявӣ оиди «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бохтар, 2024, - С. 98 - 100.

139. Раҷабов Р.К., Ҷалилов У.Ҷ. Самтҳои афзалиятноки инкишофи бозори хизматрасонии нақлиёти мусофирбарӣ дар деҳоти Тоҷикистон // Роҳ ва нақлиёт. Душанбе, 2024, № 2. - С. 18 - 23.

140. Русинов П. С., Русинов П. П., Зелепугин А. Д. Обоснование системы классификации и характеристики видов сельского туризма. Вестник ВГУ, серия: география. Геоэкология, 2015. - №4. - С. 43-45.

141. Саидова М.М. Потенциал агротуризма в Таджикистане: региональный аспект. // Журнал «Экономика и управление», 2020. - №4, С. 88 – 94.

142. Салимов Х.С. Агротуризм как приоритетное направление способствующее развитию сельских территорий Таджикистана // Маҷалаи назарявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз», 2025. №1(106). – С. 265 - 269.

143. Самандаров И.Ҳ. Хизматрасониҳои нақлиётӣ – экспедитсионии сайёҳон ва мавзеъҳои туристии ноҳияҳои кӯҳсор // Паёми политехникӣ. Бахши интелект, инноватсия, инвеститсия. – Душанбе, 2019. - №4 (48). - С. 38 – 42.

144. Солеҳзода Н.Б. Таҳаввулоти назариявии рушди сайёҳӣ // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024, - №4. - Қисми 1 - С. 59 – 65.

145. Тайғуншоева Ҷ. Сайёҳӣ омили муҳимтарини соҳаи иқтисодиёт дар замони муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №2. - С. 80 – 84.

146. Трифонова З.А. Территориальные различия и перспективы развития сельского туризма в России / З.А. Трифонова, А.В. Питушова // Общественная география в меняющемся мире: фундаментальные и прикладные исследования: материалы Междунар. науч. конф. в рамках X ежегод. науч. ассамблеи Ассоциации российских географов-обществоведов. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2019. - С. 257–263.

147. Тузова Н.Г. Туристский паспорт как форма продвижения туристских ресурсов муниципального образования [Текст] / Н.Г. Тузова // Соврем. наукоемкие технологии. - 2014. - № 7/2. - С. 156.

148. Усмонов С. Мавқеи географии дар Тоҷикистон дар рушди сайёҳӣ / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Илмҳои табиӣ-риёзӣ). Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе, 2020. - № 1 – 2(5-6). – С. 35 – 36.

149. Федоров В. А. Сельский туризм как основной путь развития внутреннего и въездного туризма страны // Молодой ученый, 2014. - № 11. - С. 236 - 238.

150. Фидоренко Я.И. Факторы развития сельского туризма в Российской Федерации // Социально – экономические явления и процессы. – 2016, Т.11, №1. – С. 100 – 107.

151. Хонов А. Стратегияи рушди туризм заминаи боэътимоди рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - С. 163 – 171.

152. Ҷамшедов М. Сайёҳӣ соҳаи афзалиятнок ва таҳкимбахшандаи иқтисоди миллӣ / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маҷаллаи (илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2024. - №2 (56). - С. 42 - 54.

153. Ҷамшедов М.Ҷ. Вазъи муосир ва тамоюли рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). - Душанбе, 2021, №4/1(38). - С. 11 - 17.

154. Ҷамшедов М.Ҷ. Рушди босуботи сайёҳӣ: ҳолати муосир ва ташаккули инфрасохторҳои он // Маҷаллаи байналмилалии Иқтисод ва

сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2024, - №1(1). - С. 40 - 47.

155. Шарипов А.М. Имконот ва чолишҳои туризм дар Тоҷикистон: таҳлили омилҳои рушд ва самаранокӣ // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо (маҷаллаи байналмилалии илмӣ). Маҷаллаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №2. - (2). - С. 175 - 182.

156. Шарифов З.Р., Бегов А.О. Аудити сайёҳӣ ва таъсири он ба рушди сайёҳӣ // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми молиявӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ». – Душанбе, 2024. - С. 28 – 34.

157. Шаропов Ф.Р. Тадқиқоти моҳияти арза ва тақозо дар бозори хадамоти сайёҳӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон / Машокиров Ҷ.Н., Шаропов Ф.Р. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - № 4-1 (33). – С. 20-27.

158. Шералиев Л.Н. Афзалиятҳои соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, дурнамо ва роҳои такмилдиҳии он // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ. Маводҳои конференсияи байнамилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳими самаранок истифодабарии захираҳои обию заминӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва тағийрёбии иқлим». – Душанбе, 2022. - С. 307 – 310.

159. Шодиев Дж.Р., Махкамов Б.Б., Талбакова М.А. Совершенствование системы управления развитием въездного туризма в Таджикистан // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025, №4. - С. 29 – 38.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

160. Баканова А.А. Формирование и реализация системы развития сельского туризма в регионе. Автореф. диссертации канд. экон. наук. - М., 2005. - 29 с.

161. Власенко О.В. Роль агротуризма в формировании сельских подсобных производств. Дис. канд. экон. наук. – Улан-Уде, 2008. - 151 с.

162. Казмина Е. Б. Развитие услуг сельского туризма в российских регионах. Автореф. диссертации канд. экон. наук. - Москва, 2012. – 25 с.

163. Каримӣ М.Д. Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи сабз) ва таъсири он ба устуворияти геоэкологӣ. Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD). – Хуҷанд, 2025. – 174 с.

164. Наимзода Н. Қ. Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дис. ном. илм. иқт. - Бохтар, 2023. -180 с.

165. Панов Н.И. Повышение эффективности использования ресурсного потенциала сферы туризма региона. Дис. канд. экон. наук. - СПб.,2003. -174с.

166. Раҳимзода Б.А. Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «резервати биосферии Ромит». Дис. ном. илм. геогр. - Душанбе, 2025. -176 с.

167. Раҳматуллаева Н. И. Принсипҳои ташаккули меъморӣ-фазоии инфрасохтори туристии Тоҷикистон. Автореф. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D042000 – Меъморӣ. – Душанбе, 2025. – 39 с.

168. Сафаров А.М. Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе, 2023. – 182 с.

169. Семиглазова В.А. Сельский туризм в Ростовский области: территориальная организация и направления развития. Дис. на соискание уч. степени канд. географ. наук. – Пермь, 2021. – 302 с.

170. Силталиева Ш.А. Такмили механизми идоракунии рушди сайёҳӣ (дар мисоли Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон). автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисоди соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисоди соҳаи сайёҳӣ). Душанбе, 2025. – 62 с.

171. Шекен А.Ш. Детерминанты развития агротуризма в Алматинской области. Дис. на соискание степена доктора философии (PhD). Туризм. – Алмата, 2024. – 158с.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА**

1-М. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ. Танзими давлатии рушди инфрасохтори иҷимоии минтақаҳои деҳот // Вестник ТНУ. Серия социально - экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021 - №3. – С. 80 - 84

2-М. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ., Халикова М. Нишондиҳандаҳои рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва усулҳои муайян намудани онҳо // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2022. - № 2(95). - С. 120 – 123.

3-М. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ. Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2023 - №4. - С. 40-43.

4-М. Самандарова З.У. Рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот (асосҳои назариявию методӣ) // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2024 - №1 (102). - С. 229-233.

5-М. Самандарова З.У., Раҷабов Р.К. Самтҳои асосии агросайёҳӣ дар рушди ҳудуди деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2025 - №1. - С. 276 - 280.

6-М. Самандарова З.У. Самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ маҳалҳои деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2026 - №1. - С. 386 - 388.

**Дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конфронсҳо**

7-М. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ., Асоев М.М. Государственная поддержка в развитие социальной инфраструктуры села // Сборник научных статей материалы международной научно-практической конференции на тему «Адаптация сельскохозяйственной отрасли к изменениям климата: проблемы и путы решения», посвящённой 30 летию

Государственной независимости Республики Таджикистан и 90 летию со дня основания Таджикского государственного университета имени Ш. Шотемур, (23-25 октября 2021 г.). - Душанбе, 2021 - С. 368-371.

8-М. Самандарова З.У., Бобоева З.А. Проблемы организации и пути формирования исламской банковской системы Республики Таджикистан // Сборник научных статей международной научно-практической конференции на тему «Экономика, управление и финансы в АПК: состояние и перспективные направления развития науки в XXI веке». - Душанбе, 2021. - С. 291 - 296.

9-М. Самандарова З.У., Сангинова У.С. Роль лимонарии в обеспечении продовольственной безопасности страны // Сборник научных статей международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, 2022 - С. 214 - 217.

10-М. Самандарова З.У., Абдуллоев Д.А., Бобоева З.А. Основные показатели экономической эффективности производства зерна // Сборник научных статей международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, 2022. - С. 326 - 330.